بسم الله الرحمن الرحيم

**БА НОМИ ХУДОВАНДИ БАХШАНДАИ МЕҲРУБОН**

قَالَ اللهُ تَعَالى:

إِنَّما يُرِيدُ اللَّهُ لِيُذْهِبَ عَنْكُمُ الرِّجْسَ أَهْلَ الْبَيْتِ وَيُطَهِّرَكُمْ تَطْهِيراً.

سورة الأحزاب / الآية 33

**Худованд танҳо мехоҳад нопокӣ ва гуноҳро аз шумо Аҳли Байт дур кунад ва шуморо комилан пок гардонад.**

Сураи Аҳзоб, ояи 33

# Ақоиди Ислом
# дар
# Қуръони карим

قَالَ رَسُول الله7:

## اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْنِ: كِتَابَ اللهِ، وَ عِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي، مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا، وَاِنَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَاحَتَّي يَرِدَا عَلَيَّ الْحَوْضَ.

<صحيح مسلم، ج۷، ص۱۲۲، سنن دارمي، ج۲، ص۴۳۲، مسند احمد، ج۳، ص۱۴، ۱۷، ۲۶، ۵۹، ج۴، ص۳۶۶، ۳۷۱، ج۵، ص ۱۸۲، مستدرك حاكم، ج۳، ص۱۰۹، ۱۴۸، ۵۳۳، و ...>

**Расули Худо(с) фармудаанд:**

**(Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд).**

(*Саҳеҳи Муслим*, *ҷилди* ***7****, саҳ.* ***122****; Сунани Дорамӣ, ҷилди* ***2****, саҳ.* ***432****; Муснади Аҳмад, ҷилди* ***3****, саҳ.* ***14, 17, 26, 59****, ҷилди* ***4****, саҳ.* ***366, 371****, ҷилди* ***5****, саҳ.* ***182****; Мустадраки Ҳоким, ҷилди* ***3****, саҳ.* ***109, 148, 533*** *ва* ***...***)

# Ақоиди Ислом дар Қуръони карим

Муаллиф:

**Аллома Сайид Муртазо Аскарӣ**

Мутарҷим: Зарринтоҷ

Номи китоб:

**Ақоиди Ислом дар Қуръони карим-ҷилди 2**

Муаллиф: Сайид Муртазо Аскарӣ

Мутарҷим: Зарринтоҷ

Виростор: Маҳистони Асадӣ

Таҳиякунананда: Муовинати фарҳангии идораи тарҷума

Ношир: Маркази чоп ва нашри Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а)

Чопхона: Лайло

Навбати чоп: аввал

Адади нашр: 2000

Соли чоп: 2006

ISBN: 964-529-138-0

**www.ahl-ul-bayt.org**

***Ҳаққи чоп маҳфуз аст***

عقائد الإسلام في القرآن الكريم - ج2 / تاجيكى

مؤلف: علامه سيد مرتضى عسكرى

مترجم:عبد الله زرين تاج

## Сарсухан

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посуххо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухолифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави

шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт[а] медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин мубориза боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт[а] захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт[а] кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро таи маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт[а] барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат[а] барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт[а]-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ[(с)] моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

Акнун ҷо дорад, то камоли ташаккури худро ба ҷаноби аллома Сайид Муртазо  Аскарӣ барои таълифи ин китоб ва устод Зарринтоҷ ба ҷиҳати тарҷумаи он иброз дошта, ҳамчунин аз тамоми ҳамкорони мӯҳтараме, ки моро барои ба самар расидани ин асар ёрӣ карданд, хусусан азизоне, ки дар идораи тарҷума анҷоми вазифа менамоянд, сипосгузорӣ намоем.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт* [(а)]

**Тақдим:**

Савоби ин китобро ҳадя менамоям:

@ - ба нахустбонуе, ки ба Худо ва Паёмбараш(с) имон овард ва ҷону молашро то лаҳзаҳои охири ҳаёти худ дар роҳи Ислом фидо намуд.

@ - ба модари итрати Расул(с) ва зуррияи боқияи он ҳазрат.

@ - ба модари Фотимаи Заҳро – сайидаи занони ҳар ду ҷаҳон(а).

@ - ба модаркалонам Уммулмӯъминин – Хадичаи Кубро(а).

@ Аз Худои зулҷалол хоҳонам мусулмононро аз ин навиштор баҳраманд намояд, иннаҳу самиъун муҷиб.

*Сайид Муртазо Аскарӣ*

## Пешгуфтори муаллиф[1]

Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим

***Алҳамду лиллоҳи раббил ъоламин, вассалоту вассалому ъало Муҳаммадин ва олиҳит тоҳирин вассалому ъало асҳобиҳил мунтаҷабин.***

Бо сабабҳои зерин ба таълиф ва нигориши ин китоб камари ҳиммат бастам:

1. Мушоҳида намудам, ки макотиби гуногуни башарӣ бо Қуръони карим мухолифат доранд ва қонунгузорони низоми иҷтимоӣ қонунҳои ҷомеаро бар асоси чунин дидгоҳе дар ситез бо аҳкоми қуръонӣ бино ниҳодаанд ва ин бунёди береша насл ба насл мавриди эътимод, истинод ва дастмояи ояндагон мегардад.

Ин амр бархе уламои мусулмонро бар он дошта аст то ба по хезанд ва бо тавҷеҳоти гуногун баёни Худовандро дар Қуръони карим дар мавриди пайдоиши хилқат, ки зербинои ваҳй дар ташреи қавонини Ислом аст, бо дидгоҳи моддии махлуқин яксон ва яксӯ ҷилва диҳанд. Ин талошҳои онон ба нобудии биниши саҳеҳ аз баёни Қуръони карим дар бораи пайдоиши хилқат ва робитаи он бо Худои холиқ ва Парвардигори қонунгузор анҷомид.

Аз ин сабаб ба тадвини баҳсҳои ин китоб ҳиммат гумоштам. Бо талоши мутавозеона ба истинботи бархе аз фармудаҳои Қуръони карим дар бораи Худои холиқи парвардигори қонунгузор ва асмои ҳуснои ӯ

[1] Сарсухани муаллиф ба таври хулоса оварда шуда аст.

кӯшиш ба харҷ додам. Дар бораи чигунагии хилқат ва иртиботи он бо холиқ аз аввали пайдоиш то рӯзи қиёмат ба баёни Қуръон муроҷиат кардам ва бидуни он ки аз масири ин баён, ба чизе аз гуфтори одамиён мунҳариф гардам, ба таҳқиқ ва пажуҳиш пардохтам.

2. Дар пайи муҳоҷирати мусулмонон ба кишварҳои Ғарбӣ ва қатъи алоқаи онон бо манобеи исломии кишварашон ва баъд аз пирӯзии инқилоби исломӣ дар Эрон ва мутаваҷҷеҳ шудани чашмҳои мардум аз кишварҳои дуру наздик ба Ислом ва шинохти он, манро водор сохт, ки баъд аз мушоҳидаи ин ниёзҳо бар худ воҷиб донам, ки давраҳое аз китобҳои омӯзишии исломиро дар радаҳои мухталифи фикрӣ омода ва пешкаш намоям. Барои ин кор ба ёрии Худо барномаи махсусе тартиб дода ва силсилаи дарсҳои "*Нақши аимма дар эҳёи дин*"-ро тадвин намудам, ки бахши аввали он ба номи "*Истилоҳоти Исломӣ*" муқаддимаи ин китоб қарор гирифта аст.

***3.*** Дар ҳамин китоб (*Нақши аимма дар эҳёи дин*), вақте барои баррасии ақоиди Ислом, ба маъноҳои амиқи Қуръон наздик шудам, дарёфтам, ки:

Қуръони азим ақоиди Исломро чунон содда ва равон баён мекунад, ки ҳар кас забони арабро бидонад ва ба синни булуғи ақлӣ расида ва мухотаби фармудаи "Ё айюҳан нос, - Эй мардумон" бошад, каломи Худоро пас аз ин хитоб ба хубӣ дарк мекунад.

Вале афсӯс, ки донишмандон дар тафсири Қуръон ба фалсафаи файласуфон, ирфони сӯфиён, каломи мутакаллимон, ривоятҳои исроилӣ ва дигар ривоёти баррасинашудаи ба Расули Худо (с) нисбатдодашуда эътимод карда ва оятҳои Қуръонро ба кӯмаки онҳо тафсир ва таъвил намудаанд. Онҳо бо ин кори худ аз "Ақоиди Ислом" тилисм, муаммо ва чистонҳое

сохтаанд, ки ғайр аз доноён ба равиши илмии уламо дар фунуни балоғат, мантиқ, калом, фалсафа ва монанди инҳо ҳеҷ касро ёрои фаҳми он нест. Ин равишҳо боис гардид то мусулмонон ба тафриқа гароянд ва ба гурӯҳҳои мӯътазила, ашоира, мурҷиа ва ҳоказо тақсим гарданд.

4. Дар ин баррасиҳо ҳамчунин ақоиди Исломро силсилаи баҳампайваста ёфтам, ки бархе аз он роҳкушои бархеи дигар аст. Дар маҷмӯъ ин ақоид пайкараи ягона ва муттаҳидеро мемонад, ки ҳар бахши он бахши дигарро комил мекунад. Замоне ки донишмандон дар таълифоти худ бархе аз бахшҳоро ҷудо аз ҳам меоваранд, ҳикмати ақоиди Ислом аз пажуҳандагонаш норавшан ва зери парда мемонад.

Хулоса он ки силсилаи ақоиди Исломро дар ин китоб ҳамон гуна, ки дар Қуръони карим ёфтаам, тартиб додам. Маҷмӯаи ҳамоҳанг ва ҳамгун, ки ҳар бахше бахши дигарро пура намуда мавзӯи пешин роҳкушои мавзӯи бахши оянда мегардад. Бо ин равиш ва услуб аст, ки ақоиди Ислом ва ҳикмати он дониста мешавад. Аз ҳамин сабаб ҷамъбандӣ ва фарогирии баҳси охир пеш аз ҷамъбандӣ ва фарогирии матолиби омада дар баҳсҳои пешин имконпазир нест.

Агар дар ин талоши мутавозеонаам тавфиқ ёфтам, Худоро сипосгузорам ва сипосу шукр барои ӯст, ки ин неъматро бароям арзонӣ дошт. Ва агар дар порае аз маворид лағжидам, онро аз кӯтоҳӣ ва қусури хеш медонам ва аз Худои мутаол ва фазлу карамаш дархости авф ва гузашт менамоям.

*Сайид Муртазо Аскарӣ*

## Сухане аз мутарҷим

Сипосу ситоиш махсуси Худованди қодиру тавоно аст, ки ба ин бандаи ҳақиру нотавон нерӯ бахшид, то тарҷумаи китоби “**Ақоиди Ислом дар Қуръони карим**”-ро ба зиммаи худ гирифта, онро дар ҳадди тавони худ ба анҷом расонам.

Китоби мазкур таълифи мутафаккири бузурги муосири олами ислом  аллома *Сайид Муртазо Аскарӣ* (Худованд эшонро ҳифз кунад) мебошад. Ҳазрати Аллома тамоми умри бобаракати худро, ки дар ҳоли ҳозир (соли 2006) 92 сол аз умрашон сипарӣ мешавад, сарфи хидмат ба Исломи ноби Муҳаммадӣ (с) намудаанд. Даҳҳо асари гаронбаҳо дар заминаҳои гуногуни фарҳанг ва маорифи исломӣ маҳсули талошу кӯшиши шабонарӯзии ин шахсияти нотакрор мебошад.

Аллома Сайид Муртазо Аскарӣ яке аз парчамбардорони ҳаракати иттиҳод ва ваҳдати байни фирқаҳо ва мазҳабҳои исломӣ мебошанд ва дар ин замина талоши фаровонеро ба харҷ додаанд. Яке аз ин кӯшишҳо ҳамин китобе аст, ки хонандагони азиз дар даст доранд. Дар ин китоб, ки дар 3 ҷилд ба чоп расидааст ҳазрати Устод бо он зиракӣ ва нуктасанҷие, ки аз улуми мухталифи динӣ баҳраманд ҳастанд, ба хубӣ тавонистаанд *Ақоиди Исломро* аз оёти Қуръони карим берун оваранд. Аз он ҷо ки Қуръони азимушшаън барои ҳамаи мусулмонон мӯътабар ва дорои ҳуҷҷият мебошад, Алломаи бузургвор бо

меҳварияти Қуръон ақоиди нобро танҳо аз Қуръони карим истихроҷ намудаанд.

Мо низ аз ин фурсат истифода намуда китоби мазкурро ба забони тоҷикӣ омодаи чоп намудем, то хонандагони мӯҳтарам бо такя ба оёти Каломуллоҳ ақоиди Исломро дар ҳадди тавон ва бардошти худ фаро гиранд ва аз ақоиди мухталиф ва инҳирофии бепоя парҳез намоянд.

Инҷониб бар худ зарур медонам, ки баъзе нукотеро дар мавриди тарҷумаи китоб ва тарзи истифодаи он ба хонандагони азиз гӯшзад намоям.

Нахуст тасмим бар он доштем, ки китоби мазкурро аз тарҷумаи форсии он ки тавассути мутарҷимони мӯҳтарам оқоён: Муҳаммад Ҷавод Карамӣ (ҷилди аввал ва дуввум) ва Ато Муҳаммад Сардорниё (ҷилди саввум) тарҷума ва чоп шуда аст, ба хати кириллӣ барои хонандагони тоҷик пешкаш намоем. Аммо замоне ки китобро баррасӣ ва коршиносӣ намудем, ба ин натиҷа расидем, ки дар тарҷумаи китоб матни аслии онро ки ба забони арабӣ нигошта шудааст, меҳвар қарор дода шавад, зеро:

Дар тарҷумаи форсии ин китоб ғалатҳои чопӣ дар матни тарҷума, дар оёти Қуръон, номи сураҳо ва шумораи оятҳо зиёд дида мешавад.

Калимаҳо ва ибораҳои зиёдеро метавон пайдо намуд, ки барои хонандаи тоҷик бегона, душворфаҳм ва ғайримаъмул мебошанд.

Аз ин сабаб тасмим гирифтем асли арабии матни китобро дар баробари матни тарҷумаи форсии он меҳвари аслӣ қарор бидиҳем ва бо бартараф намудани ин саҳву хатогиҳо матни солим ва қобили фаҳми умумро пешкаши хонандагони гиромӣ намоем, то

эшон дар сатҳҳои гуногун баҳрае аз ин суфраи маънавӣ барои хеш дарёфт намоянд..

Инчунин барои истифодаи бештари хонандагони азиз аз ин китоб дар тарҷумаи тоҷикии матни мазкур тағиротеро низ эҷод намудем, ки ба қарори зер мебошанд:

1. Тамоми он даста аз оятҳои Қуръон, ки аз панҷ сатр камтар буданд, талаффузи таҳтуллафзии ононро бо хати кириллии тоҷикӣ дар дохили матн овардем, то он даста аз падарону модарон ва хоҳарону бародарони гиромӣ, ки бо хати арабӣ ва умуман хондани Каломуллоҳ ошноӣ надоранд ва нияти ҳифзи ин оётро дошта бошанд, кӯмаке карда бошем.

2. Барои талаффузи саҳеҳу дурустари оёти раббонӣ се аломатро дар матн барои се овози **“ъ”**, **“и”** ва **“у”** ҷойгузин намудем, ки шарҳи он чунин аст:

Дар забони тоҷикӣ барои овози “**ҳамза**”-и арабӣ овози ҳарфи “**ъ**”-ро муносиб донистаанд, ки дар натиҷа ҳарфи “**ъ**” ҳам ба ҷои ҳарфи “**ъайн**” адои вазифа менамояд ва ҳам ба ҷои овози “**ҳамза**”. Ин ду ҳамсадо дар забони арабӣ аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд, зеро баромадгоҳи талаффузи онҳо аз ҳамдигар мутафовит ҳаст. Ба ин сабаб мо барои талаффузи “**ҳамза**” аломатеро интихоб намудем, ки шакли он {**ʿ**} чунин мебошад.

{**ʿ**} – Ин аломат садои ҳамзаи арабиро ифода мекунад ва тарзи талаффузи он аз ҳанҷара дар интиҳои ҳалқ адо шуда ва дар ҳангоми талаффузи он торҳои савтӣ ба якдигар васл мешавад ба тавре, ки овози ҳарф дар ҳоли сукун (ист) қатъ мешавад. Аммо ҳарфи **ъайн** аз миёнаи ҳалқ адо мешавад ва дар ҳангоми талаффузи он девораи ҳалқ ҷамъ мешавад ва садои ҳарф дар ҳоли сукун, миқдоре кашида мешавад.

{ӣ}- Ин аломати садои {**и**} мебошад ва аломати болои он нишондиҳандаи овози кашида ва мадноки {**и**} мебошад, ки ҳадди ақалли талаффузи он баробар аст бо дучанди садои {**и**}, ки шиддатноктар адо мешавад.

{ӯ}- Ин аломат нишонаи садои {**у**} мебошад ва аломати болои он низ бар кашидашудан ва маднокии он далолат мекунад ва ҳадди ақалли адои овози он баробар аст бо талаффузи дучанди овози садоноки {**у**}.

3. Тамоми оёте, ки аз Қуръони карим далел оварда шудаанд, тарҷумаашонро дар худи матн ва асли арабии ин оётро дар повараќи ҳамон саҳифа ва ё саҳифаи баъдӣ (вобаста ба ҳаҷми оёт) овардаем.

4. Калима ва ибораҳое, ки дар бахши "*Шарҳи вожаҳо*" маъно ва тафсири онҳо дода шуда аст, дар фасли "*Феҳрастҳо*" тарзи навишти арабиашон бо зикри саҳифа дар ҷадвал оварда шуда аст.

4. Дар қисмати охири ҷилди саввум низ ашъори арабиро ба сурати таҳтуллафзӣ қабл аз тарҷумаи он дар дохили матн ва асли арабии абётро дар повараќ ҷой додем.

Дар охир рӯи ниёз ба даргоҳи бениёз оварда мегӯем: *Парвардигоро**!** Ин кори нолоиқ ва ношоистаи моро**,** ки танҳо ба хотири ризои ту буд**,** ба даргоҳи хеш қабул бифармо**!** Ҳамаи саҳву хатогиҳо ва лағжишҳое**,** ки нохудогоҳ дар тӯли анҷоми вазифа аз мо сар задааст**,** бибахшу биёмурз ва моро аз пайравони ростини набии мукаррамат Ҳазрати Муҳаммади Мустафо **(с),** ки ин сол **(1385 – 2006)** ба номи эшон номгузорӣ шуда аст**,** қарор бидеҳ**!** Омин ё Раббал ъоламин**.***

Зарринтоҷ,

аввали Фарвардини 1385,

*марти **2006***

إِنَّ هَذَا الْقُرْآنَ يِهْدِي لِلَّتِي هِيَ أَقْوَمُ وَيُبَشِّرُ الْمُؤْمِنِينَ الَّذِينَ يَعْمَلُونَ الصَّالِحَاتِ أَنَّ لَهُمْ أَجْراً كَبِيراً [9]

*Дар ҳақиқат ин Қуръон, ба роҳе ки устувортарини роҳҳост, ҳидоят мекунад; ва ба мӯъминоне, ки корҳои шоиста анҷом медиҳанд мужда медиҳад, ки барои онон подоши бузурге аст.*

**Сураи Исро, ояи** 9.

Дар ин баҳс бо муроҷиат ба Қурони карим ва ривоёти исломӣ, танҳо ба умуре мепардозем, ки мавзӯи "***насх***" дар давраи паёмбарони соҳибшариатро барои мо равшан намояд. Ба ин хотир аз паёмбароне монанди: Ҳуд, Солеҳ ва Шуайб, ки умматҳояшон аз миён рафтаанд, ёд намекунем, балки баҳс ва баррасии мо махсуси паёмбароне аст, ки шариати онон баъд аз худашон боқӣ мондааст, монанди: Одам, Нӯҳ, Иброҳим, Мӯсо, Исо ва Муҳаммад(с), ки ба тартиби замон ба баррасии онҳо мепардозем.

## *Ваҳдати шариатҳои Одам, Нӯҳ, Иброҳим ва Муҳаммад(с)*

### Нахуст – Одам(а) падари абнои башар

Дар ривоёт омадааст, ки Расули Худо(с) фармуданд:

Рӯзи ҷумъа сарвари рӯзҳо ва бартарини онҳо назди Худованд аст. Худованд Одам(а)-ро дар ин рӯз офарид. Ӯ дар ин рӯз вориди он боғ шуд, дар ин рӯз ба замин

фуруд омадааст[1] ва Ҳаҷаруласвад ҳамроҳи ӯ фиристода шуд.[2]

Дар ривоёти дигаре омадааст: Худованд паёмбарон ва имомон (васиёни паёмбарон)-ро дар рӯзи ҷумъа офарид.

Дар ривоёти Саҳеҳ омадааст, ки:

Ҷабраил Одам[(а)]-ро ба ҳаҷ бурд ва анҷоми аъмоли онро ба вай омӯхт. Дар бархе ривоёти дигар омада аст: пораи абре бар ҷойгоҳи Байтуллоҳ соя афканд, Ҷабраил ҳафт бор Одам[(а)]-ро гирдогирди он тавоф дода, сипас ӯро ба Сафою Марва бурд ва ҳафт бор байни он ду саъй (рафтуомад) кард. Пас аз он дар нӯҳуми Зилҳиҷҷа ӯро ба Арафот бурд. Одам[(а)] дар асри Арафа ба сӯи Худо тазарруъ[3] намуд ва Худованд тавбаашро пазируфт. Баъд аз он дар шаби даҳум ӯро ба Машъар бурд ва ӯ дар он ҷо то субҳ ба муноҷот бо Худо пардохт. Рӯзи даҳум ӯро ба Мино бурд ва дар он ҷо ба аломати қабулии тавба, сарашро тарошид. Сипас ӯро дубора ба Макка баргардонд ва ҳафт бор гирдогирди хона тавоф дод. Пас аз он барои Худо намоз хонд ва баъд аз намоз ба "Сафо ва Марва" рафт ва ҳафт бор саъй кард. Худованд пас аз қабули тавбаи Одам ва Ҳаво,

---

[1] Саҳеҳи Муслим, ҷ. 5 саҳ. 5; Китобулҷумъа боби Фазлулҷумъа, Табақоти Ибни Саъд, чопи Аврупо ҷ. 1, саҳ. 8, Муснади Аҳмад, ҷ.2, саҳ. 232, 327 ва 540.

[2] "Ахбори Макка"-и Азрақӣ (таваллуди 223-и ҳиҷрӣ), чопи 1275-и ҳиҷрӣ, саҳ. 31

[3] тазарруъ: хоҳиш, зорӣ, тавалло, ниёиш.

дубора ононро ба ҳам расонд ва Одам[(a)]-ро ба паёмбарии хеш баргузид.[1]

## Дуввум: Нӯҳ падари анбиё алайҳимуссалом

Худои субҳон дар сураи Нӯҳ фармуд:

***Инно арсално Нӯҳан ило қавмиҳи ан анзир қавмака... Қола ё қавми иннӣ лакум назӣрун мубӣн, аниъбудуллоҳа ват тақӯҳу ва атиъӯн. Ва қолӯ ло тазарунна олиҳатакум ва ло тазарунна Ваддан ва ло Сувоъан ва ло Яғӯса ва Яъӯқа ва Насро*** Ê

Ä *Мо Нӯҳро ба сӯи қавмаш фиристодем ва гуфтем: қавми худро бим деҳ... Нӯҳ гуфт: эй қавм! Ман барои шумо бимдиҳандаи ошкоре ҳастам, ки Худоро бандагӣ кунед, аз мухолифати ӯ бипарҳезед ва маро итоат намоед... Ва онон гуфтанд: Худоёни худро раҳо накунед ва аз бутҳои "Вад, Сувоъ, Яғус, Яъуқ ва Наср" даст набардоред...*[2]

---

[1] Табақоти Ибни Саъд, чопи Аврупо, ч. 1, саҳ. 12, 15 ва 26; Муснади Аҳмад, ч.5, саҳ. 178, 179 ва 265; Муснади Таёлисӣ ҳадиси 479; дар Биҳоруланвор ч.11 саҳ. 167-197 ривоятҳои гуногун ва мухталифе дар кайфияти ҳаҷҷи Одам[(a)] мавҷуд аст.

[2] Сураи Нӯҳ, оёти 1-3 ва 23.

إِنَّا أَرْسَلْنَا نُوحاً إِلَى قَوْمِهِ أَنْ أَنذِرْ قَوْمَكَ... (1) قَالَ يَا قَوْمِ إِنِّي لَكُمْ نَذِيرٌ مُّبِينٌ (2)

أَنِ اعْبُدُوا اللَّهَ وَاتَّقُوهُ وَأَطِيعُونِ (3)

وَقَالُوا لَا تَذَرُنَّ آلِهَتَكُمْ وَلَا تَذَرُنَّ وَدّاً وَلَا سُوَاعاً وَلَا يَغُوثَ وَيَعُوقَ وَنَسْراً (23)

Аз достони Нӯҳ[а] дар Қурони карим он чи ба баҳси мо тааллуқ дорад, ин сухани Худои мутаол дар сураи Шӯро аст, ки фармуда аст:

***Шараъа лакум минад дӣни мо вассо биҳи Нӯҳан вал лазӣ авҳайно илайка ва мо вассайно биҳи Иброҳима ва Мӯсо ва Ъйсо ан ақӣмуд дӣна ва ло татафарраҳӯ фӣҳи*** Ê

*Ä Ҳамон оинеро пеши рӯи шумо қарор дод, ки ба Нӯҳ фармон дода буд ва он чи бар ту ваҳӣ кардем ва ба Иброҳим, Мӯсо ва Исо фармудем ин буд, ки: динро барпо доред ва дар он тафриқа эҷод накунед...*[1]

## Шарҳи вожаҳо

**Вадд, Сувоъ, Яғӯс ва Наср:** Маҷлисӣ (раҳ.) дар китоби Биҳоруланвор аз имом Содиқ[а] ривояте оварда аст, ки мазмуни он дар "Китобуласном"-и Ибни Калбӣ ва Саҳеҳи Бухорӣ низ омада аст, ки хулосаи он чунин аст:

Вадд, Сувоъ, Яғус ва Наср, некӯкорони мӯъмини худопарасте буданд, ки чун мурданд, маргашон бар қавм андӯҳбор ва тоқатфарсо шуд. Иблиси малъун назди бозмондагон омад ва гуфт: ман бутҳои шабеҳи онон барои шумо омода мекунам то ба онҳо бингаред, унс бигиред ва Худоро ибодат намоед. Пас, бутҳое ҳамонанди онон барои эшон омода кард, ки дар натиҷа онҳо ҳам Худоро ибодат мекарданд ва ҳам ба ин бутҳо назора мекарданд. Зимистон ва борандагӣ, ки фаро

---

[1] Сураи Нӯҳ, ояи 13.

شَرَعَ لَكُم مِّنَ الدِّينِ مَا وَصَّى بِهِ نُوحاً وَالَّذِي أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ وَمَا وَصَّيْنَا بِهِ إِبْرَاهِيمَ وَمُوسَى وَعِيسَى أَنْ أَقِيمُوا الدِّينَ وَلَا تَتَفَرَّقُوا فِيهِ {13}

расид бутҳоро ба даруни хонаҳо бурданд ва пайваста бар ибодати Худои азиз буданд, то даврони онон сипарӣ ва фарзандонашон ҷойгузин шуданд ва гуфтанд: яқинан падарони мо инҳоро ибодат мекарданд. Пас, ба ҷои Худованди азза ва ҷал, ба ибодати онҳо пардохтанд. Ин ҳамон аст, ки Худои мутаол аз қавли онон мефармояд: ***"Ва ло тазарунна Ваддан ва ло Сувоъан...***[1]

**Васият:** васият кардани инсон ба дигаре яъне: супориш ба анҷоми корҳои мавриди писанде, ки хайру салоҳашро дар онҳо мебинад.

Васияти Худованд ба чизе, яъне: фармон додан ва воҷиб кардани он бар бандагонаш.[2]

## Тафсири фишурдаи оёт

Худои субҳон дар оёти пеш хабар дод, ки Нӯҳ[(а)]-ро назди қавми худ фиристод то ононро бим диҳад. Нӯҳ ба эшон гуфт: ман бимдиҳандаи шумоям ва маъмурият дорам ба шумо бигӯям: аз Худо битарсед, танҳо ӯро бандагӣ кунед ва маро дар амрҳою наҳйҳои Худованд итоат кунед. Онон дар посух ба якдигар гуфтанд: ибодати бутҳоятонро раҳо накунед! Худованд дар охир низ фармуд:

Эй уммати Муҳаммад[(с)]! Худованд барои шумо ҳамон динеро қарор дод, ки барои Нӯҳ қарор дода буд ва он чи барои ту (эй Муҳаммад!) ваҳй кардем, ҳамон аст, ки

---

[1] Биҳоруланвор, ҷ.3, саҳ. 248-252; Саҳеҳи Бухорӣ ҷ. 3, саҳ. 139 дар тафсири сураи Нӯҳ

[2] Мӯъҷаму алфозил Қуръонил карим, моддаи "васо".

бар Иброҳим, Мӯсо ва Исо воҷиб намудем. Сипас фармуд: ин динро барпо доред ва дар он тафриқа эҷод накунед.[1]

Он чи бар ин матлаб далолат дорад сухани Худои мутаол дар сураи "Соффот" аст, ки мефармояд:

***Саломун ъало Нӯҳин фил ъоламӣн. Инно казолика наҷзиял муҳсинӣн. Иннаҳу мин ъибодинал му'минӣн. Сумма ағрақнал охарӣн. Ва инна мин шӣъатиҳи ла-Иброҳим. Из ҷоа раббаҳу биқалбин салӣм*** **Ê**

**Ä***Дар миёни ҷаҳониён, салом бар Нӯҳ бод. Мо некӯкоронро ин хел подош медиҳем. Чаро ки ӯ аз бандагони боимони мо буд. Сипас дигаронро ғарқ кардем. Ва Иброҳим аз шиаёни ӯ буд, ҳангоме ки бо қалби салим ба даргоҳи Парвардигораш омад.*[2]

**Шиа**, яъне: ҷамоати собити таҳти фармони раиси худ.[3]

**Шиаи шахсе**, яъне: пайравон ва ёрони ӯ.[4]

Бино бар ин, маънои ояти: "Иброҳим аз шиаён ва пайравони Нӯҳ буд", ин мешавад, ки Иброҳим[(а)] низ, ҳамон шариати Нӯҳро пайравӣ ва таблиғ менамуд.

---

[1] Ба тафсири оят дар тафсири "Тибён" ва "Маҷмаулбаён" муроҷиат шавад.

[2] Сураи Соффот, ояи 79-84.

سَلَامٌ عَلَى نُوحٍ فِي الْعَالَمِينَ {79} إِنَّا كَذَلِكَ نَجْزِي الْمُحْسِنِينَ {80} إِنَّهُ مِنْ عِبَادِنَا الْمُؤْمِنِينَ {81} ثُمَّ أَغْرَقْنَا الْآخَرِينَ {82} وَإِنَّ مِن شِيعَتِهِ لَإِبْرَاهِيمَ {83} إِذْ جَاء رَبَّهُ بِقَلْبٍ سَلِيمٍ {84}

[3] Ба тафсири оят дар тафсири "Тибён" муроҷиат шавад.

[4] Лисонулъараб моддаи "шаяъа".

Тавзеҳу шарҳи бештарро ба ёрии Худо дар оянда меоварем.

### Саввум: Иброҳими Халилуллоҳ алайҳиссалом

Аз оёти марбут ба баҳси мо дар бораи Иброҳим[(а)] оёти зер аст:

А) дар сураи Ҳаҷ:

***Ва из бавва'но ли-Иброҳима маконал байти ан ло тушрик бӣ шай'ан ва таҳҳир байтия лит тоифӣна вал қоимина вар руккаъис суҷуд. Ва аззина фин носи бил ҳаҷҷи я'тука риҷолан ва ъало кулли зомирин я'тӣна мин кулли фаҷҷин ъамӣқ. Лияшҳадӯ манофиъа лаҳум ва язкуру исмаллоҳи фӣ айёмин маълумотин ъало мо разақаҳум мин баҳиматил анъом*** **Ê**

**Ä** *Ва ҳангоме ки макони хонаро барои Иброҳим омода сохтем ва ба ӯ гуфтем: чизеро ҳамтои ман қарор мадеҳ, хонаамро барои тавофкунандагон, қиёмкунандагон, рукӯъкунандагон ва суҷудкунандагон покиза гардон. Ва мардумро ба Ҳаҷ фаро хон, ки пиёдаю савора бар маркабҳои лоғар, аз ҳар роҳи дуре ба сӯи ту оянд, то шоҳиди манофеи худ бошанд ва номи Худоро дар рӯзҳои муайян бар чаҳорпоёне, ки рӯзиашон додем бар забон оваранд.*[1]

---

[1] Сураи Ҳаҷ, ояи 26-28.

**وَإِذْ بَوَّأْنَا لِإِبْرَاهِيمَ مَكَانَ الْبَيْتِ أَن لَّا تُشْرِكْ بِي شَيْئاً وَطَهِّرْ بَيْتِيَ لِلطَّائِفِينَ وَالْقَائِمِينَ وَالرُّكَّعِ السُّجُودِ {26} وَأَذِّن فِي النَّاسِ بِالْحَجِّ يَأْتُوكَ رِجَالاً وَعَلَى كُلِّ ضَامِرٍ يَأْتِينَ مِن كُلِّ فَجٍّ عَمِيقٍ {27} لِيَشْهَدُوا مَنَافِعَ لَهُمْ وَيَذْكُرُوا اسْمَ اللَّهِ فِي أَيَّامٍ مَّعْلُومَاتٍ عَلَى مَا رَزَقَهُم مِّن بَهِيمَةِ الْأَنْعَامِ... {28}**

Б) дар сураи Бақара:

***Ва из ҷаъалнал байта масобатан линноси ва амнан ваттахизӯ мин мақоми Иброҳима мусаллан ва ъаҳидно ило Иброҳима ва Исмоъӣла ан таҳҳиро байтия литтоифӣна вал ъокифӣна вар руккаъис суҷӯд... Ва из ярфаъу Иброҳимул қавоъида минал байти ва Исмоъӣлу раббано тақаббал минно иннака антас самӣъул ъалӣм. Раббано ваҷъално муслимайни лака ва мин зуррийятино умматан муслиматан лака ва арино маносикано ва туб ъалайно иннака антат таввобур раҳӣм*** **Ê**

**Ä***Ва ҳангоме ки хонаи Каъбаро бозгаштгоҳ ва маркази амну амони мардум қарор додем ва (фармудем) мақоми Иброҳимро намозгоҳи хеш гиред ва Иброҳим ва Исмоилро фармон додем, ки: хонаи маро барои тавофкунандагон, муҷовирон, рукӯъкунандагон ва соҷидон поку покиза намоед... Ва ҳангоме ки Иброҳим ва Исмоил пояҳои хонаро боло мебурданд, гуфтанд: Парвардигоро! Аз мо бипазир, ки ту шунаво ва доноӣ. Парвардигоро! Моро мусулмон ва фармонбардори хеш қарор деҳ ва аз дудмони[1] мо уммате фармонбардор ва таслими худ падид овар. Ва шеваи ибодатамонро ба мо нишон бидеҳ ва тавбаи моро бипазир, ки ту, тавбапазиру меҳрубонӣ.*[2]

---

[1] Дудмон: хонадон.

[2] Сураи Бақара, ояи 125 ва 127, 128.

В) дар сураи Бақара:

***Ва қолӯ кӯнӯ ҳӯдан ав насоро таҳтадӯ, қул бал миллата Иброҳима ҳанӣфан ва мо кона минал мушрикӣн. Қӯлӯ оманно биллоҳи ва мо унзила илайно ва мо унзила ило Иброҳима ва Исмоъӣла ва Исҳоқа ва Яъқӯба вал Асботи ва мо ӯтия Мӯсо ва Ъӣсо ва мо ӯтиян набиййӯна мин раббиҳим ло нуфарриқу байна аҳадин минҳум ва наҳну лаҳу муслимӯн Ê***

***Ä****Ва гуфтанд: яҳудӣ ё насронӣ шавед, то ҳидоят ёбед! Бигӯ: балки аз оини устувор ва ноби Иброҳим пайравӣ кунед, ки ҳаргиз аз мушрикон набуд. Бигӯед: мо ба Худо имон овардем ва ба он чи бар мо нозил шуда аст ва он чи бар Иброҳим, Исмоил, Исҳоқ, Яъқуб ва паёмбарони насли ӯ нозил гардид ва низ, он чи ба Мӯсо, Исо ва ҳамаи анбиё аз ҷониби парвардигорашон дода шуда аст. Мо ҳеҷ як аз онони аз дигаре ҷудо намедонем ва танҳо таслими фармони Худоем.*[1]

---

وَإِذْ جَعَلْنَا الْبَيْتَ مَثَابَةً لِّلنَّاسِ وَأَمْناً وَاتَّخِذُواْ مِن مَّقَامِ إِبْرَاهِيمَ مُصَلًّى وَعَهِدْنَا إِلَى
إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ أَن طَهِّرَا بَيْتِيَ لِلطَّائِفِينَ وَالْعَاكِفِينَ وَالرُّكَّعِ السُّجُودِ {125}
وَإِذْ يَرْفَعُ إِبْرَاهِيمُ الْقَوَاعِدَ مِنَ الْبَيْتِ وَإِسْمَاعِيلُ رَبَّنَا تَقَبَّلْ مِنَّا إِنَّكَ أَنتَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ
{127} رَبَّنَا وَاجْعَلْنَا مُسْلِمَيْنِ لَكَ وَمِن ذُرِّيَّتِنَا أُمَّةً مُّسْلِمَةً لَّكَ وَأَرِنَا مَنَاسِكَنَا وَتُبْ
عَلَيْنَا إِنَّكَ أَنتَ التَّوَّابُ الرَّحِيمُ {128}

[1] Сураи Бақара, ояи 135 ва 136.

وَقَالُواْ كُونُواْ هُوداً أَوْ نَصَارَى تَهْتَدُواْ قُلْ بَلْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً وَمَا كَانَ مِنَ
الْمُشْرِكِينَ {135} قُولُواْ آمَنَّا بِاللّهِ وَمَا أُنزِلَ إِلَيْنَا وَمَا أُنزِلَ إِلَى إِبْرَاهِيمَ
وَإِسْمَاعِيلَ وَإِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ وَالأسْبَاطِ وَمَا أُوتِيَ مُوسَى وَعِيسَى وَمَا أُوتِيَ النَّبِيُّونَ
مِن رَّبِّهِمْ لاَ نُفَرِّقُ بَيْنَ أَحَدٍ مِّنْهُمْ وَنَحْنُ لَهُ مُسْلِمُونَ {136}

Г) дар сураи Оли Имрон:

***Мо кона Иброҳиму яҳӯдийян ва ло насронийян ва локин кона ҳанӣфан муслиман ва мо кона минал мушрикӣн Ê***

***Ä*** *Иброҳим на яҳудӣ буду на насронӣ, балки муваҳҳиди холис ва мусулмон буд ва ҳаргиз аз мушрикон набуд.*[1]

Д) ва низ дар ҳамон сура мафармояд:

***Қул садақаллоҳу фаттабиъӯ миллата Иброҳима ҳанӣфан ва мо кона минал мушрикӣн Ê***

***Ä*** *Бигӯ: Худо рост гуфтааст, пас оини нобу худоии Иброҳимро пайравӣ кунед, ки ҳаргиз аз мушрикон набуд.*[2]

Е) дар сураи Анъом:

***Қул иннанӣ ҳадонӣ раббӣ ило сиротин мустақӣмин, дӣнан қияман миллата Иброҳима ҳанӣфан ва мо кона минал мушрикӣн Ê***

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 67.

مَا كَانَ إِبْرَاهِيمُ يَهُودِيّاً وَلاَ نَصْرَانِيّاً وَلَكِن كَانَ حَنِيفاً مُّسْلِماً وَمَا كَانَ مِنَ الْمُشْرِكِينَ {67}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 95.

قُلْ صَدَقَ اللّهُ فَاتَّبِعُواْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً وَمَا كَانَ مِنَ الْمُشْرِكِينَ {95}

*Ä Бигӯ: Парвардигори ман маро ба роҳи рост ҳидоят карда аст. Дине устувор, оини холиси Иброҳим. Ӯ ҳаргиз аз мушрикон набуд.*[1]

Ж) дар сураи Наҳл:

***Сумма авҳайно илайка аниттабиъ миллата Иброҳима ҳанӣфан ва мо кона минал мушрикӣн Ê***

*Ä Сипас ба ту ваҳӣ фиристодем, ки аз оини Иброҳим, ки имони нобу устувор дошт ва аз мушрикон набуд, пайравӣ кун.*[2]

## Шарҳи вожаҳо

**Бавва'но:** ҳаййа'но: омода кардем, имкон додем, ҷой додем.

**Аззин:** эълом кун, фаро хон, даъват намо. Калимаи азон аз ҳамин реша аст.

**Риҷолан:** дар ҳоли пиёда, касе, ки василаи саворӣ надорад. Роҷил, яъне пиёда.

**Албаҳӣма:** ҳар гуна чаҳорпо.

**Зомир:** шутури камгӯшти лоғарандом.

**Фаҷҷ:** дараи миёни кӯҳҳо.

**Масобатун:** маконе, ки мардум ба он мурочиат мекунанд. ***Ва из ҷаъалнал байти масобатан линнос***, яъне: *хонаро*

---

[1] Сураи Анъом, ояи 161.

قُلْ إِنَّنِي هَدَانِي رَبِّي إِلَى صِرَاطٍ مُّسْتَقِيمٍ دِيناً قِيَماً مِّلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً وَمَا كَانَ مِنَ الْمُشْرِكِينَ {161}

[2] Сураи Наҳл, ояи 123.

ثُمَّ أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ أَنِ اتَّبِعْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً وَمَا كَانَ مِنَ الْمُشْرِكِينَ {123}

*маҳалли муроҷиат ва рӯйоварии ҳоҷиҳо қарор додем*, то *гурӯҳ-гурӯҳ ба сӯи он биёянд*. Ва низ мумкин аст ҷойгоҳи савоб бошад, яъне: мардум бо анҷоми аъмоли ҳаҷҷу умра ва савобу подош мерасанд ва ҷойгоҳи амну амони эшон аст.

**Маносикино:** ибодотино. "Нуск": ибодат барои Худо ва амале, ки боис наздик шудан ба Худо мешавад, монанди: забҳи қурбонӣ дар ҳаҷ, ки ба ҳайвон забҳшуда "насика" гӯянд. "Мансак": ҷойгоҳи ибодат. "Маносик": аъмоли ҳаҷ ва замону макони он дар Арафот, Машъар, Мино ва ғайри он аст.

**Мақоми Иброҳим:** санге аст бар рӯи замин, муқобили Каъба, бо асари қадамҳои Иброҳим(а) бар он.

**Ҳанӣф:** устувор, ноб, холис ва гароянда аз гумроҳӣ ба истиқомат. Номи шариати ҳазрати Иброҳим(а) "Ҳанифия" аст.

**Қияман:** қиям ва қаййим: собити мустақим ва дур аз ҳар гуна каҷӣ.

**Миллат:** дин, ҳақ бошад ё ботил, бино бар ин, ҳар гоҳ ба Худо, паёмбарон ва мусулмонон нисбат дода шавад, мақсад дини ҳақ аст.

## Тафсири хулосаи оёт

Худованд мефармояд: Эй паёмбар! Ба ёд овар ҳангоме ки Иброҳимро бар ҷойгоҳи хона огоҳ кардем то онро бино кунад. Ҳангоме ки Иброҳиму Исмоил хонаро бино карданд, Парвардигорашонро мехонданду мегуфтанд: парвардигоро аз мо бипазир ва моро таслими худ қарор деҳ. Аз дудмони мо уммате таслими хеш падид ор ва шеваи ибодатамонро ба мо нишон

деҳ. Худои субҳон дуои ононро пазируфт. Иброҳим[(а)] дар хоб дид, ки писараш Исмоилро дар роҳи Худо қурбонӣ мекунад.[1] Исмоил дар ин замон ба синни рушди кофӣ расида буд ва бо падар дар сохтани бинои хонаи Каъба ҳамкорӣ дошт. Иброҳим[(а)] Исмоилро аз он чи дида буд огоҳ кард. Ӯ гуфт: падарҷон! Ҳар чи ба он маъмур ҳастӣ анҷом деҳ, ки ба зудӣ (агар Худо бихоҳад) маро аз шикебоён меёбӣ. Пас ҳангоме ки таслими фармони Худо шуданд ва Иброҳим фарзандаш Исмоилро бар замин хобонд, то ӯро дар роҳи Худо қурбонӣ кунад, Худованд вайро нидо кард: "Эй Иброҳим! Он хобро ба ростӣ расондӣ!" Ин замоне буд, ки ӯ шурӯъ ба забҳ кардани Исмоил намуд ва ин ҳамон чизе буд, ки дар хоб мушоҳида мекард. Ӯ дар хоб надида буд, ки фарзандро забҳ карда аст ва дар ҳамон ҳол буд, ки Худованд дар фидои Исмоил гӯсфандеро пеши рӯи Иброҳим қарор дод, ки дар Мино онро қурбонӣ кард.

Худои мутаол Иброҳимро фармон дод то даъват барои ҳаҷро эълон дорад ва ба мардум хабар диҳад, ки ба зудӣ пиёда, савора ва аз роҳҳои дур ба ҳаҷ хоҳанд омад. Худованд ин хонаро барои мардум ҷойгоҳи амн ва дарёфти савоб қарор дода аст ва фармон дод то мардум намозгоҳи худро аз мақоми Иброҳим бигиранд.

Худои субҳон дар оёти дигар аз миллат ва дини Иброҳим[(а)] хабар медиҳад ва мефармояд: Иброҳим мусулмони холис ва устувор буд. Ӯ на мушрик буд, на

---

[1] Он чи паёмбар дар хоб мебинад навъе аз навъҳои ваҳй аст.

яҳудӣ ва на насронӣ (чунонки бархе Аҳли китоб пиндоштаанд). Худованд моро фармон дода аст, то оини Иброҳим[а]-ро пайравӣ намоем ва паёмбарро ба ин кор вижагӣ бахшида ва ба ӯ фармуд, то бигӯяд:

Парвардигорам, маро ба роҳи рост ҳидоят карда аст, дини қаййим ва миллати Иброҳими покниҳоди рӯйгардон аз ширк ба Ислом! Ва аз ҷумла пайравиҳои Хотами Анбиё[с] аз шариати ҷаддаш Иброҳим[а] овардани маносики ҳаҷ ба шевае аст, ки ӯ дастур дода аст. Уммати расули Худо низ чунин мекунанд ва маносики ҳаҷро чунон ба ҷо меоваранд, ки Иброҳими Халилурраҳмон оварда аст.

## Натиҷаи баҳс

Рӯзи ҷумъа бар Одам[а] ва ҳар кӣ дар даврони ӯ мезист муборак буд. Ин рӯз бар Хотами Анбиё[а] ва уммати ӯ низ, то ҳамешаи рӯзгор муборак мебошад.

Ҳаҷҷи Байтуллоҳро Одам[а], Иброҳи[а], Хотами Анбиё[с] ва пайравони эшон то ба имрӯз ба ҷой овардаанд ва ҳамин хел то ҳамешаи рӯзгор анҷом хоҳанд дод. Ҳамчунон барои пайравони Хотами Анбиё[с] ҳамон динеро муқарар дошт, ки ба Нӯҳ фармуда буд ва Иброҳим[а] пайрави Нӯҳ ва тобеи шариати ӯ буд. Ба ин хотир низ Худои субҳон Хотами Анбиё[с] ва уммати ӯро фармон дод то пайравӣ шариати Иброҳим ва дини устувори ӯ бошанд.

Ҳеҷ гуна ихтилофе дар шариатҳои паёмбарон аз Одам то Хотами Анбиё(с) нест, он чи ҳаст таҷдиди[1] шариати собиқ бо шариати оянда ва гоҳе комил намудани он аст. Қаблан гузашт, ки Одам(а) ҳаҷ кард, Иброҳим(а) бо сохтани бинои Каъба бархе нишонаҳои ҳаҷро эҳё кард ва Хотами Анбиё(с) бо таъини маконҳои бастани эҳром ва баргирифтани намозгоҳ аз мақоми Иброҳим(а) ва равиши сохтани дигар нишонаҳо, онҳоро такмил кард.

Худои субҳон аз аҳкоми ислом он чиро, ки инсони онрӯза ниёз дошт барои Одам(а) фиристод. Инсоне, ки бар кишти зироат ва молдории худ мезист ва аз шаҳр ва тамаддун бисёр дур буд.

Ҳангоме ки насли одамиён афзоиш ёфт ва дар асри Нӯҳ ободиҳо бино карданд, дар шаҳрҳои калон сокин шуданд ва ниёзманди қонунмандии густурдатар дар андозаҳои инсон мутамаддин шуданд. (инсоне бо ниёзҳои бисёр дар амри тиҷорат, ҷомеа ва мушкилоти гуногуне, ки сокинони шаҳрҳои бузург доранд). Худованд ҳам он чи аз аҳкоми исломро, ки ниёз доштанд бар Нӯҳ(а) нозил фармуд то ҳоҷатҳои ононро рафъ намояд, ҳамонанди он чи бар Хотами Анбиё(с) аз ин гуна аҳкоми мутаносиб бо ниёзи замон фиристод.

Умматҳои гузашта маъмулан пас аз анбиёи худ мунҳариф ва ба ширк рӯй меоварданд. Чунонки кори авлоди Одам дар асри Нӯҳ ба ибодати бутҳо анҷомид, дар чунин ҳолате паёмбар ибтидо ҳамаро ба тавҳиди Худои холиқ ва тарки ибодати бутҳо даъват мекунад.

---

[1] Аз нав зинда кардан, давом додан бо ворид намудани ислоҳот.

Чунонки кори Нӯҳ ва Иброҳим ва соири паёмбарон то Хотами Анбиё(с) чунин буд ва он ҳазрат дар бозорҳои араб ва хаймаҳои ҳоҷиён рафтуомад карда ва мефармуд: *"Ло илоҳа иллаллоҳ"*, *растагор шавед!*

Дар миёни бархе умматҳо гоҳе раҳбари саркаш ва тоғути онон иддаои "рубубият" ҳам мекард. Чунонки Намруди саркаш бо Иброҳим(а) дар бораи Парвардигораш мунозира кард ва Фиръавни саркаш "Ано раббукумул аъло" гуфт. Дар чунин ҳолате паёмбари Худо даъватро аз тавҳиди рубубӣ оғоз мекунад, чунонки Иброҳим(а) ба Намруд фармуд:

***Раббӣ аллазӣ юҳйӣ ва юмӣт Ê***

*Ä Парвардигори ман он аст, ки зинда мекунад ва мемиронад.*

Мӯсо(а) ба Фиръавн фармуд:

***Раббуно, аллазӣ аъто кулла шай'ин халқаҳу сумма ҳадо Ê***

*Ä Парвардигори мо ҳамон касе аст, ки ба ҳар мавҷуде он чиро лозимаи офариниши ӯ буд, додааст, сипас ҳидоят карда аст.*[1]

Шарҳи ин сухани Мӯсо ба Фиръавн, дар сураи "Аъло" омада аст:

---

[1] Сураи Тоҳо, ояи 50.

قَالَ رَبُّنَا الَّذِي أَعْطَى كُلَّ شَيْءٍ خَلْقَهُ ثُمَّ هَدَى {50}

***Саббиҳисма раббикал аъло. Аллазӣ халақа фасавво. Валлазӣ қаддара фаҳадо. Валлазӣ ахраҷал маръо. Фаҷаъалаҳу ғусо'ан аҳво*** Ê

Ä*Муназзаҳ шумор номи Парвардигори баландмартабаатро. Ҳамон ки офарид ва маназзам кард. Ва ҳамон ки андозигирӣ кард ва ҳидоят намуд. Ва он ки чарогоҳро падид овард. Сипас онро хушк ва тира қарор дод.*[1]

Ва дар сураи Аъроф, ки мефармояд:

***Инна раббакум, Аллоҳул лазӣ халақас самовоти вал арз*** Ê

Ä*Парвардигори шумо Аллоҳ аст, ҳамон ки осмон ва Заминро офарид.*[2]

Бино бар ин, бархе умматҳои гузашта дар асли ақидаи тавҳидӣ мунҳариф мешуданд, монанди қавми Нӯҳ, Иброҳим ва ғайра. Ва бархе дар амал аз ислом мунҳариф мегардиданд, монанди кори қавми Лут ва Шуайб. Агар он чиро, ки дар Қуръони карим, ривоёти паёмбар, осори анбиё ва ахбори онон дар санадҳои исломӣ аст баррасӣ кунем, дармеёбем, ки паёмбари пасин таҷдидкунандаи шариати нозилшудаи Худованд бар паёмбари пешин будааст. Шариате, ки аз тарафи

---

[1] Сураи Аъло, ояи 1-5.

سَبِّحِ اسْمَ رَبِّكَ الْأَعْلَى {1} الَّذِي خَلَقَ فَسَوَّى {2} وَالَّذِي قَدَّرَ فَهَدَى {3} وَالَّذِي أَخْرَجَ الْمَرْعَى {4} فَجَعَلَهُ غُثَاءً أَحْوَى {5}

[2] Сураи Аъроф, ояи 54.

إِنَّ رَبَّكُمُ اللّهُ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ... {54 }

умматҳо тағир ва таҳриф мешуда аст. Ба ин хотир Худованд моро фармон дода аст, то бигӯем:

***Қӯлӯ оманно биллоҳи ва мо унзила илайно ва мо унзила ило Иброҳима ва Исмоъӣла ва Исҳоқа ва Яъқуба вал Асботи ва мо ӯтия Мӯсо ва Ъӣсо ва мо ӯтиян набийюна мин раббиҳим ло нуфарриқу байна аҳадин минҳум ва наҳну лаҳу муслимӯн Ê***

*Ä Бигӯед: Мо ба Худо имон овардем ва ба он чи бар мо нозил шуда аст ва он чи бар Иброҳим, Исмоил, Исҳоқ, Яъқуб ва паёмбарони насли ӯ нозил гардида ва низ, он чи ба Мӯсо ва Исо ва ҳамаи анбиё аз ҷониби Парвардигорашон дода шуда аст. Мо ҳеҷ як аз ононро аз дигаре ҷудо намедонем, мо танҳо таслими фармони Худоем.*[1]

Мумкин аст касе бипурсад: агар шариатҳои паёмбарон ин гуна аст, ки шумо баён доштед, пас маънои "насх" дар шариатҳои анбиё[(a)] чист, ки Худованд фармуд:

***Мо нансах мин оятин ав нунсиҳо наъти бихайрин минҳо ав мислиҳо, алам таълам анналлоҳа ъало кулли шайъин қадӣр Ê***

*Ä Ҳар ҳукмеро "насх" ва ё насхи онро ба таъхир андозем, беҳтар аз он, ё ҳамонанди онро меоварем.*

---

[1] Сураи Бақара, ояи 136.

قُولُواْ آمَنَّا بِاللّهِ وَمَا أُنزِلَ إِلَيْنَا وَمَا أُنزِلَ إِلَى إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ وَإِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ وَالأسْبَاطِ وَمَا أُوتِيَ مُوسَى وَعِيسَى وَمَا أُوتِيَ النَّبِيُّونَ مِن رَّبِّهِمْ لاَ نُفَرِّقُ بَيْنَ أَحَدٍ مِّنْهُمْ وَنَحْنُ لَهُ مُسْلِمُونَ {136}

*Оё намедонистӣ, ки Худованд бар ҳар чиз тавоност?!*[1]

Ва низ маънои "табдил" дар ин сухани Худои мутаол чист, ки фармуд:

***Ва изо баддално оятан макона оятин валлоҳу аъламу бимо юназзилу қолӯ иннамо анта муфтарин, бал аксаруҳум ло яъламӯн* Ê**

**Ä** *Ва ҳангоме ки оятеро ба ояти дигар мубаддал кунем* **(***ҳукмеро насх намоем***)** **(***ва Худо беҳтар медонад чӣ ҳукмеро нозил намояд***),** *мегӯянд***:** *ту дурӯғ мегӯӣ***,** *балки бештарашон намедонанд***!**[2]

Дар посух мегӯем: баҳс дар ин ҷо перомуни ду мавзӯъ аст:

1-Истилоҳи "**насх**" ва истилоҳи "**оят**".

2-Маънои оёти мазкур, ки ба ёрии Худо дар баҳси оянда онро баррасӣ менамоем:

---

[1] Сураи Бақара, ояи 106.

**مَا نَنسَخْ مِنْ آيَةٍ أَوْ نُنسِهَا نَأْتِ بِخَيْرٍ مِّنْهَا أَوْ مِثْلِهَا أَلَمْ تَعْلَمْ أَنَّ اللّهَ عَلَىَ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ** {106}

[2] Сураи Наҳл, ояи 101.

**وَإِذَا بَدَّلْنَا آيَةً مَّكَانَ آيَةٍ وَاللّهُ أَعْلَمُ بِمَا يُنَزِّلُ قَالُواْ إِنَّمَا أَنتَ مُفْتَرٍ بَلْ أَكْثَرُهُمْ لاَ يَعْلَمُونَ** {101}

## *Истилоҳи насх, оят ва маънои онҳо*

### Нахуст: насх

**"***Насх***"** дар луғат, аз байн бурдани чизе бо чизи дигар аст, ки пас аз он меояд. Масалан мегӯянд: ***Насахат ш-шамсу аз-зилла,-*** *Офтоб сояро аз байн бурд***.**

Насх дар истилоҳи исломӣ, аз байн бурдани аҳкоми як шариат бо аҳкоми шариати дигар аст, монанди: насхи бархе аҳкоми шариатҳои гузашта бо аҳкоме, ки дар шариати Хотами Анбиё(с) омада аст. Ҳамчунин, насхи ҳукми муваққат бо ҳукм доим дар шариати Хотами Анбиё(с) монанди: ҳукми ирс бурдан аз якдигар бар асоси ақди бародарӣ миёни муҳоҷирин ва ансор пеш аз фатҳи Макка дар Мадина, ки бо ҳукми ирс бурдани хешовандон аз якдигар пас аз фатҳи Макка, насх гардид.[1]

### Дуввум: оят

**"***Оят***"** дар истилоҳи исломӣ лафзе аст муштарак миёни се маъно:

1- *Мӯъҷизаи анбиё*, чунонки дар сураи Намл ба Мӯсо ибни Имрон мефармояд:

> ***Вадхил ядака фӣ ҷайбика тахруҷ байзо'а мин ғайри сӯин фӣ тисъи оётин ило Фиръавна ва қавмиҳи... Ê***

---

[1] Тафсири Табарӣ, ҷ. 10, саҳ. 26-27, Тафсири Ибни Касир ҷ. 2, саҳ. 221 ва 328; ва тафсири Дуррулмансур, ҷ. 2, саҳ. 207.

*ÄДастро дар гиребон бибар то сафед ва дурахшандаи беайб берун ояд. Ин дар зумраи мўъҷизот нўҳгонае аст, ки ту бо онҳо ба сўи Фиръавн ва қавмаш фиристода мешавӣ...*[1]

2- Таркибе аз алфози Қуръонӣ, ки бо шуморае мушаххас шудаанд, чунонки дар сураи Намл мефармояд:

***То сӣн тилка оётул Қур'они ва китобун мубӣн Ê***

*Ä То, син. Ин оятҳои Қуръон ва китобест мубин.*[2]

3- Бахш ё бахшҳое аз китоби Худо, ки хукме аз аҳкоми шариатро баён мекунад.[3]

Пас мулоҳиза шуд, ки мақсад аз номгузории бахше аз Қуръон ба "*оят*" далолаткунанда ба маънои он, яъне ҳукме аст, ки дар он бахш омада ва "*насх*" мутаваҷҷеҳи ҳамон ҳукм аст ва алфози қуръонӣ дарбардорандаи он ҳукмро шомил намешавад.

Ва низ, дониста шуд, ки маъно дар лафзи муштарак бо қаринае, ки дар калом аст ва бар мақсуд далолат дорад, мушаххас мешавад.

---

[1] Сураи Намл, ояи 12.

وَأَدْخِلْ يَدَكَ فِي جَيْبِكَ تَخْرُجْ بَيْضَاءَ مِنْ غَيْرِ سُوءٍ فِي تِسْعِ آيَاتٍ إِلَى فِرْعَوْنَ وَقَوْمِهِ... {12}

[2] Сураи Намл, ояи 1.

طس تِلْكَ آيَاتُ الْقُرْآنِ وَكِتَابٍ مُّبِينٍ {1}

[3] Шарҳи муфассали он дар баҳси Мусталаҳот дар китоби "Қуръони карим ва ривоёти ду мактаб", ч. 2 омадааст.

ø ø ø

Ин маънои "*насх*" ва "*оят*" дар истилоҳи исломӣ буд, аммо тафсири ду ояти мавриди баҳс:

## Тафсири Ояти насх

Ояи насх дар зимни оёти 40-152 сураи Бақара омада аст, ки он чи марбут ба баҳси мост меоварем:

*Эй Бани Исроил! Неъматҳоеро, ки ба шумо арзонӣ доштам ба ёд оваред! Ба паймоне, ки бо ман бастаед вафо кунед, то ман низ ба паймони шумо вафо кунам ва танҳо аз ман битарсед. Ва ба он чи фиристодаам имон оваред, ки нишонаҳои он бо он чи дар китобҳои шумост, мутобиқат дорад ва шумо нахустин кофир ба он набошед. Ва оёти маро ба баҳои ночизе нафурӯшед, танҳо аз ман битарсед, ҳақро бо ботил наёмезед ва ҳақиқатро, ки медонед китмон накунед ... Эй Бани Исроил! Неъматҳоеро, ки арзониатон доштам ва шуморо бар ҷаҳониён бартарӣ бахшидам, ба ёд оваред ва битарсед аз рӯзе, ки ҳеҷ кас дигареро ба кор наояд, ҳеҷ шафоате аз касе пазируфта нашавад, ҳеҷ гаромате аз касе қабул нагардад ва ба ҳеҷ рӯй ёрӣ нахоҳанд шуд... Ва ба ёд оваред замонеро, ки аз шумо паймон гирифтем ва кӯҳи Тӯрро болои сари шумо қарор додем. Он чиро ба шумо додем, бо қудрат бигиред ва он чи дар он аст ба ёд дошта бошед, шояд парҳезкор шавед.*[1]

[1] Сураи Бақара, ояи 40, 41, 42, 47, 48 ва 63.

*Мо ба Мӯсо китоб додем ва баъд аз ӯ паёмбарон фиристодем ва ба Исои писари Марям далелҳои равшан додем ва ӯро бо Рӯҳулқудс таид кардем. Оё чунин нест, ки ҳар гоҳ паёмбаре чизе бар хилофи ҳавои нафси шумо овард, саркашӣ кардед, гурӯҳеро таксиб намуда ва ҷамъеро ба қатл расондед?! Ва гуфтанд: дилҳои мо дар ғилоф аст! Не, балки Худованд ононро ба хотири куфрашон аз раҳмати худ дур сохта аст ва хеле кам имон меоваранд. Ва ҳангоме ки аз тарафи Худованд китобе бар эшон омад, ки мувофиқи нишонаҳое буд, ки бо худ доштанд ва пеш аз ин, ба худ навиди пирӯзӣ бар кофирон медоданд. Бо ин ҳама, он гоҳ ки он китоб ва паёмбари шинохташуда назди онҳо омад, ба ӯ кофир шуданд. Пас лаънати Худо бар кофирон бод. Хеле бад худро фурӯхтанд, ки нораво ба оёти нозилаи Худо кофир шуданд ва аз ин ки Худованд ба ҳар кас аз бандагонаш, ки бихоҳад, оёти худро мефиристад, эътироз доштанд. Аз ин рӯ ба хашме афзун бар хашми дигар гирифтор омаданд ва кофиронро азобе аст хоркунанда. Ва чун ба онон*

---

يَا بَنِي إِسْرَائِيلَ اذْكُرُواْ نِعْمَتِيَ الَّتِي أَنْعَمْتُ عَلَيْكُمْ وَأَوْفُواْ بِعَهْدِي أُوفِ بِعَهْدِكُمْ وَإِيَّايَ فَارْهَبُونِ {40} وَآمِنُواْ بِمَا أَنزَلْتُ مُصَدِّقاً لِّمَا مَعَكُمْ وَلاَ تَكُونُواْ أَوَّلَ كَافِرٍ بِهِ وَلاَ تَشْتَرُواْ بِآيَاتِي ثَمَناً قَلِيلاً وَإِيَّايَ فَاتَّقُونِ {41} وَلاَ تَلْبِسُواْ الْحَقَّ بِالْبَاطِلِ وَتَكْتُمُواْ الْحَقَّ وَأَنتُمْ تَعْلَمُونَ {42} يَا بَنِي إِسْرَائِيلَ اذْكُرُواْ نِعْمَتِيَ الَّتِي أَنْعَمْتُ عَلَيْكُمْ وَأَنِّي فَضَّلْتُكُمْ عَلَى الْعَالَمِينَ {47} وَاتَّقُواْ يَوْماً لاَّ تَجْزِي نَفْسٌ عَن نَّفْسٍ شَيْئاً وَلاَ يُقْبَلُ مِنْهَا شَفَاعَةٌ وَلاَ يُؤْخَذُ مِنْهَا عَدْلٌ وَلاَ هُمْ يُنصَرُونَ {48 وَإِذْ أَخَذْنَا مِيثَاقَكُمْ وَرَفَعْنَا فَوْقَكُمُ الطُّورَ خُذُواْ مَا آتَيْنَاكُم بِقُوَّةٍ وَاذْكُرُواْ مَا فِيهِ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ {63}

*гуфта шавад: ба он чи Худованд фиристода аст имон биёваред, мегуянд: мо ба он чи бар худамон нозил шуда аст имон меоварем ва ба ғайри он кофир мешаванд, дар ҳоле ки ҳақ аст ва китобашонро ҳам тасдиқ мекунад. Бигӯ: агар шумо имон доред, пас чаро паёмбарони Худоро пеш аз ин мекуштед?! Ва Мӯсо он ҳама мӯъҷизотро барои шумо овард ва шумо пас аз ӯ ситамкорона гӯсоларо баргирифтед.*[1]

*... Мо нишонаҳои равшане барои ту фиристодем ва ҷуз фосиқон касе ба онҳо куфр намеварзад. ...Ва агар онон имон оварда, парҳезкор мешуданд, подоше, ки назди Худост барои онон беҳтар буд, агар медонистанд... . ...Кофирони Аҳли китоб ва мушрикон, дӯст надоранд, ки аз сӯи Худованд, хайру баракате бар шумо нозил гардад, дар ҳоле ки Худованд раҳмати худро ба ҳар кас бихоҳад ихтисос медиҳад. Ва Худованд соҳиби фазли бузург аст, ҳар ҳукмеро насх кунем ё насхи онро ба*

---

[1] Сураи Бақара, ояи 87- 92.

وَلَقَدْ آتَيْنَا مُوسَى الْكِتَابَ وَقَفَّيْنَا مِن بَعْدِهِ بِالرُّسُلِ وَآتَيْنَا عِيسَى ابْنَ مَرْيَمَ الْبَيِّنَاتِ وَأَيَّدْنَاهُ بِرُوحِ الْقُدُسِ أَفَكُلَّمَا جَاءكُمْ رَسُولٌ بِمَا لاَ تَهْوَى أَنفُسُكُمُ اسْتَكْبَرْتُمْ فَفَرِيقاً كَذَّبْتُمْ وَفَرِيقاً تَقْتُلُونَ {87} وَقَالُواْ قُلُوبُنَا غُلْفٌ بَل لَّعَنَهُمُ اللَّه بِكُفْرِهِمْ فَقَلِيلاً مَّا يُؤْمِنُونَ {88} وَلَمَّا جَاءهُمْ كِتَابٌ مِّنْ عِندِ اللّهِ مُصَدِّقٌ لِّمَا مَعَهُمْ وَكَانُواْ مِن قَبْلُ يَسْتَفْتِحُونَ عَلَى الَّذِينَ كَفَرُواْ فَلَمَّا جَاءهُم مَّا عَرَفُواْ كَفَرُواْ بِهِ فَلَعْنَةُ اللَّه عَلَى الْكَافِرِينَ {89} بِئْسَمَا اشْتَرَوْاْ بِهِ أَنفُسَهُمْ أَن يَكْفُرُواْ بِمَا أنَزَلَ اللّهُ بَغْياً أَن يُنَزِّلُ اللّهُ مِن فَضْلِهِ عَلَى مَن يَشَاءُ مِنْ عِبَادِهِ فَبَآؤُواْ بِغَضَبٍ عَلَى غَضَبٍ وَلِلْكَافِرِينَ عَذَابٌ مُّهِينٌ {90} وَإِذَا قِيلَ لَهُمْ آمِنُواْ بِمَا أَنزَلَ اللّهُ قَالُواْ نُؤْمِنُ بِمَا أُنزِلَ عَلَيْنَا وَيَكْفُرونَ بِمَا وَرَاءهُ وَهُوَ الْحَقُّ مُصَدِّقاً لِّمَا مَعَهُمْ قُلْ فَلِمَ تَقْتُلُونَ أَنبِيَاءَ اللّهِ مِن قَبْلُ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ {91} وَلَقَدْ جَاءكُم مُّوسَى بِالْبَيِّنَاتِ ثُمَّ اتَّخَذْتُمُ الْعِجْلَ مِن بَعْدِهِ وَأَنتُمْ ظَالِمُونَ {92}

*таъхир андозем, беҳтар аз он ё ҳамонанди онро меоварем. Оё намедонистӣ, ки Худованд бар ҳар чиз тавоност***?!**[1]

*Бисёре аз Аҳли китоб, аз рӯи ҳасад,* **(***ки дар ҷонашон реша давонда буд***)** *орзу доранд шуморо баъд аз ислом ва имон, ба куфр баргардонанд, бо ин ки ҳақ барои онҳо комилан равшан шудааст.* **...***Ва гуфтанд: ҳеҷ кас ҷуз яҳуд ё насорӣ, ҳаргиз дохили биҳишт нахоҳад шуд. Ин орзуи онҳост. Бигӯ: агар рост мегӯед, далели худро биёваред. Оре, ҳар кас, ки руи худро таслими Худо кунад ва некӯкор бошад, подоши ӯ назди парвардигораш собит аст; на тарсе бар онҳост ва на ғамгин мешаванд.* **...***Ҳаргиз яҳуд ва насоро аз ту розӣ нахоҳанд шуд, то аз оини онон пайравӣ кунӣ. Бигӯ: ҳидоят, танҳо ҳидояти илоҳӣ аст ва агар аз тамоюлоти онон пайравӣ кунӣ* **(***баъд аз он ки огоҳ шудаӣ***)** *ҳеҷ ёру ёваре аз сӯи Худо нахоҳӣ дошт.*[2]

---

[1] Сураи Бақара, ояи 99, 103, 105 ва106.

**وَلَقَدْ أنزَلْنَا إِلَيْكَ آيَاتٍ بَيِّنَاتٍ وَمَا يَكْفُرُ بِهَا إِلاَّ الْفَاسِقُونَ { 99 } وَلَوْ أَنَّهُمْ آمَنُواْ وَاتَّقَوْا لَمَثُوبَةٌ مِّنْ عِندِ اللَّه خَيْرٌ لَّوْ كَانُواْ يَعْلَمُونَ {103} مَّا يَوَدُّ الَّذِينَ كَفَرُواْ مِنْ أَهْلِ الْكِتَابِ وَلاَ الْمُشْرِكِينَ أَن يُنَزَّلَ عَلَيْكُم مِّنْ خَيْرٍ مِّن رَّبِّكُمْ وَاللّهُ يَخْتَصُّ بِرَحْمَتِهِ مَن يَشَاءُ وَاللّهُ ذُو الْفَضْلِ الْعَظِيمِ {105} مَا نَنسَخْ مِنْ آيَةٍ أَوْ نُنسِهَا نَأْتِ بِخَيْرٍ مِّنْهَا أَوْ مِثْلِهَا أَلَمْ تَعْلَمْ أَنَّ اللّهَ عَلَىَ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ {106}**

[2] Сураи Бақара, ояи 109, 111, 112 ва 120.

**وَدَّ كَثِيرٌ مِّنْ أَهْلِ الْكِتَابِ لَوْ يَرُدُّونَكُم مِّن بَعْدِ إِيمَانِكُمْ كُفَّاراً حَسَداً مِّنْ عِندِ أَنفُسِهِم مِّن بَعْدِ مَا تَبَيَّنَ لَهُمُ الْحَقُّ {109} وَقَالُواْ لَن يَدْخُلَ الْجَنَّةَ إِلاَّ مَن كَانَ هُوداً أَوْ نَصَارَى تِلْكَ أَمَانِيُّهُمْ قُلْ هَاتُواْ بُرْهَانَكُمْ إِن كُنتُمْ صَادِقِينَ {111} بَلَى مَنْ أَسْلَمَ وَجْهَهُ لِلّهِ وَهُوَ مُحْسِنٌ فَلَهُ أَجْرُهُ عِندَ رَبِّهِ وَلاَ خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلاَ هُمْ يَحْزَنُونَ {112} وَلَن**

***...Ё банӣ Исро'ил, узкурӯ ниъматиял латӣ анъамту ъалайкум ва аннӣ фаззалтукум ъалал ъоламӣн. Ваттақӯ явман ло таҷзӣ нафсун ъан нафсин шай'ан ва ло юқбалу минҳо ъадлун ва ло танфаъуҳо шафоъатун ва ло ҳум юнсарӯн*** **Ê**

**Ä**...*Эй Бани Исроил! Неъматҳоеро, ки ба шумо арзонӣ доштам ва шуморо бар ҷаҳониён бартарӣ бахшидам ба ёд оваред. Ва битарсед аз рӯзе, ки ҳеҷ кас дигареро ба кор наояд, ғаромате аз касе пазируфта нашавад, шафоат фоидааш нарасонад ва ба ҳеҷ рӯй ёрӣ нагарданд.*[1]

Худованд пас аз баёни ин оёт, бо омода намудани муқаддимае, ки бархе аз онро дар гузашта дар бораи қиёми Иброҳим ва Исмоил бар сохтани Каъба овардем, фармуд:

***А) Ва из ярфаъу Иброҳимул қавоъида минал байти ва Исмоъӣлу...*** **Ê**

**Ä***Ва ҳангоме ки Иброҳим ва Исмоил пояҳои Каъбаро боло мебурданд...*[2]

---

تَرْضَى عَنكَ الْيَهُودُ وَلاَ النَّصَارَى حَتَّى تَتَّبِعَ مِلَّتَهُمْ قُلْ إِنَّ هُدَى اللّـهِ هُوَ الْهُدَى وَلَئِنِ اتَّبَعْتَ أَهْوَاءهُم بَعْدَ الَّـذِي جَاءكَ مِنَ الْعِلْمِ مَـا لَـكَ مِنَ اللّـهِ مِن وَلِـيٍّ وَلاَ نَصِيرٍ {120}

[1] Сураи Бақара, ояи 122-123.

يَـا بَنِـي إِسْرَائِيلَ اذْكُـرُواْ نِعْمَتِـيَ الَّتِـي أَنْعَمْـتُ عَلَـيْكُمْ وَأَنِّـي فَضَّـلْتُكُمْ عَلَـى الْعَـالَمِينَ {122} وَاتَّقُواْ يَوْماً لاَّ تَجْزِي نَفْسٌ عَن نَّفْسٍ شَيْئاً وَلاَ يُقْبَلُ مِنْهَا عَدْلٌ وَلاَ تَنفَعُهَا شَفَاعَةٌ وَلاَ هُمْ يُنصَرُونَ {123}

[2] Сураи Бақара, ояи 127.

***Б) Ва из ҷаъалнал байта масобатан линноси ва амнан...*** **Ê**

**Ä***Ва ҳангоме ки хонаро маҳалли мурочиат ва маркази амну амони мардумон қарор додем...*[1]

***В) Ва ъаҳидно ило Иброҳима ва Исмоъила ан таххиро байтия лит тоифина вал ъокифина вар руккаъис суҷуд.*** **Ê**

**Ä***Ва ба Иброҳим ва Исмоил фармудем: хонаи маро барои тавофкунандагон, эътикофкунандагон, рукӯъкунандагон ва саҷдакунандагон, поку покиза намоед.*[2]

Худованд бо чунин заминасозӣ, мавзӯи мавриди "насх"-ро муайян мекунад ва мефармояд:

*Мо нигоҳҳои интизоромези туро ба сӯи осмон мебинем ва яқинан туро ба сӯи қиблае, ки дӯсташ дорӣ бармегардонем. Пас, рӯи худро ба сӯи Масҷидулҳаром баргардон ва ҳар ҷо, ки бошед рӯи худро ба сӯи он кунед. Ба яқин ононе, ки китоби осмонӣ дода шудаанд, ба хубӣ медонанд ин фармони ҳаққе аст, ки аз ноҳияи парвардигорашон содир шуда аст ва Худованд аз он чи мекунанд ғофил нест. Савганд, ки агар барои Аҳли китоб ҳар гуна ояте биёварӣ, аз қиблаи ту пайравӣ нахоҳанд кард ва ту низ аз қиблаи онҳо пайравӣ намекунӣ... Онон ки*

---

وَإِذْ يَرْفَعُ إِبْرَاهِيمُ الْقَوَاعِدَ مِنَ الْبَيْتِ وَإِسْمَاعِيلُ... {127}

[1] Сураи Бақара, ояи 125.

وَإِذْ جَعَلْنَا الْبَيْتَ مَثَابَةً لِّلنَّاسِ وَأَمْناً... {125}

[2] Сураи Бақара, ояи 125.

...وَعَهِدْنَا إِلَى إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ أَن طَهِّرَا بَيْتِيَ لِلطَّائِفِينَ وَالْعَاكِفِينَ وَالرُّكَّعِ السُّجُودِ {125}

*китоби осмониашон додем, ӯ (паёмбар)-ро, ҳамчун фарзандони худ мешиносанд. Ба ростӣ, ки ҷамъе аз эшон ҳақро дониста китмон мекунанд.*[1]

Худованд аз ҷидоли Аҳли китоб бо мусулмонон дар бораи тағири қибла низ, хабар дода ва мефармояд:

***Саяқӯлус суфаҳо'у минан носи мо валлоҳум ъан қиблатиҳимул латӣ конӯ ъалайҳо, қул лиллоҳил машриқу вал мағрибу яҳдӣ ман яшо'у ило сиротин мустақӣм. Ва мо ҷаъалнал қиблатал латӣ кунта ъалайҳо илло линаълама ман яттабиъур расӯла мимман янқалибу ъало ъақибайҳи ва ин конат лакабиратан илло ъалал лазӣна ҳадаллоҳу ва мо коналлоҳу лиюзиъа имонакум, инналлоҳа бинноси лара'ӯфун раҳӣм Ê***

*Ä Ба зудӣ мардумони бехирад мегӯянд: чӣ чиз ононро аз қиблае, ки бар он буданд баргардонид? Бигӯ: Машриқ ва Мағриб аз они Худост ва Худованд ҳар касро, ки бихоҳад ба роҳи рост ҳидоят мекунад. ...Мо он қабилаеро, ки қаблан бар он будӣ, танҳо барои ин қарор додем то афроде, ки аз паёмбар пайравӣ мекунанд, аз касоне, ки ба ҷоҳилият бармегарданд мушаххас шаванд. Ва ба ростӣ, ки ин*

---

[1] Сураи Бақара, ояи 144-146.

قَدْ نَرَى تَقَلُّبَ وَجْهِكَ فِي السَّمَاء فَلَنُوَلِّيَنَّكَ قِبْلَةً تَرْضَاهَا فَوَلِّ وَجْهَكَ شَطْرَ الْمَسْجِدِ الْحَرَامِ وَحَيْثُ مَا كُنتُمْ فَوَلُّواْ وُجُوهَكُمْ شَطْرَهُ وَإِنَّ الَّذِينَ أُوْتُواْ الْكِتَابَ لَيَعْلَمُونَ أَنَّهُ الْحَقُّ مِن رَّبِّهِمْ وَمَا اللّهُ بِغَافِلٍ عَمَّا يَعْمَلُونَ {144} وَلَئِنْ أَتَيْتَ الَّذِينَ أُوْتُواْ الْكِتَابَ بِكُلِّ آيَةٍ مَّا تَبِعُواْ قِبْلَتَكَ وَمَا أَنتَ بِتَابِعٍ قِبْلَتَهُمْ... {145} الَّذِينَ آتَيْنَاهُمُ الْكِتَابَ يَعْرِفُونَهُ كَمَا يَعْرِفُونَ أَبْنَاءهُمْ وَإِنَّ فَرِيقاً مِّنْهُمْ لَيَكْتُمُونَ الْحَقَّ وَهُمْ يَعْلَمُونَ {146}

> *ҳукм (ҷуз бар касоне, ки онҳоро Худованд ҳидоят намуда аст) душвор буд. Ва Худованд ҳаргиз имони шуморо зоеъ намегардонад, зеро Худованд нисбат ба мардум рауфу меҳрубон аст.*[1]

## Тафсири Ояти табдил

Ояи табдил дар зимни маҷмӯае аз оёти 101 то 124 сураи Наҳл омадааст,[2] ки мо он чиро ба ин баҳс ихтисос дорад, меоварем. Худованд мефармояд:

> *Ва ҳангоме ки оятеро ба ояти дигар мубаддал кунем (ҳукмеро ҷойгузини ҳукме намоем) ва Худо беҳтар медонад чӣ ҳукмеро нозил кунад, мегӯянд: ту ифтиро*[3] *мебандӣ! Не, балки бештарашон намедонанд. Бигӯ: Рӯҳулқудус онро аз ҷониби парвардигорат ба ҳақ нозил карда аст, то афроди боимонро собитқадам бидорад ва ҳидояту башорате барои мусулмонон бошад... Танҳо касоне ифтиро мебанданд, ки ба оёти Худо имон надоранд; онҳо худ дурӯғгӯёни воқеӣ ҳастанд. ...Пас, аз он чи Худо рӯзиатон кардааст, ҳалол ва покиза бихӯред ва шукри неъмати Худоро ба ҷо оваред, агар ӯро*

---

[1] Сураи Бақара, ояи 142-143.

**سَيَقُولُ السُّفَهَاء مِنَ النَّاسِ مَا وَلاَّهُمْ عَن قِبْلَتِهِمُ الَّتِي كَانُواْ عَلَيْهَا قُل لِّلّهِ الْمَشْرِقُ وَالْمَغْرِبُ يَهْدِي مَن يَشَاءُ إِلَى صِرَاطٍ مُّسْتَقِيمٍ** {142} **... وَمَا جَعَلْنَا الْقِبْلَةَ الَّتِي كُنتَ عَلَيْهَا إِلاَّ لِنَعْلَمَ مَن يَتَّبِعُ الرَّسُولَ مِمَّن يَنقَلِبُ عَلَى عَقِبَيْهِ وَإِن كَانَتْ لَكَبِيرَةً إِلاَّ عَلَى الَّذِينَ هَدَى اللّهُ وَمَا كَانَ اللّهُ لِيُضِيعَ إِيمَانَكُمْ إِنَّ اللّهَ بِالنَّاسِ لَرَؤُوفٌ رَّحِيمٌ** {143}

[2] Шарҳи бештари баҳс ва санадҳои онро дар баҳси “Мусталаҳоти исломӣ” дар китоби Қуръони карим ва ривоёти ду мактаб, ҷилди аввал ёфта метавонед.

[3] Ифтиро: дурӯғ.

*мепарастед. Худованд танҳо мурдор, хун, гӯшти хук ва он чиро бо номи ғайри Худо сар буридаанд, бар шумо ҳаром кардааст. Аммо касе, ки ночор шавад, дар ҳоле ки таҷовуз ва тааддӣ аз ҳад нанамояд, Худованд бахшанда ва меҳрубон аст. Ва ба хотири дурӯғе, ки бар забонатон ҷорӣ мешавад, нагӯед: "ин ҳалол аст ва он ҳаром", то бар Худо ифтиро бандед. Яқинан касоне, ки бар Худо дурӯғ мебанданд, растагор нахоҳанд шуд. Он чиро пеш аз ин барои ту шарҳ додем, бар яҳуд ҳаром кардем... ...Сипас бар ту ваҳй фиристодем, ки аз оини Иброҳим (ки имони нобу устувор дошт ва аз мушрикон набуд) пайравӣ кун. Рӯзи шанбе фақат бар зидди касоне буд, ки дар он ихтилоф карданд...*[1]

Аммо он чиро Худованд дар гузашта барои паёмбарон ҳикоят карда буд ва дар ояти 118 ин сура ёдоварӣ намуда аст, инҳост:

---

[1]Сураи Наҳл, ояи 101, 102, 105, 114 то 118 ва 123 -124.

وَإِذَا بَدَّلْنَا آيَةً مَّكَانَ آيَةٍ وَاللّهُ أَعْلَمُ بِمَا يُنَزِّلُ قَالُواْ إِنَّمَا أَنتَ مُفْتَرٍ بَلْ أَكْثَرُهُمْ لاَ يَعْلَمُونَ {101} قُلْ نَزَّلَهُ رُوحُ الْقُدُسِ مِن رَّبِّكَ بِالْحَقِّ لِيُثَبِّتَ الَّذِينَ آمَنُواْ وَهُدًى وَبُشْرَى لِلْمُسْلِمِينَ {102} إِنَّمَا يَفْتَرِي الْكَذِبَ الَّذِينَ لاَ يُؤْمِنُونَ بِآيَاتِ اللّهِ وَأُوْلـئِكَ هُمُ الْكَاذِبُونَ {105} فَكُلُواْ مِمَّا رَزَقَكُمُ اللّهُ حَلالاً طَيِّباً وَاشْكُرُواْ نِعْمَتَ اللّهِ إِن كُنتُمْ إِيَّاهُ تَعْبُدُونَ {114} إِنَّمَا حَرَّمَ عَلَيْكُمُ الْمَيْتَةَ وَالْدَّمَ وَلَحْمَ الْخَنزِيرِ وَمَا أُهِلَّ لِغَيْرِ اللّهِ بِهِ فَمَنِ اضْطُرَّ غَيْرَ بَاغٍ وَلاَ عَادٍ فَإِنَّ اللّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ {115} وَلاَ تَقُولُواْ لِمَا تَصِفُ أَلْسِنَتُكُمُ الْكَذِبَ هَـذَا حَلاَلٌ وَهَـذَا حَرَامٌ لِّتَفْتَرُواْ عَلَى اللّهِ الْكَذِبَ إِنَّ الَّذِينَ يَفْتَرُونَ عَلَى اللّهِ الْكَذِبَ لاَ يُفْلِحُونَ {116} وَعَلَى الَّذِينَ هَادُواْ حَرَّمْنَا مَا قَصَصْنَا عَلَيْكَ مِن قَبْلُ ...{118} ثُمَّ أَوْحَيْنَا إِلَيْكَ أَنِ اتَّبِعْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً وَمَا كَانَ مِنَ الْمُشْرِكِينَ {123} إِنَّمَا جُعِلَ السَّبْتُ عَلَى الَّذِينَ اخْتَلَفُواْ فِيهِ... {124}

А) ояти 93 сураи Оли Имрон:

***Куллут таъоми кона ҳиллан либани Исро'ила илло мо ҳаррама Исро'илу ъало нафсиҳи Ê***

***Ä*** *Ҳамаи таомҳо барои Бани Исроил ҳалол буд, ҷуз он чи Исроил (Яъқуб) бар худ ҳаром карда буд.*[1]

Б) ояти 146 сураи Анъом:

***Ва ъалал лазӣна ҳодӯ ҳаррамно кулла зӣ зуфурин ва минал бақари вал ғанами ҳаррамно ъалайҳим шуҳӯмаҳумо илло мо ҳамалат зуҳӯруҳумо авил ҳавоё ав махталата биъазмин золика ҷазайноҳум бибағйиҳим ва инно ласодиқӯн Ê***

***Ä*** *Ва бар яҳудон ҳар ҳайвони нохундорро (ҳайвоноте, ки суми якпорча доранд) ҳаром кардем ва аз гову гӯсфанд, пеҳу чарбии онҳоро бар эшон ҳаром намудем, магар чарбиҳое, ки бар пушти онҳо қарор дорад, ё дар ду тараф паҳлуҳост ва ё онҳо, ки бо устухон омехта аст. Ин кайфарро ба хотири ситамкориашон ба онҳо додем. Ва мо ростгӯ ҳастем.*[2]

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 93.

**كُلُّ الطَّعَامِ كَانَ حِلاًّ لِّبَنِي إِسْرَائِيلَ إِلاَّ مَا حَرَّمَ إِسْرَائِيلُ عَلَى نَفْسِهِ...** {93}

[2] Сураи Анъом, ояи 146.

**وَعَلَى الَّذِينَ هَادُواْ حَرَّمْنَا كُلَّ ذِي ظُفُرٍ وَمِنَ الْبَقَرِ وَالْغَنَمِ حَرَّمْنَا عَلَيْهِمْ شُحُومَهُمَا إِلاَّ مَا حَمَلَتْ ظُهُورُهُمَا أَوِ الْحَوَايَا أَوْ مَا اخْتَلَطَ بِعَظْمٍ ذَلِكَ جَزَيْنَاهُم بِبَغْيِهِمْ وِإِنَّا لَصَادِقُونَ** {146}

## Шарҳи вожаҳо

**Мусаддиқан лимо маъакум:** яъне, сифоти Қуръон ва сифоти паёмбар ахбори Тавротро дар бораи беъсати паёмбар ва фиристодани Қуръон бар ӯ тасдиқ мекунад. Монанди он чи дар боби сию сеюм аз “Сифри тасния”-и Таврот (чопи Ричард Ватси Лондон, 1831-и мелодӣ ба забони арабӣ) омада аст ва тарҷумаи он чунин аст:

Ин аст дуои хайре, ки Мӯсо, марди Худо, пеш аз мурдан бар Бани Исроил хонд ва гуфт: Худованд аз Сино баромад ва аз Соир нурафшон шуд ва аз кӯҳи Форон ошкор гашт ва бо ӯ ҳазорон нафар аз покон, дар дасти росташ шариате оташин аст. Мардумонро дӯст дошт, ҳамаи покон дар дасти ӯ ҳастанд. Онон ки ба ӯ наздиктаранд таълими ӯро мепазиранд. Мӯсо моро ба суннате фармон дод, ки мероси ҷамоати Яъқуб бошад.

Ҳамин матн (дар чопи Ричард Ватс, Лондон 1839-и мелодӣ ба забони форсӣ) чунин аст:

Боби сию сеюм

1. Ва ин аст дуои хайре, ки Мӯсо марди Худо қабл аз мурдан бар Бани Исроил хонд.

2. Ва гуфт, ки Худованд аз Сино баромад ва аз Саир намудор гашт ва кӯҳи Форон нурафшон шуд ва бо даҳ ҳазор муқаррабон вуруд намуд ва аз дасти росташ шариате оташин барои эшон расид.

3. Балки Табоилро дӯст дошт ва ҳамаи муқаддасоташ дар қабзаи ту ҳастанд ва муқаррабони пои ту буда, таълими туро хоҳанд пазируфт.

4. Мӯсо моро ба шариате амр кард, ки мероси бани Яъқуб бошад.

Ҳамин матн дар чопи Донишгоҳи Оксфорди[1] Лондон, (бидуни таърихи чоп) дар саҳ. 284 чунин омадааст:

Chapter 33

1. And this is the blessing, where with Moses the man of God blessed the children of Israel before his death.

2. And he said, The LORD came from Sinai, and rose up from Sair unto them; he shined forth' from mount Paran. And' he came with ten thousands of saints: from his right hand went, a fiery law for them.

3. Yea, ' he loved the people; all his saints are in thy hand: and they ' sat down at they feet; every one shall ' receive of thy words.

4.'Moses commanded us a law. 'Even the inheritance of the congregation of Jacob.

Ин матн бо он чи дар забони форсӣ овардем яксон аст. Дар ин матн омадааст: "Ӯ бо даҳ ҳазор аз муқаррабон омад", яъне адади ҳазоронро муайян кардааст, чи дар матни аввал бидуни он ки теъдоди ҳазоронро муайян кунад, омада буд: "Бо ӯ ҳазорон нафар аз покон", зеро он ки аз ғори Ҳиро дар Форон зуҳур кард ва сипас бо даҳ ҳазор нафар ба сарзамини Форон, яъне Макка омад, хотами анбиё Муҳаммад(с) аст ва Аҳли китоб ин матнро дар асри ҳозир таҳриф карданд, то башорати Таврот ба беъсати Хотами Анбиё(с)-ро китмон кунанд. Мо инро дар баҳси

[1]Ин чоп бо ранги сурху сиёҳ танҳо дар бахши Аҳди ҷадид мушаххас мебошад.

тамҳидии панҷум аз ҷилди дуввуми китоби “Яксаду панҷоҳ саҳобаи сохтагӣ” шарҳ додаем.

## Натиҷаи баҳс дар тафсири "Мусаддиқан лимо маъакум"

Ин боби Таврот бо сароҳат мегӯяд: Мӯсо ибни Имрон[а] пеш аз марги худ дар васияташ ба Бани Исроил гуфта аст:

Парвардигори оламиён Тавротро дар кӯҳи Сино фиристод ва Инҷилро дар кӯҳи Саир ва Қуръонро дар кӯҳи Форон (Макка). Сипас хусусиятҳои шариати сеюмро баршумурда ва фармуда аст:

Ӯ ба Макка меояд, дар ҳоле ки даҳ ҳазор нафар аз муқаррабон бо ӯ ҳастанд ва ин ҳамон даҳ ҳазор нафар сипоҳиёни Расулуллоҳ[с] дар фатҳи Макка ҳастанд. Ва ин ки шариати сеюм шариати ҷиҳод аст ва уммати ӯ таълимоташро мепазиранд, дар ин ҷо ишора ба мавзеъгирии Бани Исроил дорад, ки ба инҳироф афтода, гӯсолапараст шуданд ва бо паёмбаронашон Мӯсо[а] ва соири анбиёи худ муҷодила карданд, ки дар Қуръон ва Таврот аз он ёд шудааст.

Мо дар ин ҷо ба андаке аз бисёр басанда мекунем. Агар мо бихоҳем ҳамаи башоратеро, ки дар бораи беъсати Хотами Анбиё[с] омада аст ва (бо ҳамаи таҳрифоте, ки дар он анҷом додаанд) дар боқимондаи китобҳои осмонӣ ба дасти мо расида ва дар асри Хотами Анбиё[с] назди Аҳли китоб буд, онҳоро арза кунем, ин баҳс тӯлонӣ мешавад. Оре, ба сабаби ҳамин башорат аст, ки Худои субҳон дар чанд ояти баъд мефармояд:

***Аллазӣна отайноҳумул китоба яърифӯнаҳу камо яърифӯна абно'аҳум ва инна фарӣқан минҳум лаяктумӯнал ҳаққа ва ҳум яъламӯн*** Ê

Ä *Касоне, ки ба онон китоби осмонӣ додаем, ӯро (паёмбарро) ҳамчун фарзандони худ мешиносанд; Ба ростӣ, ки гурӯҳе аз онон ҳақро дониста китмон мекунанд!*[1]

Бино бар ин, мусаллам аст, ки беъсати Хотами Анбиё(с) бо Қуръон ва сифатҳои хоси Паёмбар(с) ва уммати ӯ, тасдиқе аст бар ҳамон чизҳое, ки назди Аҳли китоб дар Таврот ва Инҷил аст. Ва сипосу ҳамд Парвардигори оламиёнрост.

**Ло талбисул ҳаққа билботил**: яъне ҳақ ва ботилро дар ҳам наёмезед, то ҳақиқатро бипӯшонад, ё ин ки ҳақро бо ботил напӯшонед, то онро машкук ҷилва диҳед.

**Адл**: фидо, дар ивази раҳоии чизе пардохт намудан.

**Қаффайно**: пуштисариҳам фиристодем. Яъне яке пас аз дигареро рисолат додем.

**Ғулф**: ҷамъи ағлаф: чизе, ки дар ғилоф ва пӯшиш бошад.

**Ястафтиҳун**: пирӯзӣ мехостанд, пирӯзӣ бар душман дар ҷанг, яъне Аҳли китоб бо зикри номи Паёмбари Хотам(с) ва шафеъ қарор додани он ҳазрат назди Худо, пирӯзӣ меҷустанд.[2]

---

[1] Сураи Бақара, ояи 146.

الَّذِينَ آتَيْنَاهُمُ الْكِتَابَ يَعْرِفُونَهُ كَمَا يَعْرِفُونَ أَبْنَاءهُمْ وَإِنَّ فَرِيقاً مِّنْهُمْ لَيَكْتُمُونَ الْحَقَّ وَهُمْ يَعْلَمُونَ {146}

[2] Ба тафсири оят дар Тафсири Табарӣ руҷуъ кунед.

**Нунсиҳо**: *нуаххируҳо*, онро ба таъхир андозем нунсиҳо: бояд мухаффафи "*нунси'уҳо*" аз моддаи наса'а бошад, яъне: ҳар ҳукмеро насх кунем ё насхи онро ба таъхир андозем, беҳтар аз он ё ҳамонанди онро меоварем.

"*Нунсиҳо*" наметавонад кӯтоҳшудаи "*нунсиҳо*" аз решаи "*насо*" ба маънои нисён ва фаромӯшӣ бошад, то маъно чунин шавад, ки: қироати ҳар оят аз Қуръонро аз ёди мардум бибарем, беҳтар аз он ё ҳамонанди онро меоварем! (чунонки бархе онро ин гуна тафсир кардаанд),[1] зеро:

А) Худои мутаол худ ҳифзи Қуръонро аз фармӯшию нисён замонат дода фармуда аст:

> ***"Сануқриука фало тансо"***
>
> Мо ба зудӣ Қуръонро бар ту мехонем ва ту ҳаргиз фаромӯш нахоҳӣ кард.

Б) Ҳеҷ гуна маслиҳате дар ин ки онро аз ёди мардум бибарад нест, Худованд оётеро, ки худ фиристода аст то мардум бихонанд, чаро аз ёдашон бибарад?!

**Ҳодӯ ва ҳӯдан**: *ҳодӯ*: яҳудӣ шуданд, *ҳудан*: ҷамъи *ҳоид*, яъне яҳудиён.

**Фаззалакум ъалал ъоламӣн**: яъне Худованд шуморо дар он замон бар Фиръавниёни Миср, Амолиқа ва дигар мардумони Шом бартарӣ дод.

**Шатр**: шатрро чанд маъно аст, ки аз ҷумлаи онҳо, "ҷиҳат" ва "сӯй" аст.

---

[1]Ба Тафсири Қуртубӣ ва Табарӣ ва ривоятҳои он ду аз Саъд ибни Абуваққос дар тафсири оят руҷуъ кунед.

**Мо коналлоҳа лиюзиъа имонакум**: Худованд ҳаргиз намозҳоеро, ки (пеш аз тағири қибла) ба сӯи Байтулмуқаддас гузоридаед, табоҳ намекунад.

**Изо баддално**: ҳар гоҳ ҷойгузин кунем, ҳукмеро ба ҳукми дигар табдил кунем.

Фарқ байни иваз ва бадал он аст, ки: иваз қимати ҷинс аст ва бадал ҷойгузини асл мегардад.

**Рӯҳулқудс**: фириштае аст, ки Худованд Қуръон, аҳком ва тафсири онро ба василаи ӯ бар паёмбар мефиристад.

**Зӣ зуфур**: нохундор ва дар ин ҷо мақсуд ҳайвонест, ки суми он шикоф надорад, монанди: шутур, шутурмурғ, ӯрдак, ғоз (ва Худо донотар аст).

**Алҳавоё**: рӯдаҳо.

**Мо ихталата биъазмин**: он чи бо устухон якҷоя шуда аст.

## Тафсири оёт

***Нахуст: ояти табдил, ояте, ки дар зимни оёти маккии сураи Намл омадааст:***

Худованди Субҳон дар ин оёт фармудааст:

Ҳар гоҳ оятеро ҷойгузини ояти дигар кунем, яъне ҳукме аз шариати собиқро бардошта ва ҳукми дигареро, ки дар Қуръон омада аст ба ҷои он бигзорем, ба расули мо мегӯянд: ту дурӯғгӯӣ! Эй паёмбар! Бигӯ: аҳкоми Қуръониро фариштаи махсус аз ҷониби Худо баҳақ меоварад, то мӯъминонро ба имони худ собитқадам бидорад ва барои мусулмонон ҳидоят ва

башорат бошад. Ту дурӯғгӯ нестӣ! Дурӯғзананда касоне ҳастанд, ки ба оёти Худо имон намеоваранд (яъне мушрикон) онон худашон дурӯғгуёнанд!

Худованд пас аз ин, мавриди низоъро шарҳ дода ва мефармояд: аз он чи рӯзиатон додаем, монанди: гӯшти шутур, чарбиҳои ҳайвон ва амсоли онро, ки бар Бани Исроил ҳаром карда будем, ҳалол ва покиза, бихӯред. Зеро Худованд онҳоро бар шумо ҳаром накарда аст, балки танҳо хӯрдани мурдор, хун, гӯшти хук ва он чиро, ки барои ғайри Худо қурбонӣ кунанд, бар шумо ҳаром карда аст (магар дар ҳолати ноилоҷӣ, ки ночор ба хӯрдан бошад). Инҳост, ки бар шумо ҳаром шуда аст. Шумо аз пеши худ нагӯед: "Ин ҳаром ва он ҳалол аст", чунонки мушрикон мегуфтанд. Худованд дар сураи Анъом, оёти 138-140 аз он хабар додааст. Инҳо кори мушрикон аст. Аммо яҳуд, Худованд бар онон ҳаромҳои вижаеро қарор дода аст, ки дар ояти 146 сураи Анъом омадааст.

Аммо ту эй паёмбар! Мо ба ту ваҳй кардем: дар ҳалолу ҳаром пайрави миллати Иброҳим бош! Аз ҷумла умуре, ки дар шариати Иброҳим буд, рӯзи ҷумъа рӯзи истироҳати ҳафта аст, аммо рӯзи шанберо танҳо бар Бани Исроил таътил кардем ва кор дар он (рӯз) бар эшон ҳаром буд, чунонки дар ояти 163-и сураи Аъроф омадааст.

Бино бар он чи овардем, маънои табдили оят дар ин ҷо, танҳо табдили бархе аз аҳкоми Таврот бо аҳкоми Қуръон ва бозгашт ба шариати Иброҳими Халил[(а)] аст.

Он чи баёни моро таъкид мекунад, фармудаи Худои субҳон аст, ки мефармояд:

***Ва изо баддално оятан макона оятин..., Қолу иннамо анта муфтар..., Қул наззалаҳу рӯҳулқудус,*** зеро замири музаккар дар наззалаҳу ба маънои (оят) яъне ба "ҳукм" бозмегардад ва агар баҳс бар меҳвари табдили ояте буд, ки ҷузъи сура аст, шоистаи он буд, ки Худои субҳон мефармуд: ***қул наззалаҳо рӯҳулқудус,*** яъне замири муаннас меоварад на музаккар! (диққат кунед!)

***Дуввум: ояти насх. Ояте, ки дар байни оёти мадании сураи Бақара омадааст:***

Худои мутаол дар ин оёт фармудааст:

Эй Бани Исроил! Неъматҳои Худоро бар худ ба ёд оваред ва ба паймони ӯ вафо кунед. Паймоне, ки замони фиристодани Таврот ба шумо фармуд: "Он чи ба шумо додем пуртавон бигиред ва он чиро дар он аст, ёд кунед" ва дар он бошорати беъсати Хотами Анбиё[с] буд. Ба паймони худ бо Худо вафо кунед, то Худованд низ ба аҳде, ки бо шумо баста аст вафо намояд ва неъматашро дар дунё ва охират бар шумо фузунӣ бахшад. Ба он чи бар хотами расулон фиристодем имон оваред, ки ӯ дурустии ончиро назди шумо дар китобҳои Худост, ҳамаро собит мекунад. Ҳақро китмон накунед ва онро дониста бо ботил напӯшонед. Худованд ба Мӯсо[а] китоб дод ва пас аз ӯ низ, расулоне фиристод, ки Исо ибни Марям аз онон буд. Ӯст, ки бо бурҳонҳои равшан ва бо Рӯҳулқудс таъйидаш фармуд. Оё чунин нест, ки ҳар замон

паёмбаре чизе бар хилофи ҳавои нафси шумо овард, такаббур варзидед, иддаеро дурӯғзананда номидед ва ҷамъеро ба қатл расонидед?! Ва гуфтед: дилҳои мо дар ғилоф аст ва ин чизҳоро намефаҳмем! Ҳоло ҳам, ки Қуръон аз сӯи Худо барои шумо оварда аст ва ахбореро, ки назди шумост муҳаққақ мекунад, ба он кофир мешавед. Ин дар ҳоле аст, ки пеш аз ин барои пирӯзӣ бар куффор, номи ӯро шафеи худ қарор медодед. Ҳоло, ки паёмбар омада аст ва шумо ӯро шинохтаед, ба ӯ ва ба он чи Худо ваҳй карда аст, кофир шудед! Худро ба баҳои баде фурӯхтед, ки он чи Худо фиристода аст кофир шудед. Кофир шудед, ки чаро Худованд паёмбареро дар насли Исмоил қарор дода аст ва дар зуррияи Яъқуб нагузошта аст? Пас ба ғазаби Худо гирифтор шуданд ва барои кофирон азоби хоркунанда аст.

Ва ҳар гоҳ ба яҳуд гуфта шуд: ба он чи, ки Худованд бар Хотами паёмбарон фиристода аст, имон оваред, гуфтанд: мо танҳо ба он чи бар худамон нозил шуда аст имон оварда ва ба он чи бар ғайри мо нозил гардида аст, кофирем! Дар ҳоле ки он ҳақ аст ва ахбори китоби анбиёро тасдиқ ва исбот мекунад. Ахборе, ки дар бораи беъсати хотами анбиёст, дар назди онон мебошад.

Эй паёмбар! Ба онон бигӯ: агар худро мӯъмин ба Худо медонед, чаро анбиёи илоҳиро, ки пеш аз ин назди шумо омаданд, куштед?! Чӣ гуна мегӯед ба он чи бар шумо фиристода шуда аст имон меоваред, дар ҳоле ки Мӯсо[а] бо оёти равшане назди шумо омад ва шумо ба ҷои имон ба Худо, гӯсоларо парастидед?! Акнун ҳам, Худованд ҳамон гуна, ки оёти равшани

худро бар Мӯсо[а] нозил кард, он оётро бар хотами анбиёи худ Муҳаммад[с] низ фиристода аст ва ҷуз фосиқон, ҳеҷ кас ба он кофир нахоҳад шуд.

Агар яҳуд имон оваранд ва аз Худо битарсанд, яқинан Худо подоши ононро хоҳад дод. Вале чӣ суд, ки кофирони Аҳли китоб ва мушрикони Макка, хуш надоранд ҳеҷ гуна хабар ва китоби осмонӣ бар шумо мусулмонон нозил гардад, ҳол он ки Худованд ҳар киро бихоҳад ба раҳмати худ хусусият мебахшад.

Худованд ҳар ҳукмеро насх кунад ё онро ба таъхир андозад, беҳтар аз он ё ҳамонанди онро меоварад, Худованд бар ҳар коре тавоно аст.

Бисёре аз Аҳли китоб, ба он сабаб, ки ваҳйи илоҳӣ бар ғайри Бани Исроил нозил шуда аст, ҳасудона дӯст доранд шуморо аз имоне, ки ба Хотами Анбиё[с] доред, ба сӯи куфр бозгардонанд ва ин дар ҳоле аст, ки ҳақ буданаш ба онон ошкор шудааст! Ба шумо гуфтанд: ҳеҷ кас ҷуз яҳуд ё насоро дохили биҳишт намешавад, яъне шумо бо исломатон аз биҳишт маҳрумед! Бигӯ: далелатонро биёваред. Оре, ҳар кӣ ислом оварад ва корҳои шоиста анҷом диҳад, подоши ӯ назди Худо маҳфуз аст. Яҳуд ва насоро ҳаргиз аз ту розӣ намешаванд, магар он ки пайрави динашон гардӣ.

Пас аз он яҳудро мухотаб сохта ва фармуд: эй Бани Исроил! Неъматҳоеро, ки бар шумо бахшидам ва шуморо бар мардуми асри худатон бартарӣ додам ба ёд оваред ва аз рӯзи қиёмат парво кунед.

Сипас мавриди низоъ ва сабаби душманӣ миёни Паёмбар[с] ва яҳуд ва чигунагии онро баён дошта ва

мефармояд: мо нигоҳҳои интизоромези туро ба сӯи осмон барои таҳвили қибла аз Байтулмуқаддасро мебинем, акнун туро ба сӯи қиблае, ки аз он хушнуд бошӣ бармегардонем. Ҳар ҷо, ки ҳастӣ ту ва ҳамаи мусулмонон, рӯи худро ба сӯи Масҷидулҳаром бигардонед. Аҳли китоб, яҳуд, ки бо ту душманӣ мекунанд ва насоро, хуб медонанд, ки гардондани қибла ба сӯи Каъба, ҳақ ва аз ҷониби парвардигорашон мебошад ва ту ҳар гоҳ далел ва ояте барои онон оварӣ суханатро напазируфта ва аз қиблаат пайравӣ намекунанд.

Ба зудӣ сабукмағзоне аз мардум мегӯянд: чӣ чиз ононро аз Байтулмуқаддас - қиблаи собиқ бозгардонид?! Бигӯ: фармон, фармони Худо аст ва машриқу мағриб аз они ӯст. Ҳар киро бихоҳад ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Қибла қарор додани Байтулмуқаддас ва ба сӯи Макка гардондани он барои имтиҳони мардумон аст. Мардуми Маккаро бо гардондани қибла аз Каъба ба сӯи Байтулмуқаддас дар Макка ва яҳудро бо гардондани қибла аз Байтулмуқаддас ба сӯи Макка дар Мадина, имтиҳон мекунад то аён намояд, ки оё пас аз он ки донистанд ин мавзӯъ ҳақ ва аз ҷониби парвардигорашон мебошад, аз асабияти қавмию қабилагӣ ва исроилии худ даст мекашанд ва ба сӯи Байтулмуқаддас ва Каъба рӯ меоваранд, ё не!

Имтиҳони ин гурӯҳу он гурӯҳ барои он аст то пайравони Расулуллоҳ(с) аз касоне, ки ба ҷоҳилияти хеш бозмегарданд мушаххас шаванд. Чунон ки

намозҳоеро, ки пеш аз ин ба сӯи Байтулмуқаддас гузоридаанд, назди Худо табоҳ нахоҳад шуд.

Ва ба ин гуна равшан мешавад, ки мурод аз табдили ояте бо ояти дигар, ки дар оёти маккии сураи Наҳл, дар ёдоварии муҷодилаи қурайш омада аст, табдили ҳукм бо ҳукми дигар аз сӯи Худо аст. Шарҳи ин муҷодила дар оёти 138-146 сураи Анъом омада аст.

Ва низ равшан мешавад, ки мақсуд аз насхи оят ва поёни муддати он, дар достони яҳуди Мадина, насхи ҳукм дар шариати Мӯсо(а) ё поёни муддати ҳукми як шариати хос (барои ҳикмате, ки Худо медонад) будааст.

Роғиби Исфаҳонӣ дар тафсири вожаи “оят” роҳи дурустро ёфта аст. Ӯ мегӯяд:

"Ҳар ҷумлае, ки далолат бар ҳукме кунад "оят" аст, як сураи комил бошад, ё бахше аз як сура (ба эътибори маънои оят дар сура), ё бахшҳое чанд".

Пас, мақсуд аз табдили ояте бо ояти дигар ва насхи оят ва таъхир андохтани он, ки дар ду ояи карима омадааст, инҳо буд, ки гузашт. Дар баҳси оянда ҷойгоҳи насх ва ҳикмати он дар шариати Мӯсо(а)-ро –ба изни Худои мутаол-баррасӣ мекунем.

## *Шариати Мӯсо(а) махсуси Бани Исроил*

Шариати Мӯсо(а), ки дар Таврот омада аст вижаи Бани Исроил буд, чунон ки дар бахши чаҳорум аз боби сию сеюми “Сифри тасния” омадааст:

"Мӯсо моро ба суннате фармон дод, ки мероси ҷамоати Яъқуб бошад".

Яъне Мӯсо(а) моро ба шариате дастур дод, ки хоси ҷамоати Яъқуб, яъне Бани Исроил аст. Дар оёте, ки гузашт баёни ин вижагӣ низ омада буд. Дар баҳси оянда амри насхро-ба хости Худои мутаол-бо тафсили бештаре баррасӣ мекунем.

### Ҳақиқати насх дар шариати Мӯсо(а)

Мо дар ин баҳс, ибтидо достони Бани Исроил дар Қуръонро тибқи замон оварда, сипас ба амри насх дар шариати онон мепардозем:

***Нахуст: тазаккури Бани Исроил ба неъматҳои Худо***

1-Худованд дар сураи Бақара мефармояд:

***Ё бани Исро'ил, узкурӯ неъматиял латӣ анъамту ъалайкум ва аннӣ фаззалтукум ъалал ъоламӣн. ... Ва из наҷҷайнокум мин оли Фиръавна ясӯмунакум сӯ'ал ъазоби юзаббиҳӯна абноакум ва истаҳюна нисо'акум ва фӣ золикум балоун мин раббикум ъазӣм. Ва из фарақно бикумул баҳра фаанҷайнокум ва ағрақно ола Фиръавна ва антум танзурӯн. Ва из воъадно Мӯсо арбаъӣна лайлатан сумматтахазтумул ъиҷла мин баъдиҳи ва антум золимӯн Ê***

*Ä Эй Бани Исроил! Неъматҳоеро, ки ба шумо арзонӣ доштам ба ёд оваред ва ин ки, ман шуморо бар ҷаҳониён бартарӣ бахшидам... Ва ҳангоме ки шуморо аз чанголи Фиръавниён раҳонидем, онон ки шуморо ба бадтарин шакл шиканҷа медоданд, писарони шуморо сар мебуриданд ва занонатонро*

*зинда мегузоштанд. Ва дар инҳо имтиҳони бузурге аз сӯи парвардигоратон барои шумо буд. Ва ҳангоме ки баҳрро барои шумо шикофтем ва шуморо наҷот додем ва фиръавниёнро гарқ намудем, дар ҳоле ки шумо назора мекардед. Ҳангоме ки ба Мӯсо чиҳил шаб ваъда кардем, сипас шумо баъд аз ӯ гӯсоларо интихоб кардед, дар ҳоле ки ситамгар будед.*[1]

2-Дар сураи Аъроф мефармояд:

***Ва ҷовазно бибани Исроилал баҳра фа'атав ъало қавмин яъкуфӯна ъало асномин лаҳум қолӯ ё Мӯсо иҷъал лано илоҳан камо лаҳум олиҳатун, қола иннакум қавмун таҷҳалӯн*** Ê

Ä *Ва Бани Исроилро аз баҳр гузарондем, дар роҳ ба гурӯҳе расиданд, ки бо хузӯъ ва хоксорӣ давродаври бутҳои худ гирд омада буданд. Гуфтанд: эй Мӯсо! Барои мо маъбуде қарор деҳ, ҳамон гуна, ки онон маъбудҳое доранд! Гуфт: ростиро, ки шумо қавми нодонед!*[2]

3-Дар сураи Тоҳо фармуд:

---

[1]Сураи Бақара, ояи 47, 49, 50 ва 51.

يَا بَنِي إِسْرَائِيلَ اذْكُرُواْ نِعْمَتِيَ الَّتِي أَنْعَمْتُ عَلَيْكُمْ وَأَنِّي فَضَّلْتُكُمْ عَلَى الْعَالَمِينَ {47}
وَإِذْ نَجَّيْنَـاكُم مِّنْ آلِ فِرْعَوْنَ يَسُومُونَكُمْ سُوءَ الْعَذَابِ يُذَبِّحُونَ أَبْنَـاءكُمْ وَيَسْتَحْيُونَ نِسَاءكُمْ وَفِي ذَلِكُم بَلاءٌ مِّن رَّبِّكُمْ عَظِيمٌ {49}
وَإِذْ فَرَقْنَا بِكُمُ الْبَحْرَ فَأَنجَيْنَاكُمْ وَأَغْرَقْنَا آلَ فِرْعَوْنَ وَأَنتُمْ تَنظُرُونَ {50}
وَإِذْ وَاعَدْنَا مُوسَى أَرْبَعِينَ لَيْلَةً ثُمَّ اتَّخَذْتُمُ الْعِجْلَ مِن بَعْدِهِ وَأَنتُمْ ظَالِمُونَ {51}

[2] Сураи Аъроф, ояи 138.

وَجَاوَزْنَا بِبَنِي إِسْرَائِيلَ الْبَحْرَ فَأَتَوْاْ عَلَى قَوْمٍ يَعْكُفُونَ عَلَى أَصْنَامٍ لَّهُمْ قَالُواْ يَا مُوسَى اجْعَل لَّنَا إِلَـهاً كَمَا لَهُمْ آلِهَةٌ قَالَ إِنَّكُمْ قَوْمٌ تَجْهَلُونَ {138}

***Ва азаллаҳумус Сомирийю... Факазолика алқас Сомирийю. Фаахраҷа лаҳум ъиҷлан ҷасадан лаҳу хуворун фақолӯ ҳозо илоҳукум ва илоҳу Мӯсо... Валақад қола лаҳум Ҳорӯну мин қаблу ё қавми иннамо футинтум биҳи ва инна раббакумур раҳмону фаттабиъӯнӣ ва атӣъӯ амрӣ. Қолӯ лан набраҳа ъалайҳи ъокифӣна ҳатто ярҷиъа илайно Мӯсо Ê***

*ÄВа Сомирӣ ононро гумроҳ кард... Ва Сомирӣ ин тавр талқин кард ва барои онон муҷассамаи гӯсолае, ки садои гӯсола дошт, падид овард. Ва гуфтанд: ин Худои шумо ва Худои Мӯсо аст... Ва пеш аз он Ҳорун ба онон гуфта буд: эй қавми ман! Шумо бо ин, мавриди имтиҳон қарор гирифтаед! Парвардигори шумо Худованди раҳмон аст. Пас, аз ман пайравӣ кунед ва фармони маро итоат намоед. Гуфтанд: мо ҳаргиз ин корро тарк намекунем то Мӯсо ба сӯи мо баргардад.*[1]

4-Дар сураи Бақара мефармояд:

***Ва из қола Мӯсо лиқавмиҳи ё қавми иннакум заламтум анфусакум биттихозикумул ъиҷла фатӯбӯ ило бори'икум фақтулӯ анфусакум золикум хайрун лакум ъинда бори'икум***

[1]Сураи Тоҳо, ояи 85-91.

**...وَأَضَلَّهُمُ السَّامِرِيُّ {85} ... فَكَذَلِكَ أَلْقَى السَّامِرِيُّ {87} فَأَخْرَجَ لَهُمْ عِجْلاً جَسَداً لَهُ خُوَارٌ فَقَالُوا هَذَا إِلَهُكُمْ وَإِلَهُ مُوسَى... {88} وَلَقَدْ قَالَ لَهُمْ هَارُونُ مِن قَبْلُ يَا قَوْمِ إِنَّمَا فُتِنتُم بِهِ وَإِنَّ رَبَّكُمُ الرَّحْمَنُ فَاتَّبِعُونِي وَأَطِيعُوا أَمْرِي {90} قَالُوا لَن نَّبْرَحَ عَلَيْهِ عَاكِفِينَ حَتَّى يَرْجِعَ إِلَيْنَا مُوسَى {91}**

***фатоба ъалайкум иннаҳу ҳуват тавобур раҳӣм*** Ê

Ä*Ва (ба ёд оввидред) замонеро, ки Мӯсо ба қавми худ гуфт: эй қавми ман! Шумо бо интихоби гӯсола ба худ ситам кардед. Пас, тавба кунед ва ба сӯи Холиқи хеш бозгардед ва нафсҳоятонро бикушед. Ин кор барои шумо дар пешгоҳи Парвардигоратон беҳтар аст. Сипас Худованд тавбаи шуморо пазируфт, ки ӯ тавбапазир ва меҳрубон аст.*[1]

## *Дуввум: Таврот ва бархе аҳкоми он*

***1-Ва из ахазно мӣсоқакум ва рафаъно фавқакумут Тӯра хузӯ мо отайнокум биқувватин вазкурӯ мо фӣҳи лаъаллакум таттақӯн*** Ê

Худованд дар сураи Бақара мефармояд:

Ä*Ва (ба ёд оввидред) ҳангомеро ки аз шумо паймон гирифтем ва кӯҳи Тӯрро болои сари шумо қарор додем. (Ва гуфтем) Он чиро ба шумо додаем бо қудрат бигиред ва он чиро дар он аст ба ёд дошта бошед, шояд парҳезкор шавед.*[2]

---

[1] Сураи Бақара, ояи 54.

وَإِذْ قَالَ مُوسَى لِقَوْمِهِ يَا قَوْمِ إِنَّكُمْ ظَلَمْتُمْ أَنفُسَكُمْ بِاتِّخَاذِكُمُ الْعِجْلَ فَتُوبُواْ إِلَى بَارِئِكُمْ فَاقْتُلُواْ أَنفُسَكُمْ ذَلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ عِندَ بَارِئِكُمْ فَتَابَ عَلَيْكُمْ إِنَّهُ هُوَ التَّوَّابُ الرَّحِيمُ {54}

[2] Сураи Бақара, ояи 63

وَإِذْ أَخَذْنَا مِيثَاقَكُمْ وَرَفَعْنَا فَوْقَكُمُ الطُّورَ خُذُواْ مَا آتَيْنَاكُم بِقُوَّةٍ وَاذْكُرُواْ مَا فِيهِ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ {63}

наздик ба он дар ояи 93 ҳамин сура ва 171 сураи Аъроф.

2-Дар сураи Исро фармуда аст:

***Ва отайно Мӯсал китоба ва ҷаъалноҳу ҳудан либани Исро'ӣла... Ê***

***Ä****Мо ба Мӯсо китоби осмонӣ додем ва онро василаи ҳидояти Бани Исроил сохтем***...[1]

3-Дар сураи Оли Имрон мефармояд:

***Куллут таъоми кона ҳиллан либани Иср'ойла илло мо ҳаррама Исро'ӣлу ъало нафсиҳи мин қабли ан туназзалат Тавроту... Ê***

***Ä****Ҳамаи хӯрданиҳо бар Бани Исроил ҳалол буд***, *ҷуз он чи Исроил пеш аз нузули Таврот бар худ ҳаром карда буд***...[2]

4-Дар сураи Анъом фармуда аст:

***Ва ъалал лазӣна ҳодӯ ҳаррамно кулла зӣ зуфурин ва минал бақари вал ғанами ҳаррамно ъалайҳим шуҳӯмаҳумо илло мо ҳамалат зуҳӯруҳумо авил ҳавоё ав мо ихталата биъазмин золика ҷазайноҳум бибағйиҳим ва инно ласодиқӯн Ê***

---

**وَإِذ نَتَقْنَا الْجَبَلَ فَوْقَهُمْ كَأَنَّهُ ظُلَّةٌ وَظَنُّواْ أَنَّهُ وَاقِعٌ بِهِمْ خُذُواْ مَا آتَيْنَاكُم بِقُوَّةٍ وَاذْكُرُواْ مَا فِيهِ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ** {171}

[1] Сураи Исро, ояи 2.

**وَآتَيْنَا مُوسَى الْكِتَابَ وَجَعَلْنَاهُ هُدًى لِّبَنِي إِسْرَائِيلَ...** {2}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 93.

**كُلُّ الطَّعَامِ كَانَ حِلاًّ لِّبَنِي إِسْرَائِيلَ إِلاَّ مَا حَرَّمَ إِسْرَائِيلُ عَلَى نَفْسِهِ مِن قَبْلِ أَن تُنَزَّلَ التَّوْرَاةُ ...** {93}

*Ä Ва ба яҳудиён, ҳар ҳайвони нохундорро ҳаром кардем ва аз гову гӯсфанд, пеҳу чарбиашонро бар онон ҳаром намудем, магар чарбиҳое, ки бар пушт гирифта ё дар паҳлуҳо доранд ва ё онҳо, ки бо устухон омехта аст. Инро ба хотари ситаме, ки мекарданд ба онҳо кайфар додем. Ва мо рост мегӯем.*[1]

5-Дар сураи Наҳл мефармояд:

***Ва ъалал лазӣна ҳодӯ ҳаррамно мо қасасно ъалайка мин қаблу ва мо заламноҳум ва локин конӯ анфусаҳум язлимӯн Ê***

*Ä Чизҳоеро, ки пеш аз ин барои ту шарҳ додем, бар яҳуд ҳаром кардем. Мо ба онҳо ситам накардем, вале онон ба худашон ситам мекарданд.*[2]

6-Дар сураи Нисо фармуда аст:

*Аҳли китоб аз ту мехоҳанд китобе аз осмон бар онон нозил кунӣ. Онон аз Мӯсо бузургтар аз инро хостанд ва гуфтанд: Худоро ошкоро ба мо нишон деҳ!... Вале мо аз он даргузаштем... Ва ба онон гуфтем: дар (рӯзи) шанбе саркашӣ накунед. Ва аз онон паймони маҳкаме гирифтем. Ба хотири*

---

1 Сураи Анъом, ояи 146.

وَعَلَى الَّذِينَ هَادُواْ حَرَّمْنَا كُلَّ ذِي ظُفُرٍ وَمِنَ الْبَقَرِ وَالْغَنَمِ حَرَّمْنَا عَلَيْهِمْ شُحُومَهُمَا إِلاَّ مَا حَمَلَتْ ظُهُورُهُمَا أَوِ الْحَوَايَا أَوْ مَا اخْتَلَطَ بِعَظْمٍ ذَلِكَ جَزَيْنَاهُم بِبَغْيِهِمْ وِإِنَّا لَصَادِقُونَ {146}

2 Сураи Наҳл, ояи 118.

وَعَلَى الَّذِينَ هَادُواْ حَرَّمْنَا مَا قَصَصْنَا عَلَيْكَ مِن قَبْلُ وَمَا ظَلَمْنَاهُمْ وَلَكِن كَانُواْ أَنفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ {118}

*паймоншиканиашон ва инкори оёти Худо ва куштани паёмбарон... Ва ба хотири куфрашон ва тӯҳмати бузурге, ки бар Марям заданд. Ба хотири зулме, ки аз яҳуд содир шуд ва ба хотири боздоштанашон аз роҳи Худо, бахше аз покизаҳоеро, ки бар онон ҳалол буд, бароящон ҳаром кардем. Ва низ, ба хотири рибо гирифтан, дар ҳоле ки аз он наҳй шуда буданд ва хӯрдани амволи мардум ба ботил.*[1]

7-Дар сураи Аъроф мефармояд:

***Вас'алҳум ъанил қарятил латӣ конат ҳозиратал баҳри из яъдӯна фӣс сабти из та'тӣҳим ҳӣтонуҳум явма сабтиҳим шурраъан ва явма ло ясбитӯна ло та'тӣҳим казолика наблӯҳум бимо конӯ яфсуқӯн*** **Ê**

**Ä** *Ва аз онон дар бораи шаҳре, ки дар соҳили баҳр буд бипурс! Замоне ки дар рӯзи шанбе таҷовуз мекарданд, он гоҳ ки моҳиёнашон рӯзи шанбе ошкор мешуданд, аммо дар ғайри рӯзи шанбе ин тавр*

---

[1] Сураи Нисо, ояи 153-161.

يَسْأَلُكَ أَهْلُ الْكِتَابِ أَن تُنَزِّلَ عَلَيْهِمْ كِتَاباً مِّنَ السَّمَاءِ فَقَدْ سَأَلُواْ مُوسَى أَكْبَرَ مِن ذَلِكَ فَقَالُواْ أَرِنَا اللّهِ جَهْرَةً ...فَعَفَوْنَا عَن ذَلِكَ } ...{153} وَرَفَعْنَا فَوْقَهُمُ الطُّورَ بِمِيثَاقِهِمْ ...وَقُلْنَا لَهُمْ لاَ تَعْدُواْ فِي السَّبْتِ وَأَخَذْنَا مِنْهُم مِّيثَاقاً غَلِيظاً {154} فَبِمَا نَقْضِهِم مِّيثَاقَهُمْ وَكُفْرِهِم بَآيَاتِ اللّهِ وَقَتْلِهِمُ الأَنْبِيَاءَ... {155} وَبِكُفْرِهِمْ وَقَوْلِهِمْ عَلَى مَرْيَمَ بُهْتَاناً عَظِيماً {156} فَبِظُلْمٍ مِّنَ الَّذِينَ هَادُواْ حَرَّمْنَا عَلَيْهِمْ طَيِّبَاتٍ أُحِلَّتْ لَهُمْ وَبِصَدِّهِمْ عَن سَبِيلِ اللّهِ كَثِيراً {160} وَأَخْذِهِمُ الرِّبَا وَقَدْ نُهُواْ عَنْهُ وَأَكْلِهِمْ أَمْوَالَ النَّاسِ بِالْبَاطِلِ... {161}

*зоҳир намешуданд. Инчунин ононро ба чизе имтиҳон кардем, ки нофармонӣ мекарданд.*[1]

8-Дар сураи Наҳл фармуда аст:

***Иннамо ҷуъилас сабту ъалал лазӣнахталафӯ фӣҳи*** Ê

Ä *Рӯзи шанбе танҳо ба унвони як муҷозот буд, бар касоне, ки дар он ихтилоф карданд...*[2]

***Сеюм: Неъматҳои Худо бар Бани Исроил ва саркашию нофармонии онон***

1-Худованд дар сураи Аъроф мефармояд:

*Мо Бани Исроилро ба дувоздаҳ тира аз як дудмон (бо шохаҳои ҷудо аз ҳам) тақсим кардем. Ва*

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 163,

وَاسْأَلْهُمْ عَنِ الْقَرْيَةِ الَّتِي كَانَتْ حَاضِرَةَ الْبَحْرِ إِذْ يَعْدُونَ فِي السَّبْتِ إِذْ تَأْتِيهِمْ حِيتَانُهُمْ يَوْمَ سَبْتِهِمْ شُرَّعاً وَيَوْمَ لاَ يَسْبِتُونَ لاَ تَأْتِيهِمْ كَذَلِكَ نَبْلُوهُم بِمَا كَانُوا يَفْسُقُونَ {163}

Ва низ дар сураи Бақара, ояи 65,

وَلَقَدْ عَلِمْتُمُ الَّذِينَ اعْتَدَواْ مِنكُمْ فِي السَّبْتِ فَقُلْنَا لَهُمْ كُونُواْ قِرَدَةً خَاسِئِينَ {65}

ва Нисо, оёти 47 ва 154 зикре дар ин маврид шуда аст.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ أُوتُواْ الْكِتَابَ آمِنُواْ بِمَا نَزَّلْنَا مُصَدِّقاً لِّمَا مَعَكُم مِّن قَبْلِ أَن نَّطْمِسَ وُجُوهاً فَنَرُدَّهَا عَلَى أَدْبَارِهَا أَوْ نَلْعَنَهُمْ كَمَا لَعَنَّا أَصْحَابَ السَّبْتِ وَكَانَ أَمْرُ اللّهِ مَفْعُولاً {47}

...وَقُلْنَا لَهُمْ لاَ تَعْدُواْ فِي السَّبْتِ وَأَخَذْنَا مِنْهُم مِّيثَاقاً غَلِيظاً {154}

[2] Сураи Наҳл, ояи 124.

إِنَّمَا جُعِلَ السَّبْتُ عَلَى الَّذِينَ اخْتَلَفُواْ فِيهِ وَإِنَّ رَبَّكَ لَيَحْكُمُ بَيْنَهُمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ فِيمَا كَانُواْ فِيهِ يَخْتَلِفُونَ {124}

*ҳангоме ки қавми Мӯсо аз ӯ об хостанд, ба ӯ ваҳй кардем, ки: асои худро бар санг бизан! Ногаҳон дувоздаҳ чашма аз он берун ҷаст, ба гунае ки ҳар гурӯҳ макони обхӯрии худро мешинохт. Ва абрро бар онҳо соябон кардем ва "манн ва салво"[1]-ро бар онон фиристодем. (Ва гуфтем) Аз рӯзиҳои покизае, ки ба шумо додаем, бихӯред. Онон ба мо ситам накарданд, вале ба худашон ситам мекарданд. Ва ҳангоме ки ба онҳо гуфта шуд: дар ин шаҳр (Байтулмуқаддас) сокин шавед ва аз ҳар ҷо хостед аз он бихӯред ва бигӯед: Худовандо! Гуноҳони моро бирез! Ва бо тавозӯъ аз он дар ворид шавед то гуноҳони шуморо бибахшем ва некӯкоронро подоши афзунтар бидиҳем. Аммо ситамгарони онҳо ин суханро ба ғайри он чи ба онон гуфта шуда буд тағир доданд ва мо ба хотири ин ки пайваста ситамгар буданд, балое аз осмон барояшон фиристодем.*[2]

2-Дар сураи Моида фармуда аст:

---

[1] Манну салво: номи таом

[2] Сураи Аъроф, ояи 160-162.

وَقَطَّعْنَاهُمُ اثْنَتَيْ عَشْرَةَ أَسْبَاطاً أُمَماً وَأَوْحَيْنَا إِلَى مُوسَى إِذِ اسْتَسْقَاهُ قَوْمُهُ أَنِ اضْرِب بِّعَصَاكَ الْحَجَرَ فَانبَجَسَتْ مِنْهُ اثْنَتَا عَشْرَةَ عَيْناً قَدْ عَلِمَ كُلُّ أُنَاسٍ مَّشْرَبَهُمْ وَظَلَّلْنَا عَلَيْهِمُ الْغَمَامَ وَأَنزَلْنَا عَلَيْهِمُ الْمَنَّ وَالسَّلْوَى كُلُواْ مِن طَيِّبَاتِ مَا رَزَقْنَاكُمْ وَمَا ظَلَمُونَا وَلَكِن كَانُواْ أَنفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ {160} وَإِذْ قِيلَ لَهُمُ اسْكُنُواْ هَذِهِ الْقَرْيَةَ وَكُلُواْ مِنْهَا حَيْثُ شِئْتُمْ وَقُولُواْ حِطَّةٌ وَادْخُلُواْ الْبَابَ سُجَّداً نَّغْفِرْ لَكُمْ خَطِيئَاتِكُمْ سَنَزِيدُ الْمُحْسِنِينَ {161} فَبَدَّلَ الَّذِينَ ظَلَمُواْ مِنْهُمْ قَوْلاً غَيْرَ الَّذِي قِيلَ لَهُمْ فَأَرْسَلْنَا عَلَيْهِمْ رِجْزاً مِّنَ السَّمَاءِ بِمَا كَانُواْ يَظْلِمُونَ {162}

*Ва ҳангомеро ки Мӯсо ба қавми худ гуфт: эй қавми ман! Неъмати Худоро бар худ ба ёд оваред он гоҳ, ки дар миёни шумо паёмбароне қарор дод ва шуморо ҳоким гардонид. Ва ба шумо чизҳое бахшид, ки ба ҳеҷ як аз ҷаҳониён надода буд. Эй қавми ман! Ба сарзамини муқаддасе, ки Худованд барои шумо муқаррар дошта аст, ворид шавед ва ба пушти сари худ бознагардед, ки зиёнкор шавед. Гуфтанд: эй Мӯсо! Дар он ҷо гурӯҳе ситамгаранд ва мо ҳаргиз вориди он намешавем то онҳо аз он хориҷ шаванд. Агар онҳо аз он ҷо хориҷ шаванд мо ворид хоҳем шуд. Ду нафар аз мардоне, ки аз Худо метарсиданд ва Худованд бар онон неъмат дода буд, гуфтанд: шумо аз дарвозаи шаҳр бар онон дароед, замоне ки ворид шавед, пирӯзед. Ва бар Худо таваккул кунед агар имон доред. Гуфтанд: эй Мӯсо! То замоне, ки онон дар он ҷо ҳастанд, мо ҳаргиз вориди он нахоҳем шуд! Ту ва парвардигорат биравед ва биҷангед, мо ҳамин ҷо нишастаем. Гуфт: Парвардигоро! Ман танҳо ихтиёри худ ва бародарамро дорам, миёни мо ва ин ҷамоати гуноҳкор ҷудоӣ бияфкан. Фармуд: ин сарзамин то чиҳил сол бар онҳо мамнӯъ аст. Онон пайваста саргардон хоҳанд буд ва ту бар ин қавми гуноҳкор, ғамгин мабош.*[1]

---

[1] Сураи моида, ояи 20-26.

وَإِذْ قَالَ مُوسَى لِقَوْمِهِ يَا قَوْمِ اذْكُرُواْ نِعْمَةَ اللّهِ عَلَيْكُمْ إِذْ جَعَلَ فِيكُمْ أَنبِيَاء وَجَعَلَكُم مُّلُوكاً وَآتَاكُم مَّا لَمْ يُؤْتِ أَحَداً مِّن الْعَالَمِينَ {20} يَا قَوْمِ ادْخُلُوا الأَرْضَ المُقَدَّسَةَ الَّتِي كَتَبَ اللّهُ لَكُمْ وَلاَ تَرْتَدُّوا عَلَى أَدْبَارِكُمْ فَتَنقَلِبُوا خَاسِرِينَ {21} قَالُوا يَا مُوسَى إِنَّ فِيهَا قَوْماً جَبَّارِينَ وَإِنَّا لَن نَّدْخُلَهَا حَتَّىَ يَخْرُجُواْ مِنْهَا فَإِن يَخْرُجُواْ مِنْهَا فَإِنَّا

## Шарҳи вожаҳо

**Исроил:** Яъқуб, фарзанди Исҳоқ, писари Иброҳими Халил[(а)]. Лақаби ӯ Исроил аст, яъне Бани Исроил аз насли ӯ ва аз дувоздаҳ писараш мебошанд.

**Ясӯмӯнакум:** азобатон мекарданд, азоби хоркунанда.

**Ястаҳюна:** зинда мегузоштанд.

**Яъкуфӯн:** хозеона ибодат мекарданд, ҳамеша дар ҳолати ибодати хоксорона буданд.

**Хувор:** садои гов ва гӯсфанд.

**Лан набраҳа:** ҷудо намешавем.

**Футинтум**: имтиҳон шудед. Фитнаи Худо барои имтиҳони бандагон аст ва фитнаи Иблис ва мардум гумроҳӣ ва ба заҳмат афкандан мебошад. Худованд дар бораи фитнаи Иблис ба мардум ҳушдор дода ва фармуд:

***Ё Бани Одам ло яфтананнакумуш шайтон* Ê**

**Ä** *Эй фарзанди Одам! Шайтон шуморо нафиребад!*

Ва дар бораи фитнаи мардум фармуд:

***Иннал лазӣна фатанул му'минина вал му'миноти сумма лам ятубу, фалаҳум ъазобу ҷаҳаннам ва лаҳум ъазобун ҳариқ* Ê**

---

دَاخِلُونَ {22} قَالَ رَجُلاَنِ مِنَ الَّذِينَ يَخَافُونَ أَنْعَمَ اللّهُ عَلَيْهِمَا ادْخُلُواْ عَلَيْهِمُ الْبَابَ
فَإِذَا دَخَلْتُمُوهُ فَإِنَّكُمْ غَالِبُونَ وَعَلَى اللّهِ فَتَوَكَّلُواْ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ {23} قَالُواْ يَا
مُوسَى إِنَّا لَن نَّدْخُلَهَا أَبَداً مَّا دَامُواْ فِيهَا فَاذْهَبْ أَنتَ وَرَبُّكَ فَقَاتِلا إِنَّا هَاهُنَا قَاعِدُونَ
{24} قَالَ رَبِّ إِنِّي لا أَمْلِكُ إِلاَّ نَفْسِي وَأَخِي فَافْرُقْ بَيْنَنَا وَبَيْنَ الْقَوْمِ الْفَاسِقِينَ
{25} قَالَ فَإِنَّهَا مُحَرَّمَةٌ عَلَيْهِمْ أَرْبَعِينَ سَنَةً يَتِيهُونَ فِي الأَرْضِ فَلاَ تَأْسَ عَلَى الْقَوْمِ
الْفَاسِقِينَ {26}

Ӓ*Касоне ки мардон ва занони боимонро шиканҷа дода ва ба заҳмат афкананд, сипас тавба накарданд, барои онон азоби дӯзах ва азоби оташи сӯзон аст.*

**Бори’:** ҳастибахш.

**Асботан:** асбот дар ин ҷо ба маънои қабила аст.

**Фанбаҷасат:** фаввора зад, берун ҷаст.

**Алманну вас салво:** алманн: чизе монанди асали сахт, часпанда ва ширин. Ассалво: мурғи самонӣ, билдирчин ва парандагони ҳавзаи баҳри Миёназамин, ки дар зимистон ба Миср ва Судон муҳоҷират мекунанд.

**Ҳиттатун:** гуноҳони моро бирез, бори моро сабук кун.

**Рафаъно:** боло бурдем, барафроштем.

**Мисоқакум:** паймони шумо, мисоқ: паймони муаккад, пойбанд шудан ба аҳду паймон.

**Арриҷз:** азоб, риҷзушшайтон: васвасаҳои шайтон.

**Ятайиихӯн:** ҳайрон мешаванд, роҳро гум мекунанд.

**Ло та’са:** ғамгин машав, афсӯс махӯр.

**Ло таъду:** таҷовуз накунед, ситам нанамоед.

**Мисоқан ғализан:** аҳду паймони маҳкам ва устувор.

**Алҳавоё:** рӯдаҳо.

**Шурраъан:** ошкоро ва наздик.

**Ҷаъала лаҳум:** қонун гузорад ва муқаррар кард барои онон.

## Тафсири оёт

Худованд дар оёти гузашта ба Бани Исроил фармуд: Неъматҳоеро бар шумо бахшидам, дар миёни шумо паёмбарону ҳокимон қарор додам ва неъмати "манн ва салво"-ро, ки ба ҳеҷ як аз ҷаҳониён дода нашуда аст, рӯзии шумо гардондам. Ин неъматҳоро ба ёд оваред.

Худои Субҳон ононро аз зиллати бардагии Фиръавн, кушта шудани фарзандон ва зинда нигоҳ доштани занон барои канизӣ наҷот дод. Фиръавну сипоҳиёнашро ғарқ кард ва ононро аз баҳр убур дод, бо ин вуҷуд онон ҳамин ки диданд гурӯҳе ба ибодати бутҳо машғуланд, ба Мӯсо(а) гуфтанд: барои мо низ буте ҳамонанди бутҳои инон қарор деҳ то онро парастиш кунем! Ва низ, ҳангоме ки Мӯсо(а) барои дарёфти Таврот ба кӯҳи Тӯр рафт, ба парастиши гӯсола бархостанд! Мӯсо(а) ба онон фармон дод то ба он сарзамини муқаддас, ки Худо барои онон тақдир карда буд, дароянд. Гуфтанд: эй Мӯсо! Дар он ҷо гурӯҳе (Амолиқа) зӯргӯ ва ситамгаранд. Мо то замоне, ки онҳо аз он ҷо берун наоянд вориди он намешавем. Яшӯъ ё Ясаъ ва фарди дигаре аз онон гуфтанд: эй Мӯсо! Ту ва парвардигорат бираведа ва бо "амолиқа" биҷангед, мо ҳамин ҷо нишастаем! Мӯсо гуфт: Парвардигоро! Ман танҳо ба худам ва бародарам ихтиёр дорам, миёни мо ва ин қавми гуноҳкор ҷудоӣ бияфкан! Худои субҳон фармуд: ин сарзамини муқаддас чиҳил сол ба инон ҳаром шуд. Дар ин муддат дар саҳрои Сино ҳайрон ва гумгашта хоҳанд монд. Ту бар ин гуноҳкорон андӯҳгин мабош.

Худованд дар сураи Аъроф дар бораи онон мефармояд:

Бани Исроилро ба дувоздаҳ фирқа тақсим кардем. Ва ҳангоме ки аз Мӯсо об хостанд, ба ӯ ваҳй кардем: асояшро бар он санг бизанад. Дувоздаҳ чашма аз он ҷӯшидан гирифт (барои ҳар як аз фирқаҳо як чашма). Абрро низ бар сари онон густаронид то аз ҳарорати

хуршед дар амон бошанд. Ширинии асалгуна ва гӯшти паррандаро ба онон хӯронд ва пас аз тай намудани масофат ба онон гуфта шуд: дар ин шаҳре, ки рӯ ба рӯи шумост маскан гузинед ва аз маҳсулоти он бихӯред ва дар ҳини вуруд ба дарвозаи шаҳр Худоро сипос гӯед ва барои ӯ саҷда намоед ва бигӯед: "ҳиттатун", яъне Худоё гуноҳони моро бирез. Ситамкорон ин вожаро тағйир доданд ва ба ҷои "ҳиттатун" ҳинтатун[1] гуфтанд, яъне мо аз паси гандум ҳастем! Худованд низ ба сабаби ин аъмол азоби осмониро бар онон нозил фармуд.

Худованд дар сураи Нисо дар бораи онон фармуд:

Эй паёмбар! Аҳли китоб аз ту мехоҳанд то китоберо аз осмон бар онон нозил кунӣ. Инҳо пеш аз ин аз Мӯсо бузургтар аз онро хостанд ва гуфтанд: Худоро ошкоро ба мо нишон деҳ то бо чашмони худ ӯро бибинем! Мо аз гуноҳонашон даргузаштем ва кӯҳи Тӯрро бар болояшон афроштем.

Маҳбубтарин хӯрданӣ ва нӯшидании Исроил[(а)] шир ва гӯшти шутур буд. Яъқуб дучори навъе аз беморӣ шуд ва Худо ӯро шифо дод. Ӯ низ маҳбубтарин хӯрданӣ ва нӯшидании худ, яъне гӯшти шутур ва шири шутурро (барои сипос аз Худованд) бар хештан ҳаром кард. Ӯ ҳамчунин чарбиҳои ҷигар ва гурда ва пеҳро (ғайр аз он чи бар пушти ҳайвон аст) бар худ ҳаром

---

[1] Дар тафсири оят дар “Биҳоруланвор” ва “Маҷмаулбаён” ҳамин хел омада аст.

кард, зеро ин чарбиро дар гузашта барои қурбонӣ мебурданд ва оташ онро мехӯрд.[1]

Аз ҷумлаи паймонҳои яҳуд бо Худованд дар бораи ақоид он буд, ки: ба касоне, ки Мӯсо ибни Имрон(а) беъсати ононро башорат дода аст, яъне беъсати Исо(а) ва беъсати Хотами Анбиё(с), имон биёваранд. Ин башоратро қаблан (аз Сифри таснияи Таврот) овардем.

Дар бораи аҳком низ аҳд карданд, ки дар рӯзи шанбе аз таътили кор сарпечӣ накунанд. Худованд дар ин бора паймони сахт ва маҳкаме аз онон гирифта буд.

Онон паймонҳои худро шикастанд ва ба оёти Худо куфр варзиданд ва ба Марям(а), он бонуи покиза ва мутаҳҳар, дурӯғи бузургеро нисбат доданд. Худованд низ, барои адаб кардани онон, покизаҳоеро, ки бар эшон ҳалол буд, барояшон ҳаром кард. Чунонки вақте ба парастиши гӯсола бархостанд, онҳоро фармон дод то ҳамдигарро бикушанд, яъне ҳар ки ба гӯсола имон наоварда буд, гӯсолапарастонро бикушад. Ҳамчунин, чун садди роҳи имон овардан ба Худо мешуданд ва муомилот рибоӣ мекарданду рибо мехӯрданд, бо он ки аз рибо наҳй шуда буданд, покизаҳои ҳалол бар онон ҳаром гардид.

Мухолифати дигари онон шикастани паймоне буд, ки бо Худо баста ва қатъан аз сайди моҳӣ дар рӯзи шанбе мамнӯъ шуда буданд. Моҳиён дар рӯзи шанбе ошкоро ба наздики соҳил меомаданд, вале дар рӯзҳои

---

[1] Сираи Ибни Ҳишом, чопи Ҳиҷозӣ, ҷ. 2, саҳ. 168-169. Он чи дар матн овардем аз Тафсири Табарӣ ва Суютӣ аст. Ба назар мерасад он чи дар Сираи Ибни Ҳишом аст аз он чи ки дар матн овардем дурусттар бошад.

дигар чунин намекарданд. Ин имтиҳони махсуси онон буд. Таътили рӯзи шанбе танҳо барои Бани Исроил буд, ҳамоно дар бораи он ихтилоф карданд.

Худои мутаол дар сураи Нисо мефармояд:

Яҳудиёни Аҳли китоб аз ту мехоҳанд то китоби махсусе барои онон аз осмон биёварӣ. Онон бузургтар аз инро аз паёмбарашон Мӯсо(а) хостанд ва гуфтанд: Худоро ошкоро ба мо нишон деҳ то бо чашмони худ ӯро бубинем! Мо аз ин хатои бузурги онон даргузаштем ва кӯҳи Тӯрро бар фарозашон афроштем ва паймонҳои сахт ва маҳкам аз онон гирифтем, ки ҳар чи Мӯсо ибни Имрон(а) барояшон овард ба он амал кунанд. Бахше аз паймони мо, имон ба анбиёи Худо ба хусус ба Исо ибни Марям(а) ва Муҳаммад ибни Абдуллоҳ(с) буд. Онон ба Марями Узро тӯҳмат заданд, ба аҳкоми Таврот дурӯғ бастанд, анбиёи Худоро инкор карда ва бисёреро куштанд, аз роҳи Худо боздоштанд, рибо гирифтанд ва амволи мардумро нораво хӯрданд! Мо низ, ба сабаби ин ҳама ситам, покизаҳоеро, ки пеш аз ин бар эшон ҳалол буд, барояшон ҳаром кардем. Аз ҷумлаи чизҳои ҳаромкардашуда бар онҳо, сайди моҳӣ дар рӯзи шанбе барои соҳилнишинон буд. Он ҷо, ки моҳиҳо дар ин рӯз ошкоро ба онон наздик шуда ва худнамоӣ мекарданд!

## Натиҷаи баҳс

Худованд Бани Исроилро бар "фиръавниён"-и Миср ва "амолиқа"-и Шом ва дигар миллатҳои муосири онон бартарӣ бахшида буд. Паёмбароне ҳамчун Мӯсо,

Ҳорун, Исо ва авсиёи ононро дар байни эшон барангехт ва муҳимтар аз ҳама, Тавротро пеши рӯи онон қарор дод. Аз эшон паймонҳои маҳкам гирифт то ба он чи дар китобҳояшон омада амал намоянд. Неъмати "манн ва салво" ва ҷорӣ намудани об аз санг ва ғайри онро, барояшон арзонӣ дод. Онон дар баробари ин ҳама неъмат, оёти Худоро инкор карданд ва гӯсолапараст шуданд. Рибо гирифтанд, амволи мардумонро хӯрданд ва ҳар гуна нофармонии дигарро ба ҷой оварданд. Чунин мардуме барои тарбияти нафсҳои олудаи худ ниёзманди он шуданд то Худованд, куштани худашонро бар онон воҷиб ва кори дунёӣ дар рӯзи шанберо барояшон ҳаром намояд. Онон дар бораи тарки амал дар рӯзи шанбе ихтилоф карданд, чунон ки мардуми он шаҳри соҳилӣ низ, дар ин бора макру ҳела карданд.[1] Худованд ҳар чиро Исроил бар худ ҳаром карда буд (хӯрдани чарбии гӯшт ва гӯшти шутур ва монанди онро) бар онон низ, ҳаром фармуд. Илова бар он, чун Бани Исроил ҳамеша ниёзманди ҳамбастагӣ ва иттиҳоди қабилаи худ буданд то битавонанд бо амолиқа ва қибтиҳои саркаш, ки давродаври онҳоро гирифта буданд, муқобила намоянд. Худованд низ (пеш аз он ки Сулаймон масҷиди маъруф ба “Ҳайкали Сулаймон”-ро бино кунад) бар онон воҷиб фармуд то барои ибодат ҳамагӣ ба сӯи "Хаймаи иҷтимоъ" бигарданд ва маросими динии худро ба сарпарастии фарзандони Ҳорун ба ҷой оваранд. Ҳамон гуна, ки Исо ибни Марям[(а)] ва модараш

---

[1] Ба моддаи “сабт” дар китоби “Қомуси Китоби муқаддас” ва тафсири оят дар Тафсири Табарӣ, Ибни Касир, Суютӣ ва ғайра муроҷиат шавад.

Марям[(а)]-ро ки аз насли Довуд (зодаи Яҳудои Бани Исроил) буданд ба сӯи онон фиристод ва бархе аз он чиро, ки бар эшон ҳаром карда буд, ҳалол фармуд. Чунон ки аз забони Исо[(а)] дар сураи Оли Имрон мефармояд:

> ***Аннӣ қад ҷиʼтукум биоятин мин раббикум... Ва мусаддиқан лимо байна ядайя минат Тавроти ва лиуҳилла лакум баъзал лазӣ ҳуррима ъалайкум...*** **Ê**
>
> **Ä...** *Ман нишонае аз парвардигоратон барои шумо овардаам...* *Ва он чи пеш аз ман дар Таврот буд тасдиқу исбот мекунам ва омадаам то бархе аз чизҳоро, ки бар шумо ҳаром шуда буд, ҳалол намоям...*[1]

Бино бар он чи овардем, равшан шуд, ки анбиёи Бани Исроил, аз Мӯсо ибни Имрон то Исо ибни Марям[(а)] ба сӯи Бани Исроил фиристода шудаанд ва бархе аҳкоми шаръии Таврот танҳо барои маслиҳати Бани Исроил нозил шуда аст. Бино бар ин, чунин аҳкоме муваққатӣ аст ва аз қабили таҳрими чизҳое аст, ки Исроил бар худ ҳаром карда буд. Аз ин сабаб муддати бархе аз онҳо бо беъсати Исо ибни Марям[(а)] поён ёфт ва он ҳазрат порае аз он ҳаромҳоро барои онон ҳалол кард. Муддати пораи дигаре аз онҳо низ, то беъсати Хотами Анбиё[(с)] буд, ки он ҳазрат омад ва

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 49-50.

...أَنِّي قَدْ جِئْتُكُم بِآيَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ... {49} وَمُصَدِّقاً لِّمَا بَيْنَ يَدَيَّ مِنَ التَّوْرَاةِ وَلِأُحِلَّ لَكُم بَعْضَ الَّذِي حُرِّمَ عَلَيْكُمْ... {50}

ҳукми ҳамаро баён фармуд. Худои субҳон дар сураи Аъроф ин мавзӯъро ин тавр баён медорад:

***Аллазӣна яттабиъӯнар расӯла, ан-набийял уммиял лазӣ яҷидӯнаҳу мактубан ъиндаҳум фит Тавроти вал Инҷӣли я'муруҳум бил маъртфи ва янҳоҳум ъанил мункари ва юҳиллу лаҳумут таййиботи ва юҳарриму ъалайҳимул хабоиса ва язаъа ъанҳум исраҳум вал ағлолал латӣ конат ъалайҳим...* Ê**

*Ä Онон, ки ин расул (набии уммӣ)-ро пайравӣ мекунанд, паёмбаре, ки сифоташро дар Таврот ва Инҷиле, ки назди худ доранд, меёбанд. Ононро ба маъруф амр карда ва аз мункар боз медорад. Покизаҳоро барои онон ҳалол ва нопокҳоро барояшон ҳаром мекунад. Борҳои сангинашонро аз онон бардошта ва занҷирҳои бар онҳо бударо мекушояд.*[1]

Исраҳум: борҳои сангини онҳо, яъне таколифи сахте, ки бар ӯҳдаашон буда аст.

**Ø Ø Ø**

Ин шаъни "насх" дар шариати Мӯсо[(а)] нисбат ба шариатҳои пеш аз он буд. Бархе аз он чи дар шариати Мӯсо[(а)] буд, дар шариати Хотами Анбиё[(с)] низ насх

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 157.

**الَّذِينَ يَتَّبِعُونَ الرَّسُولَ النَّبِيَّ الأُمِّيَّ الَّذِي يَجِدُونَهُ مَكْتُوباً عِندَهُمْ فِي التَّوْرَاةِ وَالإِنْجِيلِ يَأْمُرُهُم بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَاهُمْ عَنِ الْمُنكَرِ وَيُحِلُّ لَهُمُ الطَّيِّبَاتِ وَيُحَرِّمُ عَلَيْهِمُ الْخَبَآئِثَ وَيَضَعُ عَنْهُمْ إِصْرَهُمْ وَالأَغْلاَلَ الَّتِي كَانَتْ عَلَيْهِمْ...** {157}

гардид. Навъи дигаре аз "насх" он аст, ки танҳо дар шариати як паёмбар воқеъ мешавад, чунон ки меояд:

### Маънои насх дар шариати як паёмбар

Барои шинохти маънои насх дар шариати як паёмбар, намунае аз онро, ки дар шариати Хотами Анбиё(с) воқеъ шудааст баён медорем:

Ин намуна, насхи воҷиб будани садақа бар касоне буд, ки мехостанд бо паёмбар наҷво[1] кунанд. Чунонки дар сураи Муҷодила омада аст:

> ***Ё айюҳал лазӣна оману изо ноҷайтумур расӯла фақаддимӯ байна ядай наҷвокум садақатан золика хайрун лакум ва атҳару фаин лам таҷидӯ фаинналлоҳа ғафурун раҳим. А ашфақтум ан туқаддимӯ байна ядай наҷвокум садақотин фаиз лам тафъалӯ ва тобаллоҳу ъалайкум, фаақӣмус салота ва отуз закота ва атӣъуллоҳа ва расӯлаҳу, валлоҳу хабӣрун бимо таъмалӯн*** Ê
>
> Ä *Эй касоне, ки имон овардаед! Ҳангоме ки мехоҳед бо Расули Худо наҷво кунед, пеш аз он садақа бидиҳед. Ин барои шумо беҳтару покизатар аст. Ва агар наёфтед Худованд омурзанда ва меҳрубон аст. Оё пеш аз наҷво карданатон тарсидед садақоте бидиҳед? Акнун ки ин корро накардед ва Худованд тавбаи шуморо пазируфт, намозро барпо доред, закотро бипардозед, Худо ва паёмбарашро итоат*

[1] Наҷво: суханеро дар гӯш гуфтан, гӯшакӣ кардан.

*кунед, ки Худованд ба он чи анҷом медиҳед огоҳ аст.*[1]

Шарҳи ин достон дар китобҳои тафсир чунин аст:

Бархе аз саҳоба беш аз ҳадди лозим ба наҷво бо Паёмбар(с) мепардохтанд ва бо ин кор ба навъе худро аз наздикон ва хосони Паёмбар(с) ҷилва медоданд. Ахлоқи каримонаи Расули Худо(с) низ ба гунае буд, ки дархости ҳеҷ ниёзмандеро рад намекард. Ин кор гоҳе Паёмбари Акрам(с)-ро дар тангно қарор медод, вале бар он сабурӣ мекард. Ҳукми пардохти садақа барои касе, ки бихоҳад бо паёмбар наҷво кунад нозил шуд. Ин гурӯҳ наҷво бо паёмбарро раҳо карданд ва Алӣ ибни Абӯтолиб (а) динореро ба даҳ дирам табдил кард ва даҳ мартаба садақа дод ва дар он чи муҳим медонист ба наҷво бо паёмбар пардохт. Пас аз таъмини ҳадаф ва тарбияти он гурӯҳ бо ин ҳукм, муддати он ба охир расид ва ҳукми додани садақа бардошта шуд.[2]

## Фишурдаи баҳси насх ва натиҷаи он

Рӯзи ҷумъа (аз замони Одам(а) то замони паёмбарони Бани Исроил: Мӯсо ибни Имрон ва Исо ибни Марям(а)) рӯзи муборак ва рӯзи истироҳати Бани Одам буд.

---

1 Сураи Муҷодала, ояи 12-13.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِذَا نَاجَيْتُمُ الرَّسُولَ فَقَدِّمُوا بَيْنَ يَدَيْ نَجْوَاكُمْ صَدَقَةً ذَٰلِكَ خَيْرٌ لَّكُمْ وَأَطْهَرُ فَإِن لَّمْ تَجِدُوا فَإِنَّ اللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ {12} أَأَشْفَقْتُمْ أَن تُقَدِّمُوا بَيْنَ يَدَيْ نَجْوَاكُمْ صَدَقَاتٍ فَإِذْ لَمْ تَفْعَلُوا وَتَابَ اللَّهُ عَلَيْكُمْ فَأَقِيمُوا الصَّلَاةَ وَآتُوا الزَّكَاةَ وَأَطِيعُوا اللَّهَ وَرَسُولَهُ وَاللَّهُ خَبِيرٌ بِمَا تَعْمَلُونَ {13}

2 Ба тафсири оят дар Тафсири Табарӣ ва дигар тафсирҳое, ки дар тафсири оятҳо ба ривоёт эътимод мекунанд, муроҷиат шавад.

Ва низ, Одам[(а)] ва паёмбарони пас аз ӯ то давраи Иброҳим[(а)], ҳамагӣ маносики ҳаҷро ба ҷой оварданд, ба Арафот, Машъар ва Мино рафтанд ва макони Хонаи Каъбаро ҳафт бор тавоф карданд. Сипас Иброҳим ва Исмоил[(а)] хонаи Худоро сохтанд ва пас аз он бо пайравонашон дар ҳаҷ ба даври хона тавоф карданд.

Нӯҳ[(а)] низ, пас аз Одам[(а)] шариати ӯро таҷдид кард в шариате ба монанди шариати хотами анбиё овард ва ҳамаи анбиёи баъдӣ аз ӯ пайравӣ карданд, зеро Худои мутаол мефармояд:

***1-Шараъа лакум минад дӣни мо вассо биҳи Нӯҳан... Ê***

***Ä****Динеро пеши рӯи шумо қарор дод, ки ба Нӯҳ фармон дода буд*...[1]

***2- Ва инна мин шӣъатиҳи ла-Иброҳима Ê***

***Ä****Ва Иброҳим аз пайравони ӯ буд*.[2]

3-Ба Хотами Анбиё[(с)] ва уммати ӯ низ мефармояд:

***А) Иттабиъ миллата Иброҳима ҳанӣфан Ê***

***Ä****Аз дини ноб ва устувори Иброҳим пайравӣ кун*.[3]

---

[1] Сураи Шӯро, ояи 13.

شَرَعَ لَكُم مِّنَ الدِّينِ مَا وَصَّى بِهِ نُوحاً... {13}

[2] Сураи Соффот, ояи 83.

وَإِنَّ مِن شِيعَتِهِ لَإِبْرَاهِيمَ {83}

[3] Сураи Наҳл, ояи 123.

...اتَّبِعْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً... {123}

***Б) Фаттабиъу миллата Иброҳима ҳанӣфан Ê***

***Ä** Пас, аз оини холис ва побарҷои Иброҳим пайравӣ кунед.*[1]

Бино бар ин шариатҳои расулон аз гузиниши Одам-Сафии Худо(а) то интихоби Муҳаммад - Хотами Анбиё(с), ҳама яке аст, ҷуз он чи дар шариати ирсолӣ ба анбиёи Бани Исроил аз Мӯсо ибни Имрон то Исо ибни Марям(а), падид омад ва маслиҳати вижаи ин қавм дар он лиҳоз шуда буд. Худои мутаол дар ин бора мефармояд:

***1-Куллут таъоми кона ҳиллан либани Исро'ӣла илло мо ҳаррама Исро'ӣлу ъало нафсиҳи... Ê***

***Ä** Ҳамаи хӯрданиҳо бар Бани Исроил ҳалол буд, ҷуз он чи Исроил бар худ ҳаром карда буд.*[2]

***2-Ва ъалал лазӣна ҳодӯ ҳаррамно мо қасасно ъалайка мин қаблу... Ê***

***Ä** Он чиро пеш аз ин барои ту шарҳ додем, бар қавми яҳуд ҳаром кардем.*[3]

***3-Иннамо ҷуъилас сабту ъалал лазӣна ихталафу фӣҳи... Ê***

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 95.

...فَاتَّبِعُواْ مِلَّةَ إِبْرَاهِيمَ حَنِيفاً... {95}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 93.

كُلُّ الطَّعَامِ كَانَ حِـلاًّ لِّبَنِي إِسْرَائِيلَ إِلاَّ مَا حَرَّمَ إِسْرَائِيلُ عَلَى نَفْسِهِ... {93}

[3] Сураи Наҳл, ояи 118.

وَعَلَى الَّذِينَ هَادُواْ حَرَّمْنَا مَا قَصَصْنَا عَلَيْكَ مِن قَبْلُ... {118}

*Ä Таътили рӯзи шанбе танҳо бар зидди касоне аст, ки дар он ихтилоф карданд.*[1]

Дар бахши чаҳоруми боби сию сеюми Сифри таснияи Таврот низ, равшану возеҳ омада аст, ки: Мӯсо моро ба шариати махсуси авлоди Яъқуб, фармон дод.

Ҳикмати чунин тағире низ он буд, ки Бани Исроил қавми лаҷуҷ ва кинатуз буданд. Онон бо анбиёи худ душманӣ мекарданд ва аз нафси аммораи биссу' пайравӣ менамуданд ва дар муқобили душманон сустӣ ва забунӣ нишон медоданд. Ин қавм пас аз он ки Худованд баҳрро барояшон шикофт ва аз зиллати бардагии Фиръавн ононро раҳоӣ дод, гӯсолапараст шуданд ва аз вуруд ба сарзамини муқаддасе, ки Худо барои онон омода карда буд (аз ваҳшати бархӯрд бо амолиқа, ки дар он ҷо буданд) саркашӣ намуданд.

Поксозӣ ва бозсозии нуфуси чунин уммате ниёзманди навъе сахтгирӣ дар шариат буд. Аз ҳамин сабаб ҳам бояд мӯъминоне, ки гӯсоларо парастиш накарда буданд муртаддони[2] гӯсолапарастро мекуштанд, ҳам кор кардан дар рӯзи шанбе бар онон ҳаром мешуд ва ҳам чиҳил сол дар саҳрои Сино саргардон мемонданд!

Аз сӯи дигар, аз он рӯ, ки онон танҳо мӯъминони асри худ буданд ва атрофи ононро миллатҳои кофири таҷовузгари нерӯманде иҳота карда буд, ниёзманди иртибот ва пайванди қавию танготанг дар миёни худ

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 124.

إِنَّمَا جُعِلَ السَّبْتُ عَلَى الَّذِينَ اخْتَلَفُوا فِيهِ... (124)

[2] Шахси аз дин баргаштаро муртад гӯянд.

буданд то нуқоти заъфи хешро ҷуброн карда, ба якдигар ёрӣ расонанд ва аз дигарон ҷудо ва ба хештан пайваста бошанд. Барои расидан ба ин аҳдоф, Худованд қиблаи махсус барои онон таъин фармуд, ки тобути дарбардорандаи алвоҳи[1] Таврот, китоби шариати махсуси онон (ва дигар ирсҳои боқимонда аз Оли Мӯсо ва Оли Ҳорун)[2] дар он қарор гирифта буд. Ҳамчунин, қавонини дигаре, ки мутаносиб бо шароити замону макон ва зарфияти хоси онон буд, нозил фармуд.

Дар давраи Исо ибни Марям[(а)] муддате бархе аз ин қавонин бо аз байн рафтани порае аз шароит ба охир расид ва Исо[(а)] баъзе аз он муҳаррамотро ба фармони Худо ҳалол кард.

Дар асри Хотами Анбиё[(с)], Бани Исроил дар шаҳрҳо пароканда шуданд ва бо соири мардумон гирд омаданд. Онон ва миллатҳое, ки эшон дар байни онҳо зиндагӣ мекарданд, аз ин ки моҳияташон мушаххас шавад ва дигарон дарёбанд, ки инон аз ҷинси онон нестанд ва сохторашон аз ҳамсоягон ва ҳамшаҳриҳо ҷудо аст, озурдахотир мешуданд. Ба вижа, ки мардуми шаҳрҳо исроилиро аз худ намедонистанд ва ӯро мушкилсозу балвоофарини маҷомеи якнавохт медонистанд. Аз ин сабаб, аҳкоме, ки ононро аз дигар миллатҳо ҷудо мекард, бори гарони гардани эшон шуд

---

[1] Алвоҳ: ҷамъи лавҳ; тахталавҳҳое, ки Таврот дар он китобат шуда буд.

[2] Сураи Бақара, ояи 284.

لِّلَّهِ ما فِي السَّمَاوات وَمَا فِي الأَرْضِ وَإِن تُبْدُواْ مَا فِي أَنفُسِكُمْ أَوْ تُخْفُوهُ يُحَاسِبْكُم بِهِ اللّهُ فَيَغْفِرُ لِمَن يَشَاءُ وَيُعَذِّبُ مَن يَشَاءُ وَاللّهُ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ {284}

ва умуре ҳамчун таътилии рӯзи шанбе, ки бар хилофи дигар умматҳо буд, бори дӯши онон гардид. Ҳамон гуна, ки шарҳи он дар Сифри таснияи Таврот омада аст.

Хотами Анбиё[с] ба фармони Худо мушкили ононро бартараф ва ҳарчи Худованд дар замонҳои гузашта бар онон ҳаром карда буд, ҳамаро ҳалол намуд. Худованд дар сураи Аъроф фармуда аст:

Онон, ки ин расул – "набии уммӣ"-ро пайравӣ мекунанд, паёмбаре, ки сифоташро дар Таврот ва Инҷиле, ки назди худ доранд, меёбанд. Ононро ба корҳои хуб амр карда ва аз корҳои зишту нописанд нигаҳ медорад, покизаҳоро барои онон ҳалолу нопокиҳоро барояшон ҳаром мекунад, борҳои сангинашонро аз онон бардошта ва занҷирҳоеро, ки бар онҳо буда аст, мекушояд...[1]

Худованд ин гуна аҳкомеро, ки дар замонҳои гузашта ба суди онон буд ва дар давраҳои баъдӣ, дар натиҷаи бо дигар мардумон дар сатҳи ҷаҳон даромехтанашон бори вазнин бар гарданашон шуда буд, аз дӯши онон бардошт. Аммо аҳкоме, ки дар шариати Мӯсо барои ҳамаи мардум буд ва Бани Исроил ҳам аз мардум буданд, (ин аҳком), на бардошта шуд ва на насх гардид. Монанди ҳукми қасос дар Таврот, ки Худованд дар сураи Моида мефармояд:

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 157.

**الَّذِينَ يَتَّبِعُونَ الرَّسُولَ النَّبِيَّ الأُمِّيَّ الَّذِي يَجِدُونَهُ مَكْتُوباً عِندَهُمْ فِي التَّوْرَاةِ وَالإِنْجِيلِ يَأْمُرُهُم بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَاهُمْ عَنِ الْمُنكَرِ وَيُحِلُّ لَهُمُ الطَّيِّبَاتِ وَيُحَرِّمُ عَلَيْهِمُ الْخَبَآئِثَ وَيَضَعُ عَنْهُمْ إِصْرَهُمْ وَالأَغْلاَلَ الَّتِي كَانَتْ عَلَيْهِمْ...** {157}

***Инно анзалнат Таврота фӣҳо ҳудан ва нӯрун яҳкуму биҳан набиййӯнал лазӣна асламӯ лиллазӣна ҳодӯ... Ва катабно ъалайҳим фӣҳо аннан нафса биннафси вал ъайна бил ъайни вал анфа бил анфи вал узуна бил узуни вас синна бис синни вал ҷурӯҳа қисосун, фаман тасаддақа биҳи фаҳува каффоратун лаҳу ва ман лам яҳкум бимо анзалаллоҳу, фауло'ика ҳумуз золимӯн*** **Ê**

**Ä***Мо Тавротро, ки дар он ҳидоят ва нур буд нозил кардем. Паёмбароне, ки таслими Худо буданд, бо он барои яҳуд ҳукм мекарданд... Ва бар онон дар он муқаррар доштем, ки ҷон дар баробари ҷон ва чашм дар баробари чашм ва бинӣ бо бинӣ ва гӯш бо гӯш ва дандон дар баробари дандон бошад. Ва ҳар захме қасос дорад ва ҳар кас қасосро бибахшад каффорае аст барои ӯ ва ҳар кас ба он чи Худо нозил карда аст ҳукм накунад, ситамгар аст.*[1]

Ҳукми қасос, ки дар ин ҷо омада аст, пеш аз Таврот ва баъд аз он то ба имрӯз, ҷараён дорад. Дигар аҳкоме, ки Худованд барои инсон аз он ҷиҳат, ки инсон аст муқаррар фармуда аст, низ дар ҳеҷ як давраҳои шариатҳои анбиё тағир накарда аст.

---

[1] Сураи Моида, ояи 44-45.

إِنَّا أَنزَلْنَا التَّوْرَاةَ فِيهَا هُدًى وَنُورٌ يَحْكُمُ بِهَا النَّبِيُّونَ الَّذِينَ أَسْلَمُواْ لِلَّذِينَ هَادُواْ ...
{44} وَكَتَبْنَا عَلَيْهِمْ فِيهَا أَنَّ النَّفْسَ بِالنَّفْسِ وَالْعَيْنَ بِالْعَيْنِ وَالأَنفَ بِالأَنفِ وَالأُذُنَ
بِالأُذُنِ وَالسِّنَّ بِالسِّنِّ وَالْجُرُوحَ قِصَاصٌ فَمَن تَصَدَّقَ بِهِ فَهُوَ كَفَّارَةٌ لَّهُ وَمَن لَّمْ يَحْكُم
بِمَا أنزَلَ اللّهُ فَأُوْلَـئِكَ هُمُ الظَّالِمُونَ {45}

## Шаъни нузули Ояти табдил

Ҳангоме ки Худованд бархе аҳкоми шариати Мӯсо[(а)]-ро ба аҳкоми дигаре дар шариати Хотами анбиё[(с)] табдил кард, (чунон ки баён доштем) Қурайш бар расули Худо[(с)] шӯриданд ва гуфтанд: ту бар Худо дурӯғ мебандӣ! Худованд сухани ононро ба худашон баргардонид ва фармуд:

> ***Ва из баддално оятан макона оятин валлоҳу аъламу бимо юназзилу қолӯ иннамо анта муфтари... Иннамо яфтарил казибал лазӣна ло ю'минӯна биоётиллоҳи... Факулӯ миммо разақакумуллоҳу ҳалолан тайийбо Ê***
>
> ***Ä****Ва ҳангоме ки ҳукмеро ба ҳукми дигар мубаддал кунем* **(***ва Худо беҳтар медонад чӣ ҳукмеро нозил кунад***)** *мегӯянд: ту танҳо як дурӯғгӯӣ!*... *Танҳо касоне дурӯғ мегӯянд***,** *ки ба оёти Худо имон надоранд*... *Пас***,** *аз он чи Худо рӯзиатон карда аст***,** *ҳалолу покиза бихӯред***.**[1]

Яъне чизҳое монанди гӯшти шутур ва чарбии гӯшти ҳайвонот, бар шумо ҳаром нест, танҳо мурдор, хун, гӯшти хук ва он чи барои ғайри Худо забҳ шуда аст, бар шумо ҳаром аст, мисли қурбониҳое, ки мушрикони Макка барои бутҳояшон ҳадя мекарданд. Худованд пас аз он, Қурайшро аз бофтани дурӯғ бар Худо наҳй кард

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 101, 105 ва 114.

وَإِذَا بَدَّلْنَا آيَةً مَّكَانَ آيَةٍ وَاللّهُ أَعْلَمُ بِمَا يُنَزِّلُ قَالُواْ إِنَّمَا أَنتَ مُفْتَرٍ... {101}

إِنَّمَا يَفْتَرِي الْكَذِبَ الَّذِينَ لاَ يُؤْمِنُونَ بِآيَاتِ اللّهِ... {105}

فَكُلُواْ مِمَّا رَزَقَكُمُ اللّهُ حَلالاً طَيِّباً... {114}

ва фармуд: худсарона нагӯед, ки ин ҳаром ва он ҳалол аст! Ҳамон гуна ки шарҳи гуфторашонро дар сураи Анъом оварда ва мефармояд:

***Ва қолӯ ҳозиҳи анъомун ва ҳарсун ва ҳиҷрун ло ятъамуҳо илло ман нашо'у бизаъмиҳим ва анъомун ҳурримат зуҳӯруҳо ва анъомун ло язкурӯна исмаллоҳи ъалайҳо ифтиро'ан ъалайҳи... Ва қолӯ мо фӣ бутӯни ҳозиҳил анъоми холисатун лизукӯрино ва муҳаррамун ъало азвоҷино ва ин якун майтатан фаҳум фӣҳи шурако'у саяҷзӣҳим васфаҳум иннаҳу ҳакӣмун ъалӣм Ê***

***Ä***Ва гуфтанд: инҳо чаҳорпоён ва кишти мамнӯъшуда аст**.** Ва ҷуз касоне**,** ки мо бихоҳем **(**ба гумони худашон**)** набояд аз он бихӯранд**!** Ва инҳо чаҳорпоёне аст**,** ки савор шудан бар онҳо ҳаром шуда аст**!** Ва чаҳорпоёне**,** ки номи Худоро бар он намебурданд ва бар Худо дурӯғ мебастанд**!...** Ва гуфтанд**:** он чи дар шиками ин ҳайвонот аст**,** хоси мардони мост ва бар занонамон ҳаром аст**!** Ва агар мурда бошад ҳамагӣ дар он шариканд**.** Худованд ба зудӣ кайфари ин тавсифи ононро медиҳад**.** Ӯ ҳаким ва доност**.**[1]

---

[1] Сураи Анъом, ояи 138-139.

**وَقَالُواْ هَـذِهِ أَنْعَامٌ وَحَرْثٌ حِجْرٌ لاَّ يَطْعَمُهَا إِلاَّ مَن نّشَاء بِزَعْمِهِمْ وَأَنْعَامٌ حُرِّمَتْ ظُهُورُهَا وَأَنْعَامٌ لاَّ يَذْكُرُونَ اسْمَ اللّهِ عَلَيْهَا افْتِرَاء عَلَيْهِ... {138} وَقَالُواْ مَا فِي بُطُونِ هَـذِهِ الأَنْعَامِ خَالِصَةٌ لِّذُكُورِنَا وَمُحَرَّمٌ عَلَى أَزْوَاجِنَا وَإِن يَكُن مَّيْتَةً فَهُمْ فِيهِ شُرَكَاء سَيَجْزِيهِمْ وَصْفَهُمْ إِنَّهُ حِكِيمٌ عَلِيمٌ {139}**

Дар сураи Юнус низ, ба он ишора карда ва фармуда аст:

***Қул араʼайтум мо анзалаллоҳу лакум мин ризқин фаҷаъалтум минҳу ҳалолан ва ҳароман, қул, Аллоҳу азина лакум ам ъалаллоҳи тафтарӯн*** **Ê**

**Ä** *Бигӯ: оё рӯзиҳое, ки Худованд бар шумо нозил карда аст, шумо бархе аз онро ҳалол ва бахшеро ҳаром кардаед. Бигӯ: оё Худованд ба шумо иҷозат дода аст, ё бар Худо дурӯғ мебандед* **?!**[1]

Ин гуна, масъалаи ҳалол ва ҳаром миёни расули Худо ва мушрикони Қурайш (аз мавзӯоти худсохтаи Қурайш гирифта то аҳкоми махсуси шариати Мӯсо, ки Худованд Бино бар маслиҳат дар шариати Хотами Анбиё[с] онро ба аҳком дигаре табдил фармуд, ҳама) мавриди баҳс буд.

Қурайш дар Макка бо ҳар ҳалол ва ҳароме, ки Расулуллоҳ ба фармони Худо меовард ва бо урфи дини онҳо ва он чи аз шариати Мӯсо ибни Имрон[а] медонистанд мухолиф буд, ба душманӣ бармехостанд. Ҳамин душманӣ, дар Мадина низ, аз тарафи яҳуд барпо шуд. Онон бо Паёмбар[с] дар бораи аҳкоме, ки бахше аз мӯҳтавои Тавротро насх мекард ба ситез бархостанд. Худованд дар сураи Бақара ин ҷидолро баён дошта ва хитоб ба Бани Исроил мефармояд:

---

[1] Сураи Юнус, ояи 59.

قُلْ أَرَأَيْتُم مَّا أَنزَلَ اللّهُ لَكُم مِّن رِّزْقٍ فَجَعَلْتُم مِّنْهُ حَرَاماً وَحَلاَلاً قُلْ آللّهُ أَذِنَ لَكُمْ أَمْ عَلَى اللّهِ تَفْتَرُونَ {59}

***Афа кулламо ҷо’акум расӯлун бимо ло таҳво анфусукум истакбартум, фафариқан каззабтум ва фариқан тақтулӯн Ê***

*Ä Оё чунин нест, ки ҳар гоҳ расуле чизе бар хилофи ҳавои нафси шумо овард, такаббур варзидед? Пас, иддаеро дурӯггӯ хондед ва ҷамъеро куштед?!*[1]

***Ва изо қӣла лаҳум оминӯ бимо анзалаллоҳу қолӯ ну’мину бимо унзила ъалайно ва якфурӯна бимо варо’аҳу... Ê***

*Ä Ва ҳангоме ки ба онҳо гуфта шавад: ба он чи Худованд нозил фармуда аст, имон биёваред! Мегӯянд: мо ба чизе имон меоварем, ки ба худи мо нозил шуда аст ва ба ғайри он куфр меварзанд... .*[2]

Ва ба паёмбари Акрам(с) мефармояд:

***Мо нансах мин оятин ав нунсиҳо на’ти бихайрин минҳо ав мислиҳо... Ê***

*Ä Ҳар ҳукмеро насх кунем ё ба таъхир андозем, беҳтар аз он ё ҳамонандашро меоварем... .*[3]

---

[1] Сураи Бақара, ояи 87.

...أَفَكُلَّمَا جَاءكُمْ رَسُولٌ بِمَا لاَ تَهْوَى أَنفُسُكُمُ اسْتَكْبَرْتُمْ فَفَرِيقاً كَذَّبْتُمْ وَفَرِيقاً تَقْتُلُونَ {87}

[2] Сураи Бақара, ояи 91.

وَإِذَا قِيلَ لَهُمْ آمِنُواْ بِمَا أَنزَلَ اللّهُ قَالُواْ نُؤْمِنُ بِمَا أُنزِلَ عَلَيْنَا وَيَكْفُرونَ بِمَا وَرَاءهُ ... {91}

[3] Сураи Бақара, ояи 106.

مَا نَنسَخْ مِنْ آيَةٍ أَوْ نُنسِهَا نَأْتِ بِخَيْرٍ مِّنْهَا أَوْ مِثْلِهَا... {106}

***Ва лан тарзо ъанкал яҳӯду ван насоро ҳатто таттабиъа миллатаҳум... Ê***

***Ä****Яҳуд ва насоро ҳаргиз аз ту хушнуд намешаванд, то (замоне ки) аз дини онон пайравӣ кунӣ!... .*[1]

Муҷодилаи Бани Исроил бо расули Худо дар бораи аҳкоми насхшудаи Таврот, ба хусус насхи қибла ба сӯи Байтуллоҳ буд, ки Худованд дар сураи Бақара аз он хабар дода ва фармуда аст:

*Мо нигоҳҳои интизоромези туро ба сӯи осмон мебинем. Акнун туро ба самти қиблае, ки аз он хушнуд бошӣ бармегардонем... Ҳар ҷо ки ҳастед рӯи худро ба сӯи Масҷидулҳаром кунед. Аҳли китоб (яҳуд ва насоро) хуб медонанд, ки ин (амр) ҳақ ва аз ҷониби Парвардигорашон аст ва ту ҳар гуна оят ва нишонае барои Аҳли китоб биёварӣ онон аз қиблаи ту пайравӣ нахоҳанд кард.*[2]

Пас, мақсуд аз насхи оят дар ин маврид, насхи ин ҳукми хос буд. Чунонки мақсуд аз табдили ояте ба ояти дигар, ки Қурайш дар бораи он бо Расули Худо(с) муҷодила мекарданд, табдили бархе аҳкоми ҳалол ва ҳаром назди Қурайш ва ғайриқурайш, дар Макка буд.

---

[1] Сураи Бақара, ояи 120.

وَلَن تَرْضَى عَنكَ الْيَهُودُ وَلاَ النَّصَارَى حَتَّى تَتَّبِعَ مِلَّتَهُمْ... {120}

[2] Сураи Бақара, ояи 144.

قَدْ نَرَى تَقَلُّبَ وَجْهِكَ فِي السَّمَاءِ فَلَنُوَلِّيَنَّكَ قِبْلَةً تَرْضَاهَا فَوَلِّ وَجْهَكَ شَطْرَ الْمَسْجِدِ الْحَرَامِ وَحَيْثُ مَا كُنتُمْ فَوَلُّواْ وُجُوهَكُمْ شَطْرَهُ وَإِنَّ الَّذِينَ أُوْتُواْ الْكِتَابَ لَيَعْلَمُونَ أَنَّهُ الْحَقُّ مِن رَّبِّهِمْ وَمَا اللّهُ بِغَافِلٍ عَمَّا يَعْمَلُونَ {144}

Бино бар ин равшан шуд, ки мурод аз калима (оят) дар ин сухани Худои мутаол, ки мефармояд:

***Изо баддално ҳукман макона ҳукмин* Ê**

**Ä** *Ҳар гоҳ ҳукмеро ҷойгузини ҳукме кунем...*

Ва дар сухани Худои мутаол: "***Мо нансах мин оятин ав нунсиҳо***" низ, мурод ин аст, ки: Ҳар ҳукмеро насх кунем ё ба таъхир андозем, беҳтар аз он ё ҳамонандашро меоварем.

Мисоли ба таъхир андохтани ҳукм, таъхир андохтани рӯй овардан ба қибла дар шариати Мӯсо(а) ва табдили он ба ҳукми рӯй гардондан ба сӯи Байтулмуқаддас аст, ки дар он замон барои Бани Исроил муфид ва хайрафзо буд.

Мисоли насхи ҳукм ва табдили он ба ҳукми беҳтар низ, насхи ҳукми рӯй гардондан ба Байтулмуқаддас дар шариати Хотами Анбиё(с) аст, ки ҳамаи мардумон то абад бояд рӯи худро ба сӯи Каъба гардонанд.

Пас, мақсуд аз табдили ояте бо ояти дигар, табдили ҳукме бо ҳукми дигар аст.

Ҳамчунин ошкор шуд, ки ҳукмеро, ки Худованд барои мардумон муқаррар мекунад, гоҳе маслиҳати инсон аз он рӯ, ки инсон аст дар он ба назар гирифта шуда аст. Чунин аҳкоме бетағйир ва побарҷой аст, ҳамон гуна ки Худои субҳон дар сураи Рум аз он хабар дода ва мефармояд:

***Фааҷим ваҷҳака лиддӣни ҳанӣфан фитраталлоҳил латӣ фатаран носа ъалайҳо***

***ло табдӣла лихалқиллоҳи, золикад дӣнул қаййиму ва локинна аксаран носи ло яъламӯн*** Ê

Ä*Рӯи худро мутаваҷҷеҳи дини пок ва холиси Парвардигор кун. Фитрате, ки Худованд инсонҳоро бар он офарида аст. Ҳеҷ гуна табдиле дар офариниши илоҳӣ нест. Ин аст дини устувор, вале бештари мардум намедонанд!*[1]

Яъне, ҳеҷ гуна табдиле дар қонунҳое, ки Худованд барои мардумон тибқи фитраташон муқаррар фармуда аст роҳ надорад, монанди ин сухани Худои мутаол дар сураи Бақара:

***Вал волидоту юрзиъна авлодаҳунна ҳавлайни комилайни, лиман арода ан ютиммар разоъата*** Ê

Ä*Модарон (онҳое, ки мехоҳанд даврони ширхорагиро ба камол расонанд) фарзандони худро ду соли тамом шир медиҳанд.*[2]

Ин модарон, ҳар ки бошанд ва дар ҳар ҷо зиндагӣ кунанд, тафовуте надоранд. Ҳавво ҳамсари Одам[(а)] бошад ва навзоди худро дар сояи дарахт ва ғор шир диҳад, ё насли пас аз ӯ дар ғорҳо, хаймаҳо ва кохҳо. Шир додани комил ду сол аст!

---

[1] Сураи Рум, ояи 30.

**فَأَقِمْ وَجْهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفاً فِطْرَةَ اللَّهِ الَّتِي فطرَ النَّاسَ عَلَيْهَا لَا تَبْدِيلَ لِخَلْقِ اللَّهِ ذَلِكَ الدِّينُ الْقَيِّمُ وَلَكِنَّ أَكْثَرَ النَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ** {30}

[2] Сураи Бақара, ояи 233.

**وَالْوَالِدَاتُ يُرْضِعْنَ أَوْلاَدَهُنَّ حَوْلَيْنِ كَامِلَيْنِ لِمَنْ أَرَادَ أَن يُتِمَّ الرَّضَاعَةَ...** {233}

Ҳамчунин аст ҳукми рӯза ва қасос ва ҳаром будани рибо барои Бани Одам, ки бетағир аст, чунонки Худои субҳон дар сураи Бақара фармуда аст:

***1-Ё айюҳал лазӣна оманӯ, кутиба ъалайкумус сиёму камо кутиба ъалал лазӣна мин қабликум лаъаллакум таттақӯн Ê***

***Ä*** *Эй аҳли имон! Рӯза бар шумо навишта шуд**,** ҳамон гуна ки бар пешиниёне аз шумо навишта шуд**,** то парҳезгор шавед**.***[1]

***2-Ё айюҳал лазӣна оманӯ кутиба ъалайкумул қисосу... Ê***

***Ä*** *Эй аҳли имон! Қасос бар шумо навишта шуд**...***[2]

***3-Аҳаллаллоҳул байъа ва ҳаррамар рибо... Ê***

***Ä*** *Худованд байъ **(**харидуфурӯш**)**-ро ҳалол ва рибоüро ҳаром карда аст**.. .***[3]

Инҳо ва дигар аҳкоме, ки Худованд мувофиқи фитрати инсонии инсон барои ӯ муқаррар фармуда аст, дар ҳеҷ як аз шариатҳои осмонӣ тағир намекунанд. Ин аҳком дар таъбири Қуръон ба лафзи: “*вассо*”, “*юсикум*”, “*васийят*” ва “*катаба*” омада аст.

---

[1] Сураи Бақара, ояи 183.

**يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ كُتِبَ عَلَيْكُمُ الصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى الَّذِينَ مِن قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ** {183}

[2] Сураи Бақара, ояи 178.

**يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ كُتِبَ عَلَيْكُمُ الْقِصَاصُ...** {178}

[3] Сураи Бақара, ояи 275.

**...أَحَلَّ اللّهُ الْبَيْعَ وَحَرَّمَ الرِّبَا...** {275}

Аммо он чиро, ки Худованд барои бархе мардум, мутаносиб бо шароити хоси онон муқаррар фармуда аст, муддати онҳо низ, бо аз байн рафтани он шароит ба охир мерасад. Монанди аҳкоме, ки дар гузашта дар бораи Бани Исроил овардем ва мутаносиб бо шароити хоси онон буд ва ё он чи ки Худованд барои муҳоҷирин бо паёмбар аз Макка муқаррар фармуд ва ирс бурдан аз роҳи бародархондагӣ бо ансори Мадина дар ибтидои ҳиҷратро ба расмият шинохт, сипас муддати он баъд аз фатҳи Макка ба охир расид ва ин ҳукм мансух гардид. Худованд дар оёти 72-75-и сураи Анфол аз он хабар дода ва фармуда аст:

***Иннал лазӣна оманӯ ва ҳоҷарӯ,*** **Ê**

**Ä***Онҳое ки имон оварданд ва* **(***аз Макка***)** *ҳиҷрат карданд***.** *Валлазӣна овав ва насарӯ***,**

***Валлазӣна овав ва насарӯ,***

**Ä***Ва онон***,** *ки паноҳ доданд ва ёрӣ карданд***.** *Яъне ансори паёмбар дар Мадина*

***Уло’ика баъзуҳум авлиёу баъзин,*** **Ê**

**Ä** *Ин гурӯҳ***,** *баъзеашон авлиёи баъзе дигаранд***,** *яъне вилояти ирс ва ёрӣ кардан доранд***.**

***Валлазӣна оманӯ ва лам юҳоҷирӯ мо лакум мин валоятиҳим мин шай'ин ҳатто юҳоҷирӯ... Вал лазӣна кафарӯ баъзуҳум авлиё'у баъзин.* Ê**

**Ä** *Онон, ки имон овардаанд ва ҳиҷрат накарданд, ҳеҷ гуна вилоят ва тааҳҳуде дар баробари онон надоред то ҳиҷрат кунанд... Ва онон, ки кофир шуданд бархеашон валии бархе дигаранд...*[1]

Худованд, сипас насхи ин ҳукмро ин тавр баён медорад:

***Ва ӯлул арҳоми баъзуҳум авло бибаъзин фӣ китобиллоҳ* Ê**

**Ä** *Ва хешовандон, дар китоби Худо, нисбат ба якдигар сазовортаранд.*

Яъне хешовандон дар аҳкоме, ки Худованд барои ҳамаи инсонҳо муқаррар дошта аст, сазовортаранд.[2]

**Хулоса**: Қавми яҳуд ҳангоме ки оёти илоҳии Қуръонро шуниданд ва диданд сифоти Қуръон, он чиро, ки дар бораи беъсати Расули Худо(с) назди худ доранд, тасдиқ ва исбот мекунд, ба он кофир шуданд ва

---

[1] Сураи Анфол, ояи 72-75

إِنَّ الَّذِينَ آمَنُواْ وَهَاجَرُواْ وَجَاهَدُواْ بِأَمْوَالِهِمْ وَأَنفُسِهِمْ فِي سَبِيلِ اللّهِ وَالَّذِينَ آوَواْ وَّنَصَرُواْ أُوْلَـئِكَ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَاء بَعْضٍ وَالَّذِينَ آمَنُواْ وَلَمْ يُهَاجِرُواْ مَا لَكُم مِّن وَلاَيَتِهِم مِّن شَيْءٍ حَتَّى يُهَاجِرُواْ ... {72} وَالَّذينَ كَفَرُواْ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَاء بَعْضٍ... {73}

[2] Ба тафсири оят дар "Маҷмаулбаён" ва "Тафсири Табарӣ" ва дигар тафсирҳои ривоӣ мурочиат кунед.

гуфтанд: мо танҳо ба Тавроте, ки бар мо нозил шуда аст имон меоварем ва ба ғайри он монанди Инҷил ва Қуръон бовар надорем! Худованд низ, аз фиристодани оёти равшани Қуръон ва мӯъҷизот ва аҳкоми он хабар дода ва мефармояд: ҷуз фосиқон ҳеҷ кас ба он кофир намешавад. Ва боз фармуда аст: мо ҳар ҳукме аз шариатеро насх кунем (монанди насх қибла будани Байтулмуқаддас) ё онро барандозем, беҳтар аз он ё ҳамонанди онро барои мардум меоварем. Худованд худ молики осмонҳо ва Замин аст, ҳар чиро бихоҳад анҷом медиҳад ва яҳуд ва насоро аз Расули Худо розӣ намешаванд, магар он ки аз аҳкоме, ки бар ӯ нозил шуда аст, даст бардошта ва пайрави аҳкоми шариати онон гардад.

Худои субҳон ин мафҳумро бо баёни дигар дар сураи Исро такрор карда ва мефармояд:

***Ва отайно Мӯсал китоба ва ҷаъалноҳу ҳудан либани Исро'ила...* Ê**

**Ä** *Мо ба Мӯсо китоб додем ва онро василаи ҳидояти Бани Исроил сохтем.*[1]

Сипас мефармояд:

[1] Сураи Исро, ояи 2.

وَآتَيْنَا مُوسَى الْكِتَابَ وَجَعَلْنَاهُ هُدًى لِّبَنِي إِسْرَائِيلَ... {2}

***Инна ҳозал Қур'она яҳдӣ лил латӣ ҳия ақваму*** **Ê**

**Ä** *Ин Қуръон ба роҳе, ки устувортарин роҳҳост, ҳидоят мекунад.*[1]

Яъне, роҳи Қуръон аз он чи дар китоби Мӯсо(а) омада аст (фарогиртар ва) устувортар аст.

**ø ø ø**

Суханро дар баҳси рубубият ба ин ҷо расонидем, ки Раббулъоламин барои инсон низоми мутаносиб бо сиришт ва фитрати ӯ муқаррар фармуд. Сипас ӯро дар масири амал ба ин муқаррарот ҳидоят кард. Дар баҳси оянда (ба изни Худои мутаол) чигунагии подоши Раббулъоламин ба инсон, дар дунё ва охиратро, баррасӣ менамоем.

---

[1] Сураи Исро, ояи 9.

إِنَّ هَـٰذَا الْقُرْآنَ يَهْدِي لِلَّتِي هِيَ أَقْوَمُ... {9}

## *Инсон ва подоши кор дар дунё*

Ҳамаи мо инсонҳо натиҷаи кори худро дар зиндагии дунё мебинем. Ҳар кӣ гандум кошт гандум дарвад ва он ки ҷав корид ҷав ҳосил барад. Ин гуна ҳар инсоне натиҷаи дастранҷи худро мехӯрад.

Инҳо намунае аз осори моддии амалкарди мо дар ҳаёти дунявӣ аст. Аъмоли мо дар зиндагии дунё илова бар осори моддӣ, натиҷа ва осори маънавии бисёре низ, дорад. Барои мисол осори "силаи раҳим" дар зиндагии инсонҳост, ки Расули Худо(с) аз он хабар дода ва фармуда аст:

***Силатур раҳим тазӣду фил ъумри ва танфил фақра Ê***

**Ä** *Расидагӣ ба хешовандон, умрро тӯлонӣ ва фақрро мезудояд.*

Ва низ фармуда аст:

***Силатур раҳими тазӣду фил ъумри, ва садақатус сирри тутфи'у ғазабар рабб, ва анна қатӣъатар раҳими вал ямӣнал козибата латазаронид диёра балоқиъа мин аҳлиҳо ва***

***ясқалонир раҳима, ва анна тасаққалар раҳими инқитоъун насли Ê***

*Ä Расидагӣ ба хешовандон, умрро тӯлонӣ ва садақа додани пинҳон, хашми Парвардигорро хомӯш мекунад. Ростиро, ки қатъи пайванд бо хешовандон ва савганди дурӯғ, сарзаминҳои ободро ба биёбон табдил мекунад ва раҳимҳои борварро нозо месозад. Ва раҳими нозо баробар бо нобудии насл аст.* [1]

Ин ки фармуд: (*тутфиъу ғазабар рабб*) садақаи пинҳонӣ, хашми Худоро хомӯш мекунад, мақсуд ин аст, ки агар инсон бо рафтори худ сазовори хашм ва кайфари дунёии Худо шуда аст ва Бино бар он бошад, ки ба ҷону мол ё наздикони ӯ осибе бирасад, садақаи пинҳонӣ ин балоро аз ӯ дур мекунад.

***“Балоқиъ”*** ҷамъи “***балқаъ”***, сарзамини хушк ва беобу алаф, кавир ва бараҳут аст[2]. Ва чун чунин аст Амиралмӯъминин[(а)] фармуда аст:

***Ва силатур раҳими фаиннаҳо масротун фил моли ва мансаатун фил аҷали, ва садақатус сирри фаиннаҳо тукаффирул хатӣъата Ê***

*Ä...Ва расидагӣ ба хешованд молро афзун ва маргро ба таъхир андозад ва садақаи пинҳонӣ гуноҳро мепӯшонад*[3].

Ва низ фармуд:

---

[1] “Сафинатулбиҳор”, моддаи “раҳим”.

[2] “Алмӯъҷамулвасит”, моддаи “балқаъ”.

[3] Наҳҷулбалоға, хутбаи 108.

***Ва силатур раҳими манмотун лилъадади*** **Ê**

**Ä…***Ва расидагӣ ба хешовандон фузунии афрод аст.*[1]

Аз инҳо дар меёбем, ки Худованд ба ҳикмати худ чунин хоста аст то фаровонии рӯзӣ ва зиёдии насл дар "силаи раҳим" ва тангдастӣ ва нобоварӣ дар "қатъи раҳим" бошад.

Ин ба он сабаб аст, ки гоҳе ду нафар бозаргон, ки як ҷинсро ба бозор арза мекунанд, яке зиён карда ва дигаре суд мебарад. Сарчашмаи зиёнкории аввал ва судмандии дуввум, қатъи аввал ва пайванди дуввум бо хешовандон аст. Подоше баробар бо амали ҳар як аз сӯи Худо аст. Подоши чунин аъмоле вобаста ба имон ва адами имони инсон ба Худо нест, зеро Худованд барои амалкарди инсон дар дунё осори дунёӣ ва натиҷаҳои охиратӣ қарор дода аст, ки ҳар гоҳ дар ҳоли бедорӣ ва ҳушёрӣ ва бо ирода кореро анҷом дод, пайомади дунёии он дар дунё ва натиҷаи охиратии он дар уқбо ба ӯ мерасад.

Ҳамчунин Худованд барои рафтори инсон бо Худо ва кирдораш бо халқ, ҷазо ва подоше баробар ва мутаносиб бо он қарор дода аст. Ин махлуқ инсон бошад ё ҳайвон, ё яке аз неъматҳои Худо, ки ба ӯ дода аст, барои ҳар як подоше мутаносиб аст ва ҳамаи онҳо аз хост ва ҳикмати илоҳӣ сарчашма мегирад. Раббулъоламин худ ба мо хабар дода аст, ки барои инсон чизе ҷуз натиҷаи кирдораш нест:

---

[1] Наҳҷулбалоға, ҳикмати 252.

***Ва ан лайса лил инсони илло мо саъо* Ê**

**Ä** *Барои инсон баҳрае ҷуз натиҷаи талоши ӯ нест.*[1]

Ҳамчунин хабар дода аст, ки ҳар кас барои дунё кор кунад Худованди субҳон натиҷаи кори ӯро дар дунё ба ӯ нишон диҳад ва ҳар кас барои охират бикӯшад подоши корашро дар охират ба ӯ медиҳад:

***Ва ман юрӣд савобад дунё нуʼтиҳи минҳо ва ман юрид савобал охирати нуʼтиҳи минҳо ва санаҷзиш шокирӣн* Ê**

**Ä** *Ҳар кас подоши дунёро бихоҳад, аз он ба ӯ медиҳем ва ба зудӣ сипосгузоронро подош хоҳем дод.*[2]

***Ман кона юрӣдул ҳаётад дунё ва зӣнатаҳо нуваффи илайҳим аъмолаҳум фӣҳо ва ҳум фӣҳо ло юбхасӯн. Улоикал лазӣна лайса лаҳум фил охирати иллан нору...* Ê**

**Ä** *Касоне, ки (танҳо) зиндагии дунё ва зинати онро бихоҳанд, натиҷаи комили аъмолашонро дар ҳамин дунё ба онон медиҳем ва чизе аз онон коста*

---

[1] Сураи Наҷм, ояи 39.

وَأَن لَّيْسَ لِلْإِنسَانِ إِلَّا مَا سَعَى {39}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 145.

... وَمَن يُرِدْ ثَوَابَ الدُّنْيَا نُؤْتِهِ مِنْهَا وَمَن يُرِدْ ثَوَابَ الآخِرَةِ نُؤْتِهِ مِنْهَا وَسَنَجْزِي الشَّاكِرِينَ {145}

*намешавад. Ин гурӯҳ касонеанд, ки дар охират насибе ҷуз оташ надоранд...*[1]

***Ман кона юрӣдул ъоҷилата ъаҷҷално лаҳу фӣҳо... Ва манародал охирата ва саъо лаҳо саъяҳо ва ҳува му'минӯн фаул'ика кона саъюҳум машкӯро. Куллан нумидду ҳо'улои ва ҳо'улои мин ъатои раббика ва мо кона ъатоу раббика маҳзӯро*** Ê

Ä *Ҳар кас, ки зиндагии зудгузари дунёро бихоҳад, дар дунё ба ӯ медиҳем... Ва ҳар кас сарои охиратро талаб кунад ва кӯшиши муносиби он намояд ва мӯъмин бошад, саъйу талоши онон подош дода хоҳад шуд. Ҳар як аз ду гурӯҳро аз атои Парвардигорат баҳраманд месозем. Ва атои Парвардигори ту ҳаргиз манъ нашуда аст.*[2]

## Шарҳи вожаҳо

**Нуваффи илайҳим:** ҳаққи ононро тамом ва камол медиҳем.

---

[1] Сураи Ҳуд, ояи 15-16.

مَن كَانَ يُرِيدُ الْحَيَاةَ الدُّنْيَا وَزِينَتَهَا نُوَفِّ إِلَيْهِمْ أَعْمَالَهُمْ فِيهَا وَهُمْ فِيهَا لاَ يُبْخَسُونَ {15} أُوْلَـئِكَ الَّذِينَ لَيْسَ لَهُمْ فِي الآخِرَةِ إِلاَّ النَّارُ... {16}

[2] Сураи Исро, ояи 18-20.

مَّن كَانَ يُرِيدُ الْعَاجِلَةَ عَجَّلْنَا لَهُ فِيهَا {18} وَمَنْ أَرَادَ الآخِرَةَ وَسَعَى لَهَا سَعْيَهَا وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَأُولَئِكَ كَانَ سَعْيُهُم مَّشْكُوراً {19} كُلاًّ نُّمِدُّ هَـؤُلاء وَهَـؤُلاء مِنْ عَطَاء رَبِّكَ وَمَا كَانَ عَطَاء رَبِّكَ مَحْظُوراً {20}

**Ло юбхасӯн, ло юнқасӯн:** чизе аз ҳаққашон коста намешавад.

**Маҳзӯран:** мамнуъан, “*ҳазр*” яъне манъ.

## Подоши дунё ва охират

Бино бар он чи овардем, порае аз аъмол чунон аст, ки инсон ҷазои онро дар дунё мебинад, вале бахше аз онҳо танҳо дар рӯзи қиёмат ба инсон мерасад.

Масалан, шаҳиде, ки дар роҳи Худо ҷангида то ба файзи шаҳодат ноил омада аст, имкони дарёфти подоши дунявиро надорад то аз он баҳра гирад. Аз ин сабаб Худованд подоши ӯро дар охират медиҳад, чунон ки фармуда аст:

> ***Ва ло таҳсабаннал лазӣна қутилу фӣ сабӣлиллоҳи амвотан бал аҳёу ъинда раббиҳим юрзақӯн. Фариҳӣна бимо отоҳумуллоҳу мин фазлиҳи ва ястабширӯна бил лазӣна лам ялҳақу биҳим мин халфиҳим алло хавфун ъалайҳим ва ло ҳум яҳзанӯн. Ястабширӯна биниъматин миналлоҳи ва фазлин ва анналлоҳа ло юзиъу аҷрал му’минӣн Ê***
>
> ***Ä****Ҳаргиз гумон мабар касоне, ки дар роҳи Худо кушта шудаанд, мурдагонанд! Балки онон зиндаанд ва назди Парвардигорашон рӯзӣ дода мешаванд. Онон ба хотири неъматҳое, ки Худованд аз фазли худ ба эшон бахшида аст, хушнуданд ва ба хотири касоне, ки ҳанӯз ба онон напайвастаанд, шодмонанд, ки на тарсе бар эшон аст ва на андӯҳе*

*хоҳанд дошт. (Онон) Аз неъмати Худо ва бахшиши ӯ ва ин ки Худованд подоши некӯкоронро табоҳ намекунад, хушҳол ва масруранд.*[1]

Ҳамчунин аст ҳоли инсони султагар ва касе, ки инсони мӯъминеро бо зулму таҷовуз ба қатл расонида аст. Чунин касе низ, ҷазои худро дармеёбад, чунонки Худои субҳон фармуда аст:

***Ва ман яқтул му'минан мутаъаммидан фаҷазо'уҳу ҷаҳанназу холидан фӣҳо ва ғазибаллоҳу ъалайҳи ва лаъанаҳу ва аъадда лаҳу ъазобан ъазӣмо Ê***

***Ä****Ва ҳар кас инсони боимонеро аз рӯи қасд ба қатл бирасонад, ҷазои ӯ дӯзах аст ва дар он ҷовидона мемонад. Худованд бар ӯ хашм карда, вайро аз раҳмати худ дур сохта ва азоби бузурге барояш омода намуда аст.*[2]

Ҳамчунин аст ҳоли касе, ки маълули ҷисмӣ ба дунё меояд, монанди: кӯр, кар ва ноқисулхилқа, ки агар ба Худо ва рӯзи қиёмат имон оварад, дӯстдори авлиёи

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 169 -171.

وَلاَ تَحْسَبَنَّ الَّذِينَ قُتِلُواْ فِي سَبِيلِ اللّهِ أَمْوَاتاً بَلْ أَحْيَاء عِندَ رَبِّهِمْ يُرْزَقُونَ {169} فَرِحِينَ بِمَا آتَاهُمُ اللّهُ مِن فَضْلِهِ وَيَسْتَبْشِرُونَ بِالَّذِينَ لَمْ يَلْحَقُواْ بِهِم مِّنْ خَلْفِهِمْ أَلاَّ خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلاَ هُمْ يَحْزَنُونَ {170} يَسْتَبْشِرُونَ بِنِعْمَةٍ مِّنَ اللّهِ وَفَضْلٍ وَأَنَّ اللّهَ لاَ يُضِيعُ أَجْرَ الْمُؤْمِنِينَ {171}

[2] Сураи Нисо, ояи 93.

وَمَن يَقْتُلْ مُؤْمِناً مُّتَعَمِّداً فَجَزَآؤُهُ جَهَنَّمُ خَالِداً فِيهَا وَغَضِبَ اللّهُ عَلَيْهِ وَلَعَنَهُ وَأَعَدَّ لَهُ عَذَاباً عَظِيماً {93}

Худо бошад ва бар нақси узви хеш барои Худо шикебоӣ варзад, чунин касеро Худованд дар зиндагии ҷовиди охират подоше медиҳад, ки бо ин камбуди дунёӣ ва ранҷу заҳмате, ки барои он дар роҳи Худо таҳаммул карда аст, қобили муқоиса набошад.[1]

Бино бар он чи овардем, адли илоҳӣ бидуни дарёфти подоши амал дар охират, таҳаққуқ намеёбад. Худованд барои дарёфти подоши аъмол, пас аз зиндагии дунё, мароҳили гуногуне қарор дода аст, ки дар баҳсҳои баъдӣ онро баррасӣ менамоем.

## *Инсон ва подоши ӯ дар охират*

Инсон худ дар киштзори хеш гоҳе гандум, ҷуворӣ ва сабза мекорад ва пас аз чанд моҳ маҳсули онро дарав ва бардошт мекунад.

Гоҳе низ, ангур, анҷир, зайтун, себ ва апелсин мекорад ва пас аз се ё чаҳор сол маҳсули онро мечинад.

Ва гоҳе хурмо ва чаҳормағз мекорад ва пас аз ҳашт сол ё бештар аз он баҳра мегирад. Ҳамин хел, инсон натиҷаи кори оддӣ ва рӯзмарраи худро ба даст оварда ва хонаводаи хеш ва дигаронро аз он баҳраманд месозад. Аз ин рӯ Худованди субҳон мефармояд:

---

[1] Ба "Савобулаъмол"-и Садуқ (раҳ.) боби: Савоби касе, ки Худоро дар ҳоли кӯрӣ мулоқот кунад ва онро барои Худо таҳаммул карда бошад, ҳадиси 21; ва низ ба "Маолимулмадрасатайн", ҷилди аввал, баҳси шафоат, ривояти кӯре, ки назди Паёмбар(с) омад ва аз он ҳазрат хост то дуо кунад Худо ӯро шифо диҳад, муроҷиат шавад.

***Инналлоҳа ҳувар раззоқу зул қувватил матӣн*** Ê

Ä *Худованд рӯзидиҳанда аст, Худованди қавии қудратманд.*[1]

***Аллоҳул лазӣ халақакум сумма разақакум*** Ê

Ä *Худованде, ки шуморо офарид, сипас рӯзиатон дод.*[2]

***Ва ло тақтулу авлодакум мин имлоқин наҳну нарзуқукум ва ийёҳум*** Ê

Ä *Фарзандонатонро аз тарси фақр накушед, мо шумо ва ононро рӯзӣ медиҳем.* [3]

***Ва каайййин мин доббатин ло таҳмилу ризқаҳо аллоҳу ярзуқуҳо ва ийёкум*** Ê

Ä *Чӣ басо ҷунбандае, ки қудрати ҳамли рӯзии худро надорад, Худованд ӯ ва шуморо рӯзӣ медиҳад.*[4]

---

[1] Сураи Зориёт, ояи 58.

إِنَّ اللَّهَ هُوَ الرَّزَّاقُ ذُو الْقُوَّةِ الْمَتِينُ {58}

[2] Сураи Рум, ояи 40.

اللَّهُ الَّذِي خَلَقَكُمْ ثُمَّ رَزَقَكُمْ... {40}

[3] Сураи Анъом, ояи 151.

... وَلاَ تَقْتُلُواْ أَوْلاَدَكُم مِّنْ إمْلاَقٍ نَّحْنُ نَرْزُقُكُمْ وَإِيَّاهُمْ... {151}

[4] Сураи Анкабут, ояи 60.

وَكَأَيِّن مِن دَابَّةٍ لَا تَحْمِلُ رِزْقَهَا اللَّهُ يَرْزُقُهَا وَإِيَّاكُمْ... {60}

***Валлоҳу фаззала баъзакум ъало баъзин фир ризқ* Ê**

**Ä** *Худованд бархе аз шуморо бар бархе дигар дар рӯзӣ бартарӣ дод.*[1]

Оре, инсон заминро шудгор мекунад, донаро мекорад, дарахтро мешинонад, ҳамаи онҳоро об медиҳад, офатҳояшонро аз байн мебарад ва онҳоро парвариш медиҳад то дона баргирад, мева бичинад ва аз он бихӯраду ба ҳар, ки хост бихӯронад. Худои субҳон мефармояд:

***“Наҳну нарзуқукум ва ийёҳум* Ê**

**Ä** *Мо шумо ва ононро рӯзӣ медиҳем!”*

Ва дуруст ҳам фармуда аст, зеро он ки дар обу хок хусусиятҳои рӯёндани гиёҳро қарор дода, чӣ гуна коштан ва шинонданро ба мо омӯхта аст ва ӯст дар ҳақиқат рӯзидиҳандаи мо. Мисоли рӯзӣ додани Худо ва рӯзӣ хӯрдани инсон дар дунё, ба монанди таом додани мизбон ба меҳмон дар ошхонаҳои худхизматрасоне аст, ки амалан ба меҳмон гуфта мешавад: худатро пазирой кун! Дар ин маконҳои таомхӯрӣ, таоми меҳмонро мизбон медиҳад ва ҳар хел хӯрдание, ки меҳмон бо озодии комил барои худ интихоб мекунад аз маҳсулоти мизбон аст. Аммо меҳмоне, ки вориди чунин ошхонаҳо мешавад, агар худ иқдом накунад ва аз қошуқ, чангол ва табақчае, ки

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 71.

وَاللّهُ فَضَّلَ بَعْضَكُمْ عَلَى بَعْضٍ فِي الْرِّزْقِ... {71}

мизбон омода намуда аст, барои худ нагирад, бо пои худ ба сӯи таоми омода наравад ва бо дасти худ ҳарчи хост набардорад, чизе нахоҳад хӯрд. Дар ҳақиқат бо ин ҳол, он ки меҳмонро таом дода аст мизбони ошхона мебошад. Дар чунин ҳолате зиёни эҳтимолии бо иштиҳои хуб нахӯрдан низ, бар ӯҳдаи меҳмон аст, зеро худаш таоми зиёнбор ва ғайримуфидро баргирифта аст. Чӣ дуруст ва содиқ аст он чи Худои бузург дар сураи Иброҳим фармуда аст:

***Аллоҳул лазӣ халақас самовоти вал арза ва анзала минас самои мо’ан фаахраҷа биҳи минас самароти ризқан лакум ва саххара лакумул фулка литаҷрия фил баҳри биамриҳи ва саххара лакумул анҳор. Ва саххара лакумуш шамса вал қамара доибайни ва саххара лакумул лайла ван наҳор Ê***

*Ä Худованд ҳамон касе аст, ки осмонҳо ва Заминро офарид ва аз осмон обе нозил кард ва бо он меваҳоро барои рӯзии шумо аз замин берун овард. Киштиҳоро мусаххари шумо гардонид то дар баҳрҳои нопайдоканор ба фармони ӯ равон гарданд ва наҳрҳоро дар ихтиёри шумо қарор дод. Хуршед ва моҳро (бо гардиши муназзам ва доимӣ) мусаххари шумо кард ва шабу рӯзро ба тасхири шумо даровард.*[1]

[1] Сураи Иброҳим, ояи 32-33.

Ва дар сураи Нахл мефармояд:

*Худованд аз осмонҳо обе фиристод ва заминро пас аз он ки мурда буд, ҳаёт бахшид. Ба ростӣ, ки дар ин нишонаи равшане аст барои қавме, ки мешунаванд. Дар вуҷуди чаҳорпоён, барои шумо ибрате аст: аз даруни шиками онҳо, аз миёни ғизои хоида ва хун, шири ноби гуворои нӯшандагон ба шумо менӯшонем. Аз меваҳои дарахти нахл ва ангур, мусаккарот (нӯшокиҳои мастибахш) ва рӯзии хубу покиза мегиред. Ба ростӣ, ки дар ин нишонаи равшане аст барои қавме, ки меандешанд. Ва Парвардигори ту ба занбӯри асал ваҳй кард, ки: аз кӯҳҳо, дарахтон ва дорбастҳое, ки мардум бино мекунанд, хонаҳое баргузин. Сипас аз тамоми самарот бихӯр ва роҳҳоеро, ки Парвардигорат барои ту таъин фармуда аст, ба роҳатӣ паймо. Аз даруни шиками онҳо нӯшиданӣ бо рангҳои мухталиф хориҷ мешавад, ки дар он шифои мардумон аст. Ба ростӣ, ки дар ин амр, нишонаи равшане аст барои қавме, ки андеша мекунанд.*[1]

---

اللّهُ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ وَأَنزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً فَأَخْرَجَ بِهِ مِنَ الثَّمَرَاتِ رِزْقاً لَّكُمْ وَسَخَّرَ لَكُمُ الْفُلْكَ لِتَجْرِيَ فِي الْبَحْرِ بِأَمْرِهِ وَسَخَّرَ لَكُمُ الأَنْهَارَ {32} وَسَخَّر لَكُمُ الشَّمْسَ وَالْقَمَرَ دَآئِبَينَ وَسَخَّرَ لَكُمُ اللَّيْلَ وَالنَّهَارَ {33}

[1] Сураи Наҳл, ояи 65-69.

وَاللّهُ أَنزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً فَأَحْيَا بِهِ الأَرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَا إِنَّ فِي ذَلِكَ لآيَةً لِّقَوْمٍ يَسْمَعُونَ {65} وَإِنَّ لَكُمْ فِي الأَنْعَامِ لَعِبْرَةً نُّسْقِيكُم مِّمَّا فِي بُطُونِهِ مِن بَيْنِ فَرْثٍ وَدَمٍ لَّبَناً خَالِصاً سَآئِغاً لِلشَّارِبِينَ {66} وَمِن ثَمَرَاتِ النَّخِيلِ وَالأَعْنَابِ تَتَّخِذُونَ مِنْهُ سَكَراً

## Шарҳи вожаҳо

**Доибайн:** мустамиррайн: яъне, ҳамеша дар гардишанд, ҳаракат дар масири таъиншуда, шаън ва одати ҳамешагии онҳо шуда аст.

**Фарс:** таоми хоида дар шикамба ва меъдаи ҳайвонот.

**Миммо яъришӯн:** аз он ҷо боло мебаранд, дорбастҳое, ки мардум боло бурда ва шохаҳои баъзе аз дарахтонро рӯи он қарор медиҳанд, ё сақфе, ки ба рӯи дарахтони хурмо бино мекунанд ва...

## Бозгашт ба оғоз

Парвардигори рӯзибахш, неъматҳоеро барои меҳмонони худ, ки ҳамон инсон аст, дар ин ҷаҳон фароҳам оварда ва роҳҳои дастёбӣ ва баҳравари муфиду безарар барои дунёи зудгузар ва охирати ҷовидонро ба воситаи анбиё, авсиё ва уламо барои ӯ таълим дода ва фармуда аст:

> ***Ё айюҳал лазӣна оманӯ кулӯ мин таййиботи мо разақнокум вашкурӯ лиллоҳ*** **Ê**
>
> **Ä***Эй аҳли имон! Аз покизаҳое, ки рӯзии шумо кардаем бихӯред ва Худоро шокир бошед.*[1]

---

وَرِزْقاً حَسَناً إِنَّ فِي ذَلِكَ لآيَةً لِّقَوْمٍ يَعْقِلُونَ {67} وَأَوْحَى رَبُّكَ إِلَى النَّحْلِ أَنِ اتَّخِذِي مِنَ الْجِبَالِ بُيُوتاً وَمِنَ الشَّجَرِ وَمِمَّا يَعْرِشُونَ {68} ثُمَّ كُلِي مِن كُلِّ الثَّمَرَاتِ فَاسْلُكِي سُبُلَ رَبِّكِ ذُلُلاً يَخْرُجُ مِن بُطُونِهَا شَرَابٌ مُّخْتَلِفٌ أَلْوَانُهُ فِيهِ شِفَاءٌ لِلنَّاسِ إِنَّ فِي ذَلِكَ لآيَةً لِّقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ {69}

[1] Сураи Бақара, ояи 172.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ كُلُواْ مِن طَيِّبَاتِ مَا رَزَقْنَاكُمْ وَاشْكُرُواْ لِلّهِ... {172}

Ва низ фармуда аст:

***Яс'алӯнака мозо уҳилла лаҳум, қул уҳилла лакумут таййибот*** **Ê**

**Ä** *Аз ту мепурсанд:* *чӣ чизҳое барои онҳо ҳалол шуда аст?* *Бигӯ:* *ҳамаи покизаҳо барои шумо ҳалол гардида аст.*[1]

Ва низ, дар васфи Хотами Анбиёи худ[(с)] фармуда аст:

***Ва юҳиллу лаҳумут таййиботи ва юҳарриму ъалайҳимул хабо'ис*** **Ê**

**Ä** *Ӯ* **(***паёмбар***)** *покизаҳоро барои онон ҳалол ва нопокиҳоро party барояшон ҳаром мекунад.*[2]

Бино бар ин, Парвардигори субҳон моро офарид, ҳар чӣ дар атрофамон буд мусаххари мо гардонид ва дар ин дунё аз покизаҳо, ки натиҷаи зироат ва кишти худи мо буд, рӯзиамон дод. Ӯ ҳамчунин, натиҷаи аъмоламонро рӯзии охиратамон мегардонад, чунон ки фармуда аст:

***Валлазӣна ҳоҷарӯ фӣ сабӣлиллоҳи сумма қутилӯ ав мотӯ лаярзуқаннаҳумуллоҳу ризқан ҳасано*** **Ê**

---

[1] Сураи Моида, ояи 4.

يَسْأَلُونَكَ مَاذَا أُحِلَّ لَهُمْ قُلْ أُحِلَّ لَكُمُ الطَّيِّبَاتُ {4}

[2] Сураи Аъроф, ояи 157.

... وَيُحِلُّ لَهُمُ الطَّيِّبَاتِ وَيُحَرِّمُ عَلَيْهِمُ الْخَبَآئِثَ... {157}

*ÄОнон ки дар роҳи Худо ҳиҷрат карданд, сипас кушта шуданд ё мурданд, Худованд рӯзии некӯе ба онон хоҳад дод.*[1]

Ва низ мефармояд:

***Илло ман тоба ва омана ва ъамила солиҳан фаулоика ядхулӯнал ҷанната ва ло юзламӯна шай'ан. Ҷанноти ъаднин, аллатӣ ваъадар раҳмону ъибодаҳу билғайби иннаҳу кона ваъдуҳу ма'тийё. Ло ясмаъӯна фӣҳо лағван илло саломан ва лаҳум ризқуҳум фӣҳо букратан ва ъашийё Ê***

*Ä...Магар онон ки тавба кунанд, имон оваранд ва кори шоиста анҷом диҳанд. Пас, ин гурӯҳ дохили биҳишт мешаванд ва камтарин ситаме ба онон нахоҳад шуд. Биҳиштҳои ҷовидоне, ки Худованди раҳмон бандагонашро ғоибона ба он ваъда дода аст, мусалламан ваъдаи Худо шуданӣ аст. Дар он ҷо ҳаргиз гуфтори беҳуда намешунаванд ва ҷуз салом наёбанд ва рӯзии онон субҳу шом дар он мавҷуд аст.*[2]

---

[1] Сураи Ҳаҷ, ояи 58.

وَالَّذِينَ هَاجَرُوا فِي سَبِيلِ اللَّهِ ثُمَّ قُتِلُوا أَوْ مَاتُوا لَيَرْزُقَنَّهُمُ اللَّهُ رِزْقاً حَسَناً... {58}

[2] Сураи Марям, ояи 60 то 62.

إِلَّا مَن تَابَ وَآمَنَ وَعَمِلَ صَالِحاً فَأُوْلَئِكَ يَدْخُلُونَ الْجَنَّةَ وَلَا يُظْلَمُونَ شَيْئاً {60}
جَنَّاتِ عَدْنٍ الَّتِي وَعَدَ الرَّحْمَنُ عِبَادَهُ بِالْغَيْبِ إِنَّهُ كَانَ وَعْدُهُ مَأْتِيّاً {61} لَا يَسْمَعُونَ
فِيهَا لَغْواً إِلَّا سَلَاماً وَلَهُمْ رِزْقُهُمْ فِيهَا بُكْرَةً وَعَشِيّاً {62}

Пас, Парвардигори ҳаким ҷазои инсонро, ки натиҷаи амалкарди ӯст, дар дунё зуд ва дар охират пас аз муддати маълум ба ӯ бозмегардонад. Ҳамон гуна, ки худи Худованд дар сураҳои бисёре аз он хабар дода ва дар сураи "Зилзол" фармуда аст:

***Фаман яъмал мисқола зарратин хайран яраҳ. Ва ман яъмал мисқола зарратин шарран яраҳ*** **Ê**

**Ä***Пас, ҳар кӣ ба миқдори заррае некӣ кунад, онро мебинад ва ҳар кӣ ба андозаи заррае бадӣ намояд, онро мебинад.*[1]

Ва дар сураи Ёсин фармуда аст:

***Фал явма ло туздаму нафсун шай'ан ва ло туҷзавна илло мо кунтум таъмалӯн*** **Ê**

**Ä***Пас, дар он рӯз ба ҳеҷ кас заррае ситам намешавад ва подоше ҷуз он чи амал мекардед, дода намешавед.*[2]

Оре, он шахсе, ки дар ин дунё ҳанзали[3] талх мекорад, бардоште ҷуз ҳанзал надорад ва касе, ки дарахтони борваре мешинонад, меваҳои некӯ мечинад. Ҳамон гуна ки Худои субҳон дар сураи "Наҷм" мефармояд:

---

[1] Сураи Зилзол, ояи 7-8.

فَمَن يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ خَيْراً يَرَهُ {7} وَمَن يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ شَرّاً يَرَهُ {8}

[2] Сураи Ёсин, ояи 54.

فَالْيَوْمَ لَا تُظْلَمُ نَفْسٌ شَيْئاً وَلَا تُجْزَوْنَ إِلَّا مَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ {54}

[3] Меваи талхест ба монанди харбуза.

***Ва ан лайса лил инсони илло мо саъо. Ва анна саъяҳу савфа юро*** Ê

Ä*Ва ин ки, барои инсон баҳрае ҷуз саъю талоши ӯ нест ва саъйи ӯ ба зудӣ дида мешавад.*[1]

Инсон подоши амалкарди худро танҳо дар дунё намебинад, балки дар ҳолатҳо ва оламии панҷгонаи зайл низ, натоиҷи онро мебинад:

1) ҳангоми марг.

2) дар қабр.

3) дар маҳшар.

4) дар биҳишт ва ҷаҳаннам.

5) дар бозмондагоне, ки подоши амалро барои онон ба ирс мегузорад.

ø ø ø

Дар ин баҳс, намунае аз подош гирифтани инсон дар корҳои дунёиро баён доштем, дар баҳси оянда, ба хости Худои мутаол, чигунагии подоши Худованд ба инсонро дар ҳангоми марг баррасӣ менамоем.

## Инсон ва подоши ӯ дар ҳангоми марг

Аввалин марҳала аз мароҳили охират, марг аст. Худои субҳон дар васфи он фармуда аст:

---

[1] Сураи Наҷм, ояи 39-40.

وَأَن لَّيْسَ لِلْإِنسَانِ إِلَّا مَا سَعَى {39} وَأَنَّ سَعْيَهُ سَوْفَ يُرَى {40}

***Ва ҷоат сакратул мавти билҳаққи золика мо кунта минҳу таҳӣд*** **Ê**

**Ä** *(Эй инсон) Саранҷом, сакароти аз худ шудани марг ба ҳақ фаро расад, ин ҳамон чизе аст, ки ту аз он мегурехтӣ!*[1]

Яъне, лаҳзаи ҳавлноки марг ва шиддате, ки бар ақли одамӣ чира мешавад, фаро расад. Ин ҳамон марг аст, ки ту ( инсон) ҳамеша аз он гурезон будӣ!

***Қул ятаваффокум малакул мавти, аллазӣ вуккила бикум сумма ило раббикум турҷаъӯн*** **Ê**

**Ä** *Бигӯ: фариштаи марг, ки бар шумо маъмур шуда аст, ҷони шуморо меситонад, сипас ба сӯи Парвардигоратон боргардонда мешавед.*[2]

Ин ки Худованд дар ин сура фармуда аст: Фариштаи марг ҷони шуморо меситонад, дар сураи Зумар фармуда аст:

***Аллоҳу ятаваффал анфуса*** **Ê**

**Ä** *Худованд ҷонҳоро мегирад.*[3]

Дар сураи Наҳл фармуда аст:

---

[1] Сураи Қоф, ояи 19.

وَجَاءتْ سَكْرَةُ الْمَوْتِ بِالْحَقِّ ذَلِكَ مَا كُنتَ مِنْهُ تَحِيدُ {19}

[2] Сураи Саҷда, ояи 11.

قُلْ يَتَوَفَّاكُم مَّلَكُ الْمَوْتِ الَّذِي وُكِّلَ بِكُمْ ثُمَّ إِلَى رَبِّكُمْ تُرْجَعُونَ {11}

[3] Сураи Зумар, ояи 42.

اللَّهُ يَتَوَفَّى الْأَنفُسَ... { 42}

***Татаваффоҳумул малоикату*** Ê

Ä *Фариштагон ҷони онҳоро мегиранд.*[1]

Дар сураи Анъом фармуда аст:

***Таваффатҳу русулуно*** Ê

Ä *Фариштагони мо ҷони ӯро мегиранд.*[2]

Дар ин суханон, ҳеҷ гуна мунофот ва зиддияте нест. Зеро: фариштагон расулони Худованданд ва дар гирифтани ҷонҳо "Малакулмавт"-ро ёрӣ медиҳанд ва ҳамаи онон ба фаромони Худо қабзи рӯҳ мекунанд. Пас дар ҳақиқат Худо худаш ҷонҳоро мегирад, ки фариштагонро ба он фармон медиҳад.

Бо оғози ин марҳала аз мароҳили охират, имкони амал дар дунё аз одамӣ гирифта шуда ва дидори натиҷаи амал оғоз мегардад. Аз ҷумла осоре, ки дар он ҳол мебинад чизе аст, ки Садуқ (раҳматуллоҳ) бо санади худ аз Расули Худо(с) ривоят карда аст, ки он ҳазрат фармуда аст:

***Савму Раҷаби юҳаввину сакаротил мавт*** Ê

Ä *Рӯзаи моҳи Раҷаб сахтиҳои маргро осон мекунад.*[3]

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 28 ва 32.

... تَتَوَفَّاهُمُ الْمَلائِكَةُ... {28}

الَّذِينَ تَتَوَفَّاهُمُ الْمَلآئِكَةُ... {32}

[2] Сураи Анъом, ояи 61.

... تَوَفَّتْهُ رُسُلُنَا ... {61}

[3] “Савобулаъмол”, боби савоби рӯзаи (моҳи) Раҷаб, ҳадиси 4.

Инсон дар ин марҳала бар ҳасби амале, ки анҷом дода аст, ду гуна аст. Чунонки Худои субҳон хабар дода ва фармуда аст:

***Фааммо ин кона минал муқаррабӣна, фаравҳун ва райҳонун ва ҷаннату наъӣм. Ва аммо ин кона мин асҳобил ямӣни, фасаломун лака мин асҳобил ямӣн. Ва аммо ин кона минал муказзибӣназ золлӣна, фанузулун мин ҳамӣм ва таслияту ҷаҳӣм Ê***

*ÄАммо агар аз муқаррабон бошад, дар равҳу райҳон ва биҳишти наим аст. Аммо агар аз Асҳоби ямин бошад, (ба ӯ мегӯянд:) салом бар ту бод аз сӯи Асҳоби ямин. Аммо агар дурӯғшумурандагони гумроҳ бошад, бо оби ҷӯшони дӯзах пазирой мешавад ва дар оташи ҷаҳаннам ҷой мегирад.*[1]

Худои мутаол аз он чи гурӯҳи аввал (муқаррабон ва Асҳоби ямин) бо он рӯбарӯ мешаванд хабар дода ва мефармояд:

***Ё айятуҳан нафсул мутма'инна. Ирҷиъӣ ило раббики розиятан марзийя. Фадхулӣ фӣ ъибодӣ вадхулӣ ҷаннатӣ Ê***

*ÄЭй рӯҳи оромёфта! Ба сӯи Парвардигорат баргард дар ҳоле ки ҳам аз ӯ хушнудӣ ва ҳам аз ту розӣ аст.*

---

[1] Сураи Воқеа, ояи 88-94.

**فَأَمَّا إِن كَانَ مِنَ الْمُقَرَّبِينَ {88} فَرَوْحٌ وَرَيْحَانٌ وَجَنَّةُ نَعِيمٍ {89} وَأَمَّا إِن كَانَ مِنَ أَصْحَابِ الْيَمِينِ {90} فَسَلَامٌ لَّكَ مِنْ أَصْحَابِ الْيَمِينِ {91} وَأَمَّا إِن كَانَ مِنَ الْمُكَذِّبِينَ الضَّالِّينَ {92} فَنُزُلٌ مِّنْ حَمِيمٍ {93} وَتَصْلِيَةُ جَحِيمٍ {94}**

*Пас дар сулуки[1] бандагони ман даро ва дар биҳишти ман ворид шав.*[2]

Ва аз гурӯҳи дуввум (онон, ки дар зиндагии дунё ба худ ситам карданд) низ хабар дода ва мефармояд:

***Ҳатто изо ҷоа аҳадаҳумул мавту қола рабби ирҷиъӯн. Лаъаллӣ аъмалу солиҳан фимо тарақту, калло иннаҳо калиматун ҳува қоилуҳо ва мин вароиҳим барзахун ило явми юбъасӯн Ê***

*ÄТо он гоҳ, ки марги яке аз онон фаро расад, мегӯянд: Парвардигори ман! Маро баргардонед! Шояд дар он чи тарк кардам амали солеҳ анҷом диҳам! Инчунин нест! Ин сухане аст, ки ӯ бар забон меронад! Ва пушти сари онон барзахест, то рӯзе, ки барангехта мешаванд.*[3]

## Шарҳи вожаҳо

**Ятаваффо:** тамом ва камол дарёфт мекунад, яъне: Худованд ё Малакулмавт ҷони ӯро комилан мегиранд. Дар ҳангоми ҷавоб низ, ки қувваи тамиз додан ва бархе

---

[1] Сулук: роҳу равиш.

[2] Сураи Фаҷр, ояи 27-30.

يَا أَيَّتُهَا النَّفْسُ الْمُطْمَئِنَّةُ {27} ارْجِعِي إِلَى رَبِّكِ رَاضِيَةً مَّرْضِيَّةً {28} فَادْخُلِي فِي عِبَادِي {29} وَادْخُلِي جَنَّتِي {30}

[3] Сураи Мӯъминун, ояи 99-100.

حَتَّى إِذَا جَاء أَحَدَهُمُ الْمَوْتُ قَالَ رَبِّ ارْجِعُونِ {99} لَعَلِّي أَعْمَلُ صَالِحاً فِيمَا تَرَكْتُ كَلَّا إِنَّهَا كَلِمَةٌ هُوَ قَائِلُهَا وَمِن وَرَائِهِم بَرْزَخٌ إِلَى يَوْمِ يُبْعَثُونَ {100}

ҳавоси одамӣ гирифта мешавад, монанди ин аст, ки рӯҳи ӯ гирифта шуда аст.

**Ҳамӣм:** оби ҷӯшон.

**Таслияту ҷаҳӣм:** сӯзондан бо оби ҷӯшон дар ҷаҳаннам.

**Барзах:** монеъ ва марзи миёни ду чиз.

**ø ø ø**

Инсон дар ин марҳала, поёни зиндагии дунёӣ ва марги ҳамаи аъзои худро дарк мекунад, вале воситае барои шинохти баъд аз он ҷуз он чи анбиё хабар додаанд, надорад. Пас агар анбиёро тасдиқ карда, ба онон ва он чи аз сифоти Худо ва шариати илоҳӣ овардаанд имон оварад, ба олами охират ва мароҳили мухталифи он ҳам имон оварад. Қиёси он чи дар бораи охират гуфтаанд бо он чи, ки мо дар дунё дида ва шинохтаем, мумкин нест, зеро абзорҳои шинохти мо маҳдуд ва хоси зиндагии ин дунёст ва барои баррасии ахбори анбиё дар бораи охират (чунон ки дар гузашта баён доштем) корбурде надорад.

Аз ҷумла ривояте, ки дар бораи охирин лаҳазаҳои зиндагӣ ва фаро расидани марг ба дасти мо расида аст, ривояте аст аз имом Содиқ[(а)], ки фармуда аст:

***Ман мота ва лам яҳиҷҷа ҳаҷҷатал исломи дунамо мониъин ямнаъуҳу фалямут ин шоа яҳудӣян ав насронӣйё Ê***

*Ӓ Ҳар кас маргаш фаро расад ва бидуни узри муваҷҷаҳ ҳаҷҷи воҷиби худро нагузорида бошад, бояд ба хости худ, яҳудӣ ё насоро бимирад.*[1]

## *Инсон ва подоши ӯ дар қабр*

Китобҳои ривоӣ аз он чи мурда дар қабр бо он рӯбарӯ мегардад, анбошта ва зиёд аст: аз саволи он ду фариштаи маъмури ақоид[2] гирифта то дидани осори бади хулқ, ҳусни хулқ ва соири рафторе, ки дошта аст, ки мавориди зер аз ҷумлаи онҳост: Қабр барои маййит, бӯстоне аз бӯстонҳои биҳишт ё чуқурие аз чуқуриҳои оташ аст[3] ва касе, ки дар паи суханчинӣ равад ё замони пешоб кардан аз наҷосат парво накунад, дар қабр азоб мешавад.[4] Ва ҳар кӣ ахлоқи худро некӯ гардонд, аз ҳангоми вуруд дар қабр то поёни мароҳили ҳисобрасии қиёмат подош мегирад[5] ва ҳар кӣ рукӯи

---

[1] "Савобулаъмол", боби "Иқоби касе, ки ҳаҷро тарк кунад", ҳадиси 2.

[2] Ба моддаи "накир" дар "Сафинатулбиҳор" муроҷиат шавад.

[3] Ба моддаи "қабр" дар ҳамон маъхаз муроҷиат шавад.

[4] "Савобулаъмол"-и[4] Садуқ (раҳ.), саҳ. 295, ҳадиси 1; Саҳеҳи Муслим, бахши "Китобуттаҳорат", боби "Ад-далил ъало наҷосатил бавл", саҳ. 240-241; Сунани Дорамӣ, бахши "Китобут таҳорат", боби Ал-иттиқо минал бавл, китоби 1, саҳ. 188; Сунани Абӯдовуд, "Китобуттаҳорат", боби "Ал истибро минал бавл", китоби 1, саҳ. 34-35; Сунани Ибни Моҷа, "Китобуттаҳорат", боби "Атташдид фил бавл", китоби 1, саҳ. 124-125; Муснади Аҳмад, китоби 1, саҳ. 225 ва китоби 5, саҳ. 266, 417 ва 419; Саҳеҳи Бухорӣ, "Китобул вузу", боби "Минал кабоир ан ло ястур мин бавлиҳи, китоби 1, саҳ. 64 ва "Китобул адаб", боби "Алғайбат", китоби 8, саҳ. 20 ва боби "Аннамимату минал кабоир", китоби 8, саҳ. 21.

[5] "Савобулаъмол", саҳ. 180, боби "Савоби идхоли сурур бар бародари мӯъмин".

худро ба дурустӣ анҷом диҳад, ҳеҷ гуна ҳаросе дар қабр ба ӯ ворид намешавад.[1]

## Инсон ва подоши ӯ дар маҳшар

### *А) Ҳангоми дамидан дар сур*

Рӯзи маҳшар бо дамидан дар сур барои ҳисобрасӣ оғоз мегардад. "Сур" дар луғати арабӣ чизе ба монанди шох аст, ки дар он медаманд, то овоз барорад. Худои субҳон мефармояд:

> ***Ва нуфиха фис сӯри фасаъиқа ман фис самовоти ва ман фил арзи илло ман шоъаллоҳу сумма нуфиха фӣҳи ухро фаизо ҳум қиёмун янзурӯн*** Ê
>
> *ÄДар "сур" дамида мешавад, пас ҳамаи касоне, ки дар осмонҳо ва замин ҳастанд мемиранд, ба ҷуз ононе ки Худо бихоҳад. Сипас бори дигар дар он дамида мешавад, ногаҳон ҳамагӣ бапо хеста ва дар интизоранд.*[2]

"**Саъиқ**" дар ин ҷо савте аст бо пайомади марг. Дар ҳадис барои "**нафх**" тафсире омада аст, ки фишурдаи он чунин аст:

Дамидан дар "**сур**" ду навбат хоҳад буд:

---

[1] "Сафинатулбиҳор", моддаи "ракъ".

[2] Сураи Зумар, ояи 68.

**وَنُفِخَ فِي الصُّورِ فَصَعِقَ مَن فِي السَّمَاوَاتِ وَمَن فِي الْأَرْضِ إِلَّا مَن شَاء اللَّهُ ثُمَّ نُفِخَ فِيهِ أُخْرَى فَإِذَا هُم قِيَامٌ يَنظُرُونَ** {68}

**Навбати аввал**: Исрофил дар сур медамад ва ҳама мавҷудотии осмонҳо ва замин мемиранд, магар онон ки Худо бихоҳад. Ҳомимлони Арш, Ҷабраил, Микоил ва Азроил мебошанд. Пас аз он Худованд (дар ҳоле, ки худ донотар аст) ба Малакулмавт мефармояд: Чӣ касоне боқӣ мондаанд? Мегӯянд: Парвардигоро! Ҷуз Малакулмавт, ҳомилони Арш, Ҷабраил ва Микоил ҳеҷ кас боқӣ намонда аст. Худованд мефармояд: Ба Ҷабраил ва Микоил бигӯ: бояд бимиранд ва рӯҳи онон қабз гардад! Пас аз он (дар ҳоле, ки худ донотар аст) ба Малакулмавт мефармояд: Кӣ боқӣ монд? Мегӯяд: Парвардигоро! Ҷуз Малакулмавт ва ҳомилони Арш касе боқӣ намонда аст! Мефармояд: Ба ҳомилони Арш бигӯ: бояд бимиранд ва рӯҳашон гирифта шавад! Баъд мефармояд: Эй Малакулмавт! Кӣ боқӣ монда аст? Арз мекунад: касе ҷуз Малакулмавт боқӣ нест. Мефармояд: Бимир эй Малакулмавт! Ӯ низ мемирад ва Худои Зулҷалол нидо мекунад:

***Лиманил мулку ал-явм* Ê**

**Ä** *Имрӯз ҳукумат аз они кист***?**

Ҳеҷ кас посух намедиҳад. Дар ин ҳангом Худои ҷаббори зулҷалол худ посухи хештанро дода ва мефармояд:

***Лиллоҳил воҳидил қаҳҳор* Ê**

**Ä** *Аз они Худои ягонаи қаҳҳор аст***.**[1]

---

[1] Сураи Мӯъмин, ояи 16.

Пас аз он, ҳар гоҳ хост дубора дар "сур" медамад. Чунон ки худ мефармояд: сипас дубора дар он (сур) медамад, ногаҳон ҳамагӣ бапо хеста ва дар интизоранд![1]

**Навбати дуввум**: Худованд дар бораи он мефармояд:

***1-Ва нуфиха фис сӯри фаҷамаъноҳум ҷамъо Ê***

***Ä****Дар "сур" дамида мешавад ва мо ҳамаро ҷамъ мекунем.*[2]

***2-Ва явма юнфаху фис сӯри фафазиъа ман фис самовоти ва ман фил арзи илло ман шо`аллоҳу ва куллун атавҳу дохирӣн Ê***

***Ä****Рӯзе, ки дар "сур" дамида мешавад ва тамоми касоне, ки дар осмонҳо ва замин ҳастанд дар ваҳшат фурӯ меравaнд, ҷуз касоне, ки Худо хоста аст. Ва ҳамагӣ бо хузӯъ ва зиллат ба пешгоҳи ӯ ҳозир мешаванд!*[3]

***3-Ва нуфиха фис сӯри фаизо ҳум минал аҷдоси ило раббиҳим янсилӯн. Қолӯ ё вайлано ман***

---

... لِمَنِ الْمُلْكُ الْيَوْمَ لِلَّهِ الْوَاحِدِ الْقَهَّارِ {16}

1 "Дуррулмансур"-и Суютӣ, ҷ. 5, саҳ. 336-337 ва "Биҳоруланвор" ба нақл аз "Кофӣ", ҷ. 6, саҳ. 326-327.

2 Сураи Каҳф, ояи 99.

... وَنُفِخَ فِي الصُّورِ فَجَمَعْنَاهُمْ جَمْعاً {99}

3 Сураи Намл, ояи 87.

وَيَوْمَ يُنفَخُ فِي الصُّورِ فَفَزِعَ مَن فِي السَّمَاوَاتِ وَمَن فِي الْأَرْضِ إِلَّا مَن شَاء اللَّهُ وَكُلٌّ أَتَوْهُ دَاخِرِينَ {87}

***баъасано мин марқадино ҳозо мо ваъадар раҳмону ва садақал мурсалӯн. Ин конат илло сайҳатан воҳидатан фаизо ҳум ҷамиъул ладайно муҳзарӯн. Фалявма ло тузламу нафсун шай'ан ва ло туҷзавна илло мо кунтум таъмалӯн Ê***

***Ä****Дар "сур" дамида мешавад, ногаҳон онон аз қабрҳо шитобон ба сӯи Парвардигорашон меравoнд. Мегӯянд: эй вой бар мо! Чӣ касе моро аз хобгоҳамон барангехт?! Ин ҳамон аст, ки Худои раҳмон ваъда дода буд ва фиристодагони ӯ рост гуфтанд. Ин рӯйдод, сайҳаи*[1] *воҳиде беш нест, ки ногаҳон ҳамагӣ назди мо ҳозир мегарданд. Имрӯз ба ҳеҷ кас заррае ситам намешавад ва подоше ҷуз он чи амал мекардед дода намешавад.*[2]

Ва низ, дар бораи ин ки ҳамаи инсонҳоро ҷамъ карда ва гирдиҳам меовард, фармуда аст:

***1-Ва ҳашарноҳум фалам нуғодир минҳум аҳадо Ê***

---

[1] Овози осмонии даҳшатнок.

[2] Сураи Ёсин, ояи 51-54.

وَنُفِخَ فِي الصُّورِ فَإِذَا هُم مِّنَ الْأَجْدَاثِ إِلَى رَبِّهِمْ يَنسِلُونَ {51} قَالُوا يَا وَيْلَنَا مَن بَعَثَنَا مِن مَّرْقَدِنَا هَذَا مَا وَعَدَ الرَّحْمَنُ وَصَدَقَ الْمُرْسَلُونَ {52} إِن كَانَتْ إِلَّا صَيْحَةً وَاحِدَةً فَإِذَا هُمْ جَمِيعٌ لَّدَيْنَا مُحْضَرُونَ {53} فَالْيَوْمَ لَا تُظْلَمُ نَفْسٌ شَيْئاً وَلَا تُجْزَوْنَ إِلَّا مَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ {54}

*Ä Ва ҳамаи ононро бармеангезем ва аҳаде аз эшонро фурӯгузор намекунем!*[1]

***2-Явма юнфаху фис сури ва наҳшурул мучримӣна явмаизин зурқо Ê***

*Ä Рӯзе, ки дар "сур" дамида мешавад ва мучримонро бо баданҳои кабуд дар он рӯз гирдиҳам меоварем.*[2]

***3- Явма наҳшурул муттақӣна илар раҳмони вафдо Ê***

*Ä Рӯзе, ки парҳезкоронро дастачамъӣ ба пешгоҳи Худованди раҳмон меоварем!*[3]

## Шарҳи вожаҳо

**Дохирин:** залилона ва бо курниш.

**Ачдос:** қабрҳо.

**Янсилӯн:** чудо мешаванд, бо суръат аз қабрҳо берун меоянд.

**Зурқан:** зурқ чамъи зарақ ё азрақ, ба маънои кабудӣ ва нилгунӣ аст.

**Вафдан:** вафд номи ҳайъат ва гурӯҳе аст, ки барои дарёфти подош ё ҳар гуна ниёзе назди ҳоким мераванд.

---

[1] Сураи Каҳф, ояи 47.

... وَحَشَرْنَاهُمْ فَلَمْ نُغَادِرْ مِنْهُمْ أَحَداً {47}

[2] Сураи Тоҳо, ояи 102.

يَوْمَ يُنفَخُ فِي الصُّورِ وَنَحْشُرُ الْمُجْرِمِينَ يَوْمَئِذٍ زُرْقاً {102}

[3] Сураи Марям, ояи 85.

يَوْمَ نَحْشُرُ الْمُتَّقِينَ إِلَى الرَّحْمَنِ وَفْداً {85}

### *Б) Ҳангоми мушоҳидаи рӯзи қиёмат*

***1-...Иннаҳум мабъусӯна. Лиявмин ъазӣм. Явма яқӯмун носи лирабил ъоламӣн Ê***

*Ä...Онон барангехта машаванд. Дар рӯзи бузург. Рӯзе, ки мардум дар пешгоҳи Парвардигори ҷаҳониён рост меистад.*[1]

***2- Явма яқумур рӯҳу вал малоикату саффан ло ятакалламӯна илло ман азина лаҳур раҳмону ва қола савобо Ê***

*ÄРӯзе, ки "рӯҳ" ва "фариштагон" дар як саф меистанд ва ҳеҷ як (ҷуз он ки Худои раҳмон иҷозаташ диҳад ва дуруст бигӯяд) сухан намегӯянд!*[2]

***3-Ва халақаллоҳус самовоти вал арза бил ҳаққи ва литуҷзо куллу нафсин бимо касабат ва ҳум ло юзламӯн Ê***

*ÄХудованд осмонҳо ва Заминро ба ҳақ офарида аст, то ҳар кас ба он чи касб карда аст, подош дода шавад ва ба онон ситам нахоҳад шуд.*[3]

---

[1] Сураи Мутаффифин, ояи 4-6.

... أَنَّهُم مَّبْعُوثُونَ {4} لِيَوْمٍ عَظِيمٍ {5} يَوْمَ يَقُومُ النَّاسُ لِرَبِّ الْعَالَمِينَ {6}

[2] Сураи Набо, ояи 38.

يَوْمَ يَقُومُ الرُّوحُ وَالْمَلَائِكَةُ صَفّاً لَّا يَتَكَلَّمُونَ إِلَّا مَنْ أَذِنَ لَهُ الرحْمَنُ وَقَالَ صَوَاباً {38}

[3] Сураи Ҷосия, ояи 22.

***4-Ва кулла инсонин алзамноҳу тоираҳу фӣ ъунуқиҳи ва нухриҷу лаҳу явмал қиёмати китобан ялқоҳу маншӯро. Иқра' китобака кафо бинафсикал явма ъалайка ҳасӣбо* Ê**

*Ä Ва ҳар инсоне, кирдорашро ба гарданаш овехтаем ва рӯзи қиёмат китобе барои ӯ берун меоварем, ки онро пеши рӯи худ кушода бинад! Ба ӯ гуфта мешавад: китобатро бихон! Ҳамон бас, ки имрӯз худ ҳисобгари хеш бошӣ.*[1]

***5-** Ҳар уммате ба сӯи китобаш хонда мешавад. Имрӯз подош он чиро анҷом медодед ба шумо медиҳанд. Ин китоби мост, ки ба ҳақ бо шумо сухан мегӯяд. Мо ҳар чиро шумо анҷом медодед менавиштем. ...Ва бадиҳои он чи анҷом медоданд бар онон ошкор мешавад ва он чи масхарааш мекарданд, ононро фаро мегирад! Ва ба онон гуфта мешавад: имрӯз шуморо аз ёд мебарем, ҳамон гуна, ки шумо дидори имрӯзатонро аз ёд бурдед. Ва ҷойгоҳи шумо дӯзах аст ва ҳеҷ ёваре надоред. Ин ба он хотир аст, ки шумо оёти Худоро ба масхара гирифтед ва зиндагии дунё шуморо фирефт! Имрӯз*

---

**وَخَلَقَ اللَّهُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ بِالْحَقِّ وَلِتُجْزَى كُلُّ نَفْسٍ بِمَا كَسَبَتْ وَهُمْ لَا يُظْلَمُونَ** {22}

[1] Сураи Исро, ояи 13 ва 14.

**وَكُلَّ إِنسَانٍ أَلْزَمْنَاهُ طَآئِرَهُ فِي عُنُقِهِ وَنُخْرِجُ لَهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ كِتَاباً يَلْقَاهُ مَنشُوراً** {13}

**اقْرَأْ كَتَابَكَ كَفَى بِنَفْسِكَ الْيَوْمَ عَلَيْكَ حَسِيباً** {14}

*на аз дӯзах берун оянд ва на узрашон пазируфта гардад.*[1]

***6-Фааммо ман ӯтия китобаҳу бияминиҳи фаяқӯлу ҳоуму иқрау китобияҳ... Ва аммо ман ӯтия китобаҳу бишимолиҳи фаяқӯлу ё лайтанӣ лам ӯта китобияҳ. Ва лам адри мо ҳисобияҳ* Ê**

**Ä** *Пас, касе ки номаи аъмолаш ба дастиросташ дода шуда аст, мегӯяд: биёед номаи маро бихонед! ...Ва он ки номаи аъмолаш ба дасти чапаш дода шуда аст, мегӯяд: эй кош ҳаргиз номаи аъмолам ба дасти ман дода нашуда буд ва намедонистам ҳисоби ман чист!*[2]

***7-Фааммо ман ӯтия китобаҳу бияминиҳи. Фасавфа юҳосабу ҳисобан ясӣро. ... Ва аммо ман ӯтия китобаҳу вароа заҳриҳи. Фасавфа ядъу субӯро* Ê**

---

[1] Сураи Ҷосия, ояи 28-29 ва 33-35.

... كُلُّ أُمَّةٍ تُدْعَى إِلَى كِتَابِهَا الْيَوْمَ تُجْزَوْنَ مَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ {28} هَذَا كِتَابُنَا يَنطِقُ عَلَيْكُم بِالْحَقِّ إِنَّا كُنَّا نَسْتَنسِخُ مَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ {29}

وَبَدَا لَهُمْ سَيِّئَاتُ مَا عَمِلُوا وَحَاقَ بِهِم مَّا كَانُوا بِهِ يَسْتَهْزِئُون {33} وَقِيلَ الْيَوْمَ نَنسَاكُمْ كَمَا نَسِيتُمْ لِقَاء يَوْمِكُمْ هَذَا وَمَأْوَاكُمْ النَّارُ وَمَا لَكُم مِّن نَّاصِرِينَ {34} ذَلِكُم بِأَنَّكُمُ اتَّخَذْتُمْ آيَاتِ اللَّهِ هُزُواً وَغَرَّتْكُمُ الْحَيَاةُ الدُّنْيَا فَالْيَوْمَ لَا يُخْرَجُونَ مِنْهَا وَلَا هُمْ يُسْتَعْتَبُونَ {35}

[2] Сураи Ҳоққа, оёти 19 ва 25-26.

فَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَابَهُ بِيَمِينِهِ فَيَقُولُ هَاؤُمُ اقْرَؤُوا كِتَابِيهْ {19} وَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَابَهُ بِشِمَالِهِ فَيَقُولُ يَا لَيْتَنِي لَمْ أُوتَ كِتَابِيهْ {25} وَلَمْ أَدْرِ مَا حِسَابِيهْ {26}

*Ä Пас, касе ки номаи аъмолаш ба дасти росташ дода шуда аст ба зудӣ ҳисоби осоне барои ӯ мешавад. ...Ва аммо касоне, ки номаи аъмолаш ба пушти сараш дода шуда аст, ба зудӣ фарёди ҳалокат ва вовайло сар диҳад.*[1]

***8-Ва ло яҳсабаннал лазӣна ябхалӯна бимо отоҳумуллоҳу мин фазлиҳи ҳува хайран лаҳум бал ҳува шаррун лаҳум саютаввақӯна мо бахилӯ биҳи явмал қиёмати Ê***

*Ä Касоне ки бухл меварзанд ва он чиро Худо аз фазли хеш ба онон дода аст, инфоқ намекунанд, гумон накунанд ин кор ба суди онон аст; балки барои онон шар аст. Ба зудӣ дар рӯзи қиёмат, он чиро нисбат ба он бухл варзиданд, тавқи гарданашон гардонанд.*[2]

***9-...Ва явма яқумул ашҳоду. Явма ло янфаъуз золимина маъзиратуҳум..., Ê***

*Ä...Рӯзе, ки гувоҳон бапо хезанд, рӯзе, ки узрхоҳии ситамгарон суде барои онон надорад...*[3]

---

[1] Сураи Иншиқоқ, ояи 7-11.

فَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَابَهُ بِيَمِينِهِ {7} فَسَوْفَ يُحَاسَبُ حِسَاباً يَسِيراً {8} وَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَابَهُ وَرَاء ظَهْرِهِ {10} فَسَوْفَ يَدْعُو ثُبُوراً {11}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 180.

وَلاَ يَحْسَبَنَّ الَّذِينَ يَبْخَلُونَ بِمَا آتَاهُمُ اللّهُ مِن فَضْلِهِ هُوَ خَيْراً لَّهُمْ بَلْ هُوَ شَرٌّ لَّهُمْ سَيُطَوَّقُونَ مَا بَخِلُواْ بِهِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ... {180}

[3] Сураи Ғофир, ояи 51.

... وَيَوْمَ يَقُومُ الْأَشْهَادُ {51} يَوْمَ لَا يَنفَعُ الظَّالِمِينَ مَعْذِرَتُهُمْ ... {52}

***10-Ва явма набъасу фӣ кулли умматин шаҳӣдан ъалайҳим мин анфусиҳим ва ҷи’но бика шаҳӣдан ъало ҳоулоиÊ***

*ÄРӯзе, ки аз ҳар уммате, гувоҳе аз худашон бар онон барангезем ва ту (паёмбар)-ро гувоҳ бар онон қарор медиҳем.*[1]

***11-Ҳатто изо мо ҷо’ӯҳо шаҳида ъалайҳим самъуҳум ва абсоруҳум ва ҷулӯдуҳум бимо конӯ яъмалӯн. Ва қолӯ лиҷулӯдиҳим лима шаҳидтум ъалайно қолӯ антақаналлоҳул лазӣ антақа кулла шай`ин... Ê***

*ÄХангоме ки ба он мерасанд, гӯшҳо, чашмҳо ва пӯстҳояшон ба он чи мекарданд гувоҳӣ диҳанд. Онон ба пӯстҳои худ мегӯянд: чаро бар зидди мо гувоҳӣ додед? Ҷавоб медиҳанд: Худованде, ки ҳар мавҷудеро ба нутқ оварда аст, моро гӯё сохт...*[2]

## Шарҳи вожаҳо

**Тоируҳу:** киноя аст аз амали хайр ва шарри ӯ.

**Субӯр:** ҳалокат. Ядъу субуран, яъне фарёди ҳалокат сар медиҳад.

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 89.

وَيَوْمَ نَبْعَثُ فِي كُلِّ أُمَّةٍ شَهِيداً عَلَيْهِم مِّنْ أَنفُسِهِمْ وَجِئْنَا بِكَ شَهِيداً عَلَى هَـؤُلاء ... {89}

[2] Сураи Фуссилат, ояи 20-21.

حَتَّى إِذَا مَا جَاؤُوهَا شَهِدَ عَلَيْهِمْ سَمْعُهُمْ وَأَبْصَارُهُمْ وَجُلُودُهُمْ بِمَا كَانُوا يَعْمَلُونَ {20} وَقَالُوا لِجُلُودِهِمْ لِمَ شَهِدتُّمْ عَلَيْنَا قَالُوا أَنطَقَنَا اللَّهُ الَّذِي أَنطَقَ كُلَّ شَيْءٍ ... {21}

**Саютаввақӯн:** тавқи гардан бар онон зананд, яъне бухли онон дар адои ҳуқуқи воҷибро ба сурати море дар гарданашон муҷассам намоянд.

**Аш шаҳӣду вал ашҳод**: шаҳид, гувоҳи қотеъ; ашҳод ҷамъи шоҳид аст ва мақсуд аз он анбиё ва ҳамроҳони ононанд, ки бар умматҳои худ гувоҳӣ медиҳанд. Ва низ, ҳар ки гувоҳи аъмоле бошад, ки аз инсон содир мешавад.

Дар бораи осори аъмол дар рӯзи қиёмат аз Расули Худо(с) ривоят аст, ки:

***1-Атвалукум қунӯтан фӣ дорид дунё атвалакум роҳатан явмал қиёмати фил мавқифи Ê***

***Ä****Касоне аз шумо**,** ки дар хонаи дунё қунут* ***(****намозашон****)*** *тӯлонитар аст**,** дар рӯзи қиёмат ва дар ҷойгоҳи ҳисоб истироҳати бештар доранд**.*[1]

***2-Изо саҷада аҳадукум фалюбошир бикаффайҳил арза лаъалла ясрифу ъанҳул ғалла явмал қиёмати Ê***

***Ä****Аз васии Расули Худо(с) ривоят аст**,** ки фармуд**:*

Ҳар гоҳ яке аз шумо саҷда мекунад, кафи дастҳои худро бар замин бичаспонад то шояд ташнагии рӯзи қиёматро аз ӯ бигардонад.[2]

3-Аз Расули Худо(с) аст, ки фармуд:

---

[1] "Савобулаъмол", саҳ. 55.

[2] "Савобулаъмол", саҳ. 55-56.

***Ман бағия ъало фақӣрин ав татовала ъалайҳи вастаҳқараҳу ҳашараҳуллоҳу явмал қиёмати мислаз заррати ъало сӯрати раҷӯлин ядхулун нор*** Ê

Ä *Ҳар кас бар фақире ситам карда ё фахрфурӯшӣ кунад ва хурду ночизаш пиндорад, Худованд дар рӯзи қиёмат ӯро ба монанди мӯрча дар симои инсоне, дохили оташ мекунад.*[1]

4-Аз имом Содиқ[a] аст, ки фармуд:

***Инналмутакаббирӣна яҷъалӯна фӣ сӯратиз зарри ятаваттааҳумун носу ҳатто яфрағаллоҳу минал ҳисоби*** Ê

Ä *Мутакаббирон дар рӯзи қиёмат ба сурати мӯрча даромада ва мардум аз рӯи онҳо роҳ меравандд, то Худованд аз ҳисоб фориғ гардад.*[2]

## *Инсон ва подоши ӯ дар биҳишт ва ҷаҳаннам*

Худованд инсонро дар охират, бар ҳасби аъмоле, ки дар зиндагии ин дунё анҷом дода аст, дар он сарой пеши рӯяш муҷассам мешаванд, бо неъматҳои биҳиштӣ подош ва бо азоби ҷаҳаннам кайфар медиҳад; ҳамон гуна, ки худ аз он хабар дода ва фармуда аст:

***1-Инналлоҳа юдхилул лазӣна оману ва ъамилус солиҳоти ҷаннотин таҷрӣ мин таҳтиҳал анҳор ...*** Ê

---

[1] “Савобулаъмол”, саҳ.335, боби “Уқуботи аъмол”.

[2] “Савобулаъмол”, саҳ. 265.

*Ä Худованд касонеро, ки имон оварда ва аъмоли солеҳ анҷом додаанд, дар боғҳое аз биҳишт (ки аз зери дарахтонашон наҳрҳо ҷорӣ аст) дохил мекунад...* [1]

***2-... Ва ман ъамила солиҳан мин закарин ав унсо ва ҳува му'минун фа'улоика ядхулунал ҷанната юрзақӯна фӣҳо биғайри ҳисоб Ê***

*Ä...Ҳар кас амали шоистае анҷом диҳад, (мард бошад ё зан) дар сурате, ки мӯъмин бошад дохили биҳишт шуда ва рӯзии беҳисоб дода мешаванд.*[2]

***3-...Ман яъмал сӯ'ан юҷза биҳи ва ло яҷид лаҳу мин дуниллоҳи валийян вало насӣро. Ва ман яъмал минас солиҳоти мин закарин ав унсо ва ҳува му'минун фа'улоика ядхулӯнал ҷанната вало юзламӯна нақӣро Ê***

*Ä...Ҳар кас амали баде анҷом диҳад, кайфар шавад ва валию ёваре ҷуз Худо барои хеш наёбад. Ва касе, ки чизе аз аъмоли солеҳро анҷом диҳад (чи мард ва чи зан) дар сурате, ки мӯъмин бошад дохили биҳишт шуда ва камтарин ситаме ба онон нахоҳад шуд.*[3]

---

[1] Сураи Ҳаҷ, ояи 23.

إِنَّ اللَّهَ يُدْخِلُ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ جَنَّاتٍ تَجْرِي مِن تَحْتِهَا الْأَنْهَارُ ... {23}

[2] Сураи Мӯъмин, ояи 40.

[3] Сураи Нисо, ояи 123-124.

***4-Ва явмал қиёмати тарал лазӣна казабӯ ъалаллоҳи вуҷӯҳуҳум мусваддатун а’лайса фӣ ҷаҳаннама масван лил мутакабирӣн. ... Ва вуффият куллу нафсин мо ъамилат... ва сӣқаллазӣнаттақав раббаҳум илал ҷаннати зумаро... Ê***

***Ä****Рӯзи қиёмат касонеро***,** *ки бар Худо дурӯғ бастаанд***,** *рӯсиёҳ мебинӣ***.** *Оё дар ҷаҳаннам барои мутакаббирон ҷойгоҳе нест***? ...***Ва ба ҳар кас он чи анҷом дода аст бе каму кост дода шавад***. ...***Ва касоне***,** *ки тақвои илоҳӣ гузиданд гурӯҳ-гурӯҳ ба сӯи Биҳишт бурда мешаванд***...**[1]

***5-Аллазӣна оману биоётино ва конӯ муслимӣн. Удхулул ҷанната антум ва азвоҷукум туҳбарӯн Ê***

---

**... مَن يَعْمَلْ سُوءاً يُجْزَ بِهِ وَلاَ يَجِدْ لَهُ مِن دُونِ اللّهِ وَلِيّاً وَلاَ نَصِيراً** {123} **وَمَن يَعْمَلْ مِنَ الصَّالِحَاتَ مِن ذَكَرٍ أَوْ أُنثَى وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَأُوْلَـئِكَ يَدْخُلُونَ الْجَنَّةَ وَلاَ يُظْلَمُونَ نَقِيراً** {124}

[1] Сураи Зумар, ояи 60, 70 ва 73.

**وَيَوْمَ الْقِيَامَةِ تَرَى الَّذِينَ كَذَبُوا عَلَى اللَّهِ وُجُوهُهُم مُّسْوَدَّةٌ أَلَيْسَ فِي جَهَنَّمَ مَثْوًى لِّلْمُتَكَبِّرِينَ** {60}

**وَوُفِّيَتْ كُلُّ نَفْسٍ مَّا عَمِلَتْ ...** {70}

**وَسِيقَ الَّذِينَ اتَّقَوْا رَبَّهُمْ إِلَى الْجَنَّةِ زُمَراً ...** {73}

**Ä(***Ба***)** *Онон***,** *ки ба оёти мо имон оварда ва мусулмон буданд***, (***гуфта мешавад***:)** *шумо ва ҳамсаронатон бо шодкомӣ вориди биҳишт шавед***.**[1]

***6-Ва тилкал ҷаннатул латӣ ӯристумӯҳо бимо кунтум таъмалӯн... Инннал муҷримӣна фӣ ъазоби ҷаҳаннама холидӯн... Ва мо заламноҳум ва локин конӯ ҳумуз золимӣн* Ê**

**Ä***Ин биҳиште аст***,** *ки ба подоши аъмоле***,** *ки анҷом медодед ворисӣ он мешавед***. ...(***Аммо***)** *Гуноҳкорон дар азоби ҷаҳаннам ҷовидонанд***. ...***Мо ба онҳо ситам накардем***,** *онон худ ситамкор буданд***!**[2]

***7-... Валлазӣна якнизӯназ заҳаба вал физзата ва ло юнфиқӯнаҳо фӣ сабӣлиллоҳи фабашширҳум биъазобин алӣм. Явма юҳмо ъалайҳо фӣ нори ҷаҳаннама фатукво биҳо ҷибоҳуҳум ва ҷунӯбуҳум ва зуҳӯруҳум ҳозо мо каназтум лианфусикум фазӯқӯ мо кунтум такнизӯн* Ê**

**Ä...***Касоне***,** *ки тилло ва нуқраро ганҷина ва андӯхта карда***,** *онро дар роҳи Худо инфоқ намекунанд***,** *ононро ба азоби дардноке башорат деҳ***!** *Рӯзе***,** *ки онро*

---

[1] Сураи Зухруф, ояи 69-70.

الَّذِينَ آمَنُوا بِآيَاتِنَا وَكَانُوا مُسْلِمِينَ {69}

ادْخُلُوا الْجَنَّةَ أَنتُمْ وَأَزْوَاجُكُمْ تُحْبَرُونَ {70}

[2] Сураи Зухруф, ояи 72, 74 ва 76.

وَتِلْكَ الْجَنَّةُ الَّتِي أُورِثْتُمُوهَا بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ {72}

إِنَّ الْمُجْرِمِينَ فِي عَذَابِ جَهَنَّمَ خَالِدُونَ {74}

وَمَا ظَلَمْنَاهُمْ وَلَكِن كَانُوا هُمُ الظَّالِمِينَ {76}

*дар оташи ҷаҳаннам гудохта карда*, *суратҳо*, *паҳлуҳо ва пуштҳояшонро бо он доғ кунанд* (*ва ба онҳо бигӯянд:*) *ин ҳамон чизе аст*, *ки барои худ андӯхтанд*! *Пас бичашед*, *он чиро меандӯхтед*![1]

Шайх Садуқ (раҳ.) бо санади худ аз Расули Худо(с) ривоят карда аст, ки фармуд:

Чаҳор гурӯҳанд, ки бо азобе, ки мебинанд ва наъраҳои ҳалокатхоҳию вовайлоие, ки сар медиҳанд, ҷаҳаннамиёнро ба ташвиш меоваранд:

1-Касе ки сандуқе аз санг бар рӯи ӯст, зеро вай дар ҳолате аз дунё рафта аст, ки ҳуқуқи молии мардум бар ӯҳдааш буда, қасди пардохт ва халосӣ аз онро надошта аст.

2-Касе, ки рӯдаҳои худро бо худ мекашад. Ӯ касе буда аст, ки аз расидани бавл (пешоб) ба ҳар ҷои баданаш боке надошта аст.

3-Касе, ки аз даҳонаш чирку хун фаввора мекунад, зеро ӯ суханони бадро аз даҳони ину он гирифта ва барои дигарон бозгӯ намуда ва фасоду фитна эҷод мекарда аст.

4-Касе, ки гӯшти худро мехӯрад. Ӯ касе аст, ки гӯшти мардумро бо ғайбат ва суханчинӣ мехӯрда аст.[2]

---

[1] Сураи Тавба, ояи 34-35.

**... وَالَّذِينَ يَكْنِزُونَ الذَّهَبَ وَالْفِضَّةَ وَلاَ يُنفِقُونَهَا فِي سَبِيلِ اللّهِ فَبَشِّرْهُم بِعَذَابٍ أَلِيمٍ {34} يَوْمَ يُحْمَى عَلَيْهَا فِي نَارِ جَهَنَّمَ فَتُكْوَى بِهَا جِبَاهُهُمْ وَجُنوبُهُمْ وَظُهُورُهُمْ هَـذَا مَا كَنَزْتُمْ لأَنفُسِكُمْ فَذُوقُواْ مَا كُنتُمْ تَكْنِزُونَ {35}**

[2] "Иқобулаъмол", саҳ. 295-296.

Худои субҳон аз дарҳои гуногуни биҳишт ва ҷаҳаннам низ хабар дода ва фармуда аст:

***...Ва инна лил муттақӣна лаҳусна маоб. Ҷанноти ъаднин муфаттаҳатан лаҳумул абвоб* Ê**

**Ä...***Барои парҳезкорон фарҷоми некӯе аст; боғҳои ҷовидони биҳиштӣ, ки дарҳояш ба рӯи онон кушода аст.*[1]

Ва хитоб ба Иблис, ки лаънати Худо бар ӯ бод, фармуда аст:

***Инна ъибодӣ лайса лака ъалайҳим султонун илло манит табаъака минал ғовӣн. Ва инна ҷаҳаннама ламавъидуҳум аҷмаъӣн. Лаҳо сабъату абвобин ликулли бобин минҳум ҷуз'ун мақсӯм* Ê**

**Ä***Ту ҳаргиз бар бандагони ман тасаллут нахоҳӣ ёфт, магар гумроҳоне, ки аз ту пайравӣ кунанд. Ҷаҳаннам, меодгоҳи ҳамаи онҳост; ҳафт дар дорад ва барои ҳар даре гурӯҳи муайяне аз онон тақсим шудаанд!*[2]

---

[1] Сураи Сод, ояи 49-50.

... وَإِنَّ لِلْمُتَّقِينَ لَحُسْنَ مَآبٍ {49} جَنَّاتِ عَدْنٍ مُّفَتَّحَةً لَّهُمُ الْأَبْوَابُ {50}

[2] Сураи Ҳиҷр, ояи 42-44.

إِنَّ عِبَادِي لَيْسَ لَكَ عَلَيْهِمْ سُلْطَانٌ إِلاَّ مَنِ اتَّبَعَكَ مِنَ الْغَاوِينَ {42} وَإِنَّ جَهَنَّمَ لَمَوْعِدُهُمْ أَجْمَعِينَ {43} لَهَا سَبْعَةُ أَبْوَابٍ لِّكُلِّ بَابٍ مِّنْهُمْ جُزْءٌ مَّقْسُومٌ {44}

## Шарҳи вожаҳо

**Нақӣран:** нақир, хол ё фурӯрафтагии хурде, ки дар пушти донаи хурмо аст, ки ашёи сабук ва беарзишро ба он масал мезананд.

**Масво:** ҷойгоҳ, маҳалли иқомат ва истиқрор.

**Зумаран:** гурӯҳ-гурӯҳ, зумар ҷамъи зумра, ба маънои фавҷ, даста ва гурӯҳ аст.

**Маоб:** бозгашт, фарҷом, оқибат.

**Ҷанноти ъадн:** биҳиштҳои собит ва оромиш.

## Тафсири оёт дар ривоёт

Дар тафсири оёти мазкур аз Расули Худо(с) ривояте аст, ки фармуда аст:

Биҳишт ҳашт дар дораду ҷаҳаннам ҳафт дар ва бархе аз дарҳо беҳтар аз бархеи дигар аст.[1]

Аз имом Али(а) ривоят аст, ки фармуд:

Оё медонед дарҳои ҷаҳаннам чӣ гунаанд? Ровӣ мегӯяд, гуфтем: монанди ҳамин дарҳост. Фармуд: не, балки чунин аст: дасташро рӯи дасташ ниҳод ва онро кушод, яъне дарҳои ҷаҳаннам монанди худи ҷаҳаннам рӯи ҳам саворанд. Дар тафсири Қуртубӣ баъд аз он омада аст: бархе аз дарҳо рӯи бархеи дигар аст ва аз Расули Худо(с) ривоят карда аст, ки: аҳли ҳар табақа дар ҳамон табақа ҳастанд.[2]

---

1 Тафсири Суютӣ, “Аддурулмансур”, ҷ. 4, саҳ. 99-100.

2 Ба тафсири оят дар “Маҷмаулбаён” ва “Тафсири Қуртубӣ” ва “Тафсири Суютӣ” муроҷиат шавад.

Ва боз аз Расули Худо[с] ривоят аст, ки дар тафсири (Ҷуз'ун мақсум) фармуда аст:

Барои ҳар даре аз дарҳои ҷаҳаннам, гурӯҳи муайяне аз аҳли оташ тақсим шудаанд, ки ҳар гурӯҳе ба миқдори аъмоле, ки анҷом додаанд азоб мешаванд.[1]

Дар хотима, бо овардани порае аз аҳодисе, ки оёти гузаштаро шарҳ дода ва натоиҷи аъмолро ба иҷмол ва тафсил баён медорад, ин баҳсро ба поён мебарем:

1-Дар китоби Усули Кофӣ аз имом Ҷаъфари Содиқ[а] ривоят шудааст, ки фармуд:

Ҳар кас мӯъминеро хушнуд кунад, Худои азза ва ҷалла аз ин хушнудӣ мавҷудеро меофарад, ки ҳангоми марг вайро мулоқот карда ба ӯ мегӯяд: Эй валии Худо! Мужда бод туро, ки дар каромат ва ризвони Худо ҳастӣ, пас аз он (ин мавҷуд) пайваста бо ӯст то ба гӯр рафта ва ҳамин муждаро ба ӯ бидиҳад. Пас аз барангехта шудан низ ба дидораш рафта, ҳамон башоратро ба ӯ медиҳад ва дар канори ӯ мемонад, то дар мароҳили сахт ва ҳавлнок пайваста навид дода вайро дилшод намояд. Он шахс ба ӯ мегӯяд: раҳмати Худо бар ту бод, ту кӣ ҳастӣ? Мегӯяд: ман ҳамон хушнудӣ ва суруре ҳастам, ки бар фалон кас ворид намудӣ.[2]

2-Дар китоби Биҳоруланвор ба нақл аз китоби “Маъониюлахбори”-и Садуқ аз имом Содиқ[а] ривоят шуда аст, ки ҳар кас андӯҳеро аз мӯъмине дур кунад,

---

[1] Тафсири Суютӣ, “Аддурулмансур”, ҷ. 4, саҳ. 99-100.

[2] “Усули Кофӣ”, ҷ. 2, саҳ. 191, ҳадиси 12.

Худованд ғамҳои охиратро аз ӯ мезудояд ва ӯ бо дили хунук ва хуҷаста аз қабр берун меояд Ҳар кас мӯъминеро аз гуруснагӣ бираҳонад, Худованд аз меваҳои биҳишташ бихӯронад ва ҳар кас шарбате ба ӯ бинӯшонад, Худованд ӯро аз ҷоми сарбамӯҳри биҳиштӣ сероб гардонад.[1]

3-Дар китоби Усули Кофӣ аз имом Алӣ[(а)] аст, ки фармудааст:

Худоро дар замин бандагоне аст, ки ҳамеша дар паи баровардани ниёзи ниёзмандон ҳастанд. Онон осудахотирони рӯзи қиёматанд. Оре, ҳар кас мӯъминеро хушнуд кунад, Худованд дар рӯзи қиёмат дилашро шодмон гардонад.[2]

4-Дар Усули Кофӣ аз имом Содиқ[(а)] ривоят шуда аст, ки фармуд:

Ҳеҷ мусулмоне ниёзи мусулмони дигареро баровarda намекунад, магар он ки Худои мутаол ӯро нидо диҳад: подош бар ман аст ва ба чизе ғайр аз биҳишт барои ту хушнуд намешавам.[3]

5-Садуқ дар “Савобулаъмол” аз қавли Маъруф ибни Харрибуз оварда аст, ки гуфт: шунидам имом Боқир[(а)] мефармояд:

Ҳар мӯъмине, ки дар дунё ба мусибате дучор шавад ва дар ҳоли мусибат бигӯяд: "*Инно лиллоҳ ва инно илайҳи роҷиъун*", мо аз Худоем ва ба сӯи ӯ бозмегардем!

---

[1] Биҳоруланвор, ҷ. 6, саҳ. 255.
[2] “Усули Кофӣ”, ҷ. 2, саҳ. 197, ҳадиси 2.
[3] “Усули Кофӣ”, ҷ. 1, саҳ. 194, ҳадиси 7.

Худованд ҳамаи гуноҳони гузаштаашро меомурзад, магар гуноҳони кабираеро, ки боиси ба оташ дохил шуданаш бошад! Ва фармуд: ҳар гоҳ дар ояндаи умри худ ба ёди мусибат афтад ва истирҷоъ (инно лиллоҳ ва инно илайҳи роҷиъун гӯяд) ва ҳамди Худо ба ҷо оварад, Худованд ҳамаи гуноҳонеро, ки дар фосилаи истирҷоъи аввал то истирҷоъи сонӣ анҷом дода аст меомурзад, магар гуноҳони кабираро![1]

6-Дар Биҳоруланвор аз имом Содиқ[(а)] аз Расули Худо оварда аст, ки Худои мутаол фармуд:

Ҳеҷ бандаеро вориди биҳишт накунам, магар он ки онро ба осеби ҷисмонӣ мубтало кунам. Пас, агар ин бало дар ҳадди каффораи гуноҳонаш буд, ки буд, вагарна султагареро бар ӯ чира гардонам, ки агар бо он каффора гуноҳонашро пас дод, ба ҳамон басанда шавад, вагарна рӯзии ӯро дар тангно қарор диҳем то агар гуноҳонаш бо он шуста шуд, ки шуд, вагарна ҳангоми марг чунон бар ӯ сахт бигирем, ки пок ва бегуноҳ назди ман ояд ва он гоҳ ӯро вориди биҳишт гардонам...[2]

7-Дар Саҳеҳи Бухорӣ аст, ки Расули Худо[(с)] фармуд:

Ҳеҷ мусулмоне нест, ки дучори мусибат гардад магар он ки Худованд гуноҳонашро бирезад, ҳамон гуна ки барги дарахтон мерезад.[3]

8-Дар ривоёти дигар аст, ки:

---

[1] “Биҳоруланвор”, ҷ. 82, саҳ.127-128 ба нақл аз “Савобулаъмол”, саҳ. 234.

[2] “Биҳоруланвор”, ҷ. 6, саҳ. 172, ба нақл аз китоби “Аттамҳис”.

[3] "Саҳеҳи Бухорӣ", ҷ. 3, саҳ. 2-3, Китобулмарзо, боби: шиддатул мараз.

Ҳеҷ мусибате ба шахси мусулмон намерасад, магар он ки Худованд онро каффораи гуноҳаш қарор медиҳад, ҳатто агар хоре бадани ӯро бихарошад.[1]

9-Дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Саҳеҳи Муслим аст, ки Расули Худо[с] фармуд:

“Ҳеҷ мусулмоне нест, ки хароши хоре ё сахттар аз он ба ӯ бирасад, магар он ки Худованд бо он гуноҳонашро мерезад, ҳамон гуна, ки дарахт барги худро мерезад”.[2]

10-Дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муснади Аҳмад аст, ки Расули Худо[с] фармуд:

Ҳеҷ гуна ранҷу сахтӣ, дарду мараз, мусибату андӯҳ, озору осеб ва ҳатто хароши хоре ба мусулмоне намерасад, магар он ки Худованд онро каффораи гуноҳаш гардонад.[3]

## *Подоши сабр ва шикебой*

Худованд ҳамон гуна, ки барои ҳар як аз аъмоли инсон подоши дунявӣ ва ҷазои ухравӣ қарор дода аст, ҳамчунин барои сабру шикебоии инсон бар нохушиҳо ва мусибатҳо низ, ҷазои дунёӣ ва подоши охиратӣ муқарар дошта аст. Имом Алӣ[а] аз Расули Акрам[с] ривоят карда аст, ки он ҳазрат фармуд:

---

[1] "Саҳеҳи Бухорӣ", боби: мо ҷоа фӣ каффоратил мараз.

[2] "Саҳеҳи Бухорӣ", ҷ. 3, саҳ. 3, боби: шиддатил мараз; Саҳеҳи Муслим Китоби Албирру вас силати вал адаб, боби: савобил мӯъмин фимо юсибуҳу.

[3] "Саҳеҳи Бухорӣ", ҷ. 3, саҳ. 2, боби: фӣ каффоратил мараз ва Муснади Аҳмад, ҷ. 3, саҳ. 180.

***Ассабру салосатун: сабрун ъиндал мусибати ва сабрун ъалат тоъати ва сабрун ъиндал маъсияти.*** *Сабр ва шакибоӣ се гуна аст: хештандорӣ ба ҳангоми мусибат, истиқомат ва пойдорӣ дар итоат, шикебоӣ ва бурдборӣ дар баробари маъсият.*[1]

Худованд дар сураи Аъроф фармуда аст, ки: Бани Исроилро ба хотири он, ки дар зиндагии дунё сабр ва истиқомат нишон доданд, подош дода аст:

> ***Ва авраснал қавмал лазӣна конӯ юстазъафӯна машориқал арзи ва мағорибаҳал латӣ боракно фӣҳо ва таммат калимату раббикал ҳусно ъало бани Исроила бимо сабарӯ ва даммарно мо кона яснаъу Фиръавну ва қавмуҳу ва мо конӯ яъришӯн Ê***
>
> ***Ä****Машриқҳо ва мағрибҳои сарзаминеро, ки баракат дода будем, ба он қавми ба заъф кашида шуда, (Бани Исроил) ба мерос додем ва ваъдаи неки Парвардигорат бар Бани Исроил ба хотири сабр ва истиқомате, ки нишон доданд, таҳаққуқ ёфт ва он чи Фиръавн ва фиръавниён месохтанду меафроштанд, дар ҳам кӯбидем!*[2]

Ва низ, дар бораи подоши навъҳои сегонаи сабру шикебоӣ мефармояд:

---

[1] "Биҳоруланвор", ч. 82, саҳ. 139, ба нақл аз "Масканулфуод".

[2] Сураи Аъроф, ояи 137.

**وَأَوْرَثْنَا الْقَوْمَ الَّذِينَ كَانُواْ يُسْتَضْعَفُونَ مَشَارِقَ الأَرْضِ وَمَغَارِبَهَا الَّتِي بَارَكْنَا فِيهَا وَتَمَّتْ كَلِمَتُ رَبِّكَ الْحُسْنَى عَلَى بَنِي إِسْرَائِيلَ بِمَا صَبَرُواْ وَدَمَّرْنَا مَا كَانَ يَصْنَعُ فِرْعَوْنُ وَقَوْمُهُ وَمَا كَانُواْ يَعْرِشُونَ** {137}

***1**-Ва ланаблуваннакум бишай'ин минал хавфи вал ҷӯъи ва нақсин минал амволи вал анфуси вас самароти ва башширис собирӣн. Аллазӣна изо асобатҳум мусӣбатун қолӯ инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъӯн. Улоика ъалайҳим салавотун мин раббиҳим ва раҳматун ва улоика ҳумул муҳтадӯн* **Ê**

**Ä***Яқинан ҳамаи шуморо бо чизе аз тарс, гуруснагӣ, коҳиш дар молҳо, ҷонҳо ва самарот имтиҳон мекунем. Ва башорат деҳ шикебоёнро! Онон ки ҳар гоҳ мусибате ба эшон расид гуфтанд: мо аз Худоем ва ба сӯи ӯ бармегардем! Онон, машмули салавот ва раҳмати Парвардигори худ ҳастанд. Онон ҳамон ҳидоятёфтагонанд!*[1]

***2**-Лайсал бирра ан туваллу вуҷӯҳакум қибалал машриқи вал мағриби ва локиннал бирра ман омана биллоҳи вал явмил охири вал малоикати вал китоби ван набиййина ва отал мола ъало ҳуббиҳи завиял қурбо вал ятомо вал масокӣна вабнас сабӣли вас соилӣна ва фир риқоби ва ақомас салота ва отаз закота вал мӯфӯна биъаҳдиҳим изо ъоҳадӯ, вас собирӣна фил ба'сои*

---

[1] Сураи Бақара, ояи 155-157.

وَلَنَبْلُوَنَّكُمْ بِشَيْءٍ مِّنَ الْخَوفْ وَالْجُوعِ وَنَقْصٍ مِّنَ الأَمَوَالِ وَالأنفُسِ وَالثَّمَرَاتِ وَبَشِّرِ الصَّابِرِينَ {155} الَّذِينَ إِذَا أَصَابَتْهُم مُّصِيبَةٌ قَالُواْ إِنَّا لِلّهِ وَإِنَّـا إِلَيْهِ رَاجِعونَ {156} أُولَـئِكَ عَلَيْهِمْ صَلَوَاتٌ مِّن رَّبِّهِمْ وَرَحْمَةٌ وَأُولَـئِكَ هُمُ الْمُهْتَدُونَ {157}

***ваз заррои ва ҳӣнал ба'си улоикал лазӣна садақӯ ва улоика ҳумул муттақӯн Ê***

*Ä Некӣ (танҳо) ин нест, ки рӯи худро ба сӯи машриқ ва мағриб кунед, балки некӣ ва некӯкирдор он аст, ки ба Худо, рӯзи растохез, фариштагон, китобҳо ва паёмбарон имон оварда, моли худро, бо он ки дӯсташ дорад, ба хешовандон, ятимон, мискинон, дарроҳмондагон, соилон (гадоён) ва бардагон, инфоқ мекунад ва намозро барпо медораду закотро мепардозад. Ва низ, ононе ки (ҳар гоҳ аҳд бастанд) ба аҳди худ вафо мекунанд, дар баробари маҳрумиятҳо, бемориҳо ва замони ҷанг сабру истиқомат нишон медиҳанд. Инон касоне ҳастанд, ки рост мегӯянд ва эшон ҳамон парҳезкоронанд!*[1]

Хулосаи ин оёт, ки аз сураи Бақара овардем ин шуд, ки: парҳезкорон, ҳидоятёфтагон ва некӯкорон касоне ҳастанд, ки корҳои шоиста анҷом дода, ба навъҳои сегонаи сабру шикебоӣ оростаанд.

Аз ҷумлаи намунаҳо ва мисдоқҳои сабр бар итоат ва мусибат, сабр ва шикебоии мӯъминон бар азияту озор ва масхараю ришханде аст, ки барои имонашон ба Худо таҳаммул мекунанд Чунон ки Худои мутаол аз он хабар дода ва фармуда аст:

---

[1] Сураи Бақара, ояи 177.

لَّيْسَ الْبِرَّ أَن تُوَلُّواْ وُجُوهَكُمْ قِبَلَ الْمَشْرِقِ وَالْمَغْرِبِ وَلَـكِنَّ الْبِرَّ مَنْ آمَنَ بِاللّهِ وَالْيَوْمِ الآخِرِ وَالْمَلآئِكَةِ وَالْكِتَابِ وَالنَّبِيِّينَ وَآتَى الْمَالَ عَلَى حُبِّهِ ذَوِي الْقُرْبَى وَالْيَتَامَى وَالْمَسَاكِينَ وَابْنَ السَّبِيلِ وَالسَّآئِلِينَ وَفِي الرِّقَابِ وَأَقَامَ الصَّلاةَ وَآتَى الزَّكَاةَ وَالْمُوفُونَ بِعَهْدِهِمْ إِذَا عَاهَدُواْ وَالصَّابِرِينَ فِي الْبَأْسَاء والضَّرَّاء وَحِينَ الْبَأْسِ أُولَـئِكَ الَّذِينَ صَدَقُوا وَأُولَـئِكَ هُمُ الْمُتَّقُونَ {177}

***1-Иннаҳу кона фарӣқун мин ъибодӣ яқӯлӯна раббано оманно фағфир лано варҳамно ва анта хайрур роҳимӣн. Фаттахазтумӯҳум сихрийян ҳатто ансавкум зикрӣ ва кунтум минҳум тазҳакӯн. Иннӣ ҷазайтуҳумул явма бимо сабарӯ аннаҳум ҳумул фоизӯн*** **Ê**

**Ä** *Оре, гурӯҳе аз бандагонам мегуфтанд: Парвардигоро! Мо имон овардем. Моро биёмурз ва бар мо раҳм кун, ки ту беҳтарини раҳмкунандагонӣ! Ва шумо ононро ба боди масхара гирифтед то ёди маро аз хотиратон зудуданд ва шумо ҳамчунон ба онҳо механдидед. Ман имрӯз ононро ба хотири сабру истиқоматашон подош додам. Ба ростӣ, ки онон растагоранд!*[1]

***2-Аллазӣна отайноҳумул китоба мин қаблиҳи ҳум биҳи ю'минӯн. Ва изо ютло ъалайҳим қолӯ оманно биҳи иннаҳул ҳаққу мин раббино инно кунно мин қаблиҳи муслимӣн. Улоика йу'тавна аҷраҳум марратайни бимо сабарӯ ва ядраӯна бил ҳасанатис саййиата ва миммо разақноҳум юнфиқӯн. Ва изо самиъул лағва аъразӯ ъанҳу ва қолӯ лано аъмолуно ва лакум аъмолукум саломун ъалайкум ло набтағил ҷоҳилӣн*** **Ê**

---

[1] Сураи Мӯъминун, ояи 109-111.

إِنَّهُ كَانَ فَرِيقٌ مِّنْ عِبَادِي يَقُولُونَ رَبَّنَا آمَنَّا فَاغْفِرْ لَنَا وَارْحَمْنَا وَأَنتَ خَيْرُ الرَّاحِمِينَ {109} فَاتَّخَذْتُمُوهُمْ سِخْرِيّاً حَتَّى أَنسَوْكُمْ ذِكْرِي وَكُنتُم مِّنْهُمْ تَضْحَكُونَ {110} إِنِّي جَزَيْتُهُمُ الْيَوْمَ بِمَا صَبَرُوا أَنَّهُمْ هُمُ الْفَائِزُونَ {111}

*Ӓ Онон ки пеш аз Қуръон китоби осмонӣ ба онҳо додем, ба он имон меоваранд ва ҳангоме ки бар онон тиловат шавад, мегӯянд: ба он имон овардем. Инҳо ҳама ҳақ аст ва аз ҷониби Парвардигори мост. Мо пеш аз ин ҳам мусулмон будем. Онон ба хотири шикебоӣ ва сабрашон, подоши худро дубора дарёфт медоранд, бо некиҳо бадиҳоро дафъ мекунанд, аз он чи рӯзиашон додем инфоқ мекунанд. Ҳар гоҳ сухани лағву беҳуда бишнаванд аз он рӯй мегардонанд ва мегӯянд: аъмоли мо аз они мост ва аъмоли шумо аз они худатон. Салом бар шумо, мо хоҳони ҷоҳилон нестем!*[1]

3-Худованд дар сураи Раъд собирон ва барподорандагони намозро башорат дода ва фармуда аст:

***Вал лазӣна сабарӯ ибтиғоа ваҷҳи раббиҳим ва ақомус салота ва анфақӯ мимо разақноҳум сирран ва ъалониятан ва ядраӯна бил ҳасанатис саййиата улоика лаҳум ъуқбад дор. Ҷанноту ъаднин ядхулӯнаҳо ва ман салаҳа мин обоиҳим ва азвоҷиҳим ва зурриётиҳим вал малоикату ядхулӯна ъалайҳим мин кулли боб.***

---

[1] Сураи Қасас, ояи 52-55.

الَّذِينَ آتَيْنَاهُمُ الْكِتَابَ مِن قَبْلِهِ هُم بِهِ يُؤْمِنُونَ {52} وَإِذَا يُتْلَى عَلَيْهِمْ قَالُوا آمَنَّا بِهِ إِنَّهُ الْحَقُّ مِن رَّبِّنَا إِنَّا كُنَّا مِن قَبْلِهِ مُسْلِمِينَ {53} أُوْلَئِكَ يُؤْتَوْنَ أَجْرَهُم مَّرَّتَيْنِ بِمَا صَبَرُوا وَيَدْرَؤُونَ بِالْحَسَنَةِ السَّيِّئَةَ وَمِمَّا رَزَقْنَاهُمْ يُنفِقُونَ {54} وَإِذَا سَمِعُوا اللَّغْوَ أَعْرَضُوا عَنْهُ وَقَالُوا لَنَا أَعْمَالُنَا وَلَكُمْ أَعْمَالُكُمْ سَلَامٌ عَلَيْكُمْ لَا نَبْتَغِي الْجَاهِلِينَ {55}

***Саломун ъалайкум бимо сабартум фа ниъма ъуқбад дор Ê***

***Ä** Ва онон, ки ба хотири Парвардигорашон шикебоӣ варзида, намозро барпо медоранд, аз он чи рӯзиашон додаем, дар ниҳону ошкор, инфоқ карда, бо хубиҳо бадиҳоро дур мекунанд, фарҷоми неки он сарой, хоси онон аст. Биҳиштҳои ҷовидон, ки (бо падарон, ҳамсарон ва фарзандони солеҳи худ) дар онҳо ҷойгузин мекарданд ва фариштагон аз ҳар даре бар онон ворид шуда (ва гӯянд:) салом бар шумо, ки сабурӣ кардед! Ваҳ, ки чӣ некӯст фарҷоми он сарой!*[1]

## Шарҳи вожаҳо

**Яърищӯн:** боло мебаранд. Дар ин ҷо мурод биноҳои мустаҳкаме аст, ки фиръаваниён дар мулкҳои худ месохтанд.

**Алба’су вал ба’со’:** сахтю нохушӣ ва ҷанг, ки дар ин ҷо, мурод аз "ба’со" сахтию нохушӣ ва мурод аз "ба’с" замони ҷанг аст.

**Ядра’ӯн: ядфаъӯн:** дафъ мекунанд, аз худ меронанд.

---

[1] Сураи Раъд, ояи 22-24.

وَالَّذِينَ صَبَرُواْ ابْتِغَاء وَجْهِ رَبِّهِمْ وَأَقَامُواْ الصَّلاَةَ وَأَنفَقُواْ مِمَّا رَزَقْنَاهُمْ سِرّاً وَعَلاَنِيَةً وَيَدْرَؤُونَ بِالْحَسَنَةِ السَّيِّئَةَ أُوْلَئِكَ لَهُمْ عُقْبَى الدَّارِ {22} جَنَّاتُ عَدْنٍ يَدْخُلُونَهَا وَمَنْ صَلَحَ مِنْ آبَائِهِمْ وَأَزْوَاجِهِمْ وَذُرِّيَّاتِهِمْ وَالمَلاَئِكَةُ يَدْخُلُونَ عَلَيْهِم مِّن كُلِّ بَابٍ {23} سَلاَمٌ عَلَيْكُم بِمَا صَبَرْتُمْ فَنِعْمَ عُقْبَى الدَّارِ {24}

## Подоши собирон дар ривоят

Дар Биҳоруланвор бо санади худ аз имом Содиқ[(а)] ривоят шуда аст, ки фармуд: Расули Худо[(с)] фармуда аст:

Ҳангоме ки парвандаҳои аъмол кушода ва тарозуҳои санҷиш барқарор гардад, барои балодидагони собир, на тарозуи санҷиш ниҳанд ва на парвандаи аъмол кушоянд! Ва ин ояро тиловат фармуд: "Собирон подоши худро беҳисоб дарёфт медоранд"![1]

Ва боз дар Биҳоруланвор бо санади худ аз имом Зайнулобидин[(а)] ривоят шудааст, ки фармуд:

Ҳангоме ки Худованд ҳамаи аввалин ва охиринро гирд овард, фарёдзанандае фарёд мезанад: куҷоянд собирон то беҳисоб вориди биҳишт шаванд?! Фармуд: афроди сарафроз бапо мехезанд. Фариштагон назди онон рафта ва мегӯянд: эй фарзандони Одам ба куҷо меравед? Мегӯянд: ба сӯи Биҳишт! Мегӯянд: пеш аз ҳисоб? Мегӯянд: оре. Мегӯянд: магар шумо кӣ ҳастед? Мегӯянд: собирон! Мегӯянд: сабри шумо чӣ гуна буд? Мегӯянд: дар итоати Худо истиқомат кардем ва аз маъсияти ӯ хештандорӣ намудем то Худои азза ва ҷалла моро миронид ва рӯҳамонро дарёфт кард. Фариштагон мегӯянд: шумо ҳамон гунаед, ки гуфтед.

---

[1] "Биҳоруланвор", ҷ. 82, саҳ. 140 ва сураи Зумар, ояи10.

... الصَّابِرُونَ أَجْرَهُم بِغَيْرِ حِسَابٍ {10}

Вориди биҳишт шавед, ки подоши амалкунандагон бисёр некӯ аст![1]

Ва низ Садуқ (раҳ.) дар китоби Савобулаъмол бо санади худ аз имом Боқир(а) оварда аст, ки фармуд: ҳар кас нобино аз дунё равад, дар ҳоле ки барои Худо сабурӣ карда ва дӯстдори Оли Муҳаммад(с) бошад, беҳисоб ба мулоқоти Худо ноил гардад.[2]

ø ø ø

Инҳо намунаҳое аз подошҳоест, ки инсон барои амал ё сабр бар нохушиҳо дарёфт медорад. Дар баҳси оянда, ба ёрии Худо, чигунагии ба ирс мондани натоиҷи аъмолро баррасӣ менамоем.

### *Подоши амал, мероси наслҳо*

Худованди Субҳон хабар дода аст, ки подош ва натиҷаи амал барои наслҳои баъдӣ низ, боқӣ мемонад. Чунон ки дар сураи Нисо мефармояд:

> ***Вал яхшал лазӣна лав тараку мин халфиҳим зуррийятан зиъофан хофӯ ъалайҳим фал яттақуллоҳа вал яқӯлу қавлан садӣдо. Инналлазӣна я'кулӯна амволал ятомо зулман иннамо я'кулӯна фӣ бутӯниҳим норан ва саяславна саъӣро Ê***

---

[1] "Биҳоруланвор", ҷ. 82, саҳ. 138.

[2] "Савобулаъмол", саҳ. 61 ва 234.

*Ä Касоне, ки агар фарзандони сағир ва нотавоне аз худ барҷой гузоранд азояндаи онон бимнонанд, бояд битарсанд, аз Худо бипарҳезанд ва сухани санҷида ва устувор гӯянд. Онон ки амволи ятимонро ба зулму ситам мехӯранд, танҳо дар даруни худ оташ мехӯранд ва ба зудӣ дар шӯълаҳои оташ бирён мешаванд.*[1]

Дар сураи Каҳф мефармояд:

***Фанталақо ҳатто изо отайо аҳла қарятин истатъамо аҳлаҳо фаабав ан юзаййифӯҳумо фаваҷадо фӣҳо ҷидоран юрӣду ан янқазза фаақомаҳу қола лав ши’та латтахазта ъалайҳи аҷро. Ва аммал ҷидору факона лиғуломайни ятӣмайни фил мадинати ва кона таҳтаҳу канзун лаҳумо ва кона абӯҳумо солиҳан фаарода рабука ан яблуғо ашуддаҳумо ва ястахриҷо канзаҳумо раҳматан мин раббика... Ê***

*Ä (Хизр ва Мӯсо) Ба роҳи худ идома доданд то ба мардуми деҳае расиданд ва аз онон хостанд, ки ба эшон таом диҳанд, вале онон аз меҳмон карданашон худдорӣ намуданд. Дар он ҷо деворе ёфтанд, ки мехост фурӯ резад, (Хизр) онро барпо дошт (дуруст кард). Мӯсо гуфт: мехостӣ дар баробари ин кор*

[1] Сураи Нисо, ояи 9 ва 10.
وَلْيَخْشَ الَّذِينَ لَوْ تَرَكُواْ مِنْ خَلْفِهِمْ ذُرِّيَّةً ضِعَافاً خَافُواْ عَلَيْهِمْ فَلْيَتَّقُوا اللّهَ وَلْيَقُولُواْ قَوْلاً سَدِيداً {9} إِنَّ الَّذِينَ يَأْكُلُونَ أَمْوَالَ الْيَتَامَى ظُلْماً إِنَّمَا يَأْكُلُونَ فِي بُطُونِهِمْ نَاراً وَسَيَصْلَوْنَ سَعِيراً {10}

*музде бигирӣ!... ...Аммо он девор, аз они ду навҷавони ятим дар он шаҳр буд ва зери он ганҷе буд мутаалиқ ба он ду. Ва падарашон марди солеҳе буд. Ва Парвардигори ту мехост онон ба ҳадди булуғ бирасанд ва ганҷашонро истихроҷ намоянд; ин раҳмате аз Парвардигорат буд*[1]...

## Шарҳи вожаҳо

**Садӣд:** дуруст. Қавли садид, яъне сухани дуруст ва устувор, ки мувофиқи адл ва шаръ бошад.

**Саъӣр:** оташи барафрӯхтаи саркаш, ки мурод аз он ҷаҳаннам аст.

**Янқазза:** фурӯ резад, яъне он девор дар ҳоли фурӯрехтан ва вайроншавӣ буд.

**Ашуддаҳумо:** қувват ва тавонашон ва *яблуғо ашуддаҳумо*, яъне ба синни рушд ва тавонмандӣ бирасанд.

## Осори амал баъд аз марг.

Осори бархе аз аъмол пас аз марги инсон низ, боқӣ монда ва суду зиёни он ба соҳиби амал бармегардад. Садуқ дар китоби Хисол аз имом Содиқ[(а)] оварда аст, ки фармуд:

---

[1] Сураи Каҳф, ояи 77ва 82.

فَانطَلَقَا حَتَّى إِذَا أَتَيَا أَهْلَ قَرْيَةٍ اسْتَطْعَمَا أَهْلَهَا فَأَبَوْا أَن يُضَيِّفُوهُمَا فَوَجَدَا فِيهَا جِدَاراً يُرِيدُ أَنْ يَنقَضَّ فَأَقَامَهُ قَالَ لَوْ شِئْتَ لَاتَّخَذْتَ عَلَيْهِ أَجْراً {77}

وَأَمَّا الْجِدَارُ فَكَانَ لِغُلَامَيْنِ يَتِيمَيْنِ فِي الْمَدِينَةِ وَكَانَ تَحْتَهُ كَنزٌ لَّهُمَا وَكَانَ أَبُوهُمَا صَالِحاً فَأَرَادَ رَبُّكَ أَنْ يَبْلُغَا أَشُدَّهُمَا وَيَسْتَخْرِجَا كَنزَهُمَا رَحْمَةً مِّن رَّبِّكَ ... {82}

Инсон пас аз марг ҳеҷ гуна савоб ва подоше ба дунболи худ надорад, магар подоши се кори некро:

1- Садақаи ҷория: садақае, ки дар ҳоли ҳаёт ба роҳ андохта бошад, монанди вақфе, ки ирс бурда нашавад. Ин ҷараён пас аз марги ӯ то рӯзи қиёмат идома меёбад.

2- Суннати ҳидоят ва роҳнамоӣ, ки худ ба он амал карда ва пас аз ӯ мавриди амали дигарон қарор гирад.

3- Фарзанди шоистае, ки барои ӯ омурзиш бихоҳад.[1]

Шарҳи ин ҳадис дар ривояти дигаре чунин аст, ки Имом[(а)] фармуда аст:

Шаш чиз аст, ки мӯъмин пас аз марги худ аз онҳо суд мебарад:

1- Фарзанди шоистае, ки барояш омурзиш бихоҳад.

2- Китоб ва Қуръоне, ки хонда шавад.

3- Чоҳи обе, ки ҳафр кунад.

4- Дарахте, ки шинонад.

5- Ҷараёни обе, ки барои садақа вақф намояд.

6- Суннати писандидае, ки пас аз вай ба кор ояд.[2]

ø ø ø

То ин ҷо, осори амал дар дунё ва охират ва ба ирс мондани онро баён доштем. Аз ҷумла осор ва натоиҷи аъмоли нек "ҳаққи шафоат" аст, ки Парвардигори оламиён онро ба бархе аз бандагони худ ато мекунад ва

---

1 "Хисол"-и Садуқ, ч. 1, саҳ.153.

2 "Хисол"-и Садуқ, ч. 1, саҳ.323.

мо дар баҳси оянда-ба ёрии Худо-онро баррасӣ мекунем.

## Шоистагии шафоат, подоши бархе аъмол

### А)-Таърифи шафоат

Шафоат дар забони араб ба маънои замима кардани ду чизи ҳамонанд ва дархости авф ва бахшиш барои гуноҳкорон аст. Шафеъ ва шофеъ касе аст, ки барои ёрӣ расондан ба гуноҳкор бо ӯ ҳамроҳ шуда ва дар ҳаққи вай шафоат мекунад.

### Б)-Шафоат дар Қуръон

Худои мутаол дар сураи Тоҳо мефармояд:

***Явма юнфаху фис сӯр... ...Явмаизин ло танфаъуш шафоъату илло ман азина лаҳур раҳмону ва разия лаҳу қавло* Ê**

**Ä***Рӯзе, ки дар сур дамида шавад... ...Дар он рӯз шафоати ҳеҷ кас суде набахшад, магар касе, ки Худои раҳмон ба ӯ иҷозат дода ва ба гуфтори ӯ розӣ аст.*[1]

Ва дар сураи Марям мефармояд:

[1] Сураи Тоҳо, ояи 102 ва 109.

يَوْمَ يُنفَخُ فِي الصُّورِ ... {102}

يَوْمَئِذٍ لَّا تَنفَعُ الشَّفَاعَةُ إِلَّا مَنْ أَذِنَ لَهُ الرَّحْمَنُ وَرَضِيَ لَهُ قَوْلاً {109}

***Ло ямликунаш шафоъата илло манittахаза ъиндар раҳмони ъаҳдо*** **Ê**

**Ä***Онон ҳаргиз ҳаққи шафоат надоранд, магар касе, ки назди Худои раҳмон аҳд ва паймоне дорад.*[1]

Ва дар сураи Исро фармудааст:

***...Ъасо ан ябъасака раббука мақоман маҳмӯдо*** **Ê**

**Ä...***Умед аст Парвардигорат туро ба мақоме дархури ситоиш (мақоми шафоат) барангезад.*[2]

Ва дар сураи Анбиё фармуда аст:

***...Ло яшфаъӯна илло лиманиртазо ва ҳум мин хашятиҳи мушфиқӯн*** **Ê**

**Ä...** *Онон (бандагони шоиста) ҷуз барои касе, ки Худо розӣ аст шафоат намекунанд. Онон аз тарси Худо бимноканд.*[3]

Ва дар сураи Аъроф мефармояд:

***Аллазӣнаттахазӯ дӣнаҳум лаҳван ва лаъибан ва ғарратҳумул ҳаётуд дунё фал явма нансоҳум камо насӯ лиқоа явмиҳим ҳозо... ...Явма йаʼтӣ таʼвӣлуҳу яқӯлул лазӣна насӯҳу***

---

[1] Сураи Марям, ояи 87.

لَا يَمْلِكُونَ الشَّفَاعَةَ إِلَّا مَنِ اتَّخَذَ عِندَ الرَّحْمَنِ عَهْداً {87}

[2] Сураи Исро, ояи 79.

... عَسَى أن يَبْعَثَكَ رَبُّكَ مَقاماً مَّحْمُوداً {79}

[3] Сураи Анбиё, ояи 28.

... وَلَا يَشْفَعُونَ إِلَّا لِمَنِ ارْتَضَى وَهُم مِّنْ خَشْيَتِهِ مُشْفِقُونَ {28}

***мин қаблу қад ҷоат русулу раббино билҳаққи, фаҳал лано мин шуфаъоа фаяшфаъӯ лано... Ê***

***Ä*** *Онон ки дини худро беҳудагӣ ва бозича гирифтанд ва зиндагонии дунё мағрурашон сохт; имрӯз* **(***рӯзи қиёмат***)** *фаромӯшашон мекунем***,** *ҳамон гуна***,** *ки дидори ин рӯзашонро фаромӯш карданд***... ...***Рӯзе***,** *ки ҳақиқати амр фаро расад***.** *Касоне ки дар гузашта онро фаромӯш карда буданд мегӯянд***:** *ростиро***,** *ки расулони парвардигори мо ҳақро оварданд***;** *оё шафоаткунандагоне барои мо вуҷуд дорад***,** *ки шафоатамон кунанд***?**[1]

## Тафсири оёт

Рӯзе, ки дар сур дамида шавад шафоати ҳеҷ кас корсоз нест, магар шафоати бандагони солеҳи Худо, ки онҳоро иҷозат дода ва аз гуфторашон розӣ аст.

Ва низ, ҳеҷ кас молики шафоат нест, магар касоне, ки назди Худои раҳмон аҳд ва паймон доранд, яъне анбиё, авсиё ва бандагони шоистаи Худо, ки бо эшонанд.

Шафоат ҳамон мақоми маҳмуде аст, ки Худованд ба Хотами Анбиё[(а)] ваъда дода аст. Анбиё[(а)] танҳо аз касоне шафоат мекунанд, ки Худованд аз шафоат барои онон

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 51ва53.

**الَّذِينَ اتَّخَذُواْ دِينَهُمْ لَهْواً وَلَعِباً وَغَرَّتْهُمُ الْحَيَاةُ الدُّنْيَا فَالْيَوْمَ نَنسَاهُمْ كَمَا نَسُواْ لِقَاء يَوْمِهِمْ هَذَا ...** {51}

**... يَوْمَ يَأْتِي تَأْوِيلُهُ يَقُولُ الَّذِينَ نَسُوهُ مِن قَبْلُ قَدْ جَاءتْ رُسُلُ رَبِّنَا بِالْحَقِّ فَهَل لَّنَا مِن شُفَعَاء فَيَشْفَعُواْ لَنَا ...** {53}

розӣ бошад. Ва дар ҳамин рӯз аст, ки мағрурон ва касоне, ки зиндагонии дунё онҳоро фиреб дода аст, дар ҳоле ки ҳеҷ шафоаткунандае надоранд, мегӯянд: оё барои мо шафеоне ҳаст, ки моро шафоат кунад?

### В) шафоат дар ривоят.

Дар Биҳоруланвор ба нақл аз китоби “Уюну ахборир Ризо[а]” оварда аст, ки имом Ризо[а] аз қавли падарашон имом Козим[а] ва ӯ аз падараш то Амири мӯъминон Алӣ[а] ривоят карда аст, ки фармуд: Расули Худо[с] фармуд:

> ***Ман лам юʼмин биҳавзӣ (алҳавзу алкавсар) фало аврадаҳуллоҳу ҳавзӣ ва ман лам юʼмин бишафоъатӣ фало анолаҳуллоҳу шафоъатӣ...*** **Ê**
>
> **Ä** *Ҳар кас бар ҳавзи ман имон наёварад* **(***ҳавзи Кавсар***)** *Худованд ӯро бар ҳавзи ман ворид насозад***.** *Ва ҳар кас ба шафоати ман имон наёварад***,** *Худованд шафоати маро ба ӯ нарасонад***...**

Ровӣ дар поёни ривоят аз имом Ризо[а] мепурсад: эй фарзанди Расули Худо[с]! Пас маънои фармудаи Худои азза ва ҷалла чист, ки мефрмояд: шафоат намекунанд, магар барои касе, ки Худо розӣ аст. Фармуд: маънои оят ин аст, ки: шафоат намекунанд магар барои касе, ки Худованд диншонро писандида аст.[1]

---

[1] Биҳоруланвор, ҷ. 8, саҳ.34 ва сураи Анбиё, ояи 28.

... وَلَا يَشْفَعُونَ إِلَّا لِمَنِ ارْتَضَى وَهُم مِّنْ خَشْيَتِهِ مُشْفِقُونَ {28}

Дар Муснади Аҳмад омада аст, ки Расули Худо(с) фармуда аст:

***Ассиёму вал Қур'ону яшфаъони лилъабди явмал қиёмати, яқӯлус сиёму: ай рабби манаътуҳут таъома ваш шаҳавоти биннаҳори фашаффиънӣ фӣҳи, ва яқӯлул Қур'он: манаътуҳун навма биллайли фашаффиънӣ фӣҳи, қола фаяшфаъон Ê***

*ÄРӯза ва Қуръон дар рӯзи қиёмат барои бандаи Худо шафоат мекунанд; рӯза гӯяд: Парвардигоро! Ман ӯро дар тӯли рӯз аз ҳамаи таомҳо ва шаҳватҳо нигаҳ доштам, ҳоло маро шафоаткунандаи ӯ гардон. Ва Қуръон гӯяд: ман ӯро аз хоби шаб боз доштам, акнун маро шафеи ӯ қарор деҳ. Фармуд: ва ҳамин тавр ӯро шафоат мекунанд.*[1]

Дар ривояти дигар аз имом Алӣ(а) нақл шуда аст, ки Расули Худо(с) фармудааст:

***Салосатун яшфаъӯна илаллоҳи ъазза ва ҷалла фаюшаффаъӯн: ал-анбиёу суммал ъуламоу суммаш шуҳадо Ê***

*Ä Се гурӯҳанд, ки назди Худои азза ва ҷалла шафоат карда ва шафоаташон пазируфта мешавад: анбиё, уламо ва шуҳадо.*[2]

Дар Сунани ибни Моҷа омада аст, ки Расули Худо(с) фармуд:

---

1 Муснади Аҳмад, ҷ.2, саҳ. 174.

2 Биҳоруланвор, ҷ. 8, саҳ. 34.

***Яшфаъу явмал қиёмати салосатун: ал анбиёу суммал ъуламоу суммаш шуҳадо Ê***

**Ä***Се гурӯҳ дар рӯзи қиёмат шафоат мекунанд: анбиё, уламо ва шуҳадо.*[1]

Дар Биҳоруланвор аз имом Содиқ(а) дар бораи шафоати Расули Худо(с) дар рӯзи қиёмат ҳадисе оварда аст, ки дар охири он омада аст:

***...Инна расӯлаллоҳи(с) явмаизин яхирру соҷидан фаямкус мо шоаллоҳу фаяқӯлуллоҳу ъазза ва ҷалла: ирфаъ ра'сака вашфаъ тушаффаъ, ва сал туъта. Ва золика қавлуҳу таъоло: Ъасо ан ябъасака раббука мақоман маҳмӯдо Ê***

**Ä...***Расули Худо(с) дар он рӯз ба саҷда меафтад ва то ҳангоме ки Худо бихоҳад диранг мекунад Пас аз он Худои азза ва ҷалла мефармояд: сари худро бардор ва шафоат кун, то шафоатат пазируфта гардад ва дархост кун, то хостаат ато шавад. Ва ин ҳамон сухани Худои мутаол аст, ки фармудааст: "Умед аст Парвардигорат туро ба мақоми лоиқи ситоиш барангезад.*[2]

Машрӯҳи ин хабар дар тафсири Ибни Касир, Табарӣ ва дигарон бо иборахои мутафовит низ, омада аст.[3]

---

[1] Сунани Ибни Моҷа, боби: Зикри шафоат, ҳадиси 4313.

[2] Биҳоруланвор, ҷ. 8, саҳ. 36 ва сураи Исро, ояи 79.

وَمِنَ اللَّيْلِ فَتَهَجَّدْ بِهِ نَافِلَةً لَّكَ عَسَى أَن يَبْعَثَكَ رَبُّكَ مَقَاماً مَّحْمُوداً {79}

[3] Ба тафсири оят дар Тафсири Табарӣ, Тафсири Қуртубӣ, Тафсири Ибни Касир, Саҳеҳи Бухорӣ китоби тафсир, ҷ. 3, саҳ. 102, Сунани Ибни Моҷа, ҳадиси 4312 ва Сунани Тирмизӣ, ҷ. 9, саҳ. 267 муроҷиат шавад.

Тирмизӣ аз имом Содиқ[а] ривоят карда аст, ки Расули Худо[с] фармуда аст:

***Шафоъатӣ лиаҳлил кабоири мин умматӣ*** **Ê**

**Ä***Шафоати ман барои соҳибони кабоир аз умматам мебошад.*[1]

## Натиҷаи баҳс

Аз маҷмӯи оёт ва аҳодиси ворид дар бораи шафоат дониста мешавад, ки шафоат дар рӯзи қиёмат барои ҳар кас ҳар тавре, ки бихоҳад нест. Балки шафоат баробар бо хости Худои ҳаким подоши аъмоле аст, ки Худованд онҳоро сабабҳои шафоат қарор додааст. Монанди ин ки бандаи мусулмоне дар воҷибе аз воҷиботаш кӯтоҳӣ карда ва дар муқобили он дар зиндагии дунёиаш аз самими қалб дӯстдори Расулуллоҳ[с] ва Аҳли байти ӯ буда ва ононро аз он рӯ, ки авлиёи Худо будаанд, дӯст доштаанд, ё он ки олимеро ба он сабаб, ки олими исломӣ будааст, гиромӣ дошта, ё ба мӯъмини солиҳе, ки баъдҳо ба шаҳодат расида аст, некӯӣ намуда аст. Худованд низ ӯро ба хотири он ҳубби қалбӣ ба ин иқдоми илмиаш подоше медиҳад, ки тақсир ва кӯтоҳиаш дар он воҷибро ҷуброн намояд.

Дар нуқтаи муқобил низ, осори аъмоли зишт ва гуноҳон аст, ки подоши аъмоли некро табоҳ ва нобуд

---

[1] Сунани Тирмизӣ, китоби "Сифату явмил қиёмат".

мекунад ва мо дар баҳси оянда ба ёрии Худо онро баррасӣ менамоем.

## *Габоҳии подош, кайфари бархе аъмол*

### А) Таърифи ҳабт ва табоҳии аъмол

Нобудии амал ва кор, бутлон ва табоҳ шудан натиҷаи он аст. Натиҷаи аъмоли одамӣ дар охират ба далоили зер табоҳ мегардад:

1-Ба Худо ва рӯзи қиёмат имон наёварад, ё мушрик бошад ва бо Худо ва Расул биситезад.

2-Амалро ба қасди нафъи дунёӣ анҷом дода бшад, ки подоши онро низ ҳамон гуна, ки хоста аст, дар дунё дарёфт мекунад.

3-Бетақво бошад, одоби исломиро сабук шуморад, риё кунад ва...

### Б) Нобудии амал дар Қуръони карим

Худои субҳон дар Қуръони карим чигунагии аз байн рафтан ва табоҳии аъмоли неки одамиёнро аз ҳар синфу гурӯҳе, ки бошад, ҳамроҳ бо далоили он баён дошта ва дар сураи Аъроф дар бораи онҳое, ки ба оёти Худо ва қиёмат кофиранд мефармояд:

> ***Вал лазӣна каззабӯ биоётино ва лиқоил охирати ҳабитат аъмолуҳум ҳал юҷзавна илло мо конӯ яъмалӯн Ê***

*Ä Онон, ки оёти Худо ва дидори қиёматро таксиб мекунанд, аъмолашон табоҳ мегардад. Оё ҷуз он чи амал мекарданд подош дода мешаванд?!*[1]

Дар сураи Тавба дар бораи мушрикон мефармояд:

***Мо кона лилмушрикӣна ан яъмурӯ масоҷидаллоҳи шоҳидӣна ъало анфусиҳим билкуфри улоика ҳабитат аъмолуҳум ва фин нори ҳум холидӯн. Иннамо яъмуру масоҷидаллоҳи ман омана биллоҳи вал явмил охири ва ақомас салота ва отаз закота ва лам яхша иллаллоҳа фаъасо улоика ан якӯну минал муҳтадӣн Ê***

*Ä Мушриконро нашояд, ки масоҷиди Худоро обод кунанд, дар ҳоле ки ба куфри хеш гувоҳӣ медиҳанд! Ин гурӯҳ аъмолашон табоҳ гардида ва дар оташи дӯзах ҷовидонанд. Масҷидҳои Худоро танҳо он касе обод мекунад, ки ба Худо ва рӯзи қиёмат имон оварда, намозро барпо дорад, закотро бипардозад ва ҷуз аз Худо натарсад. Умед аст ин гурӯҳ аз роҳёфтагон бошанд.*[2]

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 147.

وَالَّذِينَ كَذَّبُواْ بِآيَاتِنَا وَلِقَاء الآخِرَةِ حَبِطَتْ أَعْمَالُهُمْ هَلْ يُجْزَوْنَ إِلاَّ مَا كَانُواْ يَعْمَلُونَ {147}

[2] Сураи Тавба, ояи 17-18.

مَا كَانَ لِلْمُشْرِكِينَ أَن يَعْمُرُواْ مَسَاجِدَ الله شَاهِدِينَ عَلَى أَنفُسِهِمْ بِالْكُفْرِ أُوْلَئِكَ حَبِطَتْ أَعْمَالُهُمْ وَفِي النَّارِ هُمْ خَالِدُونَ {17} إِنَّمَا يَعْمُرُ مَسَاجِدَ اللّهِ مَنْ آمَنَ بِاللّهِ وَالْيَوْمِ الآخِرِ وَأَقَامَ الصَّلاَةَ وَآتَى الزَّكَاةَ وَلَمْ يَخْشَ إِلاَّ اللّهَ فَعَسَى أُوْلَئِكَ أَن يَكُونُواْ مِنَ الْمُهْتَدِينَ {18}

Дар сураи Бақара дар бораи муртадҳо ва аз дин баргаштагон мефармояд:

***...Ва ман яртадид минкум ъан дӣниҳи фаямут ва ҳува кофирун фаулоика ҳабитат аъмолуҳум фид дунё вал охирати ва улоика асҳобун нори ҳум фӣҳо холидӯн*** **Ê**

**Ä...***Ҳар кас аз шумо, ки аз динаш баргардад ва дар ҳоли куфр бимирад, чунин касоне ҳамаи аъмолашон дар дунё ва охират табоҳ шуда, аҳли дӯзаханд ва ҳамеша дар он хоҳанд буд.*[1]

Дар сураи Муҳаммад(с) дар бораи кофирон ва ситезаҷӯён ба Расули Худо(с) мефармояд:

***Инналлазӣна кафарӯ ва саддӯ ъан сабӣлиллоҳи ва шоққур расӯла мин баъди мо табайяна лаҳумул ҳудо лан язуррруллоҳа шай'ан ва саюҳбиту аъмолаҳум. Ё айюҳал лазӣна оманӯ атӣъуллоҳа ва атӣъур расӯла ва ло тубтилӯ аъмолакум*** **Ê**

**Ä** *Онон ки кофир шуданд ва (мардумон) –ро аз роҳи Худо боздоштанд ва баъд аз он ки роҳи ҳидоят барояшон равшан шуд (боз ҳам) бо Расули Худо ситезаҷӯӣ карданд, ҳаргиз зиёне ба Худо*

---

[1] Сураи Бақара, ояи 217.

... وَمَن يَرْتَدِدْ مِنكُمْ عَن دِينِهِ فَيَمُتْ وَهُوَ كَافِرٌ فَأُوْلَـئِكَ حَبِطَتْ أَعْمَالُهُمْ فِي الدُّنْيَا وَالآخِرَةِ وَأُوْلَـئِكَ أَصْحَابُ النَّارِ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ {217}

*намерасонанд (балки Худованд) ба зудӣ аъмолашонро табоҳ ва нобуд мекунад. Эй касоне, ки имон овардед, итоат кунед Худоро, итоат кунед расули Худоро ва аъмоли худро табоҳ накунед!*[1]

Нобудӣ ва табоҳии аъмол чунон ки гузашт ва меояд, танҳо домани кофиронро намегирад, балки мусулмононро низ шомил мегардад. Худованд дар сураи Ҳуҷурот мефармояд:

***Ё айюҳал лазӣна оманӯ ло тарфаъӯ асвотакум фавқа савтин набийийи ва ло таҷҳарӯ лаҳу билқавли каҷаҳри баъзикум либаъзин ан таҳбата аъмолукум ва антум ло ташъурӯн*** **Ê**

**Ä** *Эй касоне, ки имон овардаед! Овози худро фаротар аз овози паёмбар накунед ва бо ӯ ба овози баланд (ҳамон гуна, ки бо якдигар сухан мегӯед) сухан магӯед, ки аъмолатон табоҳ гардад ва шумо надонед!*[2]

Дар сураи Бақара мефармояд:

---

[1] Сураи Муҳаммад, ояи 32-33.
إِنَّ الَّذِينَ كَفَرُوا وَصَدُّوا عَن سَبِيلِ اللَّهِ وَشَاقُّوا الرَّسُولَ مِن بَعْدِ مَا تَبَيَّنَ لَهُمُ الْهُدَى لَن يَضُرُّوا اللَّهَ شَيْئاً وَسَيُحْبِطُ أَعْمَالَهُمْ {32} يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا أَطِيعُوا اللَّهَ وَأَطِيعُوا الرَّسُولَ وَلَا تُبْطِلُوا أَعْمَالَكُمْ {33}

[2] Сураи Ҳуҷурот, ояи 2.
يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَرْفَعُوا أَصْوَاتَكُمْ فَوْقَ صَوْتِ النَّبِيِّ وَلَا تَجْهَرُوا لَهُ بِالْقَوْلِ كَجَهْرِ بَعْضِكُمْ لِبَعْضٍ أَن تَحْبَطَ أَعْمَالُكُمْ وَأَنتُمْ لَا تَشْعُرُونَ {2}

***Ё айюҳал лазӣна омону ло тубтилу садақотикум билманнӣ вал азо каллазӣ юнфиқу молаҳу ри'оан носи ва... Ê***

***Ä****Эй касоне, ки имон овардаед! Садақот ва бахшидаҳои худро бо миннату озор табоҳ ва ботил масозед, монанди касе, ки моли худро барои риё ва худнамоӣ инфоқ мекунад ва...*[1]

## В) Аз байн рафтани амал дар ривоёт

Дар ривоёти исломӣ ба бисёре аз далелҳо ва сабабҳои нобудии аъмол ишора шуда аст, ки дар зер намунае аз онҳоро меоварем:

Шайхи Садуқ дар китоби Савобулаъмол аз Расули Худо(с) ривоёте овардааст, ки он ҳазрат фармуда аст:

Ҳар кас мегӯяд: "*Субҳоналлоҳ*", Худованд барои ӯ дар биҳишт дарахтеро ғарс мекунад.

Ва ҳар кас бигӯяд: "*Алҳамдулиллоҳ*", Худованд барои ӯ дар биҳишт дарахтеро мекорад.

Ва ҳар кас бигӯяд: "*Ло илоҳа иллаллоҳ*", Худованд барои ӯ дар биҳишт дарахтеро бароварад.

Яке аз мардони қурайш гуфт: эй Расули Худо! Бино бар ин дарахтони мо дар биҳишт бисёр аст! Фармуд: оре, вале барҳазар бошед, ки оташе бар онҳо нафиристед то ҳамаро бисӯзонад. Зеро Худои азза ва ҷалла мефармояд: "Эй касоне, ки имон овардаед! Итоат

[1] Сураи Бақара, ояи 264.
يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ لاَ تُبْطِلُواْ صَدَقَاتِكُم بِالْمَنِّ وَالأذَى كَالَّذِي يُنفِقُ مَالَهُ رِئَاء النَّاس ... {264}

кунед Худоро ва итоат кунед Расули Худоро ва аъмоли худро бо нофармонӣ ботил накунед!"[1]

Дар Саҳеҳи Муслим ва ғайри он аз Расули Худо(с) овардаанд, ки фармуд:

***Инна фаратакум ъалаййал ҳавза, ман варада шариба, ва ман шариба лам язма' баъду, ва лаяриданна ъалаййа ақвомун аърифуҳум ва яърифӯнӣ сумма юҳолу байнӣ ва байнаҳум Ê***

***Ä***Ба сӯи ман бар ҳавзи Кавсар бишитобед, ки ҳар кас расид менӯшад ва ҳар кас, ки нӯшид баъд аз он ташна нагардад. Дар он ҷо гурӯҳҳое бар ман ворид мешаванд, ки онҳоро шинохта ва онон низ маро мешиносанд, сипас миёни ман ва онон ҷудоӣ меафтад!*

Дар ривояти дигаре аст, ки фармуд:

***Лаяриданна ъалаййал ҳавза риҷолун мимман соҳабанӣ ҳатто изо раайтуҳум ихталаҷӯ дӯнӣ, фалаақӯланна ай раббӣ асҳобӣ асҳобӣ, фаюқоланна лӣ: иннака ло тадрӣ мо аҳдасӯ баъдака Ê***

***Ä***Мардоне аз асҳобам бар ҳавзи Кавсар назди ман меоянд, вале то ононро мебинам аз ман ҷудояшон мекунанд. Ман (бо шитоб) мегӯям: Худои ман!*

---

[1] "Савобулаъмол", саҳ. 32 ва сураи Муҳаммад(с), ояи 33.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا أَطِيعُوا اللَّهَ وَأَطِيعُوا الرَّسُولَ وَلَا تُبْطِلُوا أَعْمَالَكُمْ {33}

*Ёронам! Ёронам! Ба ман гуфта мешавад: ту намедонӣ инон баъд аз ту чӣ карданд!*[1]

Дар ҳадиси дигаре аз Расули Худо[(с)] омадааст:

***Инная муро'ӣ юдъо биҳӣ явмал қиёмати биарбаъати асмоин: Ё кофир! Ё фоҷир!Ё ғодир! Ё хосир! Ҳабата ъамалука ва батала аҷрука ва ло халоқа лакал явм, фалтамис аҷрака мимман кунта таъмалу лаҳу*** Ê

Ä *Рӯзи қиёмат шахси риёкорро бо чаҳор ном садо мезананд ва мегӯянд: Эй кофир! Эй фоҷир! Эй маккор! Эй зиёнкор! Кирдорат табоҳ ва подошат ботил гардид. Имрӯз баҳрае надорӣ, акнун подоши худро аз касе дарёфт кун, ки бароят кор мекардӣ!*[2]

## Хулосаи баҳс

То ин ҷо, намунаҳое аз подоши "Раббулъоламин" ба инсонро баён доштем. Дар баҳси оянда, ба ёрии Худо, ширкати инс ва ҷинро дар подоши Худо ва кайфари илоҳӣ баён медорем.

## *Ҷинниён дар подош ва кайфар ба монанди инсонанд*

Дар баҳси хилқати Одам[(а)] овардем, ки Худованд ҳамаи фариштагонро фармон дод то барои Одам саҷда кунанд. Онон ҳама саҷда карданд, ҷуз Иблис, ки аз

---

[1] Саҳеҳи Муслим, "китобулфазоил", ҳадиси 26, 27, 28, 32 ва 40.

[2] Биҳоруланвор, ҷ. 72, саҳ. 295 ба нақл аз "Амолӣ"-и Садуқ, саҳ. 346.

ҷинниён буд. Худои субҳон низ ӯро кайфари муносибе дод ва аз даргоҳи худ берун ронд. Он чи дар ин ҷо меоварем баёни Худованд аз саранҷоми ӯ ва ҳамзодони ҷиннияш дар рӯзи қиёмат хоҳад буд.

1-Худованд дар сураи Анъом мефармояд:

***Ва явма яҳшуруҳум ҷамӣъан ё маъшарал ҷинни қадистаксартум минал инси... Ё маъшарал ҷинни вал инси алам я'тикум русулун минкум яқуссӯна ъалайкум оётӣ ва юнзирӯнакум лиқоа явмикум ҳозо қолӯ шаҳидно ъало анфусино ва ғарратҳумул ҳаётуд дунё ва шаҳидӯ ъало анфусиҳим аннаҳум конӯ кофирӣн Ê***

**Ä** *Рӯзе, ки Худованд ҳамаи ононро гирдиҳам овард (мегӯяд:) Эй ҷамоати ҷинниён! Шумо бисёре аз инсонҳоро гумроҳ сохтед... Эй гурӯҳи ҷин ва инс! Оё расулоне аз худи шумо ба сӯятон наёмаданд, ки оёти маро бароятон бозгӯ мекарданд ва шуморо аз дидори чунин рӯзе бим медоданд?! Онон мегӯянд: мо бар зидди худамон гувоҳӣ медиҳем! (Оре), Зиндагии дунё ононро фирефт ва ба зиёни худ гувоҳӣ диҳанд, ки кофир буданд.*[1]

---

[1] Сураи Анъом, ояи 128 ва 130..

وَيَوْمَ يِحْشُرُهُمْ جَمِيعاً يَا مَعْشَرَ الْجِنِّ قَدِ اسْتَكْثَرْتُم مِّنَ الإِنسِ ... {128}

يَا مَعْشَرَ الْجِنِّ وَالإِنسِ أَلَمْ يَأْتِكُمْ رُسُلٌ مِّنكُمْ يَقُصُّونَ عَلَيْكُمْ آيَاتِي وَيُنذِرُونَكُمْ لِقَاء يَوْمِكُمْ هَـذَا قَالُواْ شَهِدْنَا عَلَى أَنفُسِنَا وَغَرَّتْهُمُ الْحَيَاةُ الدُّنْيَا وَشَهِدُواْ عَلَى أَنفُسِهِمْ أَنَّهُمْ كَانُواْ كَافِرِينَ {130}

2-Дар сураи Ҷин аз забони худи ҷинниён барои қавми хеш мефармояд:

***Ва анно миннал муслимӯна ва миннал қоситӯна фаман аслама фаулоика таҳаррав рашадо. Ва аммал қоситӯна факонӯ лиҷаҳаннама ҳатабо*** **Ê**

**Ä (***Онон гуфтанд:***)** *Гурӯҳе аз мо мусулмон ва гурӯҳе ситмгаранд. Ва ҳар кас ислом овард, роҳи рушд ва ҳидоятро баргузид. Аммо ситамгарон ҳезум ва оташгираи дӯзаханд!*[1]

3-Дар сураи Аъроф мефармояд:

***Қоладхулӯ фӣ умамин қад халат мин қабликум минал ҷинни вал инси финнори кулламо дахалат умматун лаъанат ухтаҳо ҳатто изо аддоракӯ фӣҳо ҷамӣъан қолат ухроҳум лиӯлоҳум раббано ҳоулой азаллӯно фаотиҳим ъазобан зиъфан минаннори қола ликулли зиъфун ва локин ло таъламӯн. Ва қолат ӯлоҳум лиухроҳум фамо кона лакум ъалайно мин фазлин фазӯқулъазоба бимо кунтум таксибӯн*** **Ê**

**Ä** *Худованд* **(***ба ситамгарон***)** *мефармояд: дар қатори гурӯҳҳои мушобеҳи худ, аз ҷин ва инс, дар оташ дароед! Ҳар гоҳ дастае ворид мешавад, ҳамтои худро*

---

[1] Сураи Ҷин, ояи 14 ва 15.

وَأَنَّا مِنَّا الْمُسْلِمُونَ وَمِنَّا الْقَاسِطُونَ فَمَنْ أَسْلَمَ فَأُوْلَئِكَ تَحَرَّوْا رَشَداً {14}

وَأَمَّا الْقَاسِطُونَ فَكَانُوا لِجَهَنَّمَ حَطَباً {15}

*лаън мекунад то чун ҳамагӣ дар он ҷо ба ҳам расанд. Гурӯҳе думболарав дар бораи пешвоёни худ мегӯянд: Парвардигоро! Инон буданд, ки моро гумроҳ сохтанд. Пас кайфари дӯзахии ононро дучандон кун! Худованд мефармояд: азоби ҳама дучанд аст, вале шумо намедонед. Пешвоён ба дунболаравон гӯянд: шумо беҳтар аз мо набудед, пас бичашед азобро, ки маҳсули кори худатон аст!*[1]

4-Дар сураи Ҳуд мефармояд:

***...Ва таммат калимату раббика лаамлаанна ҷаҳаннама минал ҷиннати ванноси аҷмаъйн Ê***

***Ä...****Ва фармони Парвардигорат қатъӣ шуда аст, ки: ҷаҳаннамро аз ҳамаи ҷин ва инс пур кунад!*[2]

Инҳо бархе аз оёти Қуръони карим дар бораи рафтори ҷинниён ва муҷозоти онон дар дунё ва охират буд. Қуръони карим шарҳ ва тафсири ҳолатҳои хоси ҷин дар қиёматро (он гуна, ки дар бораи инсон оварда аст), наёвардааст.

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 38-39.

قَالَ ادْخُلُواْ فِي أُمَمٍ قَدْ خَلَتْ مِن قَبْلِكُم مِّن الْجِنِّ وَالإِنسِ فِي النَّارِ كُلَّمَا دَخَلَتْ أُمَّةٌ لَّعَنَتْ أُخْتَهَا حَتَّى إِذَا ادَّارَكُواْ فِيهَا جَمِيعاً قَالَتْ أُخْرَاهُمْ لأُولاَهُمْ رَبَّنَا هَـؤُلاء أَضَلُّونَا فَآتِهِمْ عَذَاباً ضِعْفاً مِّنَ النَّارِ قَالَ لِكُلٍّ ضِعْفٌ وَلَـكِن لاَّ تَعْلَمُونَ {38} وَقَالَتْ أُولاَهُمْ لأُخْرَاهُمْ فَمَا كَانَ لَكُمْ عَلَيْنَا مِن فَضْلٍ فَذُوقُواْ الْعَذَابَ بِمَا كُنتُمْ تَكْسِبُونَ {39}

[2] Сураи Ҳуд, ояи 119.

... وَتَمَّتْ كَلِمَةُ رَبِّكَ لأَمْلأَنَّ جَهَنَّمَ مِنَ الْجِنَّةِ وَالنَّاسِ أَجْمَعِينَ {119}

## Хулосаи баҳси подош ва кайфар

***Гуфтем: инсон худ гандум, ҷав ва ҳабиботро мекорад ва пас аз чанд моҳ, ки бигзарад маҳсули онро бардошт мекунад. Ва низ анвои дарахтони мевадорро менишонад ва пас аз чанд сол, ки гузашт меваи онро мегирад. Яъне, инсон маҳсули дастранҷи худро мехӯрад, бо ин ҳол Худои субҳон мефармояд:***

***Кулӯ миммо разақакумуллоҳ Ê***

**Ä** *Аз он чи Худованд рӯзиатон дода аст, бихӯред!*[1]

***Ва низ мефармояд: - Ё айюҳал лазӣна оманӯ кулӯ мин таййиботи мо разақнокум Ê***

**Ä** *Эй касоне, ки имон овардаед! Аз покизаҳои он чи рӯзиатон додем бихӯред.*[2]

***Ва мефармояд: Ва ло тақтулӯ авлодакум хашята имлоқин, наҳну нарзуқуҳум ва ийёкум Ê***

---

[1] Сураи Моида, ояи 88

...كُلُواْ مِمَّا رَزَقَكُمُ اللّهُ ... {88}

ва сураи Наҳл, ояи 114.

فَكُلُواْ مِمَّا رَزَقَكُمُ اللّهُ ... {114}

[2] Сураи Бақара, ояи 172.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ كُلُواْ مِن طَيِّبَاتِ مَا رَزَقْنَاكُمْ ... {172}

*Ӓ Фарзандонатонро аз тарси фақр ва гуруснагӣ накушед! Мо онҳо ва шуморо рӯзӣ медиҳем!*[1]

Ва гуфтем: ин барои он аст, ки инсон дар ин маҷмӯаи ҳастӣ ҳамонанди касе аст, ки дар ошхонаҳои худхизматрасонӣ бояд бо дасти худ аз хештан пазирой кунад. Дар чунин маконҳо он касе ки меҳмононро зиёфат карда ва навъҳои хӯрданиҳоро барои онон фароҳам менамояд, мизбон аст. Вале меҳмон низ дар интихоби таом ва омода кардани он барои хештан озод аст ва агар иқдом накунад ва табақча, қошуқ ва чанголро барои худ нагирад ва наздики деги таом рафта, ҳарчи хост нагирад, гурусна мемонад ва ҳаққи эътироз ҳам надорад. Ҳамчунон ки агар пурхӯрӣ кунад ё таоми нобоб хӯрад низ, паёмади он бар ӯҳдаи худи ӯст, ки чунин кардааст.

Инсон дар баҳрагирӣ аз натоиҷи аъмоли маънавии хеш низ ба гунае аст, ки бархе аз натоиҷи кирдори худро тамом ва камол дар ҳамин дунё дарёфт мекунад, монанди осори силаи раҳими кофир, ки барои ӯ подоши дунёӣ дорад. Бархеро низ танҳо дар охират меёбад, монанди осори шаҳодат, ки хоси мӯъминон аст. Бархе аз аъмол низ баҳраи ҳардусаройӣ дорад, монанди силаи раҳими мӯъмин, ки подоши дунёӣ ва охиратии онро тамоман дарёфт медорад.

Бино бар он чи овардем, инсон натиҷаи рафтори маънавии худро ба гунае, ки натиҷаи рафтори

---

[1] Сураи Исро, ояи 31.

وَلاَ تَقْتُلُواْ أَوْلادَكُمْ خَشْيَةَ إِمْلاقٍ نَّحْنُ نَرْزُقُهُمْ وَإِيَّاكُم ... {31}

моддиашро мегирад, тамоман дарёфт медорад, ё дар дунё ва ё дар охират ва ё дар дунё ва охират ҳар ду, ҳамчунин аст натоиҷи аъмоли нописанд ва зишт!

Ҳаққи шафоат дар рӯзи қиёмат ва ин ки Худои раҳмон ба бархе аз инсонҳо чунин кароматеро ато мефармояд, низ маҳсули аъмоле аст, ки инсон дар дунё анҷом медиҳад. Ҳамчунин аст нобудӣ ва табоҳии аъмоли инсонҳо дар рӯзи қиёмат, ки натиҷаи бархе кирдори дунёии онон аст, зеро:

***Лайса лил инсони илло мо саъо*** **Ê**

**Ä** *Барои инсон подоше ҷуз он чи худ карда аст**,** нест**!***[1]

Қуръони карим ҳамчунин хабар дода аст, ки ҷинниён ҳам ба монанди инсонҳо подоши аъмолашонро дар охират тамоман дарёфт медоранд.

Ҳамаи он чиро овардем бар асоси тақдири "Раббулъоламин" ва ба иқтизои бархе аз сифоти Парвардигории ӯст. Дар баҳси оянда, ба ёрии Худо, сифоти дигаре аз Раббулъоламинро баррасӣ хоҳем кард.

---

[1] Сураи Наҷм, ояи 39.

وَأَن لَّيْسَ لِلْإِنسَانِ إِلَّا مَا سَعَى {39}

### *Маънои исм*

"Исм" дар истилоҳи қуръонӣ ба маънои сифатҳо ва хусусиятҳои чизҳо ва баёнкунандаи ҳақиқати онҳо аст. Бино бар ин он ҷо, ки Худои мутаол мефармояд:

***Ъаллама Одамал асмо'а куллаҳо Ê***

***Ä** Худованд ҳамаи илми асморо ба Одам омӯхт,*[1]

маънояш ин мешавад, ки: Худованд илми хавоси ашё ва соири улумро ҳамагӣ ба Одам[(а)] омӯхт, ҷуз илми ғайбро, ки ҳеҷ кас дар он бо Худо ширкат намекунад, магар касе ки ӯ бихоҳад ва бахше аз ахбори ниҳонро дар ихтиёраш бигузорад.

### *Маънои" раҳмон" ва "раҳим"*

Дар Қуръони карим барои Худованди мутаол номҳо ва сифатҳои хосе омада аст, ки бархе аз онҳо осори дунёӣ, бархе осори ухравӣ ва бархе осори ҳардусаройӣ

---

1 Сураи Бақара, ояи 31.

...عَلَّمَ آدَمَ الأَسْمَاء كُلَّهَا ... {31}

доранд Аз ҷумлаи ин номҳо ва сифатҳо вожаҳои "*раҳмон*" ва "*раҳим*" мебошанд ки маънои онҳоро баррасӣ менамоем:

Дар китобҳои луғат "*раҳм*", "*раҳмат*" ва "*марҳамат*" ба маънои "*меҳрубонӣ*", "*нармӣ*" ва "*риққати қалб*" омадааст. Роғиби Исфаҳонӣ дар китоби "Муфрадотул алфозил Қуръон" дар моддаи "раҳм" сухане дорад, ки фишурдаи он чунин аст:

**Раҳмат**: риққати қалб ва меҳрабонӣ аст ба гунае, ки боиси эҳсон ба раҳматшуда гардад. Ин вожа гоҳе дар маънои танҳо риққат ва гоҳе дар маънои эҳсони бидуни риққат истеъмол шудааст. Ҳангоме ки аз раҳмати Худои мутаол сухан мегӯем, мақсуд танҳо эҳсони муҷарради бериққат аст ва ба ин хотир дар ривоят омадааст:

Раҳмате, ки аз сӯи Худо бошад бахшиш ва бахшудан, ва раҳмате, ки аз сӯи одамиён бошад риққат ва меҳрубонӣ аст.

Вожаи "**раҳмон**" махсуси Худои мутаол аст ва маънои он ҷуз дар Худо рост наояд, зеро танҳо ӯст, ки раҳматаш ҳамаи чизро фаро гирифта аст.

Вожаи "**раҳим**" дар бораи Худо ва ғайри Худо истеъмол мешавад. Худованд дар бораи худ фармуда аст:

***Инналлоҳа ғафурур раҳӣм Ê***

***Ä** Худованд омурзанда ва меҳрубон аст.*

Дар бораи Паёмбар(с) низ фармуда аст:

***Лақад ҷоакум расӯлун мин анфусикум ъазӣзун ъалайҳи мо ъаниттум ҳарӣсун ъалайкум билму'минӣна раӯфун раҳӣм*** **Ê**

**Ä***Ба ростӣ расуле аз шумо ба сӯятон омад, ки ранҷҳои шумо бар ӯ гарон аст. Бар ҳидояти шумо пофишор ва бо мӯъминон рауф ва меҳрубон аст.*[1]

Ва низ гуфта шуда аст: Худои мутаол раҳмони дунё ва раҳими охират аст. Зеро эҳсони Худованд дар дунё ом аст ва шомили мӯъминону кофирон ва дар охират махсуси мӯъминон аст. Худованд дар сураи Аъроф фармуда аст:

***Ва раҳматӣ вусиъат кулла шай'ин фасаактубуҳо лиллазӣна яттақӯн*** **Ê**

**Ä***Раҳмати ман ҳамаи чизро фаро гирифта ва ба зудӣ онро махсуси касоне мегардонам, ки тақво пеша кунанд.*[2]

Яъне: раҳмати ман дар дунё барои мӯъминон ва кофирон ҳар ду аст ва дар охират хоси мӯъминон аст.

Соҳиби китоби "Тоҷуларус" низ дар ин бора сухане дорад, ки фишурдаи он чунин аст: "Раҳмон" номе аст махсуси Худованд, ки ба ғайри ӯ рост наояд. Зеро

---

[1] Сураи Тавба, ояи 128.

**لَقَدْ جَاءكُمْ رَسُولٌ مِّنْ أَنفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُم بِالْمُؤْمِنِينَ رَؤُوفٌ رَّحِيمٌ** {128}

[2] Сураи Аъроф, ояи 156.

**... وَرَحْمَتِي وَسِعَتْ كُلَّ شَيْءٍ فَسَأَكْتُبُهَا لِلَّذِينَ يَتَّقُونَ ...** {156}

раҳмати ӯ ҳамаи мавҷудотро аз тариқи "халқ”, “ризқ” ва “судрасонӣ" шомил аст.

"Раҳим" номе аст ом барои ҳар ки ба сифати раҳмат васф гардад. Баъд гӯяд: ин ҳамон маънои сухани имом Ҷаъфари Содиқ[a] аст, ки фармуда аст: "Раҳмон" исми хос барои сифати ом аст ва "раҳим" исми ом барои сифати хос.

Таидкунандаи он чи гуфтаанд ин аст, ки "раҳим" дар чиҳилу ҳафт маврид аз Қуръони карим бо "ғафур", "бирр", "рауф" ва "вадуд" қарин ва ҳамроҳ омадааст. [1]

Вожаи "раҳмон" дар сура “Арраҳмон” исм ва сифати касе омада аст, ки инсонро пас аз хилқат ва омӯзиши баён, бо неъмати ҳидояти қуръонӣ гиромӣ дошта ва заминро бо ҳарчӣ дар он аст: аз меваҳо, нахлҳо, донаҳо ва раёҳин барои баҳраварии ӯ офаридааст. Сипас ҷин ва инсро мухотаб сохта ва фармуда аст:

***Фабиаййи олои раббикумо туказзибон* Ê**

**Ä***Пас кадомин неъматҳои Парвардигоратонро инкор мекунед***!**[2]

Ва пас аз иршод ба бархе аз неъматҳои дунёӣ, порае аз неъматҳои охиратро ёдовар шуда ва мефармояд:

***Ва лиман хофа мақома раббиҳи ҷаннатон* Ê**

**Ä** *Ва барои он касе***,** *ки аз мақоми парвардигораш битарсад***,** *ду боғи биҳиштӣ хоҳад буд***.**[1]

---

[1] Ба “Мӯъҷамулмуфаҳрис” моддаи “раҳм” мурочиат шавад.

[2] Сураи Раҳмон, ояи 16.

فَبِأَيِّ آلَاء رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ {16}

То поёни сура, ки мефармояд:

***Таборакасму раббика зилҷалоли вал икром*** Ê

Ä *Хуҷаста ва заволнопазир аст номи Парвардигори соҳибҷалол ва бузургвори ту!*[2]

## *4-Зулъарш ва Раббулъарш*

Аз ҷумлаи оёте, ки дар Қуръони карим аз "Арши Худо" сухан гуфтааст, оёти зер аст:

1-Дар сураи Ҳуд мефармояд:

***Ва ҳувал лазӣ халақас самовоти вал арза фӣ ситтати айёмин ва кона ъаршуҳу ъалал мо'и лияблувакум айюкум аҳсану ъамало...*** Ê

Ä *Ӯст Худое, ки осмонҳо ва Заминро дар шаш рӯз (даврон) офарид ва "Арш" бар об қарор дошт, то шуморо биёзмояд, ки кадом як некӯкортар ҳастед...*[3]

2- Дар сураи Юнус фармуда аст:

***Инна раббакумуллоҳ, аллазӣ халақас самовоти вал арза фӣ ситтати айёмин суммаставо ъалал ъарши юдаббирул амра...*** Ê

---

[1] Сураи Раҳмон, ояи 46.

وَلِمَنْ خَافَ مَقَامَ رَبِّهِ جَنَّتَانِ {46}

[2] Сураи Раҳмон, ояи 78.

تَبَارَكَ اسْمُ رَبِّكَ ذِي الْجَلَالِ وَالْإِكْرَامِ {78}

[3] Сураи Ҳуд, ояи 7.

وَهُوَ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ وَكَانَ عَرْشُهُ عَلَى الْمَاءِ لِيَبْلُوَكُمْ أَيُّكُمْ أَحْسَنُ عَمَلاً ... {7}

**Ä** *Парвардигори шумо Аллоҳ аст ҳамон, ки осмонҳо ва Заминро дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш қарор гирифт ва ба тадбири кор пардохт..*[1]

3-Дар сураи Фурқон фармуда аст:

***Аллазӣ халақас самовоти вал арза ва мо байнаҳумо фӣ ситтати айёмин суммаставо ъалал ъаршир раҳмону фас'ал биҳи хабӣро*** **Ê**

**Ä** *Худованде, ки осмонҳо ва Замин ва ҳарчи миёни онҳост дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш қарор гирифт, Худои раҳмон, аз ӯ бихоҳ, ки аз ҳама чиз огоҳ аст.*[2]

4-Дар сураи Ғофир фармуда аст:

***...Аллазӣна яҳмилӯнал ъарша ва ман ҳавлаҳу юсаббиҳӯна биҳамди раббиҳим ва ю'минӯна биҳи ва ястағфирӯна лиллазӣна оманӯ раббано васиъта кулла шай'ин раҳматан ва ъилман фағфир лиллазӣна тобӯ ват табаъӯ сабӣлака вақиҳим ъазобал ҷаҳӣм*** **Ê**

**Ä...** *Онон ки Арши Худоро ҳамл мекунанд ва онон ки дар атрофи онанд, Парвардигорашонро тасбеҳ ва ситоиш карда ва ба ӯ имон доранд ва барои мӯъминон (ин тавр) омурзиш хоҳанд:*

---

[1] Сураи Юнус, ояи 3.

**إِنَّ رَبَّكُمُ اللّهُ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ يُدَبِّرُ الأَمْرَ ...** {3}

[2] Сураи Фурқон, ояи 59.

**الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ وَمَا بَيْنَهُمَا فِي سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ الرَّحْمَنُ فَاسْأَلْ بِهِ خَبِيراً** {59}

*Парвардигоро! Раҳмат ва илми ту ҳама чизро фаро гирифтааст, пас касонеро, ки тавба карда ва ба роҳи ту омадаанд, биёмурз ва ононро аз азоби дӯзах нигаҳ дор!*[1]

5-Дар сураи Зумар мефармояд:

***Ва тарал малоиката ҳоффӣна мин ҳавлил ъарши юсаббиҳӯна биҳамди раббиҳим ва қузия байнаҳум билҳаққи ва қӣла, алҳамду лиллоҳи раббил ъоламӣн Ê***

**Ä** *Ва фариштагонро мебинӣ, ки ба гирди Арши Худо ҳалқа задаанд ва ба ситоиши парвардигорашон тасбеҳ гӯянд. Миёни онон ба ҳақ доварӣ гардад ва гуфта шавад: ситоиш махсуси Аллоҳ, Парвардигори ҷаҳониён аст!*[2]

6-Дар сураи Ҳоққа мефармояд:

***...Ва яҳмилу ъарша раббика фавқаҳум явмаизин самония Ê***

**Ä**...*Он рӯз Арши Парвардигоратро ҳашт фаришта бар фарози онҳо ҳамл мекунанд.*[3]

---

[1] Сураи Ғофир, ояи 7.

الَّذِينَ يَحْمِلُونَ الْعَرْشَ وَمَنْ حَوْلَهُ يُسَبِّحُونَ بِحَمْدِ رَبِّهِمْ وَيُؤْمِنُونَ بِهِ وَيَسْتَغْفِرُونَ لِلَّذِينَ آمَنُوا رَبَّنَا وَسِعْتَ كُلَّ شَيْءٍ رَّحْمَةً وَعِلْماً فَاغْفِرْ لِلَّذِينَ تَابُوا وَاتَّبَعُوا سَبِيلَكَ وَقِهِمْ عَذَابَ الْجَحِيمِ {7}

[2] Сураи Зумар, ояи 75.

وَتَرَى الْمَلَائِكَةَ حَافِّينَ مِنْ حَوْلِ الْعَرْشِ يُسَبِّحُونَ بِحَمْدِ رَبِّهِمْ وَقُضِيَ بَيْنَهُم بِالْحَقِّ وَقِيلَ الْحَمْدُ لِلَّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ {75}

[3] Сураи Ҳоққа, ояи 17.

## Шарҳи вожаҳо

**Альарш:** “ъарш” дар луғат ҷои сақфдор ва ҷамъи он “ъуруш” аст. Тахти ҳукуматро ба эътибори баландии ҷойгоҳ ва иззату шавкати ҳоким “арш” номидаанд. Арш ба маънои мулк ва мамлакат низ омадааст. Дар китоби Лисонулъараб гӯяд:

***Саллаллоҳу ъаршаҳум*** **Ê**

**Ä** *Худованд мулк ва салтанати ононро нобуд кард*.[1]

Шоири арабзабоне дар ин бора гуфтааст:

***Изо мо бану Марвону саллат ъурушуҳум***
***Ва авдат камо авдат Иёдун ва Ҳимярун***

Чу нобуд шуд мулки Марвониён,

Фурӯ рехт чун Ҳимяру Идиён.[2]

**Истиво:**

А) Дар китоби "Аттаҳқиқ фӣ калимотил Қуръон" моддаи "саво" омада аст: маънои "истиво" ба иқтизои маҳал, тағйир мекунад; яъне дар ҳар ҷое бар ҳасби ҳол ва иқтизои онҷост.

Б) Дар китоби "Муфрадоти Роғиб" омадааст: “*Истиво*” ҳар гоҳ бо пешоянди "*ъало*" мутааддӣ шавад маънои "истило" яъне: чирагӣ ва истиқрор ёфтанро медиҳад, монанди:

---

**... وَيَحْمِلُ عَرْشَ رَبِّكَ فَوْقَهُمْ يَوْمَئِذٍ ثَمَانِيَةٌ** {17}

[1] Ба “Муфрадоти Роғиб” ва “Алмӯъҷамулвасит”, моддаи “ъарш” ва “Лисонулъараб” моддаи “салала” муроҷиат шавад.

[2] Биҳоруланвор, ҷ. 58, саҳ. 7.

***"Арраҳмон, ъалал ъаршиставо" Ê***

***Ä** Худои раҳмон бар Арш тасаллут ва чирагӣ дорад.*

В) Дар китоби "Алмӯъҷамулвасит" омадааст: ин ки гуфта мешавад:

***"Иставо ъало сарӣрил мулки ав ъалал ъарши" Ê***

***Ä** Бар тахти ҳукумат қарор гирифт ё бар курсии салтанат нишаст,*

мақсуд он аст, ки: ихтиёри мамлакатро ба даст гирифт.

Шоир Ахтал дар мадҳи Бишр ибни Марвони Умавӣ гуфтааст:

Қадиставо Бишрун ъалал Ъироқ

Мин ғайри сайфин ав дамин миҳроқ

Бишр мамлакати Ироқро бидуни шамшер ва хунрезӣ дар ихтиёр гирифт.[1]

## Тафсири оёт

Пас аз он ки донистем: "раҳмон” ва “раҳим" дар асмои илоҳӣ аз сифатҳои Раббулъоламин аст ва ҳар якро дар дунё ва охират осоре аст. Ва ҳамчунин донистем, ки "исм" дар истилоҳи қуръонӣ ба маънои сифатҳо ва хусусиёти ашё ва баёнкунандаи ҳақиқати онҳост ва "ъарш" дар луғати араб киноя аз ҳукумат ва қудрат аст. Ва низ, донистем, ки калимаи "иставо" ҳар гоҳ бо "ъало" мутааддӣ шавад, маънои "истило” ва “чирагӣ"-ро медиҳад.

---

[1] Бушр ибни Марвон, бародари Абдулмалики Марвон, халифаи Умавӣ аст, ки дар соли 74 ҳиҷрӣ дар шаҳри Басра аз дунё гузашт. Саргузашти ӯро дар “Таърихи Димишқ”-и Ибни Асокир меёбед.

Ва ин ки гуфта мешавад: ***Иставо ъало сарӣрил мулки ав ъалал ъарши,-*** *Бар тахти салтанат ё бар арши ҳукумат нишаст,* яъне: ***Таваллал мулк,-*** *Ихтиёри мамлакат ва ҳукуматро дар даст гирифт.*

Акнун, агар ба мавориди ҳафтгонае, ки Қуръони карим аз "иставои бар Арш" ёд карда аст, муроҷиат кунем, мебинем дар ҳамаи онҳо "иставо" бо "ъало" мутааддӣ шуда аст, монанди: ***Иставо ъалалъарши юдаббирул амр,-*** *Бар Арш қарор гирифт ва ба тадбири кор пардохт*[1]

***Суммаставо ъалалъарш... йудаббирул амра*** **Ê**

**Ä** *Сипас бар Арш қарор гирифт... ба тадбири кор пардохт.*[2]

Дар ин оёт (бидуни ишора ба навъи тадбир) бо сароҳат мефармояд: бар Арш қарор гирифт ва ба тадбири умур пардохт. Дар сураи Аъроф, ояти 54 ба навъҳое аз тадбир низ ишора карда ва мефармояд:

***"Иставо ъалал ъарши юғшиял лайлан наҳора..."*** **Ê**

**Ä** *Бар Арш қарор гирифт, бо шаб рӯзро мепӯшонад...*[3]

Ва дар сураи Ҳадид, ояти 4 тадбири корро бо киноя оварда ва мефармояд:

---

[1] Сураи Юнус, ояи 3.

**...اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ يُدَبِّرُ الأَمْرَ...** {3}

[2] Сураи Саҷда, ояи 4, 5

**... ثُمَّ اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ ...** {4} **يُدَبِّرُ الْأَمْرَ ...** {5}

ва низ сураи Раъд, ояи 2.

**... ثُمَّ اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ ...** {2}

[3] Сураи Аъроф, ояи 54.

**اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ يُغْشِي اللَّيْلَ النَّهَارَ ...** {54}

***"Иставо ъалал ъарши яъламу мо яличу фил арзи ва мо яхручу минҳо" Ê***

***Ä** Бар Арш қарор гирифт, он чи дар замин фурӯ меравад ва он чи аз он хориҷ мешавад, ҳамаро медонад.*[1]

Яъне Худованд ба ҳарчи дар мамлакаташ ҷараён ёбад, огоҳ аст ва ҳама бо тадбири худи ӯ мегарданд.

Аз ин ҷо маънои ояти 59 сураи Фурқонро низ дармеёбем, он ҷо ки мефармояд:

***Иставо ъалал ъаршир раҳмону фас'ал биҳи хабӣро Ê***

***Ä** Бар Арши қудрат қарор гирифт, Худои раҳмон, танҳо аз ӯ бихоҳ, ки аз ҳама чиз огоҳ аст!*[2]

Яъне: он ки бар Арши қудрат қарор гирифта аст, ҳамон Худои раҳмон аст, ки ҳамаи оламиёнро бо раҳмати густурдаи хеш парвариш дода ва бар ҳар кӣ дар мамлакати ӯ коре анҷом медиҳад ба иқтизои раҳмат ва раҳмонияти ӯст.

Ин мавзӯъ дар сураи Тоҳо, ояти 5 бо таъкиди бештаре омада аст:

***"Арраҳмону ъалал ъаршиставо" Ê***

***Ä** Худои раҳмон аст, ки бар Арши қудрат қарор гирифта ва тасаллут дорад.*[3]

---

[1] Сураи Ҳадид, ояи 4

...اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ يَعْلَمُ مَا يَلِجُ فِي الْأَرْضِ وَمَا يَخْرُجُ مِنْهَا ... {4}

[2] Сураи Фурқон, ояи 59.

... اسْتَوَى عَلَى الْعَرْشِ الرَّحْمَنُ فَاسْأَلْ بِهِ خَبِيراً {59}

[3] Сураи Тоҳо, ояи 5.

الرَّحْمَنُ عَلَى الْعَرْشِ اسْتَوَى {5}

Бино бар ин аз он чи, ки дар сураи Ҳуд, ояти 7 мефармояд:

***"Халақас самовоти вал арза фӣ ситтати айёмин ва кона ъаршуҳу ъалал мо’и" Ê***

**Ä** *Осмонҳо ва Заминро дар шаш рӯз* **(***даврон***)** *офарид ва Арши қудрати ӯ бар об қарор дошт***.**

Аз он дониста мешавад, ки дар мамлакати худовандӣ пеш аз хилқати осмонҳо ва Замин, ҷуз ҳамон обе, ки танҳо Худо ҳақиқаташро медонад, чизи дигаре вуҷуд надоштааст.

Ва аз он чи, ки дар сураи Ғофир, ояти 7 мефармояд:

***Аллазӣна яҳмилунал ъарша Ê***

**Ä** *Онон***,** *ки Аршро ҳамл мекунанд***,**[1]

дониста мешавад, ки мақсуд фариштагони коргузори даргоҳи илоҳианд, ки бархеро расулон қарор дода, бархеро ба имдоди паёмбарон фиристода аст, бархе ҳомилони азоб бар умматҳое монанди қавми *Лут* ҳастанд ва бархе одамиёнро қабзи рӯҳ мекунанд. Хулоса, ҳар як кори хос ва мутаносиб бо он чи муқтазои рубубияти Худои мутаол дар олами мост, машғуланд.

Ва низ, аз он чи дар сураи Ҳоққа, ояти 17 мефармояд:

***Ва яҳмилу ъарша раббика фавқаҳум явмаизин самонияҳ Ê***

---

[1] Сураи Ғофир, ояи 7.

الَّذِينَ يَحْمِلُونَ الْعَرْشَ... {7}

*Ä Ва Арши қудрати Парвардигоратро дар он рӯз ҳашт фаришта ҳамл мекунанд,*[1]

дониста мешавад, ки мақсуд ин аст, ки фариштагони иҷрокунандаи фармони Худованд дар рӯзи қиёмат ҳашт гурӯҳанд.

Ва дар сураи Наҳл, ояти 14, ки фармуда аст:

***"Ва ҳувал лазӣ саххарал баҳра лита'кулӯ лаҳман бариян ва тастахриҷӯ минҳу ҳилятан талбасӯнаҳо ва тарал фулка мавохира фӣҳи" Ê***

*Ä Ӯст Худое, ки баҳрро мусаххари шумо гардонид, то аз он гӯшти тоза бихӯред ва зеваре, ки мепӯшед берун овард ва киштиҳоро мебинед, ки синаи дарёро мешикофанд,*[2]

маънояш ин аст, ки баҳрро роми мо кард то аз хусусиятҳои он суд бибарем. Ин яке аз мавориди омӯзиш ба Одам[(а)] аст. Чунон ки пеш аз ин дар ҳамон сура, оятҳои 5-7 мефармояд:

***Вал анъома халақаҳо лакум фӣҳо диф'ун ва манофиъу ва минҳо та'кулӯн. Ва лакум фӣҳо ҷамолун ҳӣна турӣҳӯна ва ҳӣна тасраҳӯн. Ва таҳмилу асқолакум ило баладин лам такӯну болиғӣҳи илло бишаққил анфуси инна раббакум***

---

[1] Сураи Ҳоққа, ояи 17.

**... وَيَحْمِلُ عَرْشَ رَبِّكَ فَوْقَهُمْ يَوْمَئِذٍ ثَمَانِيَةٌ** {17}

[2] Сураи Наҳл, ояи 14.

**وَهُوَ الَّذِي سَخَّرَ الْبَحْرَ لِتَأْكُلُواْ مِنْهُ لَحْماً طَرِيّاً وَتَسْتَخْرِجُواْ مِنْهُ حِلْيَةً تَلْبَسُونَهَا وَتَرَى الْفُلْكَ مَوَاخِرَ فِيهِ ...** {14}

***лара'ӯфун раҳӣм. Вал хайла вал биғола вал ҳамӣра литаркабӯҳо ва зӣнатан ва... Ê***

*Ä Ва чаҳорпоёнро офарид, ки дар онҳо барои шумо василаи пӯшиш ва манфиатҳои дигар аст ва аз гӯшти онҳо мехӯред ва мояи шукӯҳу зинати шумоянд: гоҳе, ки аз саҳро бозашон мегардонед ва ҳангоме ки ба саҳро равонашон медоред. Ва борҳои сангини шуморо ба ҷойҳое, ки бо машаққати зиёд ба он намерасед, ҳамл мекунанд. Ростиро, ки Парвардигори шумо рауф ва меҳрубон аст. Ва аспҳо, астарҳо ва улоғҳоро офарид то бар онҳо савор шавед ва зинати шумо бошанд ва...*[1]

Худованд илова бар он ки онҳоро ром ва мусаххари мо гардонид, роҳи баҳравари аз онҳоро низ ба мо омӯхт то аз гӯшт, пӯст, саворӣ ва ҳамли борашон истифода намоем.

Дар сураи Зухруф, оятҳои 12 ва 13 мефармояд:

***Вал лазӣ халақал азвоҷа куллаҳо ва ҷаъала лакум минал фулки вал анъоми мо таркабӯн. Литаставӯ ъало зуҳӯриҳи сумма тазкурӯ ниъмата раббикум изаставайтум ъалайҳи ва тақӯлу субҳонал лазӣ саххара лано ҳозо ва мо кунно лаҳу муқринӣн Ê***

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 5 то 8.

وَالأَنْعَامَ خَلَقَهَا لَكُمْ فِيهَا دِفْءٌ وَمَنَافِعُ وَمِنْهَا تَأْكُلُونَ {5} وَلَكُمْ فِيهَا جَمَالٌ حِينَ تُرِيحُونَ وَحِينَ تَسْرَحُونَ {6} وَتَحْمِلُ أَثْقَالَكُمْ إِلَى بَلَدٍ لَّمْ تَكُونُواْ بَالِغِيهِ إِلاَّ بِشِقِّ الأَنفُسِ إِنَّ رَبَّكُمْ لَرَؤُوفٌ رَّحِيمٌ {7} وَالْخَيْلَ وَالْبِغَالَ وَالْحَمِيرَ لِتَرْكَبُوهَا وَزِينَةً ... {8}

*Ä Худованде, ки ҳамаи ҷуфтҳоро офарид ва барои шумо аз киштиҳо ва чаҳорпоён василаи саворӣ сохт, то бар пушти он савор шавед. Ва чун бар он истиқрор ёфтед неъмати Парвардигоратонро ёд кунед ва бигӯед: муназзаҳ аст Худованде, ки инро мусаххар ва роми мо гардонид, вагарна моро тавони тасхири он набуд.*[1]

Оре, ҳамон Худованде, ки равиши баҳрагирӣ аз он чи дар ин оёт омадаро ба мо омӯзиш дода ва ба муқтазои "рубубият"-и худ онҳоро мусаххар ва роми мо сохтаст. Ӯст, ки занбӯри асалро илҳом кард то дар кӯҳҳо ва дорбастҳо хона гирад ва аз гулҳою шукуфаҳо бимакад ва асал бисозад. Ӯст, ки баҳрро дар ихтиёри моҳиён қарор дод ва бо илҳоми ғаризӣ равиши баҳраварӣ аз онро ба онҳо омӯхт ва... Ва ҳамин хел, бо раҳмати васеи хеш ниёзи ҳар як аз махлуқотро ба воситаи мавҷудоти дигар дар ихтиёри ӯ ниҳод ва хусусиёти ашёи мавриди ниёзашро ба ӯ омӯхт то аз он баҳра гирад. Ба иборати дигар, ба занбӯри асал номҳо ва хусуиятҳои он чиро барои идомаи зиндагӣ ниёз дошт, биёмӯхт ва ба моҳиён низ, чизҳои мавриди ниёзашонро омӯзиш дод то дар зиндагӣ ба кор гиранд ва ...

Аммо инсон, ки Худованд пас аз комил намудани хилқаташ дар муаррифии ӯ фармуд:

***"Фатаборакаллоҳу аҳсанул холиқӣн" Ê***

---

[1] Сураи Зухруф, ояи 12 - 13.

وَالَّذِي خَلَقَ الْأَزْوَاجَ كُلَّهَا وَجَعَلَ لَكُم مِّنَ الْفُلْكِ وَالْأَنْعَامِ مَا تَرْكَبُونَ {12} لِتَسْتَوُوا عَلَى ظُهُورِهِ ثُمَّ تَذْكُرُوا نِعْمَةَ رَبِّكُمْ إِذَا اسْتَوَيْتُمْ عَلَيْهِ وَتَقُولُوا سُبْحانَ الَّذِي سَخَّرَ لَنَا هَذَا وَمَا كُنَّا لَهُ مُقْرِنِينَ {13}

***Ä** Бузург ва хуҷаста аст Худое, ки беҳтарини офаринандагон аст!*

Худованд ҳамаи номҳо ва хусусиёти ашёро ба ӯ омӯхт. Чунонки дар сураи Ҷосия, ояти 13 фармуда аст:

***Ва саххара лакум мо фис самовоти ва мо фил арзи ҷамӣъан минҳу Ê***

***Ä** Худованд ҳар чи дар осмонҳо ва замин аст ҳамаро худ мусаххари шумо сохтааст.*[1]

Ва дар сураи Луқмон, ояти 20 фармуда аст:

***Алам тарав анналлоҳа саххара лакум мо фис самовоти ва мо фил арз Ê***

**Ä**Оё надидаед Худованд он чи дар осмонҳо ва замин аст, ҳамаро мусаххари шумо кардааст?[2]

Бино бар ин, Парвардигори раҳмон ҳар як аз синфҳои махлуқоташро дар баҳрагирӣ аз соири махлуқот, дар ҳадди ниёз ҳидоят фармуда ва махлуқотеро, ки мавриди ниёзи махлуқи дигар будаанд аз азал мусаххари ӯ сохтааст.

Инсон низ, бо истеъдоди худододӣ ва ақли ковишгаре, ки тавони дарки хусусиёти ҳамаи ашёро дорост, агар бикӯшад ва дар фарогирии улум муҷоҳидат намояд, хоҳад дид, ки ҳамаи махлуқот барои бакоргирӣ дар ихтиёри ӯ ниҳода шудаанд. Масалан агар кӯшиш кунад то хусусияти "атом"-ро

---

[1] Сураи Ҷосия, ояи 13.

وَسَخَّرَ لَكُم مَّا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ جَمِيعاً مِّنْهُ ... {13}

[2] Сураи Луқмон, ояи 20.

أَلَمْ تَرَوْا أَنَّ اللَّهَ سَخَّرَ لَكُم مَّا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ ... {20}

дарёбад, яқинан ба он хоҳад расид ва чун "атом" аз чизҳое аст, ки мусаххари инсон гардида, мусалламан тавони шикофтану бакоргирии онро дар масири аҳдофи худ дорад. Ҳамон тавр ки Худованд хусусиёти оташ, ҷараёни электрикӣ ва дигар шохаҳои илмҳои физика ва химияро дар ихтиёраш ниҳод ва онҳоро мусаххари ӯ сохт то аз фулузоти мухталиф киштии кайҳонӣ бисозад ва онро дар атрофи Замин ба гардиш дароварад ва...

Аммо ин инсон аз он рӯ, ки саркаш ва серинопазир аст ниёзманди касе аст, ки ба роҳи саҳеҳи баҳраварӣ аз мусаххарот ӯро ҳидоят намояд то он чиро омӯхта ва дар ихтиёр гирифта аст дар роҳи зиёни худ ва дигарон ба кор нагирад ва "ҳарсу[1] насл"-ро бо он ба нобудӣ накашонад. "Рабби раҳмон" анбиёи воломақомро барои ҳидояти ӯ фиристод то равиши дурусти бакоргирӣ ва баҳраварӣ аз мусаххаротро ба ӯ нишон диҳанд. Пас, аз ҷумла осори раҳмати "Рабби раҳмон", фиристодани паёмбарон ва нозил намудани китобҳои осмонӣ ва таълими мардумон аст. Баёни ин мавзӯъ дар сураи Арраҳмон бо тафсири лафзи "раҳмон" чунин аст.

***Арраҳмон. Ъалламал Қуръон.***

***Халақал инсон. Ъалламаҳул баён.***

***Аш шамсу вал қамару биҳусбон.***

***Ван наҷму ваш шаҷару ясҷудон.***

---

[1] Ҳарс: киштзор, мазраа.

***Вассамоа рафаъаҳо ва вазаъал мизон.***

***Вал арза вазаъаҳо лил аном.***

***Фӣҳо фокиҳатун ван нахлу зотул акмом.***

***Вал ҳаббу зулъасфи вар райҳон.***

***Фабиаййи олои раббукумо туказзибон.***

***Таборакасму раббика зилҷалоли вал икром***

*Худованди раҳмон, Қуръонро таълим фармуд.*
*Инсонро офарид ва ба ӯ сухангуфтан омӯхт.*
*Хуршеду моҳ бо ҳисоби муназзаме мегарданд.*
*Ва гиёҳу дарахт барои ӯ саҷда ва фурӯтанӣ мекунанд.*
*Осмонро барафрошт ва мизону қонун барниҳод.*
*Ва Заминро барои халоиқ офарид.*
*Дар он меваҳо ва нахлҳои пуршукуфа аст.*
*Ва донаҳои ҳамроҳ бо коҳ ва гиёҳони хушбӯ.*
*Пас кадом як аз неъматҳои раббатонро дурӯғ мепиндоред?*
*Бузург ва хуҷаста аст номи "Рабб"-и ту, он соҳиби ҷалол ва икром.*[1]

---

[1] Сураи Раҳмон, оёти 1 - 7, 10 - 13 ва 78.
الرَّحْمَنُ {1} عَلَّمَ الْقُرْآنَ {2} خَلَقَ الْإِنسَانَ {3} عَلَّمَهُ الْبَيَانَ {4} الشَّمْسُ وَالْقَمَرُ بِحُسْبَانٍ {5} وَالنَّجْمُ وَالشَّجَرُ يَسْجُدَانِ {6} وَالسَّمَاء رَفَعَهَا وَوَضَعَ الْمِيزَانَ {7}
وَالْأَرْضَ وَضَعَهَا لِلْأَنَامِ {10} فِيهَا فَاكِهَةٌ وَالنَّخْلُ ذَاتُ الْأَكْمَامِ {11} وَالْحَبُّ ذُو الْعَصْفِ وَالرَّيْحَانُ {12} فَبِأَيِّ آلَاء رَبِّكُمَا تُكَذِّبَانِ {13}

Ва низ "Рабб" аст, ки:

***"Ябситур ризқа лиман яшоу ва яқдир" Ê***

***Ä** Рӯзиро барои ҳар кӣ бихоҳад густариш дода ва танг гардонад.*[1]

Он чи аз осори раҳмати "Рабб" дар дунё овардем, ҳамаи мардумон аз мӯъмин ва кофирро дар бар мегирад. Бино бар ин, "раҳмон" аз сифоти "Раббулъоламин" дар дунёст ва раҳмати ӯ ҳамаи халоиқ, аз ҷумла мӯъминон ва кофиронро шомил мегардад. Чун Раббулъоламин мардумонро ба василаи "ваҳй" бар паёмбарон ҳидоят мекунад, Қуръони карим "ваҳй"-ро ба номи "рабб", ки аз асмои ҳусноии илоҳӣ аст нисбат дода ва мефармояд:

***Золика миммо авҳо илайка раббука минал ҳикмати Ê***

***Ä** Ин аз ҳикматҳое аст, ки "Рабб"-и ту ба ту ваҳй кардааст.*[2]

Ва фармуд:

***Иттабиъ мо уҳия илайка мин раббика Ê***

تَبَارَكَ اسْمُ رَبِّكَ ذِي الْجَلَالِ وَالْإِكْرَامِ {78}

[1] Сураи Сабо, ояи 36 ва 39.

... يَبْسُطُ الرِّزْقَ لِمَن يَشَاءُ وَيَقْدِرُ ... {36}

... يَبْسُطُ الرِّزْقَ لِمَن يَشَاءُ ... {39}

[2] Сураи Исро, ояи 39.

ذَلِكَ مِمَّا أَوْحَى إِلَيْكَ رَبُّكَ مِنَ الْحِكْمَةِ ... {39}

***Ä****Аз он чи****,*** *ки аз сӯи "Рабб"-и ту ваҳй шуда аст****,*** *пайравӣ кун****.*****[1]**

Қуръон ҳамчунин, фиристодани расулон ва нозил намудани китобҳои осмониро ба "Раббулоламин" нисбат медиҳад ва дар шарҳи ҳоли Ҳуд[(а)] мефармояд: ӯ ба қавмаш гуфт:

***Ё қавми лайса бӣ сафоҳатун ва локиннӣ расӯлун мин раббил ъоламӣн. Убаллиғукум рисолоти раббӣ... Ê***

***Ä*** *Эй қавми ман****!*** *Ҳеҷ гуна бехирадие дар ман нест****,*** *вале ман фиристодае аз сӯи "Раббулоламинам"****, (****ки****)*** *рисолатҳои Парвардигорамро ба шумо мерасонам****.*** **[2]**

Ва дар бораи Нӯҳ[(а)] мефармояд: Ӯ ба қавмаш гуфт:

***Ё қавми лайса бӣ залолатун ва локиннӣ расӯлун мин раббил ъоламӣн. Убаллиғукум рисолоти раббӣ... Ê***

***Ä****Эй қавми ман****!*** *Ҳеҷ гуна гумроҳӣ дар ман нест****,*** *вале ман фиристодае аз сӯи Раббулоламинам****, (****ки****)*** *рисолатҳои Парвардигорамро ба шумо мерасонам****...*****[3]**

---

[1] Сураи Анъом, ояи 106.

اتَّبِعْ مَا أُوحِيَ إِلَيْكَ مِن رَّبِّكَ ... {106}

[2] Сураи Аъроф, ояи 67-68.

... يَا قَوْمِ لَيْسَ بِي سَفَاهَةٌ وَلَكِنِّي رَسُولٌ مِّن رَّبِّ الْعَالَمِينَ {67}

أُبَلِّغُكُمْ رِسَالاتِ رَبِّي ... {68}

[3] Сураи Аъроф, ояи 61-62.

... يَا قَوْمِ لَيْسَ بِي ضَلاَلَةٌ وَلَكِنِّي رَسُولٌ مِّن رَّبِّ الْعَالَمِينَ {61}

Ва дар бораи Мӯсо(а) мефармояд:

***Ё Фиръавну иннӣ расӯлун мин раббил ъоламӣн* Ê**

**Ä***Эй Фиръавн! Ман фиристодае аз сӯи "Раббулоламин" ҳастам.*[1]

Ва дар бораи нозил кардани китобҳои осмонӣ фармудааст:

***Ватлу мо ӯҳия илайка мин китоби раббик* Ê**

**Ä***Он чиро, ки аз китоби "Рабб"-и ту ба ту ваҳй шуда аст, тиловат кун!*[2]

***Танзӣлул китоби ло райба фӣҳи мин раббил ъоламин* Ê**

**Ä***Нозилшудани ин китоб, ки шак ва тардиде дар он нест, аз сӯи "Раббулоламин" аст.*[3]

***Иннаҳу лақур'онун карим... Танзӣлун мин раббил ъоламӣн* Ê**

**Ä***Ба ростӣ, ки он, Қуръони кариме аст... нозилшуда аз сӯи "Раббулоламин"*[4]

---

أبَلِّغُكُمْ رِسَالاَتِ رَبِّي ...{62}

[1] Сураи Аъроф, ояи 104.

... يَا فِرْعَوْنُ إِنِّي رَسُولٌ مِّن رَّبِّ الْعَالَمِينَ {104}

[2] Сураи Каҳф, ояи 27.

وَاتْلُ مَا أُوحِيَ إِلَيْكَ مِن كِتَابِ رَبِّكَ ... {27}

[3] Сураи Саҷда, ояи 2.

تَنزِيلُ الْكِتَابِ لَا رَيْبَ فِيهِ مِن رَّبِّ الْعَالَمِينَ {2}

[4] Сураи Воқеа, ояи 77ва 80

Ва низ амр ва фармонро ба "Рабб" нисбат дода ва мефармояд:

***Қул амара раббӣ билқисти ва ақӣму вуҷуҳакум ъинда кулли масҷид*** **Ê**

**Ä** *Бигӯ: Рабби ман ба адолат фармон додааст ва ин ки рӯи худро дар ҳар масҷид ба сӯи ӯ бидоред.*[1]

Бадин сабаб бояд танҳо аз фармони Рабб итоат кард, чунон ки аз қавли Хотами Анбиё(с) ва мӯъминон мефармояд:

***Оманар расӯлу бимо унзила илайҳи мин раббиҳи вал му'минӯн... Ва қолӯ самиъно ва атаъно ғуфронака раббано...*** **Ê**

**Ä** *Паёмбар ба он чи аз сӯи "Раббаш" ба ӯ нозил шуд имон оварда аст ва ҳамаи мӯъминон низ имон овардаанд... Ва гуфтаанд: шунидем ва итоат кардем, Парвардигоро! Омурзиши туро...*[2]

Паёмбарон низ, ба он сабаб, ки фармонҳои "Раббулъоламин"-ро таблиғ мекунанд Худои мутаол итоати ононро дар қатори итоати худ қарор дода ва фармуда аст:

---

إِنَّهُ لَقُرْآنٌ كَرِيمٌ {77} تَنزِيلٌ مِّن رَّبِّ الْعَالَمِينَ {80}

[1] Сураи Аъроф, ояи 29.

قُلْ أَمَرَ رَبِّي بِالْقِسْطِ وَأَقِيمُواْ وُجُوهَكُمْ عِندَ كُلِّ مَسْجِدٍ ... {29}

[2] Сураи Бақара, ояи 285.

آمَنَ الرَّسُولُ بِمَا أُنزِلَ إِلَيْهِ مِن رَّبِّهِ وَالْمُؤْمِنُونَ ... وَقَالُواْ سَمِعْنَا وَأَطَعْنَا غُفْرَانَكَ رَبَّنَا ... {285}

***Атӣъуллоҳа ва атӣъур расӯла ва ло тубтилӯ аъмолакум Ê***

***Ä...****Итоат кунед Худоро ва итоат кунед расулро ва аъмоли хешро табоҳ насозед!*[1]

Ҳамчунин аст гуноҳ ва маъсият, ки аз ҳар кас сар занад, "Раббулоламин"-ро нофармонӣ кардааст, чунон ки фармудааст:

***Фасаҷадӯ илло иблӣса кона минал ҷинни фафасақа ъан амри раббиҳи Ê***

***Ä...****Фариштагон ҳамагӣ саҷда карданд ҷуз Иблис* ***(****ки аз ҷин буд****)*** *ва аз фармони "Рабб" берун шуд.*[2]

Ва низ фармуда аст:

***Фаъақарун ноқата ва ъатав ъан амри раббиҳим Ê***

***Ä(****Қавми Самуд****)*** *"Ноқа"*[3]*-ро пай карданд ва аз фармони "Раббашон" саркашӣ намуданд!*[4]

Гоҳе низ лафзи "амр" ва фармон аз ҷумла ҳазф шуда вале маънои он боқӣ аст, чунон ки дар бораи Одам(а) фармудааст:

---

[1] Сураи Муҳаммад, ояи 33.

... أَطِيعُوا اللَّهَ وَأَطِيعُوا الرَّسُولَ وَلَا تُبْطِلُوا أَعْمَالَكُمْ {33}

[2] Сураи Каҳф, ояи 50.

... فَسَجَدُوا إِلَّا إِبْلِيسَ كَانَ مِنَ الْجِنِّ فَفَسَقَ عَنْ أَمْرِ رَبِّهِ ... {50}

[3] Шутури мода

[4] Сураи Аъроф, ояи 77.

فَعَقَرُواْ النَّاقَةَ وَعَتَوْاْ عَنْ أَمْرِ رَبِّهِمْ ... {77}

***Ва ъасо Одаму раббаҳу фағаво Ê***

***Ä** Одам "Раббаш"-ро нофармонӣ кард ва аз подош маҳрум шуд!*[1]

Яъне Одам[(а)] "амр"-и Раббашро нофармонӣ кард.

Паёмбарон низ чун фармонҳои "Рабб"-ро ба мардум мерасонанд, нофармонии онон сарпечӣ аз фармони "Рабб" ба ҳисоб ояд, чунон ки Худованд дар бораи Фиръавн ва қавми ӯ ва касоне, ки пеш аз онон буданд мефармояд:

***Ва ҷоа Фиръавну ва ман қаблаҳу... Фаъасав расӯла раббиҳим Ê***

***Ä** Фиръавн ва касоне, ки пеш аз ӯ буданд... бо фиристодаи раббашон мухолифат карданд.*[2]

Инсон пас аз нофармонӣ низ, ҳар гоҳ тавба мекунад аз "Рабб"-и хеш омурзиш мехоҳад, чунон ки фармуда аст:

***Аллазӣна яқӯлӯна раббано иннано оманно фағфир лано зунӯбано Ê***

***Ä** Онон ки мегӯянд: Парвардигоро! Мо имон овардем, пас гуноҳони моро биёмурз!*[3]

---

[1] Сураи Тоҳо, ояи 121.

**... الْجَنَّةِ وَعَصَى آدَمُ رَبَّهُ فَغَوَى** {121}

[2] Сураи Ҳоққа, ояи 9-10.

**وَجَاء فِرْعَوْنُ وَمَن قَبْلَهُ ...** {9} **فَعَصَوْا رَسُولَ رَبِّهِمْ ...** {10}

[3] Сураи Оли Имрон, ояи 16.

**الَّذِينَ يَقُولُونَ رَبَّنَا إِنَّنَا آمَنَّا فَاغْفِرْ لَنَا ذُنُوبَنَا ...** {16}

***Ва мо кона қавлаҳум илло ан қолӯ раббано иғфир лано зунӯбано*** Ê

***Ä****Ва суханашон танҳо ин буд, ки: Парвардигоро! Гуноҳони моро биёмурз!*[1]

***Раббано фағфир лано зунӯбано ва каффир ъанно саййиотино*** Ê

***Ä*** *"Парвардигоро"! Гуноҳони моро биёмурз ва бадиҳои моро бипӯшон!*[2]

Дар сураи Қасас аз қавли Мӯсо(а) мефармояд:

***...Рабби иннӣ заламту нафсӣ фағфир лӣ фағафара лаҳу*** Ê

***Ä...****Парвардигоро! Ман ба хештан ситам кардам, маро бибахш! Ва Худованд ӯро бахшид.*[3]

Ба ҳамин сабаб *ғафур* ва *ғаффор* низ, аз сифоти "Рабб" аст, чунон ки фармуда аст:

***Вал лазӣна ъамилус саййиоти сумма тобӯ мин баъдиҳо ва оманӯ инна раббака мин баъдиҳо лағафӯрун раҳӣм*** Ê

***Ä****Онон ки гуноҳ карданд ва баъд аз он тавба намуданд ва имон оварданд, (бидонанд, ки)*

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 147.

وَمَا كَانَ قَوْلَهُمْ إِلاَّ أَن قَالُواْ ربَّنَا اغْفِرْ لَنَا ذُنُوبَنَا ... {147}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 193.

... رَبَّنَا فَاغْفِرْ لَنَا ذُنُوبَنَا وَكَفِّرْ عَنَّا سَيِّئَاتِنَا ... {193}

[3] Сураи Қасас, ояи 16.

... رَبِّ إِنِّي ظَلَمْتُ نَفْسِي فَاغْفِرْ لِي فَغَفَرَ لَهُ ... {16}

*"Парвардигор"-и ту пас аз он, "ғафур ва меҳрубон" аст.*[1]

Ва аз қавли Нӯҳ[(a)] ба қавмаш мефармояд:

***Фақултустағфирӯ раббакум иннаҳу кона ғаффоро Ê***

***Ä****Нӯҳ гуфт: ба онон Гуфтам: аз Парвардигоратон омурзиш бихоҳед, ки ӯ бисёр омурзанда ва ғаффор аст.*[2]

Дар сураи Бақара фармудааст:

***Фаталаққо Одаму мин раббиҳи калимотин, фатоба ъалайҳи иннаҳу ҳуват таввобур раҳӣм Ê***

***Ä****Пас, Одам аз "Парвардигораш" калимотеро дарёфт ва Худованд тавбаи ӯро пазируфт. Зеро ӯ "тавбапазир ва меҳрубон аст"*[3]

Ва касоне, ки гуноҳро бо тавба ҷуброн накунанд, кайфари кирдорашон бо "Раббулоламин" аст, чунон и фармуда аст:

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 153.

وَالَّذِينَ عَمِلُواْ السَّيِّئَاتِ ثُمَّ تَابُواْ مِن بَعْدِهَا وَآمَنُواْ إِنَّ رَبَّكَ مِن بَعْدِهَا لَغَفُورٌ رَّحِيمٌ {153}

[2] Сураи Нӯҳ, ояи 10.

فَقُلْتُ اسْتَغْفِرُوا رَبَّكُمْ إِنَّهُ كَانَ غَفَّاراً {10}

[3] Сураи Бақара, ояи 37.

فَتَلَقَّى آدَمُ مِن رَّبِّهِ كَلِمَاتٍ فَتَابَ عَلَيْهِ إِنَّهُ هُوَ التَّوَّابُ الرَّحِيمُ {37}

***Қул ё ъибодиял лазӣна асрафӯ ъало анфусиҳим ло тақнатӯ мин раҳматиллоҳ... Ва анӣбӯ ило раббикум ва аслимӯ лаҳу мин қабли ан я'тиякумул ъазобу сумма ло тунсарӯн*** Ê

ÄБигӯ: *эй бандагони ман*, *ки бар хештан исроф ва ситам кардаед*! *Аз раҳмати Худо навмед нашавед*... *Ба сӯи "Парвардигоратон" баргардед ва сар ба фармони ӯ гузоред*, *пеш аз он ки азоб ба сурогатон ояд*, *сипас ёрӣ нагардед*![1]

Подоши "Рабб" дар баробари аъмол низ, гоҳе дар дунёст, гоҳе дар охират ва гоҳе дар дунё ва охират. Қуръони карим ҳамаро ба "Рабб" нисбат дода аст ва мефармояд:

***Лақад кона лисабаин фӣ масканиҳим оятун ҷаннатони ъан ямӣнин ва шимолин кулӯ мин ризқи раббикум вашкурӯ лаҳу балдатун таййибатун ва раббун ғафӯр. Фааъразӯ фаарсално ъалайҳим сайлал ъарими ва баддалноҳум биҷаҳаннатайҳим ҷаннатайни завотай укулин хамтин ва аслин ва шай'ин мин сидрин қалӣл. Золика ҷазайноҳум бимо кафарӯ ва ҳал нуҷозӣ иллал кафӯр*** Ê

ÄБарои қавми "Сабо" *дар маҳалли сукунаташон нишонае буд*: *ду боғ аз рост ва чап*. (Ба онон гуфтем:) *Аз рӯзии Парвардигоратон бихӯред ва*

---

[1] Сураи Зумар, ояи 53-54.

قُلْ يَا عِبَادِيَ الَّذِينَ أَسْرَفُوا عَلَى أَنفُسِهِمْ لَا تَقْنَطُوا مِن رَّحْمَةِ اللَّهِ ... {53}

وَأَنِيبُوا إِلَى رَبِّكُمْ وَأَسْلِمُوا لَهُ مِن قَبْلِ أَن يَأْتِيَكُمُ الْعَذَابُ ثُمَّ لَا تُنصَرُونَ {54}

*сипоси ӯ бигзоред. Шаҳре покиза ва Парвардигоре омурзанда! Онон рӯй гардонданд ва мо сели вайронгарро бар сарашон фиристодем ва ду боғ-(и пурбора)-шонро ба ду боғ бо меваҳои талх ва шӯр ва андаке аз дарахти сидр мубаддал сохтем. Ин кайфарро ба хотири куфронашон ба онон додем. Ва оё ҷуз куфронкунандаро кайфар медиҳем?!*[1]

Аммо подоши ниҳоӣ дар рӯзи қиёмат пас аз барангехтан ва ҳисобрасӣ аст. Қуръони карим барангехтан ва ҳисобрасиро низ ба "Рабб" нисбат дода ва мефармояд:

***Ва инна раббака ҳува яҳшуруҳум Ê***

***Ä** Парвардигори ту, ҳамаи ононро бармеангезад.*[2]

Ва мефармояд:

***Мо фарратно фил китоби мин шай’ин сумма ило раббиҳим юҳшарӯн Ê***

***Ä** Ҳеҷ чизро дар "ин китоб" фурӯгузор накардем. Сипас ҳамагӣ ба сӯи "Парвардигорашон" гирд оварда мешаванд.*[3]

---

[1] Сураи Сабо, ояи 15ва 16.

لَقَدْ كَانَ لِسَبَإٍ فِي مَسْكَنِهِمْ آيَةٌ جَنَّتَانِ عَن يَمِينٍ وَشِمَالٍ كُلُوا مِن رِّزْقِ رَبِّكُمْ وَاشْكُرُوا لَهُ بَلْدَةٌ طَيِّبَةٌ وَرَبٌّ غَفُورٌ {15} فَأَعْرَضُوا فَأَرْسَلْنَا عَلَيْهِمْ سَيْلَ الْعَرِمِ وَبَدَّلْنَاهُم بِجَنَّتَيْهِمْ جَنَّتَيْنِ ذَوَاتَى أُكُلٍ خَمْطٍ وَأَثْلٍ وَشَيْءٍ مِّن سِدْرٍ قَلِيلٍ {16} ذَلِكَ جَزَيْنَاهُم بِمَا كَفَرُوا وَهَلْ نُجَازِي إِلَّا الْكَفُورَ {17}

[2] Сураи Ҳиҷр, ояи 25.

وَإِنَّ رَبَّكَ هُوَ يَحْشُرُهُمْ ... {25}

[3] Сураи Анъом, ояи 38.

Ва мефармояд:

***Ин ҳисобуҳум илло ъало раббӣ лав ташъурӯн*** **Ê**

**Ä(***Нӯҳ гуфт:***)** *ҳисоби онон танҳо бо Парвардигори ман аст***,** *агар дарк кунед!*[1]

Мардум пас аз ҳисобрасӣ ё мӯъминанд, ки ба ҳар ҳол шомили раҳмати Худо қарор мегиранд ва ё ғайримӯъмин, ки аз раҳмати Худо дуранд. Худованд дар бораи мӯъминон фармудааст:

***Явма наҳшурул муттақӣна илар раҳмони вафадо*** **Ê**

**Ä***Рӯзе***,** *ки парҳезкоронро дастаҷамъӣ ба сӯи Худои "раҳмон" бармеангезем***.**[2]

Оре, раҳмати "Раббулъоламин" дар он рӯз махсуси мӯъминон аст. Ба ин хотир низ Худованд, "раҳим"-и охират номида мешавад ва вожаи "раҳим" пас аз "раҳмон" меояд, чунон ки фармуда аст:

***Алҳамду лиллоҳи раббил ъоламӣн. Арраҳмонир раҳӣм*** **Ê**

**Ä***Ситоиш вижаи Аллоҳ***,** *Парвардигори ҷаҳониён аст***.** *Он Худои "раҳмон" ва "раҳим"***.**[3]

---

**... مَّا فَرَّطْنَا فِي الكِتَابِ مِن شَيْءٍ ثُمَّ إِلَى رَبِّهِمْ يُحْشَرُونَ** {38}

[1] Сураи Шуаро, ояи 113.

**إِنْ حِسَابُهُمْ إِلَّا عَلَى رَبِّي لَوْ تَشْعُرُونَ** {113}

[2] Сураи Марям, ояи 85.

**يَوْمَ نَحْشُرُ الْمُتَّقِينَ إِلَى الرَّحْمَنِ وَفْداً** {85}

[3] Сураи Фотиҳа, ояи 2 ва 3.

Зеро раҳмати "раҳмон" дар ин дунё ҳамаи оламиёнро дар бар мегирад, вале раҳмати "раҳим" вижаи мӯъминон аст.

Ва дар бораи ғайримӯъминон ба кофирон фармудааст:

***Инна ҷаҳаннама конат мирсодо. Литтоғӣна маобо... ҷазоан вифоқо*** Ê

Ä*Ростиро, ки ҷаҳаннам камингоҳе аст сахт ва бозгаштгоҳе барои нофармонон...*

Кайфаре баробар (бо он чи мекарданд).[1]

Ба ҳамин сабаб низ, "Раббулоламин" молики рӯзи ҷазо номида шуда аст, чунон ки фармудааст:

***Алҳамду лиллоҳи раббил ъоламӣн. Арраҳмонир раҳӣм. Молики явмиддӣн.***

Бино бар он чи овардем, "**Рабб**" ҳам "*раҳмон*" аст, ҳам "*розиқ*", ҳам "*раҳим*", ҳам "*таввоб*", ҳам "*ғафур*" ва ҳам воҷиди дигар асмои ҳусно.

## Натиҷаи баҳс

Худованд дар сураи Аъло фармуд: "*Рабб*"-и махлуқот ҳамон аст, ки ононро ба беҳтарин шакл офарид, сипас барои қабули ҳидоят омода намуд. Пас аз он ҳудуд ва андозаи зиндагии ҳар якро муайян ва онҳоро ҳидоят намуд. Дар идома чарогоҳи ҳайвонро мисол зада мефармояд: "*Рабб*" ҳамон аст, ки чарогоҳи ҳайвонотро

---

[1] Сураи Набо, ояи 21, 22, 26.

إِنَّ جَهَنَّمَ كَانَتْ مِرْصَاداً {21} لِّلطَّاغِينَ مَآباً {22} جَزَاء وِفَاقاً {26}

берун овард ва онро парвариш дод то пас аз сабзии шадид ба поёни рушди худ, яъне "гиёҳони хушкида" бирасад.

Ҳамчунин дар сураи "Раҳмон", ки оёти онро овардем ва ҳама дар васфи "рубубият" буд, дар ибтидои он ба парвариши инсон (аз роҳи омӯзиши баён) ишора кард ва фармуд:

***Халақал инсон. Ъалламаҳул баён Ê***

***Ä** Инсонро офарид ва ӯро сухангуфтан омӯхт.*[1]

Яъне ӯро барои пазириши ҳидоят омода кард.

Ва дар сураи "Алақ" ба гӯшаи дигаре аз сифоти "Рубубият" дар парвариши инсон ишора кард ва фармуд:

***Халақал инсона мин ъалақ... Аллазӣ ъаллама билқалам. Ъалламал инсона мо лам яълам Ê***

***Ä** Инсонро аз хуни баста офарид... Ҳамон касе, ки ба василаи қалам омӯзиш дод ва ба инсон он чиро намедонист таълим дод.*[2]

Яъне ӯро барои пазириши ҳидоят омода сохт.

Ҳар ду мавриди мазкур (омӯзиши баён ва таълим бо қалам) шарҳи калимаи "саво" аст, ки дар сураи Аъло омадааст.

Дар сураи Шӯро, Нисо ва Оли Имрон чигунагии ҳидояти инсон ба воситаи "Раббулъоламин"-ро шарҳу тавзеҳ дода ва фармуд: барои инсон дини Исломро

---

[1] Сураи Раҳмон, ояи 3 ва 4.

[2] Сураи Алақ, оёти 2, 4, 5.

муқаррар дошт ва онро дар китобҳои худ ба сӯи паёмбаронаш фиристод ва...

Дар сураи Юнус ва Аъроф фармуд: Парвардигори шумо ҳамон Худованде аст, ки осмонҳо ва Заминро офарид ва онҳоро ҳидояти тасхирӣ фармуд.

Дар сураи Анъом, оёти 95-101, пас аз ёдоварии анвои махлуқот, дар ояти 102 фармуд:

***Золикумуллоҳу раббукум ло илоҳа илло ҳува холиқу кулли шай'ин фаъбудӯҳу*** **Ê**

**Ä** *Ин аст Парвардигори шумо. Ҳеҷ илоҳе ҷуз ӯ нест. Офаринандаи ҳамаи чиз ӯ аст. Пас, танҳо ӯро ибодат кунед.*[1]

**ø ø ø**

Он чи дар ин ҷо аз баҳсҳои рубубият аз сифоти "Рабб" ва асмои ӯ овардем, ҳамаашон аз сифатҳои "Аллоҳ" ва асмои ҳусни ӯст. Дар баҳс аз "Асмои ҳусни илоҳӣ", ба ёрии Худо, номҳои дигареро, ки махсуси "Аллоҳ" аст, меоварем.

---

[1] Сураи Анъом, ояи 102.

## *1-Аллоҳ*

Бархе аз донишмандони луғатшинос гуфтаанд "Аллоҳ" дар асл "илоҳ" буда аст, ки исми ҷинси "олиҳа" аст. Алифу ломи таъриф бар сари он омада ва "ал-илоҳ” гардида аст. Сипас алифро пок карда ва ду ломро дар ҳам якҷоя кардаанд то "аллоҳ" шудааст. Яъне: "илоҳ" ва "аллоҳ" монанди: "раҷул" ва "арраҷул” ҳастанд, ду тои аввал: "илоҳ" ва "раҷул" исми ҷинси "олиҳа" ва "риҷол" мебошанд ва ду тои дуввум: "аллоҳ" ва "арраҷул" бо алифу ломи таъриф маърифа шуда ва "раҷул ва илоҳ"-и мавриди назарро мушаххас кардаанд. Бино бар ин маънои "*Ло илоҳа иллаллоҳ*" мешавад: ҳеҷ илоҳе нест, магар он илоҳе, ки мавриди назар ва қасди гӯянда аст.

Ва ин пиндори иштибоҳ аст, зеро: лафзи "Аллоҳ"-ба истилоҳи донишмандони илми наҳв "ъалами муртаҷал" (махсус ба худаш) аст ва махсуси зоти Худои

таоло аст. Он ки сифоташ дарбаргирандаи ҳамаи “Асмои ҳусно” аст ва ҳеҷ кас дар ин ном бо ӯ шарик намешавад, чунон ки ҳеҷ кас дар "Улуҳият” ва “Рубубият" бо ӯ шарик нагардад.

Пас, "Аллоҳ" дар истилоҳи исломӣ исме аст махсус барои зоте, ки дарбардорандаи ҳамаи сифоти камол аст, чунон ки Худои таоло фармуда аст:

***"Ва лиллоҳил асмоул ҳусно" Ê***

***Ä*** *Ҳамаи асмои ҳусно аз они "Аллоҳ" аст*[1]

ва фармуда аст:

***Аллоҳу ло илоҳа илло ҳува, лаҳул асмоул ҳусно Ê***

***Ä*** *Худованде, ки маъбуде ҷуз ӯ нест, ҳамаи асмои ҳусно аз они ӯст.*[2]

Бино бар ин "*Ло илоҳа иллаллоҳ*" яъне: ҳеҷ холиқ ва муассире дар ҳастӣ вуҷуд надорад ва ҷуз зоти дарбардорандаи ҳамаи сифоти камол ва соҳиби ҳамаи асмои хусно, маъбуди дигаре нест.

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 180.

وَلِلّهِ الأَسْمَاء الْحُسْنَى ... {180}

[2] Сураи Тоҳо, ояи 8.

اللَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ لَهُ الْأَسْمَاء الْحُسْنَى {8}

Яке аз асмои ҳусноии илоҳӣ "қайюм" аст. "Қайюм" яъне: поянда, касе ки қоим ба зоти хештан аст. Нигаҳдорандаи ҳар чиз ва касе ки моя ва асоси мавҷудияти мавҷудотро бар онҳо медиҳад. Ин маъно дар ояти 50-и сураи Тоҳо омадааст:

***Раббуно, аллазӣ аъто кулла шайъин халқаҳу сумма ҳадо*** **Ê**

**Ä** *Парвардигори мо он касе аст, ки ба ҳар мавҷуде он чи лозимаи офариниш ва қивоми ӯ бударо дода, сипас ҳидоят кардааст!*[1]

Пас, ҳамон "**Аллоҳ**"-и ҷомеи тамоми сифоти камол ва асмои ҳусност, ки "Рабб" , "*Раҳмон*", "*Раззоқ*", "*Таввоб*", "*Ғаффор*", "*Раҳим*" ва "*Моликиявмиддин*" аст. Ба ин хотир лафзи "***Аллоҳ***" дар Қуръони карим низ, гоҳе ба ҷои "***Рабб***" нишаста аст, яъне он ҷо, ки шоистаи зикри номи "Рабб" буда аст ба ҷои "Рабб" омада ва сифоти "Рабб-"ро бар худ гирифта аст, монанди: Раззоқ, Таввоб, Ғафур ва Раҳим ва касе, ки ба инсон подоши корашро медиҳад, чунон ки фармуда аст:

***1-Аллоҳу ябсутур ризқа лиман яшоу ва яқдир*** **Ê**

**Ä** *"Аллоҳ" аст, ки рӯзиро барои ҳар кас бихоҳад густариш дода ва танг мегардонад.*[2]

---

[1] Сураи Тоҳо, ояи 50.

[2] Сураи Раъд, ояи 26.

***2-Ва анналлоҳа ҳуват таввобур раҳим*** Ê

Ä *Ба ростӣ, ки "Аллоҳ" ҳамон тавбапазир ва меҳрубон аст.*[1]

***3-Инналлоҳа ғафӯрун раҳӣм*** Ê

Ä *Ба ростӣ, ки "Аллоҳ" омурзанда ва меҳрубон аст.*[2]

***4-Лияҷзияҳумуллоҳу аҳсана мо кону яъмалун*** Ê

Ä *То "Аллоҳ" онҳоро подош диҳад, подоши беҳтарин коре, ки мекардаанд.*[3]

Дар оёте, ки гузашт, чунон ки дидем, сифоти Раззоқ, Ғафур, Раҳим ва Подощдиҳанда, ки вижаи "Раббулоламин" аст ба "Аллоҳ" дода шуда аст, зеро "Аллоҳ" дарбаргирандаи ҳамаи сифатҳои камол ва худ "Раббулоламин" аст.

Бархе асмо ва сифоти омада дар Қуръони карим низ, сифати вижаи "Аллоҳ" аст монанди:

---

اللّهُ يَبْسُطُ الرِّزْقَ لِمَنْ يَشَاءُ وَيَقدِرُ ... {26}

[1] Сураи Тавба, ояи 104.

... وَأَنَّ اللّهَ هُوَ التَّوَّابُ الرَّحِيمُ {104}

[2] Сураи Бақара, ояи 182.

... إِنَّ اللّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ {182}

[3] Сураи Тавба, ояи 121.

... لِيَجْزِيَهُمُ اللّهُ أَحْسَنَ مَا كَانُواْ يَعْمَلُونَ {121}

***Аллоҳу ло илоҳа илло ҳувал ҳайюл қайюму ло та'хузуҳу синатун ва ло навм лаҳу мо фис самовoти ва мо фил арз манзал лазӣ яшфаъу ъиндаҳу илло биизниҳи яъламу мо байна айдӣҳим ва мо халфаҳум ва ло юҳӣтӯна бишай'ин мин ъилмиҳи илло бимо шо'а васиъа курсийюҳус самовoти вал арза ва ло я'удуҳу ҳифзуҳумо ва ҳувал ъалиюл ъазӣм Ê***

*Ä Ҳеҷ маъбуде нест ҷуз "Аллоҳ", ки "ҳайӣу қайюм" ва поянда аст. Ҳаргиз хоби сабук ва гарон ӯро фаро намегирад. Ҳарчи дар осмонҳо ва Замин аст аз они ӯст. Чӣ касе аст, ки назди ӯ, ҷуз ба фармонаш, шафоат кунад? Он чиро, ки пеширӯй ва он чиро, ки пушти сараш аст медонад ва ба чизе аз илми ӯ огоҳ намегарданд, ҷуз он чи худ бихоҳад. "Курси"-и ҳукумати ӯ осмонҳо ва Заминро дарбар гирифта ва нигаҳдории онҳо ӯро монда намекунад ва ӯст, ки "Аъло ва Азим" (баландмартабаю бо азамат) аст.*[1]

[1] Сураи Бақара, ояи 255.

اللّهُ لاَ إِلَـهَ إِلاَّ هُوَ الْحَيُّ الْقَيُّومُ لاَ تَأْخُذُهُ سِنَةٌ وَلاَ نَوْمٌ لَّهُ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الأَرْضِ مَن ذَا الَّذِي يَشْفَعُ عِنْدَهُ إِلاَّ بِإِذْنِهِ يَعْلَمُ مَا بَيْنَ أَيْدِيهِمْ وَمَا خَلْفَهُمْ وَلاَ يُحِيطُونَ بِشَيْءٍ مِّنْ عِلْمِهِ إِلاَّ بِمَا شَاء وَسِعَ كُرْسِيُّهُ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ وَلاَ يَؤُودُهُ حِفْظُهُمَا وَهُوَ الْعَلِيُّ الْعَظِيمُ {255}

Ҳамаи номҳо ва сифатҳои ворид дар ин оят хоси "Аллоҳ" аст ва аз сифоти "Илоҳ", холиқ ва рабби парваришгари ҷаҳониён нест.

Ва низ, сифатҳое монанди: "Азиз, Ҳаким, Қадир, Самиъ, Басир, Хабир, Ғанӣ, Ҳамид, Зулфазлилъазим, Восеъулъалим, Фаъолулмояшо’ ва.." аз сифоти махсуси "Аллоҳ" ҳаст.

Бино бар ин, "Аллоҳ" номе аст барои ҳар як аз ин сифот ва ҳақиқати "Аллоҳ" ҳамин сифот ва асмои ҳусно аст.

Дар забони ибрӣ низ, "Яҳуваҳ"-ро ба ҷои Аллоҳ ва "Алваҳим"-ро ба ҷои "ал-илоҳ" меоваранд.

Яке аз сифоти "Аллоҳ" ин аст, ки курсии ҳукумати ӯ осмонҳо ва Заминро дарбар гирифтааст. Акнун ба баррасии маънои "курсӣ" мепардозем:

### *2-**Курсӣ***

Курсӣ дар луғат ба маънои "тахт ва илм" аст.

Табарӣ, Қуртубӣ ва Ибни Касир аз Ибни Аббос ривоят кардаанд, ки гуфтааст: "Курсии Худо илми ӯст."

Табарӣ гӯяд: "Худованд ҳамон гуна, ки аз сухани фариштагон хабар дода аст, ки дар дуои худ гуфтанд:

"**Раббано, васиъат кулла шай’ин ъилмо**" Парвардигоро! Илми ту ҳамаи чизро фаро гирифта аст, дар ин оят низ, хабар дода аст, ки: "**Васиъа курсиюҳуссамовоти вал арз**" илми ӯ осмон ва

Заминро фаро гирифтааст. Зеро, "курсӣ" дар асл ба маънои илм аст ва ин ки араб ба ҷузваи илмӣ, "курроса" гӯяд аз ҳамин боб аст, чунон ки ба уламо ва донишмандон ҳам гуфта мешавад "каросий ва..." (поёни сухани Табарӣ).

Изофа бар он чи Табарӣ гуфта аст, мо низ (ба ёрии Худо) мегӯем: Худованди мутаол сухани Иброҳим[а] ба қавми худро оварда, ки ба эшон гуфтааст:

***Васиъа раббӣ кулла шай'ин ъилман, афало татазаккарӯн*** Ê

Ä *Илми Парвардигори ман ҳама чизро дарбар гирифта аст, оё панд намегиред?*[1]

Ва сухани Шуайб[а], ки ба қавми худ гуфтааст:

***Васиъа раббуно кулла шай'ин ъилмо*** Ê

Ä *Илми Парвардигори мо ҳама чизро дарбар гирифта аст.*[2]

Ва сухани Мӯсо[а] ба Сомирӣ, ки гуфта аст:

***Иннамо илоҳукум Аллоҳ, аллазӣ ло илоҳа илло ҳува, васиъа кулла шай'ин ъилмо*** Ê

Ä *Маъбуди шумо танҳо "Аллоҳ" аст, ҳамон ки ҷуз ӯ маъбуде нест, илми ӯ ҳамаи чизро фаро гирифта аст.*[1]

---

[1] Сураи Анъом, ояи 80.

... وَسِعَ رَبِّي كُلَّ شَيْءٍ عِلْماً أَفَلا تَتَذَكَّرُونَ {80}

[2] Сураи Аъроф, ояи 89.

... وَسِعَ رَبُّنَا كُلَّ شَيْءٍ عِلْماً ... {89}

Шашумин васӣ аз авсиёи Расули Худо(с) яъне имом Ҷаъфари Содиқ(а) низ дар посухи касе, ки пурсид: маънои "курсӣ" дар ҷумлаи: "васиъа курсиюҳуссамовоти вал арз" чист? Фармуд: илми Худост.[2]

"Курсӣ" дар Қуръони карим ба ҳар ду маънои: "тахт ва илм" омада аст. Худованд дар достони Сулаймон(а) дар сураи Сод фармуда аст:

***Валақад фатанно Сулаймона ва алқайно ъало курсиййиҳи ҷасадо* Ê**

**Ä** *Мо Сулаймонро озмудем ва бар курсии* ***(****тахти****)*** *ӯ ҷасаде афкандем*...[3]

Дар ин оят мефармояд:

***Яъламу мо байна айдӣҳим ва мо халфаҳум ва ло юҳӣтӯна бишай'ин мин ъилмиҳи илло бимо шо'а васиъа курсийюҳус самовоти вал арза*... Ê**

**Ä** *Худованд пеши рӯи онон ва пушти сарашонро медонад*, *ва ба чизе аз "илм"-и ӯ огоҳ нагарданд*, *ҷуз он чи худ бихоҳад*. *Курсии* ***(****илми****)*** *ӯ осмонҳо ва Заминро фаро гирифтааст*.[4]

---

[1] Сураи Тоҳо, ояи 98.

إِنَّمَا إِلَهُكُمُ اللَّهُ الَّذِي لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ وَسِعَ كُلَّ شَيْءٍ عِلْماً {98}

[2] "Тавҳиди Садуқ", саҳ. 327

[3] Сураи Сод, ояи 34.

وَلَقَدْ فَتَنَّا سُلَيْمَانَ وَأَلْقَيْنَا عَلَى كُرْسِيِّهِ جَسَداً ... {34}

[4] Сураи Бақара, ояи 255.

"Курсӣ" чунон ки дар ояи шарифа намоён аст пас аз "ъилмиҳи" омада аст, ки бо ин қарина маънои он мешавад: ба чизе аз "илми Худо" (ҷуз он чи худ бихоҳад) огоҳ нагарданд. "Илми ӯ" осмонҳо ва заминро дарбар гирифта аст.

Бино бар ин маънои бархе аз ривоёт, ки мегӯяд: "куллу шай'ин фил курсӣ", - ҳама чиз дар "курсӣ" аст, ин мешавад, ки: ҳама чиз дар илми Худованд аст.

Дар ин ҷо баҳси "Асмои ҳуснои Илоҳӣ"-ро поён медиҳем ва баҳси "Убудият"-ро, ки бо он дар иртибот аст, баррасӣ менамоем.

## *Абд ва ибодат*

"*Ъабада*" яъне: итоат кард, "*ъубудийят*" яъне: итоати бохузӯъ ва фурӯтанона. "*Ъибодат*" яъне: итоат бо ниҳояти хузӯъ ва фурӯтанӣ, ки аз "*ъубудийят*" расотар аст.

### А) Убудият

Дар ҷумлаи "*Ийёка наъбуду*" дар сураи Ҳамд, ки пас аз зикри "Раббилъоламин" омада аст, "убудият" ба маънои итоат аст, яъне: танҳо туро итоат мекунем.

Дар ҳадис имом Содиқ[(а)] низ, фармудаанд:

***Ман атоъа раҷулан фӣ маъсиятин фақад ъабадаҳу Ê***

---

... يَعْلَمُ مَا بَيْنَ أَيْدِيهِمْ وَمَا خَلْفَهُمْ وَلاَ يُحِيطُونَ بِشَيْءٍ مِّنْ عِلْمِهِ إِلاَّ بِمَا شَاء وَسِعَ كُرْسِيُّهُ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ ... {255}

*Ä Ҳар кас инсонеро дар гуноҳе итоат кунад ӯро ибодат карда аст.*[1] Чунон ки дида мешавад, "*ибодат ва итоат*" наздики ҳам ва ба як маъно омадаанд.

Дар сухани имом Ризо[(а)] низ, гӯш фаро додан ба сухани дигарон, ки навъе итоат ва пайравӣ аз онон аст "ибодат" дониста шуда аст, чунон ки фармуд:

***Ман асғо ило нотиқин фақад ъабадаҳ, фаин конан нотиқу ъаниллоҳи ъазза ва ҷалла фақад ъабадаллоҳ, ва ин конан нотиқу ъан иблӣса фақад ъабада иблис Ê***

*Ä Ҳар кас ба гӯяндае гӯш бисупорад, ӯро "ибодат" кардааст. Агар гӯянда аз Худои азза ва ҷалла сухан гӯяд, Худоро "ибодат" карда аст ва агар аз Иблис сухан гӯяд, Иблисро "ибодат" карда аст.*[2]

"Ибодат" барои мавҷудоти бошуур, ихтиёрӣ ва барои дигарон бо тасхир аст. Чунон ки Худои субҳон ба инсонҳо фармудааст:

***Ë айюҳан нос, уъбудӯ раббакумул лазӣ халақакум вал лазӣна мин қабликум... Ê***

*Ä Эй мардум! Парвардигоратонро "ибодат" кунед, ҳамон, ки шумо ва пешиниёни шуморо офарид...*[3]

---

[1] "Усули Кофӣ", ҷ.2, саҳ. 398.

[2] Уюну ахборир Ризо[(а)], ҷ. 1, саҳ. 303, ҳадис 63; "Васоилушшиа", ҷ. 18, саҳ. 92, ҳадиси 13.

[3] Сураи Бақара, ояи 21.

Ва дар бораи дигар мавҷудот фармуд:

***Ва лиллоҳи ясҷуду мо фис самовоти ва мо фил арзи мин доббатин вал малоикату ва ҳум ло ястакбирӯн Ê***

***Ä*** *Тамоми он чи дар осмонҳо ва Замин аст аз ҷунбандагон ва фариштагон барои Худо саҷда* ***(****фурӯтанӣ****)*** *мекунанд ва такаббур намеварзанд****.***[1]

## Б) Абд

Барои "абд" чаҳор маъно зикр шуда аст:

1-"Абд" ба маънои "ғулом", монанди он чи Худои мутаол дар сураи Наҳл фармуда аст:

***Зарабаллоҳу масалан ъабдан мамлӯкан ло яқдиру ъало шай'ин Ê***

***Ä*** *Худованд мисоле зада аст ғуломи мамлукеро****,*** *ки қодир бар ҳеҷ чиз нест****.***[2]

Ҷамъи ин "ъабд", "ъабид" аст, чунон ки аз қавли Расули Худо(с) овардаанд, ки фармуда аст:

---

يَا أَيُّهَا النَّاسُ اعْبُدُواْ رَبَّكُمُ الَّذِي خَلَقَكُمْ وَالَّذِينَ مِن قَبْلِكُمْ ... {21}

[1] Сураи Наҳл, ояи 49.

وَلِلّهِ يَسْجُدُ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الأَرْضِ مِن دَآبَّةٍ وَالْمَلآئِكَةُ

وَهُمْ لاَ يَسْتَكْبِرُونَ {49}

[2] Сураи Наҳл, ояи 75.

ضَرَبَ اللّهُ مَثَلاً عَبْداً مَّمْلُوكاً لاَّ يَقْدِرُ عَلَى شَيْءٍ ... {75}

***Ман хараҷа илайно минал ъабӣд фаҳува ҳуррун*** Ê

Ä *Ҳар як аз "ғуломон", ки сӯи мо (Ислом) биёяд, озод аст.*[1]

2-"Ъабд" ба маънои "банда шудан" равшантарин мисоли он дар сухани Худои мутаол аст, ки фармуда аст:

***Ин куллу ман фис самовоти вал арзи илло отирраҳмони ъабдо*** Ê

Ä *Ҳеҷ кас дар осмонҳо ва Замин нест магар он ки ба ҳоли "бандагӣ" назди Худои раҳмон ояд.*[2]

Дар ин маъно низ ҷамъи "ъабд", "ъабид" (бандагон) аст, монанди:

***Ва анналлоҳа лайса бизулломин лилъабӣд*** Ê

Ä *Худованд нисбат ба бандагон ситам намекунад.*[3]

3- "Ъабд" ба маънои бандаи ибодатгар ва хидматкунанда, ки таъбири "ъобид" дар бораи он расотар аст ва ин бар ду қисм аст:

А) "Ъабд", бандаи холис ва ҳақиқии Худо будан, ки ҷамъи он "ъибод" аст, монанди сухани Худои мутаол

---

1 "Муснади Аҳмад", ҷ. 1, саҳ. 248.

2 Сураи Марям, ояи 93.

إِن كُلُّ مَن فِي السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ إِلَّا آتِي الرَّحْمَنِ عَبْداً {93}

3 Сураи Анфол, ояи 51.

... وَأَنَّ اللّهَ لَيْسَ بِظَلاَّمٍ لِّلْعَبِيدِ {51}

дар ҳикояте аз Мӯсо ва ҷавони ҳамроҳаш, ки мефармояд:

***Фаваҷадо ъабдан мин ъибодино отайноҳу раҳматан мин ъиндино*** **Ê**

**Ä***Дар он ҷо "банда"-е аз "бандагон"-и моро ёфтанд****,*** *ки аз назди худ раҳмате ба ӯ дода будем****.***[1]

Б) "Ъабд"- бандаи дунё будан яъне касе, ки ҳамаи тавони худро вақфи дунё ва дунёхоҳӣ кунад. Дар ин ҷо низ ҷамъи ъабд "ъабид" аст, чунон ки Паёмбар(с) фармудааст:!

***Таъиса ъабдуддирҳам ва ъабдуддйнор*** **Ê**

**Ä** *Бандаи дирҳам ва динор* **(***тилло ва нуқра***)** *ҳалок шуда аст****.***[2]

Ва чун Парвардигори оламиён барои ҳидояти мардумон "амр ва наҳй" дорад ба касе, ки фармони Худоро итоат мекунад мегӯянд: "ъабадаррабб" бандагии Парвардигор намуд. Вай обид аст, яъне итоати Худо карда ва мутеи Парвардигор аст.

Ва низ, чун "илоҳ" ба маънои маъбуд аст, ва барои ӯ маросими динӣ баргузор мешавад, мегӯянд:

***"ъабада фулонун ал-илоҳа"*** **Ê**

---

[1] Сураи Каҳф, ояи 65.

فَوَجَدَا عَبْداً مِّنْ عِبَادِنَا آتَيْنَاهُ رَحْمَةً مِنْ عِندِنَا ... {65}

[2] “Сунани Ибни Моҷа”, саҳ. 1376.

***Ӓ Фалонӣ Худоро ибодат (парастиш) кард, Ӯ обид (парастанда) аст,***

яъне: ӯ маросими диниро барои Худо ба ҷо меоварад.[1]

Ҳамаи он чиро, ки дар баҳсҳои "Улуҳият" аз сифатҳои "Илоҳ" баршумурдем, ва дар баҳсҳои "Рубубият" аз сифоти "Рабб" донистем, ҳамагӣ аз сифатҳои Аллоҳ - Раббулъоламин аст. Яке дигар аз сифоти "Раббуълоламин" ин аст, ки: ҷараёни ҳар чизе ба машият ва хости ӯст ва мо (ба ёрии Худо) дар баҳси оянда онро тавзеҳ медиҳем.

---

[1] Он чи дар бораи "абд" овардем, фишурдае аст аз матолиби моддаи "ъабд" дар китоби "Сиҳоҳ"-и Ҷаъфарӣ, "Муфрадотулқуръон"-и Роғиб, "Қомусуллуғат"-и Фирӯзободӣ ва "Мӯъҷамул алфозил Қуръонил карим" чопи Миср, ки иборатҳои онҳоро ба ҳам омехта намуда ва бо сиёқи яксон баён доштем.

## *Нахуст: Маънои машият дар луғат ва Қуръони карим*

### А) Машият дар луғат.

"Машият" дар луғат ба маънои "ирода ва хостан" аст ва ба ин маъно мардум низ дорои машиятанд. Худованд дар Қуръони карим фармуда аст:

> ***Инна ҳозиҳи тазкиратун фаман шоʼаттахаза ило раббиҳи сабӣло*** **Ê**
>
> **Ä** *Ин ҳушдор ва тазаккуре аст, пас ҳар кас бихоҳад роҳе ба сӯи Парвардигораш бармегузинад!*[1]

Яъне: инсон агар "бихоҳад ва ирода" кунад, ки роҳе ба сӯи Парвардигораш баргузинад, бо камоли озодӣ ва ба ихтиёри худ бар он қодир аст. Монанди ин оя, дар

---

[1] Сураи Муззаммил, ояи 19

إِنَّ هَذِهِ تَذْكِرَةٌ فَمَن شَاء اتَّخَذَ إِلَى رَبِّهِ سَبِيلاً {19}

ва сураи Инсон, ояи 29.

إِنَّ هَذِهِ تَذْكِرَةٌ فَمَن شَاء اتَّخَذَ إِلَى رَبِّهِ سَبِيلاً {29}

сураҳои Муддассир ояти 55, Абас ояти 12, Таквир ояти 28, Каҳф ояти 29 ва ғайри онҳо низ омадааст.

Худованд машият ба маънои луғавиро ба худ низ нисбат дода ва фармуда аст:

***1-Алам тара ило раббика кайфа маддаз зилла ва лав шо'а лаҷаъалаҳу сокинан*** **Ê**

**Ä***Оё надидӣ чӣ гуна Парвардигорат сояро густарда сохт? Ва агар "мехост" онро сокин қарор медод.*[1]

***2-Фааммал лазӣна шақӯ фафин нори лаҳум фӣҳо зафӣрун ва шаҳӣқ. Холидӣна фӣҳо мо доматис самовоту вал арзу илло мо шо'а раббука, инна раббака фаъъолун лимо юрӣд. Ва аммал лазӣна суъидӯ фафил ҷаннати холидӣна фӣҳо мо домитис самовоту вал арзу илло мо шо'а раббука ъатоан ғайра маҷзӯз*** **Ê**

**Ä***Аммо онон ки бадбахт шуданд, дар оташанд ва барои онон дар он ҷо "зафир ва шаҳиқ" (нолаҳои баланди аҳли дӯзах) аст. Ва то осмонҳо ва Замин барпост ҷовидона дар он мемонанд, магар он чи Парвардигорат "бихоҳад", ки Парвардигори ту ҳар чиро бихоҳад анҷом медиҳад. Ва аммо онон, ки хушбахт шуданд, дар Биҳиштанд ва то осмонҳо ва замин барпост ҷовидона дар он мемонанд, магар он чи Парвардигорат "бихоҳад". Бахшише аст пайваста.*[2]

---

[1] Сураи Фурқон, ояи 45.

أَلَمْ تَرَ إِلَى رَبِّكَ كَيْفَ مَدَّ الظِّلَّ وَلَوْ شَاءَ لَجَعَلَهُ سَاكِنًا ... {45}

[2] Сураи Ҳуд, ояи 106-108.

Монанди ин оят дар сураҳои Исро (86) ва Фурқон (51) низ омадааст.

Аммо маънои оёти гузашта чунин аст:

1-Худованди Субҳон дар мавриди аввал фармуд:

***"Алам тара ило раббика кайфа маддаз зилла" Ê***

***Ä****Оё надидӣ Худованд чӣ гуна* **(***баъд аз зуҳр***)** *ба таносуби наздикии хуршед ба мағриб***,** *сояро ба сӯи машриқ густариш дод то он гоҳ***,** *ки ғуруб кард ба ҳадди ниҳоиаш ба шаб расонид***.** *Агар* **"***мехост***"** *сояро ҳамеша сокин қарор медод***,** *яъне: густариши соя ва ҳаракати он ба* **"***машият ва ирода***"-***и илоҳӣ аст ва аз хости Худо берун нест***.**

## Б) Машият дар истилоҳи қуръонӣ

Ҳар гоҳ пас аз вожаҳои: ризқ, ҳидоят, азоб, раҳмат ва муштаққоти (калимаҳои сохташуда аз) онҳо дар Қуръони карим, баҳс аз "машияти Худо" омадаст, мақсад он аст, ки ҷараёни ризқу рӯзӣ, ҳидоят ва монанди онҳо, ба инсон суннатҳое аст, ки Худованд ба муқтазои ҳикмати хеш муқаррар доштааст. Суннати Худовандӣ дар ин умур тағирнопазир аст ва онҳо аз масодиқи ин ояи шарифаанд, ки мефармояд:

---

فَأَمَّا الَّذِينَ شَقُواْ فَفِي النَّارِ لَهُمْ فِيهَا زَفِيرٌ وَشَهِيقٌ {106} خَالِدِينَ فِيهَا مَا دَامَتِ السَّمَاوَاتُ وَالأَرْضُ إِلاَّ مَا شَاء رَبُّكَ إِنَّ رَبَّكَ فَعَّالٌ لِّمَا يُرِيدُ {107} وَأَمَّا الَّذِينَ سُعِدُواْ فَفِي الْجَنَّةِ خَالِدِينَ فِيهَا مَا دَامَتِ السَّمَاوَاتُ وَالأَرْضُ إِلاَّ مَا شَاء رَبُّكَ عَطَاء غَيْرَ مَجْذُوذٍ {108}

***Суннаталлоҳ... ва лан таҷида лисуннатиллоҳи табдӣло Ê***

***Ä*** *Ин суннати илоҳӣ аст... Ва дар суннати илоҳӣ ҳеҷ гуна табдиле нахоҳӣ ёфт!*[1]

Чунон ки дар сураи Фотир низ мефармояд:

***Фалан таҷида лисуннатиллоҳи табдӣло ва лан таҷида лисуннатиллоҳи таҳвӣло Ê***

***Ä*** *Ҳаргиз дар суннати Худо табдиле нахоҳӣ ёфт ва ҳаргиз дар суннати илоҳӣ тағире намеёбӣ!*[2]

## Дуввум: Машияти Худо дар ризқу рӯзӣ

1-Худованд дар сураи Шӯро мефармояд:

***Лаҳу мақолӣдус самовоти вал арзи, ябсутур ризқа лиман яшоу ва яқдир, иннаҳу бикулли шай'ин ъалӣм Ê***

***Ä*** *Калидҳои осмонҳо ва Замин аз они ӯст. "Рӯзӣ"-ро барои ҳар кас "бихоҳад" густариш медиҳад ё танг мегардонад. Ӯ ба ҳамаи чиз огоҳ аст.*[3]

---

[1] Сураи Аҳзоб, ояи 62

سُنَّةَ اللَّهِ فِي الَّذِينَ خَلَوْا مِن قَبْلُ وَلَن تَجِدَ لِسُنَّةِ اللَّهِ تَبْدِيلاً {62}

ва сураи Фатҳ, ояи 23.

سُنَّةَ اللَّهِ الَّتِي قَدْ خَلَتْ مِن قَبْلُ وَلَن تَجِدَ لِسُنَّةِ اللَّهِ تَبْدِيلاً {23}

[2] Сураи Фотир, ояи 43.

... فَلَن تَجِدَ لِسُنَّتِ اللَّهِ تَبْدِيلاً وَلَن تَجِدَ لِسُنَّتِ اللَّهِ تَحْوِيلاً {43}

[3] Сураи Шӯро, ояи 12

2-Дар сураи Анкабут фармуда аст:

***Ва кааййин мин доббатин ло таҳмилу ризқаҳаллоҳу ярзуқуҳо ва ийёкум ва ҳувас самиъул ъалӣм. Ва лаин саалтаҳум ман халақас самовоти вал арза ва саххараш шамса вал қамара, лаяқӯлунналлоҳу фаанно йу'факӯн. Аллоҳу ябсутур ризқа лиман яшоу мин ъибодиҳи ва яқдиру лаҳ, иналлоҳа бикулли шайъин ъалӣм. Ва лаин саалтаҳум ман наззала минас самои мо'ан фааҳё биҳил арза мин баъди мавтиҳо, лаяқӯлунналлоҳу, қул алҳамдулиллоҳи бал аксаруҳум ло яъқилӯн Ê***

***Ä****Чи басо ҷунбандае, ки қудрати бардоштани* "рӯзӣ"*-и худро надорад, Худованд ӯ ва шуморо* "рӯзӣ" *медиҳад. Ва ӯ шунаво ва доно аст ва ҳар гоҳ аз онон бипурсӣ: чӣ касе осмонҳо ва Заминро офарида ва Офтобу Моҳро мусаххар карда аст? Мегӯянд: "Аллоҳ"! Пас бо ин ҳол, чӣ гуна ба инҳироф кашида мешаванд?! Худованд* "рӯзӣ"*-ро барои ҳар кас аз бандагонаш, ки* "бихоҳад" *густариш дода ва танг мегардонад. Худованд ба ҳамаи чиз огоҳ аст. Ва агар аз онҳо бипурси: чӣ касе аз осмон обе фиристод ва бо он заминро, пас аз мурданаш, зинда кард? Мегӯянд:"Аллоҳ" бигӯ: ҳамд ва ситойиш хоси Худост, аммо бештари онон намедонанд.*[1]

---

لَهُ مَقَالِيدُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ يَبْسُطُ الرِّزْقَ لِمَن يَشَاءُ وَيَقْدِرُ إِنَّهُ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ {12}

[1] Сураи Анкабут, ояи 60-63.

3-Дар сураи Сабо фармуд:

***Қул инна раббӣ ябсутур ризқа лиман яшоу мин ъибодиҳи ва яқдиру лаҳу ва мо анфақтум мин шай’ин, фаҳува юхлиқуҳу ва ҳува хайрур розиқӣн*** **Ê**

**Ä** *Бигӯ: Парвардигори ман "рӯзи"-ро барои ҳар як аз бандагонаш, ки "бихоҳад" вусъат дода ва ё танг мегардонад. Ва ҳар чиро инфоқ кунед, ҷои онро пур мекунад ва ӯ беҳтарини рӯзидиҳандагон аст.*[1]

4-Дар сураи Исро мефармояд:

***Ва ло таҷъал ядака мағлӯлатан ило ъунуқика ва ло табсутҳо куллал басти фатақъуда малӯман маҳсӯро. Инна раббака ябсутур ризқа лиман яшоу ва яқдир, иннаҳу кона биъибодиҳи хабиран басӣро. Ва ло тақтулӯ авлодакум хашята имлоқин, наҳну нарзуқуҳум ва ийёкум, инна қатлаҳум кона хит’ан кабӣро... Ва ло тақрабӯ молал ятӣми илло биллатӣ ҳия аҳсану ҳатто яблуға ашуддаҳу ва авфӯ билъаҳди***

وَكَأَيِّن مِن دَابَّةٍ لَا تَحْمِلُ رِزْقَهَا اللَّهُ يَرْزُقُهَا وَإِيَّاكُمْ وَهُوَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ {60} وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ وَسَخَّرَ الشَّمْسَ وَالْقَمَرَ لَيَقُولُنَّ اللَّهُ فَأَنَّى يُؤْفَكُونَ {61} اللَّهُ يَبْسُطُ الرِّزْقَ لِمَن يَشَاءُ مِنْ عِبَادِهِ وَيَقْدِرُ لَهُ إِنَّ اللَّهَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ {62} وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّن نَّزَّلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً فَأَحْيَا بِهِ الْأَرْضَ مِن بَعْدِ مَوْتِهَا لَيَقُولُنَّ اللَّهُ قُلِ الْحَمْدُ لِلَّهِ بَلْ أَكْثَرُهُمْ لَا يَعْقِلُونَ {63}

[1] Сураи Сабо, ояи 39.

قُلْ إِنَّ رَبِّي يَبْسُطُ الرِّزْقَ لِمَن يَشَاءُ مِنْ عِبَادِهِ وَيَقْدِرُ لَهُ وَمَا أَنفَقْتُم مِّن شَيْءٍ فَهُوَ يُخْلِفُهُ وَهُوَ خَيْرُ الرَّازِقِينَ {39}

***иннал ъаҳда кона мас'ӯло. Ва авфул кайла изо килтум вазинӯ бил қистосил мустақӣм, золика хайрун ва аҳсану та'вӣло Ê***

*Ä На дасти худро баста нигаҳ дор **(**то аз инфоқ боз монӣ**)** ва на ба якбора онро боз кун**,** ки сарзаниш дида ва ҳасратбор гардӣ**.** Мусалламан Парвардигорат "рӯзӣ"-ро барои ҳар кас "бихоҳад" кушода ё танг мегардонад**.** Ӯ ба ҳоли бандагонаш огоҳ аст**.** Фарзандони худро аз бими фақр накушед**!** Мо онон ва шуморо "рӯзӣ" медиҳем**.***

Яқинан куштани онҳо гуноҳи бузурге аст... Ва ба моли ятим, ҷуз ба некӯтарин шакл, наздик нашавед то он гоҳ, ки ба ҳадди булуғаш расад. Ва ба аҳди хеш вафо кунед, ки аз аҳду паймон савол мешавад! Ва чун чизеро паймона кунед, ҳаққи паймонаро адо намоед ва бо тарозуи дуруст вазн кунед, ки ин беҳтар ва некфарҷомтар аст.[1]

5-Дар сураи Оли Имрон фармуда аст:

***Қул, алоҳумма моликал мулки ту'тил мулка ман ташоу ва танзиъул мулка мимман ташоу ва туъиззу ман ташоу ва тузиллу ман ташоу***

---

[1] Сураи Исро, ояи 29-31 ва 34-35.

وَلاَ تَجْعَلْ يَدَكَ مَغْلُولَةً إِلَى عُنُقِكَ وَلاَ تَبْسُطْهَا كُلَّ الْبَسْطِ فَتَقْعُدَ مَلُوماً مَّحْسُوراً {29} إِنَّ رَبَّكَ يَبْسُطُ الرِّزْقَ لِمَن يَشَاءُ وَيَقْدِرُ إِنَّهُ كَانَ بِعِبَادِهِ خَبِيراً بَصِيراً {30} وَلاَ تَقْتُلُواْ أَوْلادَكُمْ خَشْيَةَ إِمْلاقٍ نَّحْنُ نَرْزُقُهُمْ وَإِيَّاكُم إنَّ قَتْلَهُمْ كَانَ خِطْءاً كَبِيراً {31}

وَلاَ تَقْرَبُواْ مَالَ الْيَتِيمِ إِلاَّ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ حَتَّى يَبْلُغَ أَشُدَّهُ وَأَوْفُواْ بِالْعَهْدِ إِنَّ الْعَهْدَ كَانَ مَسْؤُولاً {34} وَأَوْفُوا الْكَيْلَ إِذا كِلْتُمْ وَزِنُواْ بِالقِسْطَاسِ الْمُسْتَقِيمِ ذَلِكَ خَيْرٌ وَأَحْسَنُ تَأْوِيلاً {35}

***биядикал хайру иннака ъало кулли шай'ин қадӣр. Тӯлиҷул лайла финнаҳори ва тӯлиҷун наҳора фил лайли ва тухриҷул ҳаййа минал майййити ва тухриҷул майййита минал ҳаййи ва тарзуқу ман ташоу биғайри ҳисоб*** **Ê**

**Ä** *Бигӯ: бор Худоё! Молики ҳукуматҳо туӣ; ба ҳар кас "бихоҳӣ" ҳукумат мебахшӣ ва аз ҳар кас "бихоҳӣ" ҳукумат мегирӣ. Ҳар касро "бихоҳӣ" иззат мебахшӣ ва ҳар касро "бихоҳӣ" хор гардонӣ. Хубиҳои ҳама ба дасти туст ва ту бар ҳар чизе тавоноӣ. Шабро дар рӯз дохил карда ва рӯзро дар шаб мебарӣ ва зиндаро аз мурда берун меоварӣ ва мурдаро аз зинда. Ва ба ҳар кас "бихоҳӣ" бидуни ҳисоб "рӯзӣ" медиҳӣ.*[1]

## Машияти Худо чӣ гуна аст?

Дар баҳси подоши аъмол овардем, ки Худованди мутаол вусъати рӯзиро дар "силаи раҳим" қарор дода аст ва авлоди одамӣ осори салоҳу дурустии падарашро ба ирс мебарад. Чунон ки дар достони Мӯсо[(a)] ва бандаи солеҳи Худо (Хизр[(a)]) гузашт, ки девори дар ҳоли фурӯрехтанро аз нав дуруст кард, то ганҷи пинҳонкардашудаи зери он барои ду ятиме, ки

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояи 26-27.

قُلِ اللَّهُمَّ مَالِكَ الْمُلْكِ تُؤْتِي الْمُلْكَ مَن تَشَاء وَتَنزِعُ الْمُلْكَ مِمَّن تَشَاء وَتُعِزُّ مَن تَشَاء وَتُذِلُّ مَن تَشَاء بِيَدِكَ الْخَيْرُ إِنَّكَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ {26} تُولِجُ اللَّيْلَ فِي النَّهَارِ وَتُولِجُ النَّهَارَ فِي اللَّيْلِ وَتُخْرِجُ الْحَيَّ مِنَ الْمَيِّتِ وَتُخْرِجُ الَمَيَّتَ مِنَ الْحَيِّ وَتَرْزُقُ مَن تَشَاء بِغَيْرِ حِسَابٍ {27}

падарашон марди солеҳе буд, боқӣ бимонад ва он ду пас аз расидан ба синни булуғ ва рушди худ, онро берун овварданд. Ин ду, намунае аз "машият" ва хости Худо дар амри рӯзӣ додан аст, ки бар асоси "суннатҳои собити илоҳӣ" ҷараён меёбад.

### *Саввум: Машияти Худо дар ҳидоят ва роҳнамоӣ*

Ҳидояти инсон дар Қуръони карим ду гуна аст:

1-Ҳидоят ба маънои омӯзиши ақоид ва аҳкоми ислом.

2-Ҳидоят ба маънои тавфиқ дар имон ва амали солеҳ.

Қуръони карим ҳидояти аввалро бештар ба паёмбароне нисбат медиҳад, ки Худованд барои таблиғ ва расондани ақоид ва аҳкоми ислом ба инсонҳо фиристода аст. Гоҳе низ, онро ба худи Худо, ки паёмбаронро бо дини ислом фиристода аст, нисбат медиҳад.

Қуръони карим ҳидояти навъи дуввумро танҳо ба Худо нисбат медиҳад. Гоҳе бо зикри "машият" ва ин ки ин ҳидоят хостаи Худованд аст ва гоҳе бидуни зикри "машият".

Худованд шарти баҳрагирӣ аз ҳар ду навъи ҳидоятро, писанд ва интихоби мардум ва иқдоми амали онон барои расидан ба он қарор дода аст. Ин баёни дар мабоҳиси сегонаи зер меояд.

### А) Ҳидояти омӯзишӣ

Қуръон ҳидояти омӯзишии мардумон ба маънои таблиғи исломро гоҳе ба анбиё нисбат дода, мефармояд:

***Ва иннака латаҳдӣ ило сиротин мустақӣм. Сиротиллоҳил лазӣ лаҳу мо фис самовоти ва мо фил арзи, ало илаллоҳи тасӣрул умӯр*** **Ê**

**Ä** *Ба ростӣ, ки ту ба сӯи роҳи рост ҳидоят мекунӣ. Роҳи Худованде, ки ҳарчи дар осмонҳо ва Замин аст аз они ӯст. Огоҳ бошед! Ҳамаи корҳо ба сӯи Худо бармегардад.*[1]

Гоҳе низ ҳидояти Анбиёро ба Худо нисбат дода ва мефармояд:

***1-Ва чаъалноҳум аимматан яҳдӯна биамрино*** **Ê**

**Ä** *Ононро пешвоёне қарор додем, ки ба фармони мо ҳидоят мекарданд.*[2]

***2-Ҳувал лазӣ арсала расӯлаҳу бил ҳудо ва дӣнил ҳаққи лиюзҳираҳу ъалад дӣни куллиҳи*** **Ê**

---

[1] Сураи Шӯро, ояи 52 ва 53.

... وَإِنَّكَ لَتَهْدِي إِلَى صِرَاطٍ مُّسْتَقِيمٍ {52}
صِرَاطِ اللَّهِ الَّذِي لَهُ مَا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ أَلَا إِلَى اللَّهِ
تَصِيرُ الْأُمُورُ {53}

[2] Сураи Анбиё, ояи 73.

وَجَعَلْنَاهُمْ أَئِمَّةً يَهْدُونَ بِأَمْرِنَا ... {73}

*ÄӮ касе аст, ки паёмбарашро бо ҳидоят ва дини ҳақ фиристод то онро бар ҳамаи адён пирӯз гардонад.*[1]

Ба ҳамин маъно ҳидоятро ба китобҳои осмонӣ низ, нисбат дода ва фармуда аст:

***1-Шаҳру Рамазон, аллазӣ унзила фӣҳил Қур'он, ҳудан линноси ва баййинотин минал ҳудо вал фурқон Ê***

*ÄМоҳи Рамазон, моҳе, ки Қуръони ҳидоятгари мардумон, нишонаҳое аз раҳёфт ва ҷудоии ҳақ ва ботил, дар он нозил гардидааст.*[2]

***2-Ва анзалат Таврота вал Инҷӣла. Мин қаблу ҳудан линноси Ê***

*ÄВа Таврот ва Инҷилро аз пеш барои ҳидояти мардум фиристода аст.*[3]

Гоҳе низ ҳидояти омӯзиширо мустақиман ба Худои зулҷалол нисбат дода ва фармуда аст:

***1-А'лам наҷъал лаҳу ъайнайни ва лисонан ва шафатайн. Ва ҳадайноҳун наҷдайн Ê***

---

[1] Сураи Тавба, ояи 33.

هُوَ الَّذِي أَرْسَلَ رَسُولَهُ بِالْهُدَى وَدِينِ الْحَقِّ لِيُظْهِرَهُ عَلَى الدِّينِ كُلِّهِ ... {33}

[2] Сураи Бақара, ояи 185.

شَهْرُ رَمَضَانَ الَّذِيَ أُنزِلَ فِيهِ الْقُرْآنُ هُدًى لِّلنَّاسِ

وَبَيِّنَاتٍ مِّنَ الْهُدَى وَالْفُرْقَانِ ... {185}

[3] Сураи Оли Имрон, ояи 3 ва 4.

... وَأَنزَلَ التَّوْرَاةَ وَالإِنجِيلَ {3} مِن قَبْلُ هُدًى لِّلنَّاسِ ... {4}

*ÄОё барои инсон ду чашм қарор надодем? Ва як забон ва ду қалб? Ва ӯро ба роҳи хайр ва шарр ҳидоят накардем?!*[1]

***2-Ва аммо Самӯду фаҳадайноҳум фастаҳаббул ъамо ъалал ҳудо Ê***

*ÄАммо қавми Самудро ҳидоят кардем, вале онон бесабриро бар ҳидоят афзал шумурданд!*[2]

Бино бар ин, Худои мутаол ҳидояти таълимӣ ва омӯзишии исломро гоҳе ба паёмбарон ва китобҳои хеш нисбат медиҳад ва гоҳе ба зоти поки хештан! Ва ин аз он рӯ аст, ки худи ӯ паёмбаронро бо ин китобҳо барои омӯзиши мардум фиристода аст.

Дар баҳси оянда чигунагии бархӯрди инсон бо пазириш ё радди ин ҳидоятро (ба ёрии Худо) баррасӣ менамоем.

## Б) Инсон ва интихоби ҳидоят ё гумроҳӣ

Бо диққат дар оёти Қуръон дармеёбем, ки мардум ҳамеша пас аз омадани анбиё ва китобҳои осмонӣ, ба ду гурӯҳ тақсим шудаанд: дастае ҳидоятро бар гумроҳӣ бармегузинад ва дастае гумроҳиро бар ҳидоят тарҷеҳ медоданд. Ба оёти зер диққат кунед:

---

[1] Сураи Балад, ояи 8, 9 ва 10.

أَلَمْ نَجْعَل لَّهُ عَيْنَيْنِ {8} وَلِسَاناً وَشَفَتَيْنِ {9} وَهَدَيْنَاهُ النَّجْدَيْنِ {10}

[2] Сураи Фуссилат, ояи 17.

وَأَمَّا ثَمُودُ فَهَدَيْنَاهُمْ فَاسْتَحَبُّوا الْعَمَى عَلَى الْهُدَى ... {17}

***1-Иннамо умирту ан аъбуда рабба ҳозиҳил балдати... Ва ан атлувал Қур'она фаман иҳтадо фаиннамо яҳтадӣ линафсиҳи ва ман залла, фақул иннамо ано минал мунзирӣн*** Ê

Ä**(***Бигӯ:***)** *Ман маъмур шудаам парвардигори ин шаҳрро ибодат кунам... Ва ин ки Қуръонро тиловат намоям. Пас ҳар кас ҳидоят ёфт ба суди худ ҳидоят шуда аст ва ҳар кас гумроҳ шуд, бигӯ: ман танҳо аз бимдиҳандагонам!*[1]

***2-Қул ё айюҳан носу қад ҷоакумул ҳаққу мин раббикум фаманиҳтадо фаиннамо яҳтадӣ линафсиҳи, ва ман залла фаиннамо язиллу ъалайҳо, ва мо ано ъалайкум бивакӣл*** Ê

Ä*Бигӯ: эй мардум! Ҳақ аз сӯи Парвардигоратон ба сурогн шумо омада аст, ҳар кас ҳидоят ёбад, ба нафъи хеш ҳидоят ёфта аст ва ҳар кас гумроҳ шавад, танҳо ба зиёни худ гумроҳ мегардад ва ман вакил бар шумо нестам.*[2]

***3-Маниҳтадо фаиннамо яҳтадӣ линафсиҳи, ва ман залла фаиннамо язиллу ъалайҳо ва ло***

[1] Сураи Намл, ояи 91-92.

**إِنَّمَا أُمِرْتُ أَنْ أَعْبُدَ رَبَّ هَذِهِ الْبَلْدَةِ ... {91} وَأَنْ أَتْلُوَ الْقُرْآنَ فَمَنِ اهْتَدَى فَإِنَّمَا يَهْتَدِي لِنَفْسِهِ وَمَن ضَلَّ فَقُلْ إِنَّمَا أَنَا مِنَ الْمُنذِرِينَ {92}**

[2] Сураи Юнус, ояи 108.

**قُلْ يَا أَيُّهَا النَّاسُ قَدْ جَاءَكُمُ الْحَقُّ مِن رَّبِّكُمْ فَمَنِ اهْتَدَى فَإِنَّمَا يَهْتَدِي لِنَفْسِهِ وَمَن ضَلَّ فَإِنَّمَا يَضِلُّ عَلَيْهَا وَمَا أَنَا عَلَيْكُم بِوَكِيلٍ {108}**

***тазиру возиратун визра ухро, ва мо кунно муъазибӣна ҳатто набъаса расӯло*** **Ê**

**Ä** *Ҳар кас ҳидоят ёбад, ба фоидаи хеш ҳидоят ёфта аст ва ҳар кас гумроҳ шавад, танҳо ба зиёни худ гумроҳ мегардад. Ва ҳеҷ кас бори гуноҳи дигареро намебардорад. Ва мо ҳаргиз (касеро) муҷозот намекунем магар, он ки паёмбаре барангехта бошем.*[1]

## Инсони ҳидоятҷӯ ва имдоди илоҳӣ

Худованд дар сураи Марям дар бораи ҳидоятхоҳони ҳидоятҷӯ мефармоед:

***Ва язӣдуллоҳул лазӣнаҳтадав ҳудан*** **Ê**

**Ä** *Онон ки дар роҳи ҳидоят раҳсипор гардидаанд, Худованд бар ҳидояташон меафзояд.*[2]

Ва дар сураи Муҳаммад(с) мефармояд:

***Валлазӣнаҳтадав зодаҳум ҳудан ва отоҳум тақвоҳум*** **Ê**

**Ä** *Онон ки ҳидоят ёфтаанд, Худованд бар ҳидояташон афзуд ва ба ишон рӯҳи тақво бахшид.*[3]

---

[1] Сураи Исро, ояи 15.

مَّنِ اهْتَدَى فَإِنَّمَا يَهْتَدي لِنَفْسِهِ وَمَن ضَلَّ فَإِنَّمَا يَضِلُّ عَلَيْهَا وَلاَ تَزِرُ وَازِرَةٌ وِزْرَ أُخْرَى وَمَا كُنَّا مُعَذِّبِينَ حَتَّى نَبْعَثَ رَسُولاً {15}

[2] Сураи Марям, ояи 76.

وَيَزِيدُ اللَّهُ الَّذِينَ اهْتَدَوْا هُدًى ... {76}

[3] Сураи Муҳаммад, ояи 17.

وَالَّذِينَ اهْتَدَوْا زَادَهُمْ هُدًى وَآتَاهُمْ تَقْواهُمْ {17}

Онон ки баъд аз омадани расулони илоҳӣ ҳидоятро баргузида ва дар роҳи Худо ба талош бармехезанд, сазовори тавфиқи Худованд мегарданд. Вале касоне, ки паёмбаронро таксиб карда ва аз ҳавои нафс пайравӣ кунанд, гумроҳии онон ҳатмӣ ва яқинӣ аст. Худои субҳон аз ҳар ду гурӯҳ хабар дода ва фармуда аст:

***1- Валлазӣна ҷоҳадӯ фӣно ланаҳдияннаҳум субулано, ва инналлоҳа ламаъал муҳсинӣн*** **Ê**

**Ä** *Онон ки дар роҳи мо ба талош бархезанд, яқинан ба роҳҳои худ, ҳидояташон мекунем. Ва Худованд бо некӯкорон аст.*[1]

***2-Ва лақад баъасно фӣ кулли умматин расӯлан аниъбудуллоҳа ваҷтанибут тоғут, фаминҳум ман ҳадаллоҳу ва минҳум ман ҳаққат ъалайҳиз залолату, фасӣрӯ фил арзи фанзурӯ кайфа кона ъоқибатул муказзибӣн. Ин таҳрис ъало ҳудоҳум, фаинналлоҳа ло яҳдӣ ман юзиллу ва мо лаҳум мин носирӣн*** **Ê**

**Ä** *Мо дар байни ҳар уммате расуле барангехтем ки: Худоро ибодат кунед ва аз тоғут дурӣ гузинед! Бархеро Худованд ҳидоят кард ва бархе гумроҳияшон ба исбот расид. Пас, дар рӯи Замин бигардед ва нигоҳ кунед саранҷоми таксибкунандагон чӣ гуна бувад! Агар бар ҳидояташон исрор варзӣ (бидон ки) Худованд ҳар*

[1] Сураи Анкабут, ояи 69.

وَالَّذِينَ جَاهَدُوا فِينَا لَنَهْدِيَنَّهُمْ سُبُلَنَا وَإِنَّ اللَّهَ لَمَعَ الْمُحْسِنِينَ {69}

*касро гумроҳ сохт ҳидоят намекунад ва онон ҳеҷ ёваре надоранд.*[1]

***3-Фарӣқан ҳадо ва фарӣқан ҳаққа ъалайҳимуз залолату, иннаҳумуттахазуш шаётӣна авлиё'а мин дӯниллоҳи ва яҳсабӯна аннаҳум муҳтадӯн Ê***

*Ä Худованд гурӯҳеро ҳидоят карда аст ва гурӯҳе гумроҳиашон ба исбот расида аст, онон шаётинро ба ҷои Худованд авлиёи худ баргузиданд ва мепиндоранд, ки ҳидоятёфтагонанд.*[2]

Ин навъ аз "ҳидоят", ҳидояте аст бо "машият"-и илоҳӣ. Шарҳи он чунон аст, ки меояд.

## В) Ҳидоят ба маънои тавфиқи имон ва амал бо машийяти худовандӣ

Ҳидоят ба маънои имдоди илоҳӣ дар имон ва амал бо ишора ба машияти илоҳӣ дар оёти зер дар сураҳои Бақара, Нур ва Юнус, чунин омадааст:

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 36 ва 37.

وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَّسُولاً أَنِ اعْبُدُواْ اللّهَ وَاجْتَنِبُواْ الطَّاغُوتَ فَمِنْهُم مَّنْ هَدَى اللّهُ وَمِنْهُم مَّنْ حَقَّتْ عَلَيْهِ الضَّلالَةُ فَسِيرُواْ فِي الأَرْضِ فَانظُرُواْ كَيْفَ كَانَ عَاقِبَةُ الْمُكَذِّبِينَ {36}

إِن تَحْرِصْ عَلَى هُدَاهُمْ فَإِنَّ اللّهَ لاَ يَهْدِي مَن يُضِلُّ وَمَا لَهُم مِّن نَّاصِرِينَ {37}

[2] Сураи Аъроф, ояи 3о.

فَرِيقاً هَدَى وَفَرِيقاً حَقَّ عَلَيْهِمُ الضَّلاَلَةُ إِنَّهُمُ اتَّخَذُوا الشَّيَاطِينَ أَوْلِيَاءَ مِن دُونِ اللّهِ وَيَحْسَبُونَ أَنَّهُم مُّهْتَدُونَ {30}

***Валлоҳу яҳдӣ ман яшоу ило сиротин мустақӣм*** **Ê**

**Ä** *Худованд ҳар касро "бихоҳад" ба роҳи рост ҳидоят мекунад.*[1]

Дар сураи Анъом омада аст:

***Ман яшоиллоҳу юзлилҳу ва ман яша' яҷъалҳу ъало сиротин мустақӣм*** **Ê**

**Ä** *Худованд ҳар касро "бихоҳад" гумроҳ мекунад ва ҳар касро "бихоҳад" бар сироти мустақим қарор медиҳад.*[2]

Дар сураи Қасас омадааст:

***Иннака ло таҳдӣ ман аҳбабта ва локиналлоҳа яҳдӣ ман яшоу ва ҳува аъламу бил муҳтадӣн*** **Ê**

**Ä** *Ту наметавонӣ ҳар киро дӯст дорӣ, ҳидоят кунӣ, вале Худованд ҳар киро "бихоҳад" ҳидоят мекунад ва ӯ ба ҳидоятёфтагон огоҳтар аст.*[1]

---

[1] Сураи Бақара, ояи 142, 213,

**... يَهْدِي مَن يَشَاءُ إِلَى صِرَاطٍ مُّسْتَقِيمٍ** {142}

**... وَاللّهُ يَهْدِي مَن يَشَاءُ إِلَى صِرَاطٍ مُّسْتَقِيمٍ** {213}

сураи Нур, ояи 46

**... وَاللَّهُ يَهْدِي مَن يَشَاءُ إِلَى صِرَاطٍ مُّسْتَقِيمٍ** {46}

ва сураи Юнус ояи 25.

**... وَيَهْدِي مَن يَشَاءُ إِلَى صِرَاطٍ مُّسْتَقِيمٍ** {25}

[2] Сураи Анъом, ояи 39.

**... مَن يَشَإِ اللّهُ يُضْلِلْهُ وَمَن يَشَأْ يَجْعَلْهُ عَلَى صِرَاطٍ مُّسْتَقِيمٍ** {39}

## Шарҳи вожаҳо

**Сиротин мустақӣм:** сирот, роҳи ошкору мустақим, рост ва бидуни каҷӣ аст.

"*Сироти мустақим*"-и динро Худованд дар сураи Фотиҳа чунин баён дошта аст:

> ***Сиротал лазӣна анъамта ъалайҳим ғайрил мағзӯби ъалайҳим валаз золлӣн*** Ê
>
> Ä *Роҳи ошкори касоне, ки неъматашон додӣ, на касоне, ки бар онон ғазаб кардаӣ ва на гумроҳон.*[2]

Худованд дар сураи Марям касонеро, ки неъмат дода аст баён дошта ва пас аз зикри достони Закариё, Яҳё, Марям ва Исо[(a)] мефармояд:

> ***"Вазкур фил китоби Иброҳим...*** Ê
>
> Ä *Дар ин китоб (Қуръон) Иброҳимро ёд кун...;*
>
> ***Вазкур филкитоби Мӯсо...*** Ê
>
> Ä *Дар ин китоб Мӯсоро ёд кун...;*
>
> ***Вазкур филкитоби Исмоъил... Вазкур филкитоби Идрис"...***

Сипас мефармояд:

---

[1] Сураи Қасас, ояи 56.

إِنَّكَ لَا تَهْدِي مَنْ أَحْبَبْتَ وَلَكِنَّ اللَّهَ يَهْدِي مَن يَشَاءُ وَهُوَ أَعْلَمُ بِالْمُهْتَدِينَ {56}

[2] Сураи Фотиҳа, ояи 7.

صِرَاطَ الَّذِينَ أَنعَمتَ عَلَيهِمْ غَيرِ المَغضُوبِ عَلَيهِمْ وَلاَ الضَّالِّينَ {7}

***Улоикал лазӣна анъамаллоҳу ъалайҳим минаннабиййина мин зуррийяти Одама... Ва мимман ҳадайно ваҷтабайно изо тутло ъалайҳим оётур раҳмони, харрӯ суҷҷадан ва букийё*** Ê

Ä*Онон паёмбароне буданд, ки Худованд неъматашон дода буд, аз фарзандони Одам... Ва аз касоне, ки ҳидоят кардем ва баргузидем. Касоне, ки ҳар гоҳ оёти Худои раҳмон бар онон тиловат мешуд, саҷдакунон ва ашкрезон ба хок меафтоданд.*[1]

Сирот ва роҳи инон дини Ислом ва сира ва равиши зиндагиашон амал ба он буд, ҳамон, ки мардумро ба он фаро мехонданд.

**Мағзӯбун ъалайҳим:** касоне ки бар онон ғазаб шуда аст, инон танҳо қавми Яҳуд буданд, ки Худои мутаол дар сураи Бақара ононро муаррифӣ карда ва фармудааст:

***Ва зурибат ъалайҳимуз зиллату вал масканату ва боӯ биғазабин миналлоҳи, золика бианнаҳум конӯ якфурӯна биоётиллоҳи ва яқтулӯнан набиййина биғайрил ҳаққи, золика бимоъасав ва конӯ яътадӯн*** Ê

Ä*Зиллат ва хорӣ ва бечорагӣ бар онон муқаррар шуд ва бо хашми Худо қарин омаданд ва ин ба он сабаб буд, ки ба оёти илоҳӣ куфр меварзиданд ва*

[1] Сураи Марям, ояи 58.

أُوْلَئِكَ الَّذِينَ أَنْعَمَ اللَّهُ عَلَيْهِم مِّنَ النَّبِيِّينَ مِن ذُرِّيَّةِ آدَمَ ... وَمِمَّنْ هَدَيْنَا وَاجْتَبَيْنَا إِذَا تُتْلَى عَلَيْهِمْ آيَاتُ الرَّحْمَن خَرُّوا سُجَّداً وَبُكِيّاً {58}

*паёмбаронро нораво мекуштанд ва ин барои он буд, ки нофармонӣ карда ва таҷовуз менамуданд.*[1]

Монанди ин таъбирот дар бораи онон, дар сураи Оли Имрон, ояти 112 низ, омадааст.

**Валаззоллӣн:** золлин: гумроҳон, ҳамаи касоне, ки аз Ислом рӯй гардонданд, чунон ки дар сураи Оли Имрон бо сароҳат ва ошкор фармуда аст:

***Ва ман ябтағи ғайрал Исломи дӣнан, фалан юқбала минҳу... Ва улоика ҳумуз золлӯн*** **Ê**

**Ä** *Ҳар кас ҷуз Ислом динеро Интихоб кунад, аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд... Ва онон ҳамон гумроҳонанд.*[2]

**Яҳдӣ:** ҳидоят мекунад, шарҳи онро дар баҳси ҳидояти "Раббулъоламин" бичӯед.

## Чаҳорум: Машияти илоҳӣ дар азоб ва раҳмат

Баёни машияти илоҳӣ дар азоб ва раҳмат, дар мавориде аз Қуръони карим, аз ҷумла дар сураи Аъроф омада аст. Худованд бо ишора ба дуои Мӯсо[(а)] мефармояд:

---

[1] Сураи Бақара, ояи 61.

... وَضُرِبَتْ عَلَيْهِمُ الذِّلَّةُ وَالْمَسْكَنَةُ وَبَآؤُوْاْ بِغَضَبٍ مِّنَ اللَّهِ ذَلِكَ بِأَنَّهُمْ كَانُواْ يَكْفُرُونَ بِآيَاتِ اللَّهِ وَيَقْتُلُونَ النَّبِيِّينَ بِغَيْرِ الْحَقِّ ذَلِكَ بِمَا عَصَوا وَّكَانُواْ يَعْتَدُونَ {61}

[2] Сураи Оли Имрон, оёти 85 ва 90.

وَ مَنْ يَبْتَغِ غَيرَ الاِسلامِ دِيناً فَلَنْ يُقبَلَ مِنهُ ... {85} ... وَ أُولٰئِکَ هُمُ الضالّون {90}

***(Мӯсо гуфт:)** Ва барои мо дар ин дунё ва дар охират, некӣ муқаррар фармо, мо ба сӯи ту боз гаштаем. Фармуд: азоби худро ба ҳар кас "бихоҳам" мерасонам ва раҳмати ман ҳамаи чизро фаро гирифта аст. Онро барои касоне, ки тақво пеша кунанд ва закот бипардозанд ва онон, ки ба оёти мо имон меоваранд, муқаррар хоҳам дошт. Онон ки аз ин паёмбар ва набии "уммӣ" пайравӣ мекунанд, паёмбаре, ки сифоташро дар Таврот ва Инҷили назди худ меёбанд. Онҳоро ба маъруф фармон дода ва аз мункар нигаҳ медорад, покизаҳоро бар онон ҳалол шумурда ва нопокҳоро ҳаром мекунад ва борҳои сангин ва занҷирҳоеро, ки бар онон буд мебардорад. Пас, касоне ки ба ӯ имон оварданд ва гиромиаш доштанд ва ёриаш карданд ва аз нуре, ки бо ӯ нозил шуда пайравӣ намуданд, онон ҳамон растагоранд.*[1]

Дар сураи Анбиё мефармояд:

***(Рӯзи)** Ҳисоби мардум ба онон наздик шуд ва онон ҳамчунон дар ғафлат ва бехабарӣ рӯй гардонданд! Дилҳояшон дар лаҳв ва бехабарӣ фурӯ рафта ва онон,*

---

[1] Сураи Аъроф, ояи 156 ва 157.

**وَاكْتُبْ لَنَا فِي هَـذِهِ الدُّنْيَا حَسَنَةً وَفِي الآخِرَةِ إِنَّا هُدْنَـا إِلَيْكَ قَالَ عَذَابِي أُصِيبُ بِـهِ مَنْ أَشَاء وَرَحْمَتِي وَسِعَتْ كُلَّ شَيْءٍ فَسَأَكْتُبُهَا لِلَّذِينَ يَتَّقُونَ وَيُؤْتُـونَ الزَّكَـاةَ وَالَّذِينَ هُم بِآيَاتِنَـا يُؤْمِنُـونَ {156} الَّذِينَ يَتَّبِعُونَ الرَّسُولَ النَّبِيَّ الأُمِّـيَّ الَّذِي يَجِدُونَـهُ مَكْتُوباً عِنـدَهُمْ فِـي التَّـوْرَاةِ وَالإِنْجِيـلِ يَـأْمُرُهُم بِـالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَـاهُمْ عَنِ الْمُنكَرِ وَيُحِلُّ لَهُـمُ الطَّيِّبَـاتِ وَيُحَـرِّمُ عَلَيْهِمُ الْخَبَآئِـثَ وَيَضَـعُ عَنْهُمْ إِصْرَهُمْ وَالأَغْلاَلَ الَّتِـي كَانَـتْ عَلَيْهِمْ فَالَّـذِينَ آمَنُـواْ بِـهِ وَعَـزَّرُوهُ وَنَصَـرُوهُ وَاتَّبَعُـواْ النُّـورَ الَّـذِيَ أُنـزِلَ مَعَـهُ أُوْلَـئِكَ هُـمُ الْمُفْلِحُونَ {157}**

*ки ситам карданд пинҳон ва дар гӯше гуфтанд:* **оё** *ӯ ҷуз башаре монанди шумост*?! *Оё бо он ки мебинед аз пайи сеҳр меравед*?! (*Паёмбар*) *Гуфт: Парвардигорам ҳамаи суханони осмон ва заминро медонад ва ӯ шунаво ва доност. Гуфтанд:* (*инҳо ваҳй нест*) *балки хобҳои ошуфта аст, ё онро ба дурӯғ ба Худо нисбат дода аст, не, балки як шоир аст! Бояд барои мо мӯъҷизае биёварад, ҳамон гуна ки паёмбарони пешин фиристода шудаанд. Ҳеҷ як аз ободиҳои пеш аз инон* (*ки нобудашон кардем*) *имон наёварданд. Оё инон имон меоваранд*? *Мо пеш аз ту, ҷуз мардоне, ки ба онон ваҳй мекардем* (*мавҷуди дигаре*) *нафиристодем. Агар намедонед аз огоҳон бипурсед. Мо паёмбаронро колбадҳое, ки ғизо нахӯранд қарор надода будем, онон умри ҷовидон ҳам надоштанд! Сипас ваъдаеро, ки ба онон дода будем рост гардонидем ва мусрифонро ҳалок намудем! Мо бар шумо китобе нозил кардем, ки мояи тазаккур ва эътилои шумо дар он аст, оё дарк намекунед*?![1]

---

[1] Сураи Анбиё, ояи 1-10.

**اقْتَرَبَ لِلنَّاسِ حِسَابُهُمْ وَهُمْ فِي غَفْلَةٍ مَّعْرِضُونَ {1} مَا يَأْتِيهِم مِّن ذِكْرٍ مَّن رَّبِّهِم**
**مُّحْدَثٍ إِلَّا اسْتَمَعُوهُ وَهُمْ يَلْعَبُونَ {2} لَاهِيَةً قُلُوبُهُمْ وَأَسَرُّواْ النَّجْوَى الَّذِينَ ظَلَمُواْ**
**هَلْ هَذَا إِلَّا بَشَرٌ مِّثْلُكُمْ أَفَتَأْتُونَ السِّحْرَ وَأَنتُمْ تُبْصِرُونَ {3} قَالَ رَبِّي يَعْلَمُ الْقَوْلَ فِي**
**السَّمَاء وَالأَرْضِ وَهُوَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ {4} بَلْ قَالُواْ أَضْغَاثُ أَحْلاَمٍ بَلِ افْتَرَاهُ بَلْ هُوَ**
**شَاعِرٌ فَلْيَأْتِنَا بِآيَةٍ كَمَا أُرْسِلَ الأَوَّلُونَ {5} مَا آمَنَتْ قَبْلَهُم مِّن قَرْيَةٍ أَهْلَكْنَاهَا أَفَهُمْ**
**يُؤْمِنُونَ {6} وَمَا أَرْسَلْنَا قَبْلَكَ إِلاَّ رِجَالاً نُّوحِي إِلَيْهِمْ فَاسْأَلُواْ أَهْلَ الذِّكْرِ إِن كُنتُمْ لاَ**
**تَعْلَمُونَ {7} وَمَا جَعَلْنَاهُمْ جَسَداً لَّا يَأْكُلُونَ الطَّعَامَ وَمَا كَانُواْ خَالِدِينَ {8} ثُمَّ**

Дар сураи "Исро" фармуда аст:

***Ман кона юридул ъоҷилата ъаҷҷално лаҳу фӣҳо мо нашоу лиман нурӣду сумма ҷаъално лаҳу ҷаҳаннама яслоҳо мазмӯман мадҳӯро. Ва ман ародал охирата ва саъо лаҳо саъяҳо ва ҳува му'минун фаулоика кона саъюҳум машкӯро. Куллан нумидду ҳоулои, ва ҳоулои мин ъатои раббика ва мо кона ъатоу раббика маҳзӯро Ê***

*Ä Ҳар кас, ки зиндагии зудгузари дунёро бихоҳад, ҳарчи "бихоҳем" ва ба ҳар кас "ирода" кунем дар дунё ба ӯ медиҳем, сипас Ҷаҳаннамро барояш муқаррар дорем то накӯҳида ва рондашуда мулозим гардад. Ва ҳар кас хоҳони охират бошад ва барои он бикӯшад (дар ҳоле, ки мӯъмин бошад) подоши саъйи ӯ дода хоҳад шуд. Ҳар як аз ду гурӯҳро аз атои Парвардигорат афзунӣ диҳем, ки атои Парвардигорат ҳеҷ гоҳ (аз касе) дарег нашудааст.*[1]

Ва дар сураи "Инсон" мефармояд:

***Инна ҳоулои юҳиббӯнал ъоҷилата ва язарӯна вароаҳум явман сақӣло. ... . Инна ҳозиҳи***

---

صَدَقْنَاهُمُ الْوَعْدَ فَأَنجَيْنَاهُمْ وَمَن نَّشَاء وَأَهْلَكْنَا الْمُسْرِفِينَ {9} لَقَدْ أَنزَلْنَا إِلَيْكُمْ كِتَاباً فِيهِ ذِكْرُكُمْ أَفَلَا تَعْقِلُونَ {10}

[1] Сураи Исро, ояи 18-20.

مَّن كَانَ يُرِيدُ الْعَاجِلَةَ عَجَّلْنَا لَهُ فِيهَا مَا نَشَاء لِمَن نُّرِيدُ ثُمَّ جَعَلْنَا لَهُ جَهَنَّمَ يَصْلاهَا مَذْمُوماً مَّدْحُوراً {18} وَمَنْ أَرَادَ الآخِرَةَ وَسَعَى لَهَا سَعْيَهَا وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَأُولَئِكَ كَانَ سَعْيُهُم مَّشْكُوراً {19} كُلاًّ نُّمِدُّ هَؤُلاء وَهَؤُلاء مِنْ عَطَاء رَبِّكَ وَمَا كَانَ عَطَاء رَبِّكَ مَحْظُوراً {20}

***тазкиратун фаман шо'аттахаза ило раббиҳи сабӣло. Ва мо ташоуна илло ан яшоаллоҳу, инналлоҳа кона ъалӣман ҳакӣмо. Юдхилу ман яшо'у фӣ раҳматиҳи ваз золимӣна аъадда лаҳум ъазобан ъалӣмо*** **Ê**

**Ä** *Инон зиндагии зудгузари дунёро дӯст дошта ва рӯзи сахтеро пушти сари худ раҳо мекунанд! Ин як ёдоварӣ аст. Пас ҳар ки хоҳад роҳе ба сӯи Парвардигораш баргузинад. Ва шумо чизе намехоҳед магар он ки Худо "бихоҳад". Худованд доно ва ҳаким аст. Ҳар касро "бихоҳад" дар раҳмати худ ворид мекунад. Ва барои ситамкорон азоби дарднок омода кардааст.*[1]

**ø ø ø**

Ин маънои "машият" ва иродаи "Раббулъоламин" буд. Аз ҷумла сифоти Худованди мутаол ин аст, ки ҳар чиро бихоҳад "***маҳв ё исбот***" мекунад, ки маънои онроба ёрии Худо дар баҳси оянда меоварем.

---

[1] Сураи Инсон, ояи 27, 29-31.

إِنَّ هَؤُلَاء يُحِبُّونَ الْعَاجِلَةَ وَيَذَرُونَ وَرَاءهُمْ يَوْماً ثَقِيلاً {27}

إِنَّ هَذِهِ تَذْكِرَةٌ فَمَن شَاء اتَّخَذَ إِلَى رَبِّهِ سَبِيلاً {29} وَمَا تَشَاؤُونَ إِلَّا أَن يَشَاءَ اللَّهُ

إِنَّ اللَّهَ كَانَ عَلِيماً حَكِيماً {30} يُدْخِلُ مَن يَشَاءُ فِي رَحْمَتِهِ وَالظَّالِمِينَ أَعَدَّ لَهُمْ

عَذَاباً أَلِيماً {31}

## *Нахуст: Маънои луғавии бадо*

Бадо дар луғат ду маъно дорад:

1-*Бадаал амру будувван ва бадаан*, яъне: ин мавзӯъ ошкор ва возеҳ шуд. Пас яке аз маънои "бадо’" ошкоршудан ва вузуҳ аст.

2-*Бадо лаҳу фил амри казан*, яъне: дар ин мавзӯъ чунин раъйе барояш пайдо шуд, раъйи тозае пайдо кард.

## *Дуввум: Маънои бадо дар истилоҳи уламои ақоиди исломӣ*

Уламои "Ақоиди исломӣ" гуфтаанд: "бадо’" дар бораи Худованд, ошкор кардани чизе аст, ки бар бандагон махфӣ буда ва зуҳураш барои онон тозагӣ дорад. Бино бар ин, касоне, ки пиндоштаанд мақсуд аз "бадо’" дар бораи Худованд ин аст, ки барои Ҳақ таоло низ, ҳамонанди махлуқот раъйи тозае (ғайр аз он чи пеш аз "бадо’" дошта аст), пайдо мешавад, сахт дар иштибоҳанд. Ба ростӣ, ки Худованд бартар ва болотар аз он аст, ки мепиндоранд.

## Саввум: Бадо дар Қуръони карим

А) Худои мутаол дар сураи "Раъд" оёти 7 ва 27 мефармояд:

***Ва яқӯлул лазӣна кафарӯ лав ло унзила ъалайҳи оятун мин раббиҳи... Ê***

*Ä Касоне, ки кофир шуданд мегӯянд: чаро оят ва мӯъҷизае аз парвардигораш бар ӯ нозил нашудааст?...*[1]

Сипас дар оёти 38-40-и ҳамон сура мефармояд:

***...Ва мо кона лирасӯлин ан я'тия биоятин илло биизниллоҳи ликулли аҷалин китобун. Ямҳуллоҳу мо яшоу ва юсбиту ва ъиндаҳу уммул китоб. Ва ин мо юрияннака баъзал лазӣ наъидуҳум ав натаваффияннака фаиннамо ъалайкал балоғу ва ъалайнал ҳисоб Ê***

*Ä Ҳеҷ паёмбареро нашояд, ки оят ва мӯъҷизае биёварад, магар ба фармони Худо. Ҳар давронеро сарнавиште аст. Худованд ҳар чиро бихоҳад маҳву нобуд ва ҳар чиро бихоҳад исботу барҷой мегузорад. Ва Уммулкитоб (Лавҳи маҳфуз) назди ӯст ва агар порае аз он чиро, ки ба онон ваъда медиҳем ба ту нишон диҳем, ё туро (пеш аз мӯҳлат) бимиронем, дар ҳар ҳол, он чи бар ӯҳдаи туст, танҳо таблиғ ва расондан аст, ҳисоби (онон) бар мост.*[2]

[1] Сураи Раъд, оёти 7 ва низ 27.

[2] Сураи Раъд, оёти 38 то 40.

## Шарҳи вожаҳо

**Оят:** *оят* дар луғат аломат ва нишони ошкор аст, чунон ки шоире гуфтааст:

**Ва фӣ кулли шай'ин лаҳу оятун**

**Тадуллу ъало аннаҳу воҳидун**

*Дар ҳар чӣ, ки бингарӣ нишонаи ошкори вуҷуд ва далели равшани яктоии Худованд аст.*

Мӯъҷизоти анбиё аз он рӯ "оят" ном гирифтаанд, ки нишони дурустии онон ва далеле бар қудрати илоҳӣ аст. Ҳамон парвардигоре, ки эшонро тавони овардани чунин мӯъҷизоте монанди асои Мӯсо ва ноқаи Солеҳ бахшидааст. Ҳамон гуна, ки дар оёти 67 сураи Шуаро ва 73 сураи Аъроф гузашт.

Қуръони карим ҳамчунин анвои азобҳоеро, ки Худованд бар умматҳои кофир нозил фармудааст "оят" номида аст, чунон ки дар сураи Шуаро дар бораи қавми Нӯҳ мефармояд:

***Сумма ағрақно баъдул боқӣн. Инна фӣ золика лаоятан Ê***

*Ä Сипас барҷоймондагонро ғарқ кардем. Ростиро, ки дар он "оят" ва нишонае аст.*[1]

Дар бораи қавми Ҳуд мефармояд:

***Факаззабӯҳу фааҳлакноҳум инна фӣ золика лаоятан Ê***

---

[1] Сураи Шуаро, ояи 120-121

ثُمَّ أَغْرَقْنَا بَعْدُ الْبَاقِينَ {120} إِنَّ فِي ذَلِكَ لَآيَةً ... {121}

*Ä Онон паёмбарашон **(**Ҳуд**)**-ро таксиб карданд**,** мо ҳам нобудашон кардем**.** Ростиро**,** ки дар он "оят" ва нишонае аст **(**барои хирадмандон**).**[1]*

Дар бораи қавми Фиръавн дар сураи Аъроф фармудааст:

***Фаарсално ъалайҳимут тӯфона вал ҷарода вал қуммала ваз зафодиъа вад дама оётин муфассалот Ê***

*Ä Пас**,** тӯфон**,** малах**,** офати гиёҳӣ**,** қурбоқа ва хунро **(**ки оёт ва нишонаҳои ҷудо-ҷудо буданд**)** бар онон фиристодем**.**[2]*

**Аҷал:** *муддат, вақт ва замони маҳдуд, саранҷом ва поён.*

Ва ин ки гуфта мешавад: фалон кас аҷалаш фаро расид, яъне: мурд ва муддати умраш ба сар омад.

Ва агар гуфта мешавад: барои он аҷале мушаххас шуда аст, яъне: барои он вақти маҳдуде қарор додаанд.

**Китоб:** барои китоб маъноҳои гуногуне аст ва мақсуд аз он дар ин ҷо "миқдори навишташуда ё муқаддар аст" ва маънои : "*ликулли аҷалин китобун*", ки дар оят омад ин аст, ки: замони овардани мӯъҷиза ба василаи Паёмбар(с) аз пеш таъйин шудааст, яъне: ҳар давронеро сарнавишти муайяне аст.

---

[1] Сураи Шуаро, ояи 139.

**فَكَذَّبُوهُ فَأَهْلَكْنَاهُمْ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَآيَةً ...** {139}

[2] Сураи Аъроф, ояи 133.

**فَأَرْسَلْنَا عَلَيْهِمُ الطُّوفَانَ وَالْجَرَادَ وَالْقُمَّلَ وَالضَّفَادِعَ وَالدَّمَ آيَاتٍ مُّفَصَّلَاتٍ ...** {133}

**Ямҳу:** маҳв мекунад, зоил мегардонад, нобуд месозад. "*Маҳв*" дар луғат ба маънои ботил кардан ва аз байн бурдан аст, ҳамон гуна, ки Худои мутаол дар сураи Исро, ояти 12 мефармояд:

***Фамаҳавно оятал лайли ва ҷаъално оятан наҳори мубсиратан Ê***

***Ä****Пас, нишонаи шабро нобуд карда ва нишонаи рӯзро равшанибахш қарор додаем***.**[1]

Ва дар сураи Шӯро, ояти 24 мефармояд:

***Ва ямҳуллоҳул ботила ва юҳиққул ҳаққа бикалимотиҳи Ê***

***Ä****Худованд ботилро маҳву нобуд ва ҳақро ба фармони худ собит ва устувор медорад.*[2]

Яъне осори ботилро аз байн мебарад.

## Тафсири оёт

Худои субҳон дар ин оёт мефармояд: куффори Қурайш аз Расули Худо[с] дархост карданд, то барои онон мӯъҷизоте биёварад. Худованд навъи дархости ононро низ дар сураи Исро баён дошта ва фармудааст:

***Ва қолӯ лан нуʼмина лака ҳатто тафҷура лано минал арзи янбӯъан... Ав тусқитас самоа камо заъамта ъалайно кисафан ав таʼтия биллоҳи вал малоикати қабӣло Ê***

[1] Сураи Исро, ояи 12.
[2] Сураи Шӯро, ояи 24.

**Ä** *Ва гуфтанд*: *мо ҳаргиз ба ту имон намеоварем*, *то он ки чашмаи ҷӯшоне аз ин сарзамин берун оварӣ*..., *Ё қитъаҳои осмонро* (*он гуна*, *ки мепиндорӣ*) *бар сари мо фуруд оварӣ*, *ё Худованд ва фариштагонро дар баробари мо биёварӣ*.[1]

Ва дар ояти 38 сураи Раъд мефармояд:

***"Ва мо кона лирасӯлин ан я'ти биоятин"*** **Ê**

**Ä** *Ҳеҷ паёмбаре ҳақ надорад мӯъҷизаеро* (*ки аз ӯ хостаанд*) *биёварад*

***Илло биизниллоҳ,-*** *Магар ба фармони Худо*. *Зеро ҳар коре дар тақдири мактуби илоҳӣ замони хосе дорад*.

Худованд дар ояти баъд бидуни фосила, истисное аз тақдири мактубро баён дошта ва мефармояд:

***Ямҳуллоҳу мо яшо'*** - *Худованд ҳар чиро бихоҳад маҳв мекунад*, яъне: дасти Худо баста нест ва ҳар ҷо, ки хост ризқ, аҷал, саодат ва шақоватро дар ин мактуби муқаддар, тағир медиҳад.

***Ва юсбиту мо яшо',-*** *ва ҳар чиро бихоҳад* (*аз нонавиштаҳо*) *дар он ҷой медиҳад*,

Зеро:

---

[1] Сураи Исро, ояи 90 ва 92.

**وَقَالُواْ لَن نُّؤْمِنَ لَكَ حَتَّى تَفْجُرَ لَنَا مِنَ الأَرْضِ يَنبُوعاً {90} أَوْ تُسْقِطَ السَّمَاء كَمَا زَعَمْتَ عَلَيْنَا كِسَفاً أَوْ تَأْتِيَ بِاللّهِ وَالْمَلآئِكَةِ قَبِيلاً {92}**

***Ва ъиндаҳу уммул китоб,-*** *асли китоби тақдир ва сарнавишт, яъне "Лавҳи маҳфуз", ки ҳеҷ гуна тағир ва табдиле дар он нест, назди Худост.*

Ба ин хотир баъд аз он мефармояд:

***"Ва ин мо нуриyannака баъзал лазӣ наъидуҳум" Ê***

***Ä*** *Агар порае аз ҷазоҳоро, ки ба онон ваъда медиҳем (дар замони ҳаёт) ба ту нишон диҳем,*

***"Ав натаваффаяннака" Ê***

***Ä*** *Ё туро (пеш аз он) бимиронам,*

***"Фаиннамо ъалайкал балоғ" Ê***

***Ä*** *Дар ҳар ҳол ту танҳо расонанда ҳастию бас:*

Табарӣ, Қуртубӣ ва Ибни Касир дар тафсири ин оят ривояте овардаанд, ки тасдиққунандаи гуфтори мост ва фишурдаи он чунин аст:

Халифаи дуввум Умар ибни Хаттоб(р) гирдогирди хонаи Худо тавоф мекард ва мегуфт:

***Аллоҳумма, ин кунта катабтанӣ фӣ аҳлис саъодати фаасбитнӣ фӣҳо, ва ин кунта катабтанӣ фӣ аҳлиш шақовати ваз занби фамҳинӣ ва асбитнӣ фӣ аҳлис саъодати вал мағфирати, фаиннака тамҳӯ мо ташоу ва тусбиту ва ъиндака уммул китоб Ê***

***Ä****Худоё! Агар маро дар зумраи саодатмандон қарор додаӣ, дар байни онон устуворам дор. Ва агар маро дар қатори шақоватмандону гунаҳкорон навиштаӣ, аз миёни ашқиёям маҳв ва дар байни саодатмандонам ҷойгузин фармо. Зеро ту ҳар чиро*

*бихоҳӣ маҳв ё барқарор мекунӣ ва китоби аслӣ назди туст.*

Ва аз қавли "Абӯвоил" овардаанд, ки борҳо мегуфт:

***Аллоҳумма ин кунта катабтано ашқиёа фамҳу вактубно суъадоа, ва ин кунта катабтано суъадоа фаасбитно, фаиннака тамҳу мо ташоу ва тусбиту ва ъиндака уммул китоб Ê***

***Ä*** *Худоё! Агар моро дар қатори бадбахтон қарор додаӣ, аз байни онон маҳв ва дар зумраи некбахтон ҷойгузин фармо. Ва агар дар радифи некбахтон моро қарор додаӣ, дар он устуворамон дор. Зеро ту ҳар чиро бихоҳӣ маҳв ё барқарор мекунӣ ва китоби аслӣ назди туст.*[1]

Дар Биҳоруланвор омадааст:

***Ва ин кунту минал ашқиёи, фамҳини минал ашқиёи вактубни минас суъадои, фаиннака қулта фӣ китобикал мунзал ъало набиййика салавотука ъалайҳи ва олиҳи: Ямҳуллоҳу мо яшоу ва юсбиту ва ъиндаҳу уммул китоб Ê***

***Ä*** *Ва агар аз бадбахтон ҳастам, маро аз зумраи онон маҳв ва дар байни некбахтон ҷойгузин фармо. Зеро ту дар китоби худ, ки бар Паёмбарат*(с) *нозил шуда*

---

[1] Ҳар ду ҳадисро Табарӣ дар тафсири оят оварда аст. Абӯвоил Шақиқ бинни Саламаи Асадии Кӯфӣ аст, шарҳи ҳоли ӯ дар китоби "Таҳзибуттаҳзиб", ҷ. 10, саҳ. 354 чунин аст, ки: сиқа аст ва мухазрам (ҷоҳилият ва исломро дарк карда аст). Дар замони саҳоба ва тобеин ҳузур дошта ва дар хилофати Умар ибни Абдулазиз дар синни садсолагӣ аз дунё рафта аст.

*аст, фармудаӣ: Худованд ҳар чиро бихоҳад маҳв ё барқарор медорад ва китоби аслӣ назди ӯст.*[1]

Қуртубӣ низ дар зайли ривоёте, ки аз Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим оварда аст, бар ин маъно истидлол кардааст. Ривоят чунин аст: Расули Худо(с) фармуд:

***Ман сарраҳу ан юбсата лаҳу фӣ ризқиҳи ва юнсаалаҳу фӣ асариҳи (аҷалиҳи) фал ясил раҳимаҳу Ê***

*ÄКасе, ки аз вусъати рӯзӣ ва зиёдии умр хушнуд мегардад, бояд бар хешованди худ некӣ намояд.*[2]

Ва аз Ибни Аббос нақл карда аст, ки ӯ дар ҷавоби касе ки пурсид: чӣ гуна дар умр ва аҷал зиёдатӣ мешавад? Гуфт: Худои азза ва ҷалла фармудааст:

***Ҳувал лазӣ халақакум мин тӣнин, сумма қазо аҷалан ва аҷалун мусамман ъиндаҳу Ê***

*ÄӮ касе аст, ки шуморо аз гил офарид, сипас муддате муқаррар дошт ва аҷали ҳатмӣ назди ӯст.*[3]

Ибни Аббос гуфт: аҷали аввал дар оят, аҷали банда аз таваллуд то марг аст ва аҷали дуввум (он чи назди Худост) аз замони марг то қиёмат аст, ки дар барзах басар мебарад ва касе ҷуз Худо онро намедонад. Пас

---

[1]Биҳдруланвор, ҷ. 98, саҳ. 162.

[2] Саҳеҳи Бухорӣ, ҷ. 3, саҳ. 34; “Китобуладаб” боби 12 ва 13; Саҳеҳи Муслим, саҳ. 1982, ҳадиси 20 ва 21 аз боби “силатур раҳм” ва “Муснади Аҳмад”, ҷ. 3, саҳ. 247, 266 ва ҷ. 5, саҳ. 76.

[3] Сураи Анъом, ояи 2.

هُوَ الَّذِي خَلَقَكُم مِّن طِينٍ ثُمَّ قَضَى أَجَلاً وَأَجَلٌ مُّسمًّى عِندَهُ ... {2}

агар бандае аз Худо битарсад "силаи раҳим" ба ҷо оварад, Худованд ҳар чиро бихоҳад аз умри барзахии ӯ коста ва ба умри аввалаш меафзояд. Ва агар нофармонӣ кунад ва "қатъи раҳим" намояд, Худованд ҳар чи бихоҳад аз умри дунёиаш коста ва ба умри барзахиаш меафзояд...[1]

Ибни Касир бар ин истидлол афзуда ва сухане гуфта аст, ки фишурдаи он чунин аст:

"Ин сухан бо ривоёте, ки Аҳмад, Насоӣ ва Ибни Моҷа овардаанд ҳамоҳанг менамояд. Онон овардаанд, ки Расули Худо(с) фармуд:

> ***Иннар раҷула лаюҳрамур ризқа биззанби юсӣбуҳу ва ло яруддул қадара иллад дуъо, ва ло язӣду фил ъумри иллал бирр*** Ê
>
> Ä*Инсон гоҳе ба хотири гуноҳ аз рӯзӣ маҳрум мегардад ва чизе ҷуз дуо, бало ва сарнавиштро барнамегардонад ва чизе ҷуз некӣ умрро намеафзояд.*[2]

Ва дар ҳадиси дигаре фармуд:

> ***Инад дуъоа вал қазоа лаяъталиҷони байнас самои вал арз*** Ê
>
> Ä*Дуо ва сарнавишт дар миёни осмон ва Замин бо ҳам мубориза мекунанд.*[3]

Он чи овардем яке аз чанд ваҷҳе буд, ки дар маънои ин оят гуфтаанд, шаклҳои дигаре низ дар маънои оят

---

[1] Тафсири Қуртубӣ, ҷ. 9, саҳ. 329-331.

[2] Муқаддимаи Сунани Ибни Моҷа, боби 10, ҳадиси 90.

[3] Тафсири Ибни Касир ҷ. 2, саҳ. 519

овардаанд, монанди ин сухан, ки: мурод аз "маҳв ва исбот" дар оят: маҳви ҳукме ва исботи ҳукми дигаре аст, яъне насхи аҳкоми шариат. Дурустар он аст, ки бигӯем: мақсуд дар оят ҳамаро шомил аст, чунон ки Қуртубӣ низ инро баргузида ва гуфтааст:

"...Ин оят ом аст ва шомили ҳама чиз мегардад ва ин равшантар аст ва Худо донотар"[1]

Табарӣ ва Суютӣ аз Ибни Аббос овардаанд, ки ӯ дар бораи ин оят: "*Ямҳуллоҳу мо яшоу ва юсбиту ва ъиндаҳу уммул китоб*" гуфтааст: Худованд умури ҳар солро дар шаби Қадр тақдир ва барнома мекунад, ҷуз некбахтӣ ва бадбахтиро...[2]

Б) Худои субҳон дар сураи Юнус мефармояд:

***Фалавло конат қарятун оманат фанафаъаҳо имонуҳо илло қавма Юнуса, ламмо оманӯ кашафно ъанҳум ъазобал хизйи фил ҳаётид дунё ва матаъноҳум ило ҳӣн*** **Ê**

**Ä** *Чаро ҳеҷ як аз мардуми шаҳрҳо ва ободиҳо имон наоварданд, то имонашон судашон диҳад? Магар қавми Юнус, ки чун имон оварданд, азоби зиллат ва хориро дар зиндагии дунё аз онон бардоштем ва то муддате ононро бархурдор сохтем.*[3]

---

[1] Тафсири Қуртубӣ, ҷ. 2, саҳ. 329.

[2] Тафсири Табарӣ, ҷ. 13, саҳ. 111 ва Тафсири Суютӣ, ҷ. 4, саҳ. 65, ибора аз Табарӣ аст.

[3] Сураи Юнус, ояи 98.

**فَلَوْلاَ كَانَتْ قَرْيَةٌ آمَنَتْ فَنَفَعَهَا إِيمَانُهَا إِلاَّ قَوْمَ يُونُسَ لَمَّا آمَنُواْ كَشَفْنَا عَنْهُمْ عَذَابَ الْخِزْيِ فِي الْحَيَاةَ الدُّنْيَا وَمَتَّعْنَاهُمْ إِلَى حِينٍ** {98}

## Шарҳи вожаҳо

**Кашафно:** зоил кардем, аз байн бурдем, бардоштем.

**Хизй:** хорӣ, расвоӣ.

**Ҳӣн:** вақт ва замони номаълум, ки бешу ками он мушаххас нест.

## Тафсири оя

Фишурдаи достони Юнус[а] он гуна, ки дар тафсири Табарӣ, Қуртубӣ ва Маҷмаулбаён омада аст, чунин мебошад: қавми Юнус[а] дар Найнаво дар сарзамини Мӯсил мезистанд ва бут мепарастиданд. Худованд Юнус[а]-ро ба сӯи эшон фиристод то ононро ба Ислом даъват намуда ва аз бутпарастӣ нигаҳ дорад. Эшон саркашӣ намуданд. Ду нафар аз онон, яке обид ва дигаре олим, Юнус[а]-ро пайравӣ карданд. Обид аз Юнус[а] хост то бар алайҳи он қавм нафрин кунад ва олим ӯро аз ин кор манъ кард ва гуфт: бар инон нафрин макун, зеро Худо дуоятро мустаҷоб мекунад, вале ҳалокати бандагонашро дӯст надорад! Юнус[а] сухани обидро пазируфт ва нафрин кард. Худованд фармуд: азоб дар фалон рӯз нозил мегардад. Юнус[а] онро ба онон хабар дод. Вақти азоб, ки наздик шуд Юнус[а] ба ҳамроҳии чанд обид аз миёни эшон берун рафт, вале он олим дар миёнашон боқӣ монд, қавми Юнус[а] бо худ гуфтанд:

Мо то ба ҳол аз Юнус дурӯғеро надидаем, эҳтиёт бошед, агар ӯ имшаб дар байни шумо боқӣ монад, ки азобе даркор нест, вале агар берун рафт бидонед, ки субҳи фардо азобатон қатъӣ аст. Шаб, ки ба нима расид

Юнус[а] ошкоро аз байнашон берун рафт. Онон, ки инро донистанд ва осори азобро мушоҳида ва ҳалокати худро яқин карданд, назди он олим рафтанд. Ӯ ба эшон гуфт: ба сӯи Худо зорӣ кунед, ки ӯ ба шумо раҳм мекунад ва азобро аз шумо мебардорад. Ба сӯи биёбон берун шавед ва занон ва кӯдаконатонро аз ҳам ҷудо кунед ва байни ҳайвонот ва бачаҳоятон ҷудоӣ афканед. Сипас дуо кунед ва бигирйед! Ва онон чунин карданд; бо занон, кӯдакон ва чаҳорпоёни хеш сар ба саҳро ниҳоданд. Либоси пашмина пӯшиданд ва изҳори имону тавба карданд ва нияти худро холис намуда, миёни ҳамаи модарон ва бачаҳояшон аз одамӣ ва ҳайвонот ҷудоӣ афканданд. Сипас нолидан ва фарёди зорӣ сар доданд. Садоҳо, ки дар ҳам печид ва фарёдҳо, ки омехта шуд, бо нола ва андӯҳ ба сӯи Худои азза ва ҷалла рӯ оварда ва гуфтанд: (Парвардигоро) Мо ба он чи Юнус оварда буд имон овардем. Худованд ононро бахшид, дуояшонро пазируфт ва азоберо, ки ба сарашон соя андохта буд аз эшон бартараф сохт ва...

Худованд ҳамин гуна азобро аз қавми Юнус (баъд аз он ки тавба карданд) маҳв ва бартараф кард. Оре, Худованд ҳар чиро бихоҳад маҳв карда ё барқарор медорад.

В) Худованди субҳон дар сураи Аъроф мефармояд:

***Ва воъадно Мӯсо салосӣна лайлатан ва атмамноҳо биъаширин фатамма мӣқоту раббиҳи арбаъӣна лайлатан Ê***

*ÄМо бо Мӯсо сӣ шаб ваъда гузоштем ва онро бо даҳ шаби дигар комил кардем, то миқоти Парвардигораш чиҳил шаб тамом шуд.*[1]

Ва дар сураи Бақара фармуд:

***Ва из воъадно Мӯсо арбаъйна лайлатан сумматтахазтумул ъиҷла мин баъдиҳи ва антум золимӯн Ê***

*ÄВа ҳангоме ки бо Мӯсо чиҳил шаб ваъда гузоштем ва шумо баъд аз ӯ дар ҳоле ки ситамкор будед гӯсоларо интихоб намудед.*[2]

## Чаҳорум: Бадо дар ривоёти мактаби хулафо

Таёлисӣ, Аҳмад, Ибни Саъд ва Тирмизӣ ривояте доранд, ки фишурдаи он бо иборати Таёлисӣ чунин аст:

*Расули Худо(с) фармуд: Худованд насли Одам(а)-ро ба ӯ нишон дод. Одам дар миёни онон мардеро бо чеҳраи нурафшон дид ва гуфт: Худоё! Ин кист? Фармуд: ин фарзанди ту Довуд аст! Арз кард: Худоё умри ӯ чӣ қадар аст? Гуфт: шаст сол! Арз намуд: Худоё дар умри ӯ бияфзой! Фармуд: намешавад магар он ки аз умри худат ба ӯ бияфзоӣ! Арз кард: умри ман чӣ қадар аст? Фармуд: ҳазор сол! Одам*

[1] Сураи Аъроф, ояи 142.

وَوَاعَدْنَا مُوسَى ثَلاَثِينَ لَيْلَةً وَأَتْمَمْنَاهَا بِعَشْرٍ فَتَمَّ مِيقَاتُ رَبِّهِ أَرْبَعِينَ لَيْلَةً ... {142}

[2] Сураи Бақара, ояи 51.

وَإِذْ وَاعَدْنَا مُوسَى أَرْبَعِينَ لَيْلَةً ثُمَّ اتَّخَذْتُمُ الْعِجْلَ مِن بَعْدِهِ وَأَنتُمْ ظَالِمُونَ {51}

> *гуфт: ман чиҳил сол аз умрамро ба ӯ бахшидам... Ҳангоми вафоти ӯ, ки фаро расид ва фариштагони қабзи рӯҳ ба болинаш омаданд, гуфт: ҳанӯз чиҳил сол аз умри ман боқӣ аст! Гуфтанд: ту худат онро ба Довуд бахшидӣ!*[1]

Ин ривоят ба изофаи он чи дар гузашта дар бораи осори "силаи раҳим" ва ҳамонанди он, аз ривоёти Мактаби хулафо овардем, аз масодиқи ***"ямҳуллоҳу мо яшо'у ва юсбит ва ъиндаҳу уммулкитоб"*** аст.

Имомони Аҳли Байт[(а)] "маҳв ва исбот"-ро ***"бадо"*** ном ниҳодаанд, ки – ба ёрии Худои мутаол – дар бахши панҷум онро баррасӣ менамоем.

## Панҷум: Бадо дар ривоёти имомони Аҳли Байт[(а)]

Дар Биҳоруланвор аз имом Содиқ[(а)] омадааст, ки фармуд:

> ***Мо баъасаллоҳу ъазза ва ҷалла набийян ҳатто я'хуза ъалайҳи салоса хисолин: ал-иқрору бил ъубӯдийяти, ва халъул андоди, ва анналлоҳа юқаддиму мо яшоу ва юаххиру мо яшо Ê***
>
> **Ä** *Худованд ҳеҷ паёмбареро мабъус накарда аст, магар он ки се чизро аз ӯ хостааст: Иқрор ба бандагии Худо, инкори ҳар гуна шарик ва ҳамто*

---

[1] Муснади Таёлисӣ, саҳ. 350, ҳадиси 2692; Муснади Аҳмад, ҷ. 1, саҳ. 251, 298 ва 271; Табақоти Ибни Саъд, чопи Аврупо, ҷ. 1, қисмати аввал, саҳ. 7-9; Сунани Тирмизӣ, ҷ. 11, саҳ. 196-197 дар тафсири сураи Аъроф. Дар китоби Биҳоруланвор, ҷ. 4, саҳ. 102 ва 103, низ бо ихтилофи андак онро аз Имом Боқир[(а)] оварда аст.

*барои ӯ ва ин ки Худованд ҳар чиро бихоҳад муқаддам дошта ва ҳар чиро бихоҳад вопас медорад.*[1]

Имом Содиқ[(а)] ҳамин маъноро дар баёни дигаре бо лафзи "маҳв ва исбот" оварда, фармуда аст:

***Мо баъасаллоҳу набийян қаттун ҳатто йа'хузу ъалайҳи салосан: ал-иқрору бил ъубудияти, ва халъул андоди, ва анналлоҳа ямҳӯ мо яшоу ва юсбиту мо яшоу Ê***

***Ä** Худованд ҳеҷ паёмбареро мабъус накарда аст, магар он ки се чизро аз ӯ хостааст:Иқрор ба убудияти Худо, радди ҳар гуна шарик ва ҳамто барои ӯ ва ин ки Худованд ҳар чиро бихоҳад маҳв карда ва ҳар чиро бихоҳад барқарор медорад.*[2]

Ва дар ривояти сеюмӣ "*маҳв ва исбот*" –ро "**бадо'**" номида аст, ки фишурдаи он чунин аст:

***Мо танабба'а набийюн қаттун ҳатто юқирра лиллоҳи таъоло... бил бадо'и... Ê***

***Ä** Ҳеҷ паёмбаре ҳаргиз нишони паёмбарӣ нагирад, магар он ки барои Худои мутаол ба ин умур эътироф намояд... яке аз онҳо эътироф ба* "бадо'" *аст...*[3]

Аз имом Ризо[(а)] ривоят кардаанд, ки фармуд:

---

[1] Биҳоруланвор, ҷ. 4, саҳ. 108 ба нақл аз "Тавҳиди Садуқ".

[2] Биҳоруланвор, ҷ. 4, саҳ. 108.

[3] Биҳоруланвор, ҷ. 4, саҳ. 108.

***Мо баъаса набийян қаттун илло битаҳрӣмил хамри ва ан юқирра лаҳу бил бадои* Ê**

**Ä** *Худованд ҳаргиз паёмбареро нафиристода аст, магар бо ҳурмати шароб ва ин ки ба* "бадо’" **(**маҳв ва исбот**)** *дар ҳаққи Худо эътироф намояд.*[1]

Дар ривояти дигаре, имом Содиқ(а) аз замони "*маҳв ва исбот*" низ хабар дода ва фармудааст:

***Изо кона лайлатул қадри назалатил малоикату вар рӯҳу вал катабату ило самоид дунё, фаяктубӯна мо якӯну мин қазоиллоҳи таъоло фӣ тилкас санати, фаизоародаллоҳу ан юқаддима шай’ан ав ю’аххираҳу ав янқуса шай’ан амарал малака ан ямҳӯ мо яшоу сумма асбатал лазӣ арода* Ê**

**Ä** *Шаби Қадр, ки мешавад фариштагон ва рӯҳ ва нависандагон ба осмони дунё фуруд меоянд ва ҳар чиро Худои мутаол дар он сол муқаррар фармуда аст менависанд. Агар Худо бихоҳад чизеро пеш андохта ва вопас бидорад, ё чизеро бикоҳад, ба фариштаи маъмур фармон медиҳад онро ҳамон гуна, ки хост* "маҳв ва нобуд" *ё* "барқарор" *дорад.*[2]

Имом Боқир(а) низ дар баёни дигаре аз он хабар додаанд, ки фишурдаи он чунин аст:

***Таназзала фӣҳал малоикату вал катабату илас самои фаяктубӯна мо ҳува коинун фӣ***

---

[1] Биҳоруланвор, ҷ. 4, саҳ. 108.

[2] Биҳоруланвор, ҷ. 4, саҳ. 99 ба нақл аз Тафсири Алӣ ибни Иброҳим.

***амрис санати ва мо юсӣбул ъибода фӣҳо. Қола: ва амрун мавқӯфун лиллоҳи таъоло фӣҳил машиата юқаддиму минҳу мо яшоу ва ю'аххиру мо яшоу ва ҳува қавлуҳу таъоло: ямҳуллоҳу мо яшоу ва юсбиту ва ъиндаҳу уммул китоб Ê***

*ÄДар шаби Қадр фариштагон ва нависандагон ба осмони дунё фуруд меоянд ва ҳар чиро, ки дар он сол шуданӣ аст ва ҳар чӣ дар он ба бандагон мерасад, ҳамаро менависанд. Фармуд: корҳое аст, ки вобаста ба хости илоҳӣ аст, ҳар чиро бихоҳад муқаддам дошта ва ҳар чӣ бихоҳад вопас медорад. Ва ин маънои сухани Худои мутаол аст, ки фармуда аст:* ***"Ямҳуллоҳу мо яшо'у ва юсбиту ва ъиндаҳу уммулкитоб".***[1]

Имом Боқир(а) дар ҳадиси дигаре дар бораи ин ояи:

***"Ва лан йуаххираллоҳу нафсан изо ҷоа аҷалуҳо" Ê***

*Ä Худованд ҳаргиз марги касеро (ҳангоме ки аҷалаш фаро расад) ба ақиб намеандозад. Фармуд: замоне, ки аҷал фуруд ояд ва нависандагони осмон онро бинависанд, ин аҷалро Худованд ба таъхир намеандозад.*[2]

Аллома Маҷлисӣ дар ин боб аз Биҳоруланвор ҳамон достоне, ки Одам(а) чиҳил сол аз умри худро ба Довуд

---

[1] Биҳоруланвор, ҷ. 4, саҳ. 102 ба нақл аз Тафсири Алӣ ибни Иброҳим.

[2] Биҳоруланвор, ҷ. 4, саҳ. 102, ба нақл аз “Илалушшароеъ”.

бахшид ва мо онро дар ривоёти Мактаби хулафо овардаем, овардааст.[1]

Ин маънои "*бадо*" дар ривоёти имомони Аҳли Байт[(а)] буд. Аммо "*бадо*" ба ин маъно, ки "барои Худованд назари нав ва тозае дар кор пайдо шавад, ки пештар онро намедониста аст, ин дидгоҳ дар мактаби Аҳли Байт нописанд ва қобили қабул нест ва мо аз он ба Худо паноҳ мебарем. Дидгоҳи имомони Аҳли Байт[(а)] дар ин бора ҳамон аст, ки Маҷлисӣ аз имом Содиқ овардааст. Имом[(а)] фармудааст:

> ***Ман заъама анналлоҳа ъазза ва ҷалла ябдӯ лаҳу фӣ шай'ин лам яъламҳу амсин, фа'барӯ минҳу Ê***
>
> ***Ä*** *Ҳар кас гумон кунад барои Худои азза ва ҷалла дар чизе, раъйи тоза ва ҷадиде пайдо мешавад, ки пештар онро намедониста аст, аз ӯ безорӣ биҷӯед.*[2]

## Асари эътиқод ба "бадо"

Агар касе Эътиқод пайдо кунад, ки бархе аз инсонҳо, ки дар қатори некбахтон қарор гирифтаанд, ҳаргиз ҳолашон иваз нагардад ва ҳеҷ гоҳ дар қатори бадбахтон қарор нагиранд, ва бархе аз инсонҳо, ки аз зумраи бадбахтон қарор гирифтаанд, ҳаргиз ҳолашон иваз нашуда ва дар радифи некбахтон қарор намегиранд ва қалам аз тағири сарнавишти инсонҳо хушкида ва бозмондааст, нодуруст аст. Агар чунин тасаввуре

---

[1] Биҳоруланвор, ҷ. 4, саҳ. 102, саҳ. 111, ба нақл аз "Икмолуддин"-и Садуқ.

[2] Биҳоруланвор, ҷ. 4, саҳ. 102, саҳ. 111, ба нақл аз ҳамон.

даркор бошад, яқинан гунаҳкор на танҳо аз гуноҳи хеш тавба намекунад, балки ба кори худ идома медиҳад. Зеро мепиндорад, ки шақоват ва бадбахтӣ сарнавишти ҳатмии ӯст ва имкони тағир дар он нест! Аз тарафи дигар, шайтон бандаи некӯкорро васваса мекунад, ки ту аз некбахтонӣ ва аз зумраи ашқиёи бадбахт нахоҳӣ рафт ва ҳамин васваса кофӣ аст, ки ӯро ба сустӣ дар ибодат ва итоат бикашонад.

Бархе аз мусулмонон, ки маънои оёт ва ривоёти ворид дар бораи "машият"-ро ба равшанӣ ва камол дарнаёфтаанд, ба ду гурӯҳ тақсим шудаанд: гурӯҳе чунин пиндоштаанд, ки инсон бар он чи мекунад маҷбур аст ва гурӯҳи дигар мӯътақид шудаанд: ҳама корҳо ба инсон тафвиз ва вогузор шудааст. Мо дар баҳси оянда - ба ёрии Худо - ин мавзӯъро баррасӣ карда ва роҳи ҳақ ва савоб дар ин бораро хоҳем шинохт.

## *Ҷабр, тафвиз ва ихтиёр*

### А) Маънои луғавии ҷабр

"Ҷабр" дар луғат бо зӯр ба коре водоштан аст ва "маҷбур" яъне касе, ки бо зӯр ба коре водор шудааст.

### Б) Ҷабр дар истилоҳи уламои ақоиди исломӣ

"Ҷабр" дар ин истилоҳ яъне: Худои мутаол бандагонашро бар он чи мекунанд маҷбур кардааст, дар кори нек бошад ё бад, зишт бошад ё зебо, ба гунае, ки банда дар ин бора ирода ва ихтиёри тарки феъл ва сарпечӣ аз онро надорад.

Пайравони мактаби "ҷабр"-ро ақида бар он аст, ки ҳарчӣ барои инсон падид ояд ҳамон сарнавишти аз пеш таъиншудаи ӯст. Инсонро он ҷо, ки бояд мебаранд, ӯ ихтиёре надорад. Ин сухан, сухани Ашоира аст.[1]

---

[1] Ба муаррифии Ашоира дар китоби "Милал ва ниҳал"-и Шаҳристонӣ дар Ҳошияи Ибни Ҳазм (Алфаслу фил милали вал аҳвои ван ниҳал), ҷ. 1, саҳ. 119- 153 муроҷиат шавад.

### В) Маънои луғавии тафвиз

"Тафвиз" дар луғат ба маънои вогузор кардан ва ихтиёрдодан аст.

### Г) "Тафвиз" дар истилоҳи уламои ақоиди исломӣ

"Тафвиз дар ин истилоҳ яъне: Худованди мутаол корҳои бандагонро ба худи онон вогузор кардааст. Ҳарчӣ бихоҳанд озод ва раҳо анҷом медиҳанд ва Худованд қудрате бар афъоли онон надорад. Ин сухан, сухани "мӯътазила" аст.[1]

### Д) Маънои луғавии ихтиёр

"Ихтиёр" дар луғат ба маънои ҳаққи интихоб ва гузиниш аст. Баргузидан ва писандидан ва озод будан дар интихобро ихтиёр гӯянд.

### Е) Ихтиёр дар истилоҳи уламои ақоиди исломӣ

Худои мутаол бандагонашро ба василаи анбиё ва расулони худ бар бархе аз корҳо вазифадор ва аз бархе манъ фармудааст. Худованд пас аз он ки қудрат ва иродаи анҷоми кор ва тарки онро ба бандагонаш бахшид, барои онон дар он чи мекунанд, ҳаққи интихоб ва гузиниш қарор дода аст. Ӯ ҳеҷ касро дар ин роҳ маҷбур накарда аст ва аз онон хоста аст то дар он чи, ки ба он фармон дода ё аз он боздошта аст, ӯро итоат намоянд. Истидлол бар ин мавзӯъ - ба ёрии Худо - дар баҳси оянда меояд.

---

[1] Ба муаррифии Мӯътазила дар китоби “Милал ва ниҳал”-и Шаҳристонӣ дар Ҳошияи Ибни Ҳазм, ҷ. 1, саҳ. 55-557 муроҷиат шавад.

## *Маънои қазо ва қадар*

Калимаи "*қазо*" ва "*қадар*" дар чанд маъно истеъмол шуда аст, ки он чи марбут ба ин баҳс аст, онро меоварем:

### А) Бархе маънои вожаи қазо

1- "**Қазо**" ба маънои "доварӣ миёни ду тарафи даргир" аст, монанди:

> ***Инна раббака яқзӣ байнаҳум явмал қиёмати фӣ мо кону фӣҳи яхталифӯн*** Ê
>
> **Ä** *Парвардигори ту рӯзи қиёмат дар он чи ихтилоф мекарданд, миёни онон доварӣ мекунад.*[1]

2- "**Қазо**" ба маънои "*огоҳ кардан*", монанди сухани Худои мутаол дар достони Лут ва огоҳ кардани ӯ аз саранҷоми қаваш, ки мефармояд:

---

[1] Сураи Юнус, ояи 93.

... إِنَّ رَبَّكَ يَقْضِي بَيْنَهُمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ فِيمَا كَانُواْ فِيهِ يَخْتَلِفُونَ {93}

***Ва қазайно илайҳи золикал амра анна добира ҳоулои мақтуъун мусбиҳӣн Ê***

***Ä****Мо Лутро аз ин мавзӯъ огоҳ кардем, ки субҳгоҳон, ҳамаи онон решакан хоҳанд шуд.*[1]

3- "**Қазо**" ба маънои “*воҷиб кардан ва фармон додан*”, монанди:

***Ва қазо раббука алло таъбудӯ илло ийёҳу Ê***

***Ä****Парвардигор ту фармон дода аст, ки ҷуз ӯро напарастед.*[2]

4- "***Қазо***" ба маънои "*урода ва тақдир*" монанди:

***Ва изо қазо амран фаиннамо яқӯлу лаҳу кун фаякӯн Ê***

***Ä****Ва ҳар гоҳ чизеро* ***"урода"*** *кунад, танҳо мегӯяд: мавҷуд бош! Ва мешавад.*[3]

***Ҳувал лазӣ халақакум мин тӣнин сумма қазо аҷалан Ê***

***Ä****Ӯ Худованде аст, ки шуморо аз гил офарид, сипас (барои ҳар як) муддате* ***"муқаддар"*** *фармуд.*[4]

---

[1] Сураи Ҳиҷр, ояи 66.

وَقَضَيْنَا إِلَيْهِ ذَلِكَ الأَمْرَ أَنَّ دَابِرَ هَؤُلاء مَقْطُوعٌ مُّصْبِحِينَ {66}

[2] Сураи Исро, ояи 23.

وَقَضَى رَبُّكَ أَلاَّ تَعْبُدُواْ إِلاَّ إِيَّاهُ ... {23}

[3] Сураи Бақара, ояи 117.

... وَإِذَا قَضَى أَمْراً فَإِنَّمَا يَقُولُ لَهُ كُن فَيَكُونُ {117}

[4] Сураи Анъом, ояи 2.

هُوَ الَّذِي خَلَقَكُم مِّن طِينٍ ثُمَّ قَضَى أَجَلاً ... {2}

Яъне барои зинда будани инсон андоза ва миқдори муайяне қарор дод.

### Б) Бархе маънои вожаи “қадар”

1- "***Қадар***" яъне “*қудрат ёфт, тавони иқдом пайдо кард*”. "***Қодир***" яъне “*тавоно*” ва "***қадӣр***" яъне “*тавонманд*”. Худои мутаол дар сураи Ёсин мефармояд:

***Авалайсал лазӣ халақас самовоти вал арза биқодирин ъало ан яхлуқа мислаҳум*** **Ê**

**Ä** *Оё касе, ки осмонҳо ва Заминро офарид, "қодир" нест монанди онро биёфаринад?*[1]

Дар сураи Бақара низ мефармояд:

***Ва лав шоаллоҳу лазаҳаба бисамъиҳим ва абсориҳим, инналлоҳа ъало кулли шай’ин қадӣр*** **Ê**

**Ä** *Агар Худо бихоҳад, гӯш ва чашми ононро аз байн мебарад, зеро Худованд бар ҳар чиз* "тавонманд" *аст.*[2]

Яъне, Худованд бар анҷоми ҳар коре ба ҳар гуна ки ҳикматаш иқтизо кунад, қудрат дорад.

---

[1] Сураи Ёсин, ояи 81.

أ وَ لَيْسَ الَّذي خَلَقَ السَّماواتِ وَ الْأَرْضَ بِقادِرٍ عَلى أَنْ يَخْلُقَ مِثْلَهُمْ ... {81}

[2] Сураи Бақара, ояи 20.

... وَ لَوْ شاءَ اللَّهُ لَذَهَبَ بِسَمْعِهِمْ وَ أَبْصارِهِمْ إِنَّ اللَّهَ عَلى كُلِّ شَيْءٍ قَديرٌ {20}

2- "**Қадар**", яъне “дар тангно қарор дод”, "**қадарар ризқа ъалайҳи ва яқдир**", яъне “ӯро дар тангнои маъишат қарор дода ва медиҳад”. Худованд дар сураи Сабо мефармояд:

***Қул инна раббӣ ябсутур ризқа лиман яшоу ва яқдир*** **Ê**

**Ä***Бигӯ: Парвардигори ман рӯзиро барои ҳар кас бихоҳад вусъат дода ё "танг" мекунад*.[1]

3- ***"Қадар",*** яъне “*тадбир ва андоза кард*”. "*Қадараллоҳал амра биқадариҳи*"**,** яъне Худованд онро тадбир кард ё хостори вуқӯи он шуд. Чунон ки дар сураи Қамар мефармояд:

***Ва фаҷҷарнал арза ъуюнан фалтақал мо’у ъало амрин қад қудира*** **Ê**

**Ä***Ва заминро шикофтем ва чашмаҳое берун фиристодем***.** *Ва ин ду об* **(***борон ва чашма***)** *"ба андозае***,** *ки тадбир ва хоста шуда буд" бо ҳам даромехтанд***.**[2]

## В) Маънои “қаддара”

1- "***Қаддара***", яъне “*ҳукм кард***,** *фармон дод*”. ***"Қаддараллоҳул амра",*** яъне “*Худованд ҳукм ва фармон*

---

[1] Сураи Сабо, Ояи 36.

قُلْ إِنَّ رَبِّي يَبْسُطُ الرِّزْقَ لِمَنْ يَشاءُ وَ يَقْدِرُ ... {36}

[2] Сураи Қамар, ояи 12.

... وَ فَجَّرْنَا الْأَرْضَ عُيُوناً فَالْتَقَى الْماءُ عَلى أَمْرٍ قَدْ قُدِرَ {12}

*дод***"**, ки кор, ин гуна бошад. Чунон ки дар сураи Намл дар бораи зани Лут мефармояд:

> ***Фаанҷайноҳу ва аҳлаҳу илло имраатаҳу қаддарноҳо минал ғобирӣн*** **Ê**
>
> **Ä***Мо ӯ* ***(****Лут****)*** *ва хонаводаашро наҷот додем***,** *ҷуз занаш***,** *ки фармудем: ӯ аз бозмондагон бошад***.**[1]

Яъне ҳукм ва фармони мо ин буд, ки он зан аз ҳалокшудагон бошад.

2- "**Қаддара**" яъне "мадоро намуд, диранг кард". "**Қаддара фил амр**", яъне "дар анҷоми кор диранг кард ва бо он мадоро намуд". Чунон ки Худои мутаол дар сураи Сабо ба Довуд[(a)] мефармояд:

> ***Аниъмал собиғотин ва қаддир фис сарди*** **Ê**
>
> **Ä***Зиреҳҳои комил ва фарох бисоз ва дар бофтани онҳо бо тааммул ва мадоро амал кун***.**[2]
>
> Яъне дар сохтани зиреҳ аҷала макун балки бо даққат ва замони кофӣ иқдом кун то натиҷаи корат маҳкам ва устувор бошад**.**

## Г) Маънои "қадар"

1- ***"Қадар"*** ба маънои "*камият***,** *миқдор ва андоза*" аст. Чунон ки дар сураи Ҳиҷр мефармояд:

---

[1] Сураи Намл, ояи 57.

فَأَنْجَيْناهُ وَ أَهْلَهُ إِلاَّ امْرَأَتَهُ قَدَّرْناها مِنَ الْغابِرينَ {57}

[2] Сураи Сабо, ояи 11.

أَنِ اعْمَلْ سابِغاتٍ وَ قَدِّرْ فِي السَّرْدِ ... {11}

***Ва ин мин шай'ин илло ъиндано хазоинуҳу ва мо нуназзилуҳу илло биқадарин маълӯм*** Ê

Ä *Ҳар чи ҳаст хазоини он назди мост, ва мо ҷуз ба миқдор ва андозае муайян онро нозил намекунем.*[1]

2- ***"Қадар"*** ба маънои "*замон ва макон*" аст. Чунонки дар сураи Мурсалот мефармояд:

***Алам нахлуққкум мин моин маҳӣн. Фаҷаъалноҳу фӣ қарорин макӣн. Ило қадарин маълӯм*** Ê

Ä *Оё шуморо аз оби пушт наёфаридем? Сипас онро дар қароргоҳи маҳфуз ва омода қарор додем, то "замоне" муайян ва маълум?!*[2]

3- "**Қадар**" ба маънои "ҳукми қатъӣ ва бурро", "**қадаруллоҳ**" аст, яъне "ҳукми нофиз ва қатъӣ ва ҳукми Худо" чунон ки дар сураи Аҳзоб мефармояд:

***Суннаталлоҳи фил лазӣна халав мин қаблу ва кона амруллоҳи қадаран мақдӯро*** Ê

Ä *Ин суннати илоҳӣ дар пешиниён низ ҷорӣ буда аст ва фармони Худо "қатъӣ, нофиз ва шуданӣ" аст.*[3]

---

[1] Сураи Ҳиҷр, ояи 21.

وَ إِنْ مِنْ شَيْءٍ إِلاَّ عِنْدَنا خَزائِنُهُ وَ ما نُنَزِّلُهُ إِلاَّ بِقَدَرٍ مَعْلُوم {21}

[2] Сураи Мурсалот, ояи 20 то 22.

أَ لَمْ نَخْلُقْكُمْ مِنْ ماءٍ مَهِينٍ {20} فَجَعَلْناهُ في قَرارٍ مَكِينٍ {21} إِلى قَدَرٍ مَعْلُومٍ {22}

[3] Сураи Аҳзоб, ояи 38.

... سُنَّةَ اللَّهِ فِي الَّذينَ خَلَوْا مِنْ قَبْلُ وَ كانَ أَمْرُ اللَّهِ قَدَراً مَقْدُوراً {38}

Маллиф гӯяд:

Шояд гуногунии маънои моддаи "*қазо*" ва "*қадар*" ва нисбати он ба Худои мутаол боис шуда аст, то бархе аз мусулмонон ба иштибоҳ афтода ва чунон пиндоранд, ки маънои "*қазо*" ва "*қадар*" дар Қуръон ва ҳадис ин аст, ки инсон дар зиндагии хеш ҳар чиро мекунад, нек ё бад, бар асоси "***қазо ва қадар***" ва сарнавиште аст, ки Худованд, пеш аз офариниши ӯ, барояш муқаррар дошта аст!

Чунон ки дар ривоёти мо вожаи "**қадарӣ**", ба "**ҷабрӣ**" ва "**тафвизӣ**" ҳар ду итлоқ шудааст.

Бино бар чунин итлоқе, вожаи "*қадар*" номи чиз ва зидди он мегардад, монанди вожаи "*қур'*", ки номе аст, барои "ҳайз" ва "покӣ", ҳар ду.

Дар поён аз баёни қавлҳои "қадариҳо" ва посухи он барои парҳез аз тӯлонӣ шудани баҳс дармегузарем ва танҳо ба овардани аҳодисе, ки посухи ин ақволро дар он ёфтаем басанда мекунем то (ба ёрии Худо) илова бар посух, тавзеҳ ва шарҳи мавзӯъ низ бошад.

## *Ривоёте аз имомони Аҳли Байт[а] дар бораи "қазо" ва "қадар"*

*Ривояти нахуст*: Садуқ дар китоби Тавҳид бо санади худ то имом Ҳасан[а] ва Ибни Асокир дар "Таърих"-и худ бо санад то Ибни Аббос овардаанд: (иборат аз Садуқ аст).

Марди ироқӣ бар Амири мӯъминон[(а)] ворид шуд ва гуфт: оё хуруҷи мо бар шомиён ба "қазо ва қадар"-и илоҳӣ аст? Имом ба ӯ фармуд:

> ***Оре ё шайх! Ба Худо савганд аз ҳеҷ баландӣ боло нарафтед ва дар ҳеҷ пастӣ фуруд наёмадед, магар ба "қазо ва қадаре" аз Худованд! Он мард гуфт: умедворам ранҷи ман назди Худо ба ҳисоб ояд!***[1]
>
> *Имом[(а)] ба ӯ фармуд: оҳиста, эй шайх! Шояд пиндоштӣ "қазои ҳатмӣ ва қадари қатъӣ"-ро мегӯям! Агар чунин бошад, ки савобу иқоб, амру наҳй ва пешгирӣ ботил шуда аст ва тарсондану муждадодан бемаъно аст, на маломате бар гуноҳкор баҷост ва на ситоише аз некӯкор равост, балки некӯкор ба маломат сазовортар аз бадкор буда ва гуноҳкор ба некӣ шоистатар аз некрафтор аст!*[2]

Ин гуфтори бутпарастон, душманони Худои раҳмон, "қадаримаслакон" ва маҷусони ин уммат аст! Эй шайх!

---

[1] Яъне, агар хуруҷ ва ҷиҳоди мо ба "қазо ва қадар"-и илоҳӣ аст, ки сазовори подош нестем. Пас умедворам ранҷи ман дар ин роҳ назди Худо ба ҳисоб ояд ва дар қатори аъмоли касоне қарор гирад, ки рӯзи қиёмат мавриди фазлу раҳмати Худо қарор мегирад.

[2]Зеро ҳар ду дар асл мусовӣ ва баробаранд, чун амал ба ирода ва ихтиёри онон набуда, аз тарафе чун некӯкор мавриди ситоиши мардум қарор мегирад ва инро ҳаққи худ медонад, дар ҳоле, ки чунин нест. Ба хотири ҳамин пиндор ӯ ба маломат сазовортар аст аз гуноҳкор, зеро гуноҳкор мавриди маломати мардум аст ва ӯ худро сазовори ин маломат медонад, дар ҳоле ки чунин нест. Пас бояд ба ӯ эҳсон шавад то таҳаммули озор ва маломати мардумро бо он ҷуброн кунад, на ба некӯкор!

Худои азза ва ҷалла бандагонро вазифадор сохт то ба ихтиёри худ амал кунанд ва ононро наҳй кард то худ боз истанд ва бар кори андак подоши бисёр диҳад. Шикастхӯрда нофармонӣ нашуда аст ва нохоста итоат нагардида. "Ӯ осмонҳо ва Замин ва мавҷудоти миёни он дуро бо ботил наёфарида аст, ин гумони касоне аст, ки кофир шудаанд. Пас вой бар касоне, ки кофир шуданд аз азоби оташ!"[1]

Ровӣ гӯяд: он шайх бархост ва суруд:

***Антал имомул лазӣ нарҷӯ битоъатиҳи***

***Явман наҷоти минар раҳмони ғуфронан***

***Авзаҳта мин дӣнино мо кона мултабисан***

***Ҷазока раббука ъанно фӣҳи эҳсонан***

***Фалайса маъзиратун фӣ феъли фоҳишатин***

***Қад кунту рокибуҳо фисқан ва ъисёнан.***

*Ту ҳамон Имоми ҳаққӣ, ки ба юмни тоати ӯ,*

*Ба қиёмат орзуям карами Худот бошад,*

*Ту зи дини мо ба як дам ҳама шубҳаро зудудӣ,*

*Магар аз Худот хоҳам, ки бар ӯ ҷазот бошад,*

*Пас аз ин баёни равшан насазад гуноҳ бар ман,*

*Ки на маъзарат тавонам на маро наҷот бошад.*

*Ривояти дуввум*: ривояти дуввумро аз шашумин имом аз имомони Аҳли Байт(а), имом Абӯабдуллоҳ

---

[1] Иқтибос аст аз ояи 27 сураи Сод.

وَمَا خَلَقْنَا السَّمَاءَ وَالْأَرْضَ وَمَا بَيْنَهُمَا بَاطِلاً ذَلِكَ ظَنُّ الَّذِينَ كَفَرُوا فَوَيْلٌ لِّلَّذِينَ كَفَرُوا مِنَ النَّارِ {27}

Ҷаъфари ибни Муҳаммади Содиқ[(а)] меоварем, ки фармудааст:

***Иннан носа фил қадари ъало салосати авҷуҳин: раҷулун заъама аналлоҳа ъазза ва ҷалла аҷбаран носа ъалал маъосӣ, фаҳозо қад заламаллоҳа фӣ ҳукмиҳи фа ҳува кофирун. Ва раҷулун язъаму аннал амра муфаввазун илайҳим фаҳозо қад авҳаналлоҳа фӣ султониҳи, фаҳува кофирун. Ва раҷулун язъаму анналоҳа каллафал ъибода мо ютӣқӯна ва лам юкаллифҳум мо ло ютӣқӯна ва изо аҳсана ҳамадаллоҳа ва изо асоа астағфараллоҳа фаҳозо муслимун болиғун Ê***

*ÄМардум дар бораи "қадар" бар се роҳ рафтаанд:*

*1- Касе, ки ақида дорад Худои азза ва ҷалла мардумро бар гуноҳон маҷбур кардааст. Ӯ дар бораи фармон (боздоранда)-и илоҳӣ ба Худо ситам карда аст, пас ӯ кофир аст.*

*2- Касе, ки мӯътақид аст ҳамаи корҳо ба мардум вогузор шуда аст. Ӯ Худоро дар қудрат ва салтанати хеш заиф ва нотавон пиндошта аст, пас ӯ низ кофир аст.*

*3- Касе, ки ақида дорад Худованд бандагонро ба он чи метавонад мукаллаф карда ва он чиро дар тавонашон нест аз онон нахоста аст. Ӯ ҳар гоҳ кори неке анҷом диҳад Худоро сипос гӯяд ва агар*

*кори баде аз ӯ сар занад аз Худо омурзиш мехоҳад, ин ҳамон мусулмони (ба ҳақ) расидааст.*[1]

*Ривояти саввум*: Аз ҳаштумин имом аз аимаи Аҳли Байт, имом Ризо[(а)] аст, ки фармуд:

***1-Инналлоҳа ъазза ва ҷалла лам ютаъ биикроҳин, ва лам юъса бигалабатин ва лам юҳмилил ъибода фӣ мулкиҳи, ҳувал молику лимо маллакаҳум вал қодиру ъало мо ақдараҳум ъалайҳи фаини'тамарал ъибоду битоъатиҳи лам якӯниллоҳу минҳо соддан, вало минҳо монеъан, ва ини'тамарӯ бимаъсиятиҳи фашоа ан яҳӯла байнаҳум ва байна золика фаъала ва ин лам яҳул ва фаъалӯҳу, фалайса ҳувал лазӣ адхалаҳум фӣҳи*** Ê

Ä *Худои азза ва ҷалла аз рӯи иҷбор итоат нашуда аст. Аз заъф ва шикаст нофармонӣ нагардида ва бандагонро дар мамлакати хеш беҳуда нагузошата аст. Ӯ бар ҳамаи он чи, ки дар ихтиёрашон ниҳода аст, молик ва бар ҳамаи умуре, ки тавонашон дода аст, тавонманд аст. Агар бандагон дар пайи тоаташ бошанд, Худованд роҳи ононро намебандад ва аз тоат бозашон намедорад. Агар ба дунболи нофармониаш бошанд ва ӯ бихоҳад миёни онон ва гуноҳ фосила шавад, хоҳад кард. Агар монеъ аз гуноҳ нашуд ва онон анҷомаш доданд, ӯ нест, ки ононро дар он роҳ андохтааст.*[2]

---

[1] Тавҳиди Садуқ, саҳ. 360-361.

[2] Тавҳиди Садуқ, саҳ. 361.

Яъне: инсоне, ки Худоро пайравӣ мекунад маҷбур бар ин пайравӣ нест ва инсоне, ки Худоро нофармонӣ мекунад бар ирода ва хости Худо пирӯз нашуда аст балки ин худи Худост, ки мехоҳад банда дар кораш мухтор ва озод бошад.

2-Ва фармуда аст: Худои мутаол мефармояд:

***Ябна Одама бимашиатӣ кунта антал лазӣ ташоу линафсика мо ташоу, ва биқувввати аддайта илайя фароизӣ, ва биниъмати қавайта ъало маъсиятӣ, ҷаъалтука самӣъан басӣран қавӣян, мо асобака мин ҳасанатин фаминаллоҳ ва мо асобака мин саййиатин фамин нафсика*** Ê

Ä *Эй фарзанди Одам! Бо хости ман аст, ки ту қудрати интихоб карданро дорӣ ва ҳарчиро бихоҳӣ барои худ ихтиёр мекунӣ ва бо нерӯи ман аст, ки воҷиботамро ба ҷо меоварӣ ва бо неъматҳои ман аст, ки бар нофармониам тавонманд шудаӣ. Ман туро шунаво, бино ва тавоно сохтам. (Пас инро бидон) "Ҳар чӣ аз некӯӣ ба ту мерасад аз Худост ва ҳар чӣ аз бадӣ ба ту расид аз худат мебошад."*[1]

Дар ривояти дигаре омада аст:

---

[1] Тавҳиди Садуқ, саҳ. 327, 340, 344, 362 ва "Кофӣ", ҷ. 1, саҳ. 160 ва низ сураи Нисо, ояи 79.

مَّا أَصَابَكَ مِنْ حَسَنَةٍ فَمِنَ اللّهِ وَمَا أَصَابَكَ مِن سَيِّئَةٍ فَمِن نَّفْسِكَ ... {79}

***Ъамилта билмаъосия биқувватил латӣ ҷаъалтуҳо фӣка Ê***

*Ä Бо нерӯе, ки дар ту ниҳода будам ба гуноҳон иқдом кардӣ!*[1]

Аз имом Содиқ(а) ривоят аст, ки фармуда аст:

***1-Ло ҷабра ва ло тафвӣза ва локин амрун байна амрайни, қола қулту: ва мо амрун байна амрайн? Қола(а) масалу золика раҷулун раайтаҳу ъало маъсиятин фанаҳайтаҳу фалам янтаҳи фатарактаҳу фафаъала тилкал маъсията фалайса ҳайсу лам яқбал минка фатарактаҳу кунта антал лазӣ амартаҳу бил маъсияти Ê***

*Ä На ҷабр аст ва на тафвиз, балки чизе миёни ин ду мебошад. Ровӣ гӯяд: гуфтам: чизе миёни ин ду, яъне чӣ? Фармуд: мисоли он мисоли касе аст, ки дар ҳоли гуноҳ аст ва ту ӯро наҳй мекунӣ ва ӯ намепазирад, пас аз он раҳояш мекунӣ ва ӯ он гуноҳро анҷом медиҳад. Пас чунон нест, ки чун аз ту напазируфт ва ту ба ҳоли худ раҳояш кардӣ, ин ту будаӣ, ки ба гуноҳ фармонаш додӣ!*[2]

***2-Мастатаъта ан талӯмал ъабда ъалайҳи, фаҳува минҳу ва мо лам тастатиъ ан талӯмал ъабда ъалайҳи фаҳува мин феълиллоҳи, яқӯллуллоҳу лил ъабди: лима ъасайта, лима фасақта? Лима шарибтал хамр? Лима занайта? Фаҳозо феълул ъабди ва***

---

[1] Тавҳиди Садуқ, саҳ. 362.

[2] "Кофӣ", ҷ. 1, саҳ. 160 ва Тавҳиди Садуқ, саҳ. 362.

***ло яқӯлу лаҳу лима маризта? Лима қасурта? Лимабязазта? Лимасвададта? Лианнаҳу мин феълиллоҳи таъоло Ê***

***Ä** Ҳар кореро, ки битавонӣ бандаро бар он сарзаниш кунӣ, аз они ӯст ва ҳарчиро, ки натавонӣ бандаро бар он сарзаниш намоӣ, аз они Худост. Худованд ба бандааш мефармояд: чаро саркашӣ кардӣ! Чаро нофармонӣ намудӣ! Чаро шароб хӯрдӣ? Чаро зино кардӣ? Зеро, инҳо кори банда аст, Худованд аз бандааш намепурсад: чаро бемор шудӣ? Чаро қадат кӯтоҳ аст? Чаро сафедрангӣ? Чаро сиёҳрӯӣ? Чун инҳо кори Худованд аст.*[1]

## Шарҳи ривоёт

"*Ҷабр*" ва "*тафвиз*" ду тараф дорад:

1-Тарафе, ки ба Худо ва сифоти Худо бармегардад.

2-Тарафе, ки ба инсон ва сифоти ӯ марбут мешавад.

Он чи аз "*ҷабр* ва *тафвиз*" ба Худо ва сифоти Худо марбут аст сазовори он аст, ки онро аз Худо ва анбиёи Худо ва авсиёи эшон бигирем. Аммо он чи ба инсон ва сифот ва афъоли ӯ марбут мешавад, ҳамин миқдор, ки мегӯем: ман ин корро мекунам ва ман он корро намекунам, басанда аст то бидонем, ки ҳарчи мекунем ба ихтиёри хеш аст. Дар баҳсҳои гузашта низ донистем, ки сайри зиндагии инсон бо сайри зарра, атом, сайёрот, каҳкашонҳо ва дигар пойбандони ба фармони Худо, дар ҳаракатҳо ва натиҷаҳо, яксон нест. Ин аз як тараф, аз тарафи дигар, Худованд инсонро ба ҳоли худ

[1] Биҳоруланвор, ҷ. 5, саҳ. 59, ҳадиси 109.

раҳо накарда аст ва ӯро ба худ вогузор нанамуда аст то ҳар чиро бихоҳад, ҳамон гуна ки дӯст дорад ва ҳавои нафси ӯ фармонаш медиҳад, ҳамонро анҷом диҳад, балки Худованд ба василаи анбиёи худ ӯро роҳнамоӣ карда аст. Ҳам роҳи имони қалбӣ ба ҳаққро ба ӯ нишон дода аст ва ҳам равиши амали шоистаи судманди ҷисмониро ба ӯ намуда аст ва ҳам аз аъмоли зиёновар ӯро огоҳ сохта аст. Ӯ агар аз ҳидояти Худо пайравӣ кунад ва як қадам дар сироти мустақими илоҳӣ ба пеш равад, Худованд дасташро гирифта ва даҳ қадам ӯро пештар мебарад, сипас ба хотири осори амалаш дар дунё ва охират ҳафтсад баробар подошаш медиҳад. Худованд ба муқтазои ҳукумат ва суннати хеш барои ҳар кас бихоҳад, он подошро меафзояд.

Мо дар гузашта мисол задем ва гуфтем: Худованд ин дунёро монанди меҳмонсарое аз навъи "худхизматрасонӣ" барои мӯъмин ва кофир, ҳар ду омода карда аст. Чунонки дар сураи Исро мефармояд:

> ***Куллан нумидду ҳоулои ва ҳоулои мин ъатои раббика ва мо кона ъатоу раббика маҳзӯро Ê***
>
> ***Ä***\ *Ҳар ду гурӯҳ инон ва ононро, аз атои Парвардигорат афзун медиҳем, зеро атои Парвардигорат ҳаргиз аз касе дарег нашуда аст.*[1]

Ба ростӣ агар имдоди илоҳӣ набуд ва бандагони Худо тавони ҷисмӣ ва фикрии хеш ва имконоти омода ва мусаххар ба ин оламро аз Худои субҳон надоштанд, на мӯъмине роҳ ёфта метавонист амали солеҳ ва шоиста

---

[1] Сураи Исро, ояи 20.

كُلاًّ نُمِدُّ هؤُلاءِ وَ هَؤُلاءِ مِنْ عَطاءِ رَبِّ وَ ما كانَ عَطاءُ رَبِّ مَحْظُوراً {20}

анҷом диҳад ва на кофири гумроҳ тавони иқдоми зиёнбори фосидро дошт. Ростӣ агар Худованд як лаҳза атои худро аз инсон нигаҳ дорад, ҳатто агар ҷузъи хурде аз онро монанди бинои, саломат, ақл ва андеша ва ҳоказоро халалдор кунад, инсон чӣ метавонад кунад? Бино бар ин, инсон ҳарчи мекунад ба ихтиёри худ ва ба воситаи чизҳое аст, ки Худованд ба ӯ бахшида аст. Пас, инсон дар интихоб озод ва дар касб намудан ҷавобгар аст.

Оре, инсон дар ин олам худкори маҳз нест, чунонки маҷбур ҳам нест. На ҳама кори ин олам ба ӯ вогузор шуда ва на бар коре, ки интихоб мекунад маҷбур аст, балки амре аст миёни ду амр (амрун байнал амрайн) ва ин ҳамон машияти Худо ва суннату қонуни ӯ дар бораи афъоли бандагонаш аст. ***"Ва лан таҷида лисуннатиллоҳи табдӣло"*** ва ҳаргиз дар суннати илоҳӣ тағир ва табдиле наёбӣ!

## Чанд пурсиш ва посух

Дар ин бахш пурсишҳои чаҳоргонаи зер меояд:

1-Чӣ гуна инсон дар он чи мекунад мухтор аст, бо он ки Шайтон дар ҳоле ки дида намешавад бар инсон чирагӣ дорад, ба иғвои одамӣ пардохта, дар қалби ӯ васваса мекунад ва вайро ба кори бад фаро мехонад?

2-Инсон дар муҳити фосид низ чунин аст. Ӯ, ки ҷуз фасод ва шарр чизе намебинад, чӣ гуна ба ихтиёри худ амал мекунад?

3-Инсоне, ки даъвати паёмбарон ба ӯ нарасида ва дар нуқоти дурдаст зиндагӣ мекунад, чӣ бояд кунад?

4-Гуноҳи "зинозода" чист? Чаро ӯ ба хотири рафтори дигарон дӯстдори шар мешавад ва корҳои бад анҷом медиҳад?

***Посухи пурсиши аввал ва дуввум***

Посухи ин ду пурсишро дар он чи, ки дар баҳси Мисоқ, дар ибтидои китоб овардем, биҷӯед.[1]

Дар он ҷо гуфтем, ки Худои мутаол ҳуҷҷатро бар инсон тамом карда, бо амонат ниҳодани ғаризаи баҳс ва ковиш аз сабаби падидаҳо, ки ӯро ба сабабсозии аслӣ мерасонад, роҳи узри ӯро бастааст. Барои ҳамин аст, ки дар сураи Аъроф, ояти 172 дар бораи мисоқи илоҳӣ фармудааст:

> ***Ан тақӯлу явмал қиёмати инно кунно ъан ҳозо ғофилӣн*** **Ê**
>
> **Ä** *То рӯзи қиёмат нагӯед мо аз ин* **(***паймон***)** *ноогоҳ будем***.**

Инсон ҳамон гуна, ки ба ҳар ҳоле аз ғаризаи гуруснагӣ ғофил намешавад то даруни худро аз таом сер кунад, ҳамчунин аз ғаризаи маърифатхоҳӣ низ ғофил намегардад то сабабсози ҳақиқиро бишносад.

***Посухи пурсиши саввум***

Дар посух ба ин пурсиш мегӯем: Худои субҳон дар сураи Бақара, ояти 286 фармуд:

***"Ло юкаллифуллоҳу нафсан илло вусъаҳо"*** **Ê**

---

[1] Ҳамин китоб, ҷилди аввал, саҳ. 38 ба баъд.

*Ӓ Худованд ҳеҷ касро ҷуз ба миқдори тавонаш вазифадор намекунад.*

### *Посух ва пурсиши чаҳорум*

"Зинозода" низ, маҷбур бар анҷоми кори шар нест. Он чӣ, ки ҳаст ин аст, ки ҳолати рӯҳии мард ва зани бадкор дар ҳоли анҷоми амал ба гунае аст, ки чун худро нисбат ба қавонини ҷомеа хоин мебинанд ва медонанд, ки ҷомеа кори ононро олуда, нопок ва касиф медонад ва агар ба рафторашон огоҳ шавад ва ононро дар ҳоли анҷом додани ин пастӣ бибинад, бо онон душманӣ карда ва безорӣ меҷӯянд. Ин ҳолати рӯҳӣ ва хаёлоти дарунӣ бар нутфа асар мегузорад ва аз роҳи ирсият ба навзод интиқол меёбад ва ӯро дӯстдори бадиҳо ва душмани некиҳо мекунад ва бо некон ва хубони ҷомеа ба ситезиш тела медиҳад. Намунаи равшани ин сират "Зиёд ибни Абиҳ" ва фарзандаш "Ибни Зиёд" буданд, ки дар даврони ҳукуматашон дар Ироқ ҳамаи он чиро, ки набояд мекарданд, анҷом доданд. Ба хусус Ибни Зиёд, ки ба дастури ӯ пас аз шаҳодати имом Ҳусайн[а] ҷисми шарифи он ҳазрат ва ёрони покашро пора-пора карданд ва сарҳои эшонро дар шаҳрҳо гардонданд ва хонадони Расулуллоҳро асирона ба Кӯфа ва Шом равона карданд ва дигар корҳое, ки ба дастури ӯ анҷом шуд. Ин дар ҳоле буд, ки баъд аз шаҳодати имом Ҳусайн[а] ҳеҷ фарди дигаре намонда буд то дар баробари ҳукумати онон муқовимат намояд ва ҳеҷ гуна баҳонае барои ин гуна корҳои ӯ вуҷуд надошт, ҷуз ин ки ӯ дӯстдори шар буд ва мехост шавкат ва азамати шарифтарин хонаводаи

араб ва исломро бишканад ва ононро беэътибор намояд. Оре, ӯ зотан дӯстдори бадиҳо ва душмани некиҳо буд ва бо каримон ва шарифони ҷомеа сарситезӣ дошт.[1]

Бино бар ин (дуруст аст ва мепазирем, ки), шардӯстӣ, некситезӣ, озори некон ва покони ҷомеа дар зинозода (бар хилофи ҳалолзода) (тақрибан) зотии ӯ шуда аст. Вале бо вуҷуди ҳамаи инҳо, ҳеҷ як аз он ду бар корҳои хайр ва шарре, ки мекунанд ё намекунанд маҷбур нестанд. Мисоли он ду, мисоли ҷавони рашиду тануманд ва пирамарди нотавони хамида аст: аввалӣ ғарқ дар шаҳвати ҷисмонӣ ва дӯстдорӣ вусул ва хоҳиши нафсонӣ буда ва дуввумӣ надоштани нерӯи ҷавонӣ ва тарки шаҳвати ҷисмонӣ аст! Равшан аст, ки дар чунин ҳоле, ки пирамарди хамида наметавонад "зино" кунад, ҷавони расида дар авҷи тавони ҷисмӣ аст. Ин ҷавон маҷбур бар зино кардан нест то агар чунин гуноҳ зиштеро анҷом дод маъзур бошад, балки агар заминаи зино барояш фароҳам шуд ва ӯ

***"Хофа мақома раббиҳӣ" Ê***

***Ä** аз мақоми Парвардигораш тарсид,*

***"Ва наҳан нафса ъанил ҳаво" Ê***

***Ä** ва нафси хешро аз хостаи беҷояш нигаҳ дошт,*

***" Фаиннал ҷанната ҳиял ма'во" Ê***

***Ä** яқинан ҷойгоҳи ӯ биҳишт аст.*[2]

---

[1] Барои маълумоти бештар ба ҷилди аввали китоби "Абдулло ибни Сабо" ва баҳси шаҳодати Имом Ҳусайн[(а)] дар ҷилди сеюми "Маолимулмадрасатайн" мурочиат шавад.

[2] Иқтибос аз ояи 40 сураи Нозиот: "Ва аммо ман хофа...".

Ҳамин тавр ҳар як аз гӯшаҳои зиндагии инсонро, ки баррасӣ карда ва дар он биандешем, ӯро дар корҳои худ соҳибихтиёр меёбем, магар он чи аз рӯи ғафлат ва надоштани огоҳӣ бошад, ки он ҳам осори ухравӣ надорад.

**ø ø ø**

То ин ҷо асоси баҳсҳо бар баёни "Ақоиди Ислом" дар оёти Қуръони карим буд. Дар баҳсҳои оянда - ба изни Худои мутаол - ба баррасии "Сираи мубаллиғони илоҳӣ" дар Қуръони карим мепардозем ва ҳар чӣ аз "Таврот, Инҷил ва китобҳои сира", дар шарҳ ва баёни оёти каримаи Қуръон судманд ёфтем, меоварем.

***Валҳамду лиллоҳи раббил оламин.***

## *Пайвасти шумораи 1*

## Роҳҳои баҳс ва баррасӣ дар ақоиди исломӣ ва бартарии роҳи Аҳли Байт алайҳимуссалом[1]

"Ақоиди исломӣ" ҳамеша вориди баҳс ва баррасии мусулмонон ва пажуҳишгарони ислом буда ва ҳаст. Бо он ки ҳамаи мусулмонон бар ин ки марҷаъ ва сарчашмаи асосии ақоиди ислом Қуръон ва Ҳадис аст, иттифоқи назар доранд, бо ин ҳол, дар тӯли солиён ва қарнҳои гузашта - бино бар далелҳо ва ангезаҳои мухталиф[2] - дидгоҳҳо ва орои мутафовите дар бораи "Ақоиди ислом" падидор гашта аст, ки ба бархе аз сабабҳои он ишора мекунем:

1- Ихтилоф дар роҳу равиши баҳс ва баррасию истинбот.

---

[1] Тарҷумаи мақолаи Шайх Аббосалии Боротӣ дар маҷаллаи "Рисолатуссақалайн", нашрияи Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт[(а)], Теҳрон, шумораи даҳум, соли сеюм, 1415 ҳиҷрии қамарӣ (1994 мелодӣ).

[2] Доктор Аҳмад Маҳмуд Субҳӣ дар муқаддимаи китоби: «Фӣ ъилмил калом", ҷ. 1, саҳ. 46, чопи панҷум, Бейрут, 1405 ҳ.қ., 1985 мелодӣ.

2- Нуфуз ва рахнаи "аҳбор ва руҳбон"-и уламои яҳуд ва насоро дар сафҳои мусулмонон ва омехтани ривоётии исломӣ бо "исроилиёт" ва достонҳои сохтагӣ.

3- Бидъатҳо ва таъвилу тафсирҳои нодуруст аз матнҳои исломӣ.

4- Даргириҳои қабилаӣ ва тамоюлоти сиёсӣ.

5- Ҷаҳлу нодонӣ ва беэътиноӣ ба матнҳои исломӣ.

Мо дар ин мақола ба баррасии сабаби аввал (ихтилоф дар роҳҳо ва равишҳо) пардохта ва роҳҳо ва равишҳои мавҷуд дар баррасии "Ақоиди исломӣ"-ро бо роҳу равиши Аҳли Байт[а] муқоиса намуда, пеши рӯи хонандагон қарор медиҳем ва бартарии роҳи ахирро равшан ва баён медорем.

## Ихтилофоти ақидатӣ, реша ва торихи он

Ихтилофоти фикрӣ ва ақидатии мусулмонон аз ҳамон даврони Паёмбари Акрам[с] намудор шуд. Вале ин ихтилоф ба андозае набуд, ки ба пайдоиши мазоҳиби каломӣ ва макотиби фикрӣ бианҷомад. Зеро, Расули Худо[с] худ шахсан ба дармони он пардохта ва маҷоли густариш ба он намедоданд. Ба вижа, ки рӯҳи садоқат, бародарӣ ва муҳаббат ба шакле бар ҷомеаи исломии он рӯз ҳоким буд, ки дар таърих нотакрор ё камназир аст.

Барои намуна, мавзӯи "қадар" ва сарнавишти инсонҳо буд, ки зеҳну фикри саҳоба ва ёрони паёмбарро ба худ машғул дошта, ононро ба баҳс ва гуфтугӯ дар атрофи он вомедошт то он ҷо, ки дар

ниҳоят ба худнамоӣ ва ҷидол кашида шуд ва садои даргирии онон ба гӯши Паёмбари Акрам(с) расид ва он ҳазрат - чунон ки дар китобҳои ҳадис омада аст - ба ин шакл ононро аз идомаи он барҳазар дошт:

Аҳмад ибни Ҳанбал, аз Умар ибни Шуайб ва ӯ аз падараш, ва падараш аз ҷаддаш ривоят карда аст, ки гуфт: Расули Худо(с) рӯзе аз манзил берун омад ва мардумро дар ҳоли гуфтугӯ дар бораи "қадар" дид. Ровӣ гӯяд: ранги чеҳраи Паёмбар(с) аз шиддати хашм ба гунае сурх шуд, ки гӯё донаи анор бар рухи муборакашон пошида бошанд! (Паёмбар) Фармуд: "Шуморо чӣ шуда аст, ба (ҷарҳ, таъдил, таҷзия ва таҳлил)-и китоби Худо пардохта ва бахше аз онро бо бахши дигар муқоиса (ва нафйу исбот) мекунед? Пешиниёни шумо ба хотири ин корҳо нобуд шудаанд!"[1]

Қуръони карим ва суннати Паёмбар(с) усули ақоиди исломӣ ва мабонии ососии онро (ба наҳви куллӣ) барои уммати исломӣ баён доштаанд; бархе пурсишҳои баъдӣ аз он рӯ матраҳ шуд, ки (дар зоҳир) посухи равшане дар Қуръон ва суннат барои онҳо набуд ва мусулмонон ниёзманди истинбот ва иҷтиҳод шуданд ва ин масъулият бар дӯши фуқаҳо ва муҷтаҳидон дар ақоид ва аҳком қарор гирифт. Ба ин хотир, саҳобаи Паёмбар(с) низ, гоҳе дар масъалаҳои эътиқодӣ бо якдигар ихтилоф доштанд; агарчӣ ихтилофашон дар замони ҳаёти Паёмбар(с) бо ихтилофи онон дар давраҳои баъдӣ натоиҷ ва осори

---

[1] Муснади Аҳмад, ҷ. 3, саҳ. 178-196.

мутафовите дошт. Зеро паёмбар(с) дар ҳаёти худ шахсан дар байни онон доварӣ мефармуд ва бо раҳнамудҳои худ решаи ихтилофро мехушконид.[1] Аммо пас аз реҳлати Паёмбар(с) мардум маҷбур шуданд ба иҷтиҳоди яке аз саҳоба ё гурӯҳе аз онон (ки баргузидаи хулафо ва ҳокимон буданд) рӯй оваранд ва аз онон доварӣ бихоҳанд, дар ҳоле ки саҳобаи дигар дидгоҳҳо ва орои худро ҳифз мекарданд. (Ва ин худ бар ихтилоф меафзуд). Намунаи равшани он ихтилоф дар мавридҳои зер аст:

***1-*** *Ихтилоф дар бораи хилофат ё имомати уммат пас аз вафоти Паёмбари Акрам(с)*[2]

***2-*** *Куштани касоне****,*** *ки закот намедоданд ва ин ки оё надодани закот боиси муртаддӣ ва берун шудан аз дин мешавад ё на****?***

Ба ин шакл, ҳар ихтилоф сарчашмаи пайдоиши дидгоҳҳо, гурӯҳҳо, мактабҳои каломӣ ва эътиқодии хосе гардид, ки ҳар як низ ба таври табиӣ бо равише, ки дар истидлол ва истинбот баргузида буданд, ба ҷамъоварии оро ва ақоиди хеш пардохтанд. Муҳимтарини ин мактабҳо - Бино бар таҳқиқи мо - мактабҳои зер аст:

---

[1] Сираи Ибни Ҳишом, ҷ. 1, саҳ. 341-342 ва доктор Муҳаммад Ҳамидуллоҳ "Маҷмуъатул васоиқус сиёса", ҷ. 1, саҳ. 7.

[2] Ашъарӣ: "Мақолотул исломийин ва ихтилофул мусаллин", ҷ. 1, саҳ. 34 ва 39: Ибни Ҷазм "Алфаслу фил милали вал аҳвои ван ниҳал", ҷ. 2, саҳ. 111.

- *Мактаби нақлии маҳз.*
- *Мактаби ақлии маҳз.*
- *Мактаби завқӣ ва ишроқӣ.*
- *Мактаби ҳиссӣ ва таҷрибӣ.*
- *Мактаби фитрӣ.*

### *А) Мактаби нақлии маҳз*

Аҳмад ибни Ҳанбал имоми мазҳаби ҳанбалиҳо (мутаваффои соли 241-и ҳиҷрӣ) дар асри худ пешво ва пешравтарин шахсияти ин мактаб ба шумор мерафт. Ин мактаб ба монанди Мактаби аҳли ҳадис (ахбориёни омма) аст. Онон, ки коре ҷуз посдорӣ аз ривоёт ва нақли он надоштанд ва бо тадаббуру андеша дар умқи муҳтаво ва ҷудосозии сара аз носара бегонаанд. Ин хел ҷиҳатгириро дар давраҳои ахир "Салафия" номанд ва ҳанбалимазҳабони аҳли суннат дар фиқҳ, аз ин равиш пайравӣ мекунанд. Онон раъй ва назар дар масоили диниро ҳаром, пурсиш "аз сабаб ва иллат"-ро бидъат ва канду ков ва истидлолро бидъатгароӣ ва ақабнишинӣ дар боробари ҳавопарастон медонанд. Ин гурӯҳ ҳамаи тавони хешро вақфи дарс ва баҳси беандешаи суннат карда ва онро "пайравӣ карданд" ва ғайри онро "бидъатгароӣ" меноманд.

Болотарин ва бартарин талоши онон ин аст, ки аҳодиси ворид дар масоили эътиқодиро ҷамъоварӣ ва дастабандӣ намуда, ба шарҳи алфоз ва вожаҳо ва асноди он бипардозанд; чунон ки имом Бухорӣ, Аҳмад

ибни Ҳанбал, Ибни Хузайма, Байҳақӣ ва Ибни Батта кардаанд. Инҳо корашон ба он ҷо расид, ки илми калом ва дидгоҳи ақлӣ дар масоили ақидатиро ҳаром шумурдаанд. Бархе аз онон дар ин бора рисолаи вижае низ, тадвин кардаанд, монанди Ибни Қудома дар навиштае ба номи: "Рисолату таҳримин назар фӣ ъилмил калом".

Аҳмад ибни Ҳанбал гуфтааст: "Аҳли калом ҳаргиз растагор намешаванд. Мумкин нест касеро дар пайи калом ва дидгоҳи каломӣ бибинӣ, магар он ки дар дили ӯ макру ҳела бошад." Ӯ бадгӯӣ аз мутакаллимонро ба он ҷо расонид, ки аз Ҳориси Муҳосибии "зоҳид ва тақводор" низ, дурӣ гузид, зеро ки ӯ китобе дар радди бидъатгароён тасниф карда буд. Аҳмад ба ӯ гуфт: "Вой бар ту! Оё ту нахуст бидъатҳои ононро бозгӯ намекунӣ, то пас аз он ба радди онҳо бипардозӣ? Оё бо ин навиштаат мардумро ба мутолиаи бидъатҳо ва андеша дар шубаҳот водор намекунӣ? Ин худ, ононро ба раъй ва назар ва кандуков фаро мехонад". Аҳмад ҳамчунин гуфт: "Уламои калом зиндиқ ва харобкоранд". Заъфаронӣ гӯяд: Шофеӣ гуфтааст: "Ҳукми ман дар бораи аҳли калом ин аст, ки бояд ононро бо хӯшаи хурмо зад ва дар миёни қабилаҳо ва ашоир бигардонанд ва бигӯянд: ин кайфари касе аст, ки китоб ва суннатро раҳо карда ва ба калом гаравида аст!"

Ҳамаи салафиҳои Аҳли ҳадис ( ахбориёни омма) дар ин бора иттифоқи назар дошта, шиддати амали онон дар муқобила бо мутакаллимон беш аз он аст, ки нақл

кардаанд. Инон мегӯянд: "Саҳобаи Паёмбар(с)–бо он ки ба ҳақоиқ донотар ва дар гуфтор расотар аз дигарон будаанд - аз сухан гуфтан дар бораи ақоид худдорӣ накарданд, магар ба он хотир, ки медонистанд аз калом шар мезояд ва ба ин сабаб аст, ки Паёмбар(с) фармуд:

> ***"Ҳалакал мутаъаммиқӯн, ҳалакал мутаъаммиқӯн, ҳалакал мутаъаммиқӯн" Ê***
>
> ***Ä** Кунҷковон ҳалок шуданд, кунҷковон ҳалок шуданд, кунҷковон ҳалок шуданд"*.

Яъне ғаврkунандагони дар умқ ва решаи масоили (динӣ) ҳалок мегарданд!

Ин гурӯҳ (Ахбориёни омма) дар ақида ба роҳи таҷсим ва ташбеҳ рафта ва ба "қадар" ва сарнавишти тағирнопазир ва беирода будани инсон мӯътақид шудаанд.[1]

Онон тақлид дар ақоидро раво диниста ва раъй ва назар дар онро (чунон ки гузашт) ҳаром медонанд.

Доктор Аҳмад Маҳмуди Субҳӣ гӯяд:

"Бо вуҷуди он ки тақлид дар ақоид (бар хилофи назари Убайдуллоҳ ибни Ҳасани Анбарӣ, ҳашвия ва таълимия)[2]- на мумкин аст ва на ҷоиз, ҳамон гуна, ки раъйи Фахри Розӣ дар Муҳассал[3] аст ва раъйи ҷумҳур бар он аст, ки тақлид дар ақоид ҷоиз нест. Устод Абу Исҳоқ дар "Шарҳуттартиб" онро ба иҷмои аҳли ҳақ ва ғайри он нисбат дода аст ва Имомулҳарамайн дар

---

[1] Собунӣ, Абӯусмон Исмоил “Рисолату ъақидатус салаф ва асҳобил ҳадис”, “Фир расоилил мунира).

[2] Омирӣ, “Алаҳком фӣ усулил аҳком”, ҷ. 4, саҳ. 300.

[3] Шавконӣ, “Иршодулфуҳул”, саҳ. 266-267.

китоби "Ашшомил" гуфтааст: ҳеҷ кас ҷуз ҳанбалиҳо дар ақоид қоил ба тақлид нест; бо ин вуҷуд, имом Шавконӣ, мукаллаф донистани мардум ба вуҷуби андеша ва назар дар ақоидро, ***"таклифи бимо ло ютоқ",-*** *вазифаи беш аз ҳадди тавон* дониста аст**.**

Ӯ пас аз овардани қавлҳо ва дидгоҳҳои пешвоён (дар бораи вуҷуби андеша дар ақоид) мегӯянд: "Паноҳ бар Худо! Чӣ аҷиб ва шигифтовар аст ин суханон!... Ба ростӣ, ки ин ҷинояти калонест бар оммаи мардум ва ин уммати раҳматшуда, таклифе аст бар чизе, ки дар тавон надоранд ва таҳаммулашро наоранд. (Магар на он аст, ки) Ҳамон имони ҳамлӣ ва тақлидии саҳобае, ки ба дараҷаи назар ва иҷтиҳод нарасида, ба он ҳам наздик нашуданд, ононро кифоят кард?!..."

Ӯ додани назар дар ин бораро бар бисёре аз мардум ҳаром ва аз гумроҳию нодонӣ шумурдааст.[1]

Аз ин рӯ, илми мантиқ низ назди эшон ҳаром аст ва аз равишҳои расидан ба шинохт ва маърифати башарӣ ба ҳисоб намеояд. Бо он ки илми мантиқ аз машҳууртарин миқёсҳо ва қадимтарини онҳост. Ин илме аст, ки Арасту дар китобе ба номи "Арғанун" тадвин карда ва номи онро “Илми санҷиш ва мизон” ниҳодааст.

Илми мантиқ аз дидгоҳи соҳибони ин равиш ба танҳоӣ барои нигаҳдории зеҳн аз хато ва иштибоҳ дар фикр кофӣ нест. Онон мегӯянд: "Бисёре аз

---

[1] Имом Ҷувайнӣ, “Ал иршод ило қавотиъил адилла”, саҳ. 25; Ғазолӣ “Алҷомул ъавом ъан ъилмил калом”, саҳ. 66-67; доктор Аҳмад Маҳмуд Субҳӣ, “Фӣ ъилмил калом”, муқаддимаи ҷилди аввал.

андешамандони ислом монанди: Кендӣ, Форобӣ, Ибни Сино, имом Ғазолӣ, Ибни Моҷа, Ибни Туфайл ва Ибни Рашид дар мантиқ ба бартарӣ расиданд, вале дар афкор, оро ва дидгоҳҳо бо якдигар ихтилофоти амиқ ва бунёдин пайдо карданд. Пас, мантиқ мизони санҷиши ҳақ ва ботил нест".

Албатта ҷиҳатгирии ин гурӯҳ дар давраҳои ахир, дар баробари илми мантиқ ва калом, бисёр нармтар гардида аст. Масалан Ибни Таймияро дар мавзеъгириаш муқобили илми калом ошуфта мебинем. Ӯ илми каломро ба куллӣ ҳаром намешуморад, балки агар зарурат тақозо кунад ва калом мустанад ба далелҳои ақлӣ ва шаръӣ буда ва василаи марзбандӣ ва ҷудосозии шубҳаҳои мулҳидон, зиндиқон ва харобкорон бошад, онро ҷоиз медонад.[1]

Ӯ дар айни ҳол, мантиқро ҳаром ва дар радди он рисолае ба номи "Рисолатур радд ъалал мантиқиййин" менависад. Пайравонаш мегӯянд: "Декорти франсавӣ (1650-1595) барои ташхиси хато ва дуруст, ба ҷои мантиқи Аристотолис, миқёс ва мизони наве ихтироъ кард ва таъкид намуд: "Агар инсон дар тафаккури хеш миқёси ихтирои ӯро қадам ба қадам пайравӣ кунад, роҳе ҷуз расидан ба дурустӣ надорад ва натиҷаи бакоргирии равиши декортӣ яқиновар аст". Вале чунин нашуд ва умедҳои бархоста аз равиши Декорт дар давраҳои муосир, ба сарнавишти омоли мавриди назар дар мантиқи Арасту дучор омад ва масъалаҳои

[1] Ибни Таймия, "Маҷмуъул фатово", ҷ. 3, саҳ. 306-307.

мавриди баҳс (аз пеш аз милоди Масеҳ то ба ҳол) ҳамчунон ки буд боқӣ монд.[1]

Ин ҳамон чизе аст, ки бисёре аз андешамандони мусулмони пешин, аз ҷумла имом Ғазолиро (505-450-и ҳиҷрӣ) ба сӯи тарк ва радди равиши ақлӣ бурд. Ғазолӣ дар китоби худ "Таҳофатулфалосифа" бо далоили ақлӣ назарияҳои файласуфонро рад ва ботил мекунад. Диққат дар ин китоби Ғазолӣ гувоҳи он аст, ки: он ақле, ки мабно ва асоси далелҳо аст, ҳамон ақле аст, ки онҳоро барбод медиҳад!

Ғазолӣ исбот мекунад, ки аз ақли инсонӣ дар олами илоҳиёт ва ахлоқ, ҷуз занн ва гумони дур аз яқин чизи дигаре таровиш намекунад.

Файласуфи исломӣ Ибни Рушди Андалусӣ (вафоти 595-ҳиҷрӣ) низ дар китоби худ "Таҳофатуттаҳофа" оро ва назари Ғазолиро рад кардааст. Ибни Рушд касе аст, ки исбот мекунад байни ақли сареҳ бо нақли саҳеҳ ҳеҷ гуна зиддияте нест. Ва ин аз китоби ӯ: "Фаслул мақол байнал ҳикмати ваш шариъати минал иттисол" равшан мегардад. Ва шигифт он ки ӯ дар ин мавзеъгирӣ бо "Ибни Таймия" дар китобаш: "Мувофиқати ақли сареҳ бо нақли саҳеҳ" ба як натиҷа мерасад.

Ҳоло, чӣ гуна метавон миёни ин ду мавзеъгирии Ибни Таймия (зиддияташ бо равишҳои ақлӣ ва мувофиқаташ бо ҳукми ақли сареҳ)-ро ҷамъ кард, намедонем?!

---

[1] Доктор Абдулҳалим Маҳмуд, “Аттавҳидулхолис”, саҳ. 5-20.

Равиши "Аҳли ҳадис"-и мактаби хулафо ва "Ахбориён"-и мактаби Аҳли Байт(а), пайравӣ аз завоҳири матни шаръӣ, оёту ривоёт ва талош дар парҳез аз "раъй ва қиёс" (дар ҳадди имкон) аст.[1] Пойгоҳи "мактаби салафӣ" ё мазҳаби Аҳли ҳадис дар асри мо, Ҷазиратулъараб (минтақаи Наҷд) мебошад. Гурӯҳҳои андаке аз онон низ дар Ироқ, Шом ва Миср ёфт мешаванд.[2]

### *Б) Мактаби ақлии маҳз*

Пайравони ин мактаб бо такя бар шаън ва мақоми ақли башарӣ, ба монанди абзоре барои шинохт ва маърифат, аз дигарон фарқ мекунанд. Ин гурӯҳро дар дидгоҳи исломӣ, пайравони "мактаби раъй" ва дар ақида "мӯътазила" номанд. Пайдоиши ин мактаб ба даврони нахустини таърихи ислом бармегардад. Падидоварандагони аввалияи мактаби Эътизол (мӯътазила) Восил ибни Ато (80-131-и ҳиҷрӣ) ва ҳамдарси ӯ Амр ибни Убайд (80-144-и ҳиҷрӣ) ҳамъасри Мансури Давониқӣ буданд. Пас аз онон ин мактаб пешвоёне, монанди Абудуод, – вазири Маъмуни Аббосӣ ва "Қозӣ Абдулҷаббор ибни Аҳмади Ҳамадонӣ" (вафоти: 415-и ҳиҷрӣ) пайдо кард. Аз бузургони ин тоифа метавон аз Наззом, Абӯҳузайли Аллоф, Ҷоҳиз ва Ҷаббоиён ном бурд.

---

1 Шайх Муфид, "Авоилулмақолот"; Суютӣ "Савнул мантиқ вал калом ъан ъилмай алмантиқ вал калом", саҳ. 194-195.

2 Қосимӣ, "Таърихул ҷаҳмия вал мӯътазила", саҳ. 56-57.

Ин дидгоҳ ба ақли башарӣ баҳои баланд дода, дар шинохти Худои субҳон ва сифоти ӯ онро бисёр коромад ва муҳим мешуморад. Идрок ва татбиқи шариати исломӣ аз назари ин гурӯҳ, ҷуз бо ақли инсонӣ ба анҷом намерасад. Ин мактаб (Мӯътазила) дар замони мо пайравон ва ёроне ба ин ном надорад ва танҳо бархе аз афкори онон дар мазҳаби "Зайдия" ва "Абозия" дохил шудааст. Метавон гуфт, ки инон бо "Мӯътазила" дар бахше аз дидгоҳҳои фикрӣ шариканд. "Мӯътазила" ҳамчунин бо шиаи “Исноашарӣ” ва Исмоилӣ дар бархе ҷонибҳо ҳамсӯӣ дорад. Аҳли ҳадис (Ахбориёни омма) "Мӯътазила"-ро аз он рӯй, ки ба озодии ирода ва интихоб дар инсон мӯътақиданд, "Қадария" лақаб додаанд.

Аз муҳимтарин китобҳои онон дар ақоид китоби "Шарҳул усулил хамса", таълифи Қозӣ Абдулҷаббори Мӯътазилӣ ва "Расоилул ъадли ват тавҳид", таълифи гурӯҳе аз раҳбарони мӯътазила монанди: Ҳасани Басрӣ, Қосимӣ Рассӣ ва Абдулҷаббор ибни Аҳмад аст.

Мӯътазила чунон буданд, ки ҳар гоҳ бо оёти қуръонӣ ё суннати ривоятшудае рӯ ба рӯ шаванд, ки бар хилофи ақоидашон бошад, онро таъвил мекарданд. Ба ин хотир онон аз пайравони "Мактаби таъвил" ба шумор омадаанд. Онон дар айни ҳол, хидматҳои калоне низ ба Ислом пешкаш кардаанд ва дар ибтидои давраи Аббосӣ, ки ҳуҷуми фикрӣ-фарҳангии сахте бар зидди ислом барпо шуда буд, ба муқобила бо он пардохтанд. Бархе аз халифаҳо, монанди Маъмун ва Муътасим ба онон гаравиданд, вале андаке баъд дар давраи

Мутаваккил ҷараёни кор ба зиёни эшон дигаргун шуд ва аҳкоми куфр, гумроҳӣ ва фосиқӣ яке пас аз дигаре бар зиддии онон содир гардид. Дуруст ҳамон гуна, ки худи эшон дар давраи сайтара бар коххо ва дарбориёни Аббосӣ бо мухолифони худ мекарданд ва ҳар кас назари эшонро намепазируфт, озораш медоданд! Шарҳи бештарро дар таълифоти ҳозира ва гузашта дар бораи Мӯътазила меёбед.[1]

**Мӯътазила бо ин усули панҷгона машҳуранд**:

1-**Тавҳид**, ба маънои муназзаҳ донистани Худованд аз сифоти махлуқӣ ва адами имкони рӯъяти Худо бо дидагон ба таври мутлақ.

2-**Адл**, яъне Худои субҳон ба бандагонаш зулм накарда аст ва махлуқоташро ба анҷоми гуноҳ маҷбур намекунад.

3-**Алманзалату байнал манзалатайн**, яъне касе ки гуноҳи кабира анҷом медиҳад, на мӯъмин аст ва на кофир, балки фосиқ аст.

4-**Ваъда ва ваъид**, яъне бар Худо воҷиб аст ба ваъда (муждаи биҳишт) ва ваъид (тарсондан аз ҷаҳаннам) худ, ки ба мӯъминон ва кофирон дода аст, вафо намояд.

5-**Амри ба маъруф ва наҳй аз мункар**, яъне мухолифат бо ҳокимони золим, ки ба зулми хеш идома диҳанд, воҷиб аст.[2]

---

[1] Зӯҳдӣ Ҳасан Ҷоруллоҳ, "Алмӯътазила", чопи Бейрут, дорул аҳлия линнашр ват тавзиъ", 1974 мелодӣ.

[2] Қосим Рассӣ "Расоилул ъадл ват тавҳид ва нафют ташбиҳ ъаниллоҳил воҳидис самад", ҷ. 1, саҳ. 105

## Мактаби Ашъарӣ - Мотуридӣ ё роҳи миёна дар Аҳли тасаннун

Мактаби ашъарӣ, ки имрӯза бештари аҳли тасаннун бо он ҳамсӯи доранд, мӯътадилшудаи мактаби мӯътазила ба равиши Аҳли ҳадис аст. Зеро, бунёдгузори он, яъне Шайх Абулҳасани Ашъарӣ (вафоти соли 324-и ҳиҷрӣ) худ ибтидо (ҳудуди чиҳил сол) мазҳаби мӯътазилӣ дошт ва дар ҳудуди соли 300-и ҳиҷрӣ бар рӯи минбари масҷиди ҷомеи Басра, безории худ аз мазҳаби эътизол ва бозгашт ба мазҳаби суннат ва ҷамоатро эълом кард. Ӯ дар садад баромад то роҳу равиши мӯътадил ва миёнае, мураккаб аз равиши ақлии мӯътазила ва сираи нақлии Аҳли ҳадисро дар миёни оммаи мардум ривоҷ диҳад. Ӯ дар паи он шуд, то мактаби Аҳли ҳадисро тақвият ва ёрӣ намояд вале ин корро бо ҳамон равиши мӯътазила, яъне бо истидлоли ақлӣ ва бурҳонӣ анҷом медод. Ба ин хотир низ, рондаи мӯътазила ва мондаи Аҳли ҳадис шуд ва ҳар ду гурӯҳ то ба ҳол, бо эроди ишколоти муҳим ва асосӣ, равиши ӯро инҳироф ва вопасгарой донистаанд. Ҳатто бархе аз тундравҳои онон, ӯро кофир номидаанд.

Донишманди дигаре, ки муосири Ашъарӣ буд, низ-бидуни он ки робита ва пайванде бо вай дошта бошад-дар садад баромад, то ҳамон роҳ ва равишро интихоб намуда ва идома диҳад. Ӯ Абӯмансури Мотуридии Самарқандӣ (вафоти 333-и ҳиҷрӣ) аст. Вай низ пешвои ақидатии гурӯҳе аз аҳли суннат аст. Ин ду раҳбар дар маҷмӯаи оро ва дидгоҳҳо бо ҳам ихтилофоте низ

доранд, ки бархе, муҳимтарини онҳоро то 11 маврид баршумурданд.[1]

Муҳимтарин хусусиятҳои мактаби Ашъарӣ ин аст, ки аз як тараф аз таъвили маънои зоҳири оёт ва ривоёт сахт парҳез мекунад ва аз тарафи дигар мекӯшад то бо қавли "било кайф", яъне ин ки кайфият дар сифоти Худои таоло роҳ надорад, аз дарафтодан ба маҳлакаи "ташбеҳ ва таҷсим" фирор намояд ва бо қавли "билкасб", яъне ин ки инсон дар кирдори худ он чи мекунад аз роҳи касб аст на иқдом, аз фурӯ рафтан дар вартаи "ҷабр" дурӣ гузинад. Агарчи ин равиш низ, дар диди гурӯҳи дигар аз донишмандон, нотавонӣ ва кӯтоҳӣ дар ҳалли масоили фикрӣ ва эътиқодӣ ба ҳисоб омадааст. Мактаби Ашъарӣ ба тадриҷ бар исботи худ афзуд ва дар муқобили Аҳли ҳадис (Ахбориёни омма) истодагӣ кард ва дар ҷаҳони ислом густариш ёфт.[2]

### *В) Мактаби завқӣ - ишроқӣ*

Суханро ба самту сӯи дигар мебарем, роҳ ва равиши мутафовит, ки масоили каломии муттакӣ бар чархаи баҳс ва мунуқишаро раҳо карда, маслаки рамзии ишқии суфиёнро мепаймояд. Ин маслак дар ҳамаи абъод бо равиши файласуфон ва мутакаллимон, ки дар пои ақл ва нақл бино шуда аст, ихтилоф доранд.

---

[1] Мурочиа кунед: Муҳаммад Абӯзуҳра "Торихул мазоҳибул исломия"; бахши "Алашоъира вал мотуридия"-и оятуллоҳ Ҷаъфар Субҳонӣ; "Алмилалу ван ниҳал ", ч. 1, 2, ва 4.

[2] Ассабкӣ "Табақотуш шофиъия", ҷ. 3, саҳ. 391; Алёфиъӣ, "Миръотулҷинон", ҷ. 3, саҳ. 343, Ибни Касир, "Албидояту ван ниҳоя", ҷ. 14, саҳ. 76.

Мансури Ҳаллоҷ (вафоти 309-и ҳиҷрӣ)-ро муассиси ин мактаб дар Бағдод ва имом Ғазолиро аз бузургтарин раҳбарони он шумурдаанд. Ғазолӣ дар китоби худ: "Алҷомул ъавом ъан ъилмил калом" мегӯяд: " Ин роҳ роҳи хавос ва баргузидагон аст ва ғайри ин роҳ (калом ва фалсафа ва...) роҳи авом ва дунпоягон ва роҳи касоне аст, ки тафовуташон бо авом танҳо дар донистани далелҳо аст ва донистани далелҳо истидлол нест."[1]

Бархе аз пажӯҳишгарон дар бораи равиши Имом Ғазолӣ ва суфиён, дар дарёфти ақоиди исломӣ, китоби вижае таълиф кардаанд.[2]

Доктор Субҳӣ бо дарки саҳеҳи роҳу равиши Ғазолӣ мегӯяд:

"Гарчи Ғазолӣ назар ва ковиш дар ҳақиқати зоти илоҳиро бар авом ҳаром медонад ва ин сухане аст, ки ҳеҷ кас бар ӯ инкор намекунад, вале ӯ адибон, наҳвиён, муҳаддисон, фақеҳон ва мутакаллимонро дар қатори авом оварда ва таъвилро мунҳасир ва маҳдуд бар "росихон дар илм" дониста аст. Онон дар диди вай авлиёе ҳастанд, ки дар дарёи маърифат ғарқ ва аз шаҳватҳо буридаанд. Ин иборат худ қаринае аст бар дурустии иддаои бархе муҳаққиқин, ки мегӯянд: "Ғазолӣ дар ҳикмати ишроқӣ ва завқӣ ва... эътиқоди хосе (ва мармузе) дорад, ки бо эътиқоди ом ва ошкораш, ки бо он дар диди мардумон ба мақоми "Ҳуҷҷатулисломӣ" расида аст, дигаргун аст."

Доктор Субҳӣ мепурсад:

---

[1] "Алҷомулъавом ъан ъилмил калом", саҳ. 66-67.

[2] Доктор Сулаймон Дунё "Алҳақиқат фӣ назар Ал-Ғазолӣ"

"Оё ба ростӣ “росихон дар илм” танҳо суфиёнанд ва фақеҳон, муфассирон ва мутакаллимон хориҷанд?! Агар чунон аст, ки шарр бо зуҳур ва пайдоиши фанни калом густариш ёфта аст, оё ин истисно (танҳо суфиёнро росихон дар илм донистан) фурсат ва маҷоли вижае дар ихтиёри онон намегузорад то ба танҳоӣ ҷавлон дода ва ба иддаоҳои нораво ва густохиҳои бепарво бипардозанд?!

Дидгоҳҳои тасаввуфи фалсафӣ монанди: файзу ишроқ ва усули бегона (аз шаръ)-и он бисёр равшан аст ва шарр ва зиёни он бар ақоиди исломӣ ба ҳеҷ рӯй камтар аз шурури мутакаллимон нест."[1]

Вале ба ҳар ҳол, ин тоифа осори фаровоне дар ақоиди исломӣ ба равиши суфиёна бар ҷой гузоштаанд, ки аз намунаҳои он китоби "Футуҳоти Маккия" аст.[2]

### *Г) Мактаби ҳиссӣ-таҷрибӣ (ба истилоҳи рӯз-илмӣ)*

Ин равиш дар андешаи исломӣ, равиши тоза ва падидаи навзуҳур аст, ки бархе аз донишмандони мусулмон дар садаи ахир, ба пайравӣ аз раҳбарони фикрии Аврупои муосир онро пайравӣ кардаанд. Пайравони ин равиш дар Мисри имрӯза, Ҳинд, Ироқ ва дигар кишварҳои исломӣ, ки аз фарҳанги

---

[1] Доктор Аҳмад Маҳмуд Субҳӣ, “Фӣ ъилмил калом”, ч. 2, саҳ. 604-606.

[2] Мурориат кунед: Шаъронӣ, Абдулваҳоб бинни Аҳмад , “Алювоқит вал ҷавоҳир фӣ баёни ъақоидил акобир” ва Самиъ Отиф Аз-Зин “Ас-суфия фӣ назарил ислом”, чопи сеюм, дорулкитоб ал- Лубнонӣ, 1405 ҳ.қ., 1985 мелодӣ.

истеъморИИ Ғарб ва амвоҷи фикрӣ ба ҷаҳони ислом мунфаил ва мутаассир шудаанд, ёфт мешавад.

Онон дар бораи "абзори шинохт ва маърифат"-и башарӣ дидгоҳи вижае доранд. Эътимоди том ва тамом бар равишҳои ҳиссӣ ва таҷрибӣ ва раҳо кардани комили роҳ ва равиши ақлии қадим ва мантиқи арастуӣ аз мушаххасаҳои равшани онон аст. Эшон мекӯшанд то баҳс аз "маорифи илоҳӣ" ва масоили моварои табииро бо равишҳои "улуми таҷрибӣ" ва дар майдони ҳис ва амал дунбол кунанд.[1]

Аз ҷумлаи осори ин мактаби каломии ҷадид, тафсири мӯъҷизот ба иллатҳои модии инҷаҳонӣ ва тафсири нубувват ба нубуғ ва вижагиҳои фардии башарӣ аст. Бархе аз пажуҳишгарон барои баҳсу баррасии ин дидгоҳ, китоби мустақил таълиф кардаанд.[2]

Намунаҳое аз ин дидгоҳро дар навиштаҳои "Саид Аҳмадхонӣ Ҳиндӣ" меёбем. Ӯро агар натавонем аз пайравони ин мактаб бишуморем, аз касоне хоҳад буд, ки бо ин дидгоҳ ҳамсӯӣ ва наздикӣ дорад. Сабаби ин наздикӣ низ он аст, ки ӯ бо матраҳ кардани орои донишмандони муосири Ғарбӣ дар тафсири Қуръон ва пур кардани тафсираш аз ин дидгоҳҳо, мекӯшад то исбот кунад, ки Қуръон бо ҳамаи кашфиёти нав мувофиқ аст. Аҳмадхони Ҳиндӣ-бидуни он ки барои

[1] Доктор Абдулҳалим Маҳмуд “Аттавҳидул холис, вал ислом вал ъақл”, муқаддима.

[2] Доктор Абдурраззоқ Нуфал “Алмуслимун вал ъилмул ҳадис”; Фарид Ваҷдӣ Ал-ислом фӣ ъасрил ъилм”.

дидгоҳи худ ҳад ва марзе бишносад ва мавзӯъ, равиш ва ҳадафро дар масоили динӣ ва баҳсҳои илмии рӯз равшан кунад - дар як калом мегӯяд: "Ҳамаи Қуръон бо додаҳои улуми таҷрибӣ мутобиқ ва ҳамоҳанг аст."[1]

### *Д) Мактаби Аҳли Байт(а)- роҳи фитрат*

Хамирмояи ин мактаб, яъне роҳи фитрат, дар таълимот ва омӯзишҳои Аҳли Байт(а) мавҷуд аст. Онон барои мардум баён доштаанд, ки: "Фаҳми дурусти ақоиди исломӣ бидуни татбиқ ва ҳамоҳангӣ бо фитрати инсонӣ мумкин нест". Ин баёне аст, ки реша дар китоб ва суннат дорад. Зеро дар Қуръони карим, ки ботил ба ҳеҷ рӯй дар он роҳе надорад, омада аст:

> ***... Фитраталлоҳил латӣ фатаран носа ъалайҳо ло табдӣла лихалқиллоҳи золикад дӣнул қайиму ва локинна аксаран носи ло яъламӯн Ê***
>
> *Ä... Фитрати илоҳӣ, сириште, ки Худованд инсонҳоро бар он офарида аст, дигаргунӣ дар офариниши илоҳӣ нест. Ин аст пояи устувор, вале бештари мардум намедонанд!*[2]

---

[1] Мурочиат кунед: Маҳмуд Шалтут, “Тафсирул Қуръонил карим, ал-аҷзо ал-ъашратил уло”, саҳ. 11-14; Иқболи Лоҳурӣ, “Эҳёи тафаккури динӣ дар ислом”, тарҷумаи Аҳмад Ором, саҳ. 147-151; Сайид Ҷалолиддини Асадободӣ “Алъурватул вусқо”, шумораи 7, саҳ. 383, Рум, Италия.

[2] Сураи Рум, ояи 30.

... فِطْرَةَ اللَّهِ الَّتِي فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا لَا تَبْدِيلَ لِخَلْقِ اللَّهِ ذَلِكَ الدِّينُ الْقَيِّمُ وَلَكِنَّ أَكْثَرَ النَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ {30}

Парвардигори гиромӣ дар ин оят ишора фармуда аст, ки: "Беҳтарин роҳ барои расидан ба маорифи динӣ, роҳи фитрати салими инсонӣ аст. Фитрате, ки дар ҷомеаҳои фосид ва тарбиятҳои бад ҳам дигаргун намешавад ва ҳавасҳо ва даргириҳо онро маҳву нобуд намекунад. Иллати ин ки бештари мардум наметавонанд ҳақ ва ҳақиқатро ба дурустӣ дарёбанд он аст, ки худхоҳӣ ва асабият, нури фитрати ононро хомӯш карда, туғёну саркашӣ миёни онон ва роҳёбии фитриашон ба ҳақоиқ ва улуми воқеии илоҳӣ, фосила шудааст."

Ин маъно дар суннати поки Аҳмадӣ(с) низ таъкид шуда аст ва дар ривоёте аз Расули Худо(с) омадааст:

> ***Куллу мавлӯдин юладу ъалал фитрати, фаабавоҳу юҳаввидониҳи ав юнассирониҳи ав юмаҷҷисониҳи*** **Ê**
>
> **Ä** *Ҳар навзоде бар фитрати поки илоҳӣ ба дунё меояд ва ин падар ва модар ҳастанд,* *ки ӯро* **(***бо тарбияти худ***)** *яҳудӣ ё насоро ё маҷусӣ мекунанд***.**[1]

Роҳи фитрат ба ҳеҷ рӯй бо баҳрагирӣ аз ақл, нақл, шуҳуд, ишроқ ва равиши илмӣ - таҷрибӣ мухолифат надорад. Муҳим он аст, ки ин роҳ мунҳасир ва маҳдуд ба ҳеҷ як аз абзорҳои шинохт нест, балки ҳар якро дар ҷои худ, баробар бо ҳидояти Худои субҳон, ба кор

[1] Саҳеҳи Бухорӣ, "китоби ҷаноиз" ва "китоби тафсир"; Саҳеҳи Муслим, "китоби қадар, ҳадиси 22, 23, 24; Муснади Аҳмад, ҷ. 2, саҳ. 233, 275, 393, 410, 481 ва ҷ. 3, саҳ. 353.

мегирад; ҳидояте, ки Қуръони карим аз он хабар дода ва мефармояд:

***Ямуннӯна ъалайка ан асламӯ қул ло тамуннӯ ъалайя исломакум балиллоҳу ямунну ъалайкум ан ҳадокум лил имони ин кунтум содиқӣн Ê***

**Ä (***Эй паёмбар!***)** *Онон бар ту миннат мениҳанд***,** *ки ислом овардаанд***;** *бигӯ***:** *ислом овардани худро бар ман миннат нагузоред***,** *балки Худованд бар шумо миннат мениҳад***,** *ки шуморо ба сӯи имон ҳидоят кардааст***,** *агар* **(***бар иддаои имон***)** *ростгӯ бошед***!**[1]

Дар ҷои дигар мефармояд:

***Ва лав ло фазлуллоҳи ъалайкум ва раҳматуҳу, мо зако минкум мин аҳадин абадо Ê***

**Ä** *Ва агар фазлу раҳмати илоҳӣ бар шумо набуд***,** *ҳаргиз аҳаде аз шумо пок намешуд***.**[2]

Аз имтиёзоти ин роҳ ин аст, ки пайравонаш аз вуруд дар мунозироти каломӣ ва шакҳою шубҳаҳои печида дурӣ мекунанд. Дар ин бора ба аҳодиси Аҳли Байт[(а)] дар наҳй аз душманӣ ва ҷидол дар дин истинод менамоянд. Аз диди онон мутакаллимоне, ки тавфиқи ҳидоят ба ин роҳро наёфтаанд, ихтилофашон дар масоили ақидатии як мазҳаб гоҳе ба сад масоил мерасад.[3]

---

[1] Сураи Ҳуҷурот, ояи 17.

[2] Сураи Нур, ояи 21.

... وَلَوْلَا فَضْلُ اللَّهِ عَلَيْكُمْ وَرَحْمَتُهُ مَا زَكَا مِنكُم مِّنْ أَحَدٍ أَبَداً ... {21}

[3] Алӣ бинни Товус. “Кашфулмуҳаҷҷа лисамаратилҳуҷҷа”, саҳ. 11-20, чопи китобхонаи Доварии шаҳри Қум.

Ин фитрати пок, ки Худованд инсонро бар он офарида аст, дар ривоёти Аҳли Байт(а) гоҳе ба "тинату сиришт" ва замоне ба "ақли табиӣ" таъбир шудааст. Барои ошноии бештар бо ин мавзӯъ метавонед ба ҷавомеъ ва китоби ҳадисии пайравон ва посдорони мероси гаронбаҳои Аҳли Байт(а) муроҷиат намоед.[1]

## Усул ва мабонии мактаби Аҳли Байт(а) дар барраси ақоиди исломӣ.

Яке аз муҳимтарин баҳсҳо дар ақоид, баҳс ва баррасӣ аз мадорик ва санадҳои он аст. Мадорики ақоиди исломӣ- ҳамон гуна ки дар гузашта овардем - танҳо китоби Худо ва суннати Паёмбар(с) аст. Лекин тафовути асосӣ байни мактаби Аҳли Байт(а) ва роҳи дигарон дар он аст, ки мактаби Аҳли Байт(а) худро сахт тобеи ин санадҳо дониста ва ҳеҷ гуна хостаи дил, ҳавои нафс ва асабийятеро бар онҳо муқаддам намедорад. Дар пайҷӯӣ ва дарёфти ақоид аз ин ду манбаъ, танҳо усули оммаи иҷтиҳод дар Қуръони карим ва ривоёти Расулуллоҳ(с)-ро мадди назар медорад. Аз ҷумла он ки:

1- Дар баробари матнҳо ва баёноте, ки холӣ аз зиддият бошад ё зиддият тавони истодагӣ дар баробари матнро надошта бошад, ҳаргиз иҷтиҳодро бар матн муқаддам намедорад. Ин дар ҳоле аст, ки бархе ҳавопарастон ва мактабтарошон дар паи он ҳастанд то бо таъвилоти бепоя ва далелҳои суст, худро

[1] Кулайнӣ, "Кофӣ", тарҷума, ҷ. 3, саҳ.2, боби "тинатил мӯъмини вал кофир", чопи чаҳорум, Исломия, Теҳрон, 1392 ҳ.қ., 1972 мелодӣ.

аз қайди матн бираҳонанд. Мо ба зудӣ намунаҳое аз онро нишон хоҳем дод.

Амири мӯъминон Алӣ[(а)] дар посухаш ба Ҳорис ибни Ҳут мефармояд:

***Иннака лам таърифил ҳаққа фатаърифу ман атоҳу ва лам таърифил ботила фатаърифа ман атоҳу Ê***

**Ä...***Ту ҳақро нашинохтаӣ, то амалкунанда ба онро бишносӣ ва ботилро нашинохтаӣ то омилашро бишиносӣ.*[1]

2- Ба баёни дигар мумкин аст бигӯем: пайравони мактаби Аҳли Байт[(а)] ҳеҷ чизро бар матн ва ривояте, ки қатъӣ ва мутавотир[2] бошад, муқаддам намедоранд ва ин дар ақидаи исломӣ асли бисёр муҳим аст. Зеро занн, гумон ва авҳом дар ақоид ҷое надорад. Ин чизе аст, ки бояд мавриди таваҷҷӯҳ ва танбеҳи дидгоҳи "салафӣ" ва ононе қарор гирад, ки ривоёти заиф ва ахбори оҳодро[3] дар ақоид пазируфта ва аз он сахт дифоъ мекунанд ва мусулмононро бар асоси он кофир мехонанд.

Салафиҳо ва Ахбириёни омма бояд таваҷҷӯҳ кунанд, ки дар ривоёт, "рост ва дурӯғ, ом ва хос, муҳкам ва муташобеҳ ва ҳифз ва ваҳм"[4] дар канори якдигар қарор гирифтаанд. Ба зудӣ шарҳ ва баёни бештари ин мавзӯъро меоварем.

---

[1] Наҳҷулбалоға, ҳикмати 262.

[2] Ахборе, ки аз манобеъ ва сарчашмаҳои мухталиф ва аз ҷониби ашхоси гуногун нақл шуда бошад.

[3] Хабаре, ки ба ҳадди тавотур нарасад.

[4] Наҳҷулбалоға, хутбаи 210.

3- Ақоиди исломӣ шомили ду бахш аст: зарурӣ ва назарӣ:

*Ақоиди зарурӣ* он аст, ки ҳеҷ мусулмоне онро инкор намекунад магар он касе, ки аз дин берун равад, зеро аз бадеҳиёти дин аст монанди: тавҳид, нубувват ва маод.

*Ақоиди назарӣ* он аст, ки ниёзманди таҳқиқ, бурҳон, шоҳид ва далел буда, ихтилофи соҳибони назария ва мазоҳиб дар он мумкин бошад. Мункари ақоиди зарурӣ кофир хонда мешавад, вале кофир хондани мункари ақоиди назарӣ мамнӯъ аст.

4- Қиёс ва истеҳсон дар ақидаро беарзиш медонанд.

5- Ба мувофиқати ҳукми сареҳи ақлӣ бо ҳукми саҳеҳи нақлӣ-ба шарти риояти ҳамаи авсофи лозим дар он ду-имон доранд ва ҳеҷ гоҳ занн ва гумонро ҷойгузини яқин намекунанд. Онон ҳаргиз ба хабари заиф истинод накарда ва хабари воҳидро[1] ба ҷои саҳеҳ мутавотир намегиранд.

6- Аз гумонзанӣ ва иҷтиҳодоти шахсӣ дар ақоид парҳез карда ва аз бакоргирии таъбирҳое, ки "бидъат" ба шумор омадаанд, дурӣ менамоянд.

7- Ҳамаи анбиёи илоҳӣ ва имомони дувоздаҳгона – (салавотуллоҳи ъалайҳим аҷмаъин)-ро маъсум медонанд ва эътиқод доранд имон ба осор ва ривоёти саҳеҳи онон воҷиб аст ва муҷтаҳид дар ин осор гоҳе дуруст ва гоҳе хато мекунад. Ҳар гоҳ шартҳои иҷтиҳодро риоят намуда ва ҳамаи тавон ва талоши худро ба кор бурда бошад, маъзур хоҳад буд.

[1] Хабари воҳид хабаре аст, ки танҳо як нафар онро нақл карда аст.

8- Дар байни уммат касоне ҳастанд, ки ононро "муҳаддас" ва "мулҳам" гӯянд ва низ касоне, ки хобҳои саҳеҳ мебинанд ва аз роҳи он ба ҳақоиқ мерасанд. Вале ҳамаи инҳо ниёзманди исбот аст ва корбурди он дар ҳадди ақидаи шахсӣ аст ва амал ба он аз маҳдудаи фардӣ фаротар намеравад.

9- Мунозира ва муноқиша дар ақоид агар барои фаҳмидан ва фаҳмондан ҳамроҳ бо риояти адаб ва тақво бошад, писандида аст. Вале бар инсон аст, ки он чиро медонад нагӯяд. Баҳс ва мунозира ҳар гоҳ ба марзи гапгузаронӣ ва худнамоӣ бо суханони зишт ва хулқиёти бад расид, амри қабеҳ, нописанд ва худдорӣ аз он барои ҳифзи ақида воҷиб аст.

10- "Бидъат" чизе аст ихтироӣ ва сохтагӣ ба номи дин, ки аз дин нест ва решаи шаръӣ надорад. Гоҳе низ чизеро "бидъат" номанд, ки агар бо диққати назар ба он таваҷҷӯҳ шавад, "бидъат" нест; чунон ки гоҳе чизеро, ки "суннат" нест, суннат номанд. Пас тааммул ва андеша қабл аз фатво зарурӣ аст.[1]

11- Воҷиб будани диққати назар дар "такфир,"[2] зеро то куфри касе бо иқрори худи ӯ ё ҳуҷҷати қатъӣ исбот нагардад, ҳукми куфр дар бораи вай ҷоиз нест. Такфир сабаби ҳадди шаръӣ мегардад ва қоидаи фиқҳӣ дар ҳадди шаръӣ ин аст, ки: "*Иннал ҳудуда тудара'у бишшубаҳот*", ҳадҳо бо шубҳаҳо бартараф мегарданд.

---

[1] Сайид Муртазо, Алӣ бинн Ал-Ҳусайн Ал-Мусавӣ (вафоти 436 ҳ.қ., "Расоил Аш- Шарифил Муртазо, рисолатил ҳудуд вал ҳақоиқ".

[2] Такфир: кофир хондан, касеро хориҷ аз дин донистан.

Ва кофир шумурдани дигарон аз бузургтарин гуноҳон аст, магар он ки ҳақиқатан бошад.

12- Воҷиб будани радди мавридҳои хилоф ба "Китоб, Суннат ва Итрат", ҳамон хеле ки Расули Худо[с] фармон дода ва Худои мутаол дар бораи он фармудааст:

***Ва лав раддӯҳу илар расӯли ва ило улил амри минҳум лаъалимаҳул лазӣна ястанбитӯнаҳу минҳум ва лав ло фазлуллоҳи ъалайкум ва раҳматуҳу латтабаътумуш шайтона илло қалӣло Ê***

*ÄАгар* **(***ҳаводис ва пешомадҳоро***)** *ба паёмбар ва раҳбарони худашон* **(***ки қудрати ташхиси кофӣ доранд***)** *баргардонанд***,** *аз решаи масоил огоҳ мегарданд***.** *Ва агар фазлу раҳмати Худо бар шумо набуд***,** *ҷуз иддаи каме***,** *ҳамагӣ аз шайтон пайравӣ мекардед***.**[1]

13- Дидгоҳи Аҳли Байт[а] дар бораи сифоти Худованд низ, чунин аст: Худои азза ва ҷалла ҳай, қадир ва алими биззот аст; яъне зинда будан, қудрат ва илм, айни зоти Худои таоло аст. Худои субҳон (дар хилофи он чи мушаббаҳа ва бидъатгузороне ҳамчун Абӯҳошими Ҷавоӣ гуфтаанд) аз сифот ва аҳволи зоид бар зот муназзаҳ ва мубаррост. Ин дидгоҳе аст, ки ҳамаи имомия ва мӯътазила (ҷуз онҳое ки ном бурдем) ва

---

[1] Сураи Нисо, ояи 83.

**... وَلَوْ رَدُّوهُ إِلَى الرَّسُولِ وَإِلَى أُوْلِي الأَمْرِ مِنْهُمْ لَعَلِمَهُ الَّذِينَ يَسْتَنبِطُونَهُ مِنْهُمْ وَلَوْلاَ فَضْلُ اللّهِ عَلَيْكُمْ وَرَحْمَتُهُ لاَتَّبَعْتُمُ الشَّيْطَانَ إِلاَّ قَلِيلاً** {83}

бештари мурҷиа ва ҳамаи зайдия ва гурӯҳе аз Асҳоби ҳадис ва ҳикмат бар он иттифоқи назар доранд.[1] Дидгоҳе миёни исбот ва таътил, яъне дар айни ҳол, ки Худои субҳонро аз доштани сифоти зоид бар зот муназзаҳ медонанд, баҳс дар бораи сифот ва асмои ҳуснои илоҳиро мамнӯъ ва бесамар намедонанд.

14- Онон ба "ҳусн ва қубҳ"-и ақлӣ мӯътақид буда ва мегӯянд: дарки "ҳусн ва қубҳ"-и бархе чизҳо назди ақл бадеҳӣ ва ошкор аст.

## Роҳи Аҳли Байт(а) - роҳи Қуръон

Бартарии мактаби Аҳли Байт(а) дар ақоиди исломӣ ҳангоме ки бо маълумоти бадеҳӣ ва додаҳои яқинии боарзиш муқоиса гардад, таҷаллии бештаре меёбад. Ба намунаҳое аз он ишора мекунем:

### *1-Дар бораи тавҳид:*

Назари мактаби Аҳли Байт(а) дар бораи *тавҳид*, муназзаҳ ва пок будани мутлақи Худованд аз ҳар гуна ташбеҳ, танзир ва ҳамонандӣ бо махлуқот бар асоси таълими Қуръон мебошад. Чунон ки фармуда аст:

***Лайса камислиҳи шай'ун ва ҳувас самиъул басир*** **Ê**

**Ä** *Ҳеҷ чиз ҳамонанди ӯ* **(***Худованд***)** *нест ва ӯ шунавои биност***.**[2]

---

[1] Шайх Муфид, "Авоилулмақолот", саҳ. 18.

[2] Сураи Шӯро, ояи 11.

... لَيْسَ كَمِثْلِهِ شَيْءٌ وَهُوَ السَّمِيعُ البَصِيرُ {11}

***Ло тудрикуҳул абсору ва ҳува юдрикул абсора ва ҳувал латӣфул хабӣр*** **Ê**

**Ä***Чашмҳо ӯро намебинад, вале ӯ ҳамаи чашмҳоро мебинад ва ӯ латифу огоҳ аст.*[1]

Ва низ васф намудани Худованд ба сифатҳои махлуқот аз сӯи офаридагонро номумкин медонад.

Чунон ки фармуда аст:

***А)Субҳонаҳу ва таъоло ъаммо ясифӯн*** **Ê**

**Ä***Муназзаҳ аст Худо ва бартар аст аз он чи васф мекунанд.*[2]

***Б)Субҳона раббика раббил ъиззати ъаммо ясифӯн*** **Ê**

**Ä** *Муназзаҳ аст Парвардигори ту, Парвардигори иззат, аз он чи тавсиф мекунанд.*[3]

***2-Дар бораи адл:***

Мактаби Аҳли Байт(а) ҳар гуна зулм ва ситамро аз Худои мутаол нафй карда ва зоти ақдаси Худои таолоро адли мутлақ медонад. Чунон ки худ фармудааст:

***А) Инналлоҳа ло язлиму мисқола зарратин*** **Ê**

**Ä** *Худованд ба андозаи заррае (ҳам) ситам намекунад.*

---

[1] Сураи Анъом, ояи 103.

لاَّ تُدْرِكُهُ الأَبْصَارُ وَهُوَ يُدْرِكُ الأَبْصَارَ وَهُوَ اللَّطِيفُ الْخَبِيرُ {103}

[2] Сураи Анъом, ояи 100.

... سُبْحَانَهُ وَتَعَالَى عَمَّا يَصِفُونَ {100}

[3] Сураи Соффот, ояи 180.

سُبْحَانَ رَبِّكَ رَبِّ الْعِزَّةِ عَمَّا يَصِفُونَ {180}

***Б) Инналлоҳа ло язлимун носа шай'ан ва локиннанноса анфусаҳум язлимӯн*** **Ê**

**Ä** *Худованд ба мардум ҳеҷ ситам намекунад, вале ин мардум ба худашон ситам мекунанд.*[1]

***3- Дар бораи нубувват:***

Дидгоҳи мактаби Аҳли Байт(а) дар бораи нубувват, қавл ба исмати мутлақи анбиё(а) аст, зеро Худои мутаол фармудааст:

***А) Ва мо кона линабийин ан йағулла ва ман йағлул йа'ти бимо ғалла йавмал қиёмати*** **Ê**

**Ä** *Ҳеҷ паёмбаре хиёнат намекунад ва ҳар кас хиёнат кунад, рӯзи қиёмат он чиро, ки дар он хиёнат кард бо худ меоварад.*[2]

***Б) Қул иннӣ ахофу ин ъасайту раббӣ ъазоба йавмин ъазӣм*** **Ê**

**Ä** *(Эй паёмбар!) Бигӯ: ман (низ) агар Парвардигорамро нофармонӣ кунам, аз азоби рӯзи бузург бимнокам!*[3]

---

[1] Сураи Юнус, ояи 44.

إِنَّ اللّهَ لاَ يَظْلِمُ النَّاسَ شَيْئاً وَلَـكِنَّ النَّاسَ أَنفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ {44}

[2] Сураи Оли Имрон, ояи 161.

وَمَا كَانَ لِنَبِيٍّ أَن يَغُلَّ وَمَن يَغْلُلْ يَأْتِ بِمَا غَلَّ يَوْمَ الْقِيَامَةِ ... {161}

[3] Сураи Анъом, ояи 15.

قُلْ إِنِّي أَخَافُ إِنْ عَصَيْتُ رَبِّي عَذَابَ يَوْمٍ عَظِيمٍ {15}

***В) Ва лав тақаввала ъалайно баъзал ақовӣли лаахазно минҳу билйамӣни сумма лақатаъно минҳул ватӣн Ê***

***Ä****Агар ӯ* **(***паёмбар***)** *сухани дурӯғ бар мо мебаст***,** *мо ӯро бо қудрат мегирифтем***,** *сипас раги қалбашро қатъ мекардем***!**[1]

Мактаби Аҳли Байт[(a)] ҳамчунин, ҳамаи фариштагонро маъсум медонад, зеро Худои мутаол фармудааст:

***Ъалайҳо малоикатун ғилозун шидодун ло йаъсӯналлоҳа мо амараҳум ва йафъалӯна мо йу'марӯн Ê***

***Ä****Фариштагоне бар он* **(***ҷаҳаннам***)** *таъин шудаанд***,** *ки бисёр хашин ва сахтгиранд ва ҳаргиз Худоро дар он чи фармонашон дода аст***,** *нофармонӣ накунанд ва ба он чи маъмуранд амал мекунанд***.**[2]

***4-Дар бораи имомат:***

Мактаби Аҳли Байт[(a)] мегӯяд: имомат яъне, ниёбат аз Расули Акрам[(с)] дар корҳои дунё ва дин, аҳду паймони илоҳӣ аст, ки ба ғайри маъсум намерасад, зеро Худои мутаол фармудааст:

---

[1] Сураи Ҳоққа, ояи 44-46.

**وَلَوْ تَقَوَّلَ عَلَيْنَا بَعْضَ الْأَقَاوِيلِ {44} لَأَخَذْنَا مِنْهُ بِالْيَمِينِ {45} ثُمَّ لَقَطَعْنَا مِنْهُ الْوَتِينَ {46}**

[2] Сураи Таҳрим, ояи 6.

**... عَلَيْهَا مَلَائِكَةٌ غِلَاظٌ شِدَادٌ لَا يَعْصُونَ اللَّهَ مَا أَمَرَهُمْ وَيَفْعَلُونَ مَا يُؤْمَرُونَ {6}**

***Ва изибтало Иброҳима раббуҳу бикалимотин фаатаммаҳунна, қола иннӣ ҷоъилука линноси имоман, қола ва мин зурриятӣ қола ло яноло ъаҳдиз золимӣн Ê***

***Ä** Ва ҳангоме ки Парвардигори Иброҳим ӯро ба гунае чанд биёмӯзад ва ӯ ба хубӣ аз ӯҳдаи онҳо баромад, Худованд фармуд: ман туро имом ва пешвои мардум қарор додам! Иброҳим арз кард: аз дудмони ман низ (имомоне қарор деҳ!) Фармуд: аҳд ва паймони ман ба ситамкорон намерасад!*[1]

Аз мӯҳтавои ояи шарифа (ва кайфияти имтиҳоншудани Иброҳим[(а)]) натиҷа мегирем, ки: хобҳои расулон, анбиё ва имомон[(а)] ҳамагӣ, рӯъёҳои содиқ ва пок аз дурӯғ аст. Худои мутаол ононро аз иштибоҳ дар хоб низ, нигаҳ медорад.[2]

Он чи овардем, намунае аз мутобиқат ва ҳамгунии Аҳли Байт[(а)] бо Қуръони карим дар ақоиди исломӣ буд.

## Ҷойгоҳи "ақл" дар мактаби Аҳли Байт[(а)]

Дидгоҳи мактаби Аҳли Байт[(а)] дар арзиш ва корбурди ақл, дидгоҳе аст миёна, ки аз тундравӣ ва яктарафанигарии мӯътазила ва кундравию ақибмондагии зоҳирбинони Аҳли ҳадис, дар амон аст.

---

[1] Сураи Бақара, ояи 124.

وَإِذِ ابْتَلَى إِبْرَاهِيمَ رَبُّهُ بِكَلِمَاتٍ فَأَتَمَّهُنَّ قَالَ إِنِّي جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَاماً قَالَ وَمِن ذُرِّيَّتِي قَالَ لاَ يَنَالُ عَهْدِي الظَّالِمِينَ {124}

[2] Шайх Муфид, Авоилулмақолот, саҳ.41.

Шайх Муфид (вафоти 413-и ҳиҷрӣ) мегӯяд:

"Ин ки мухолифони имомия бигӯянд: "Ахбори сареҳ бар имомати имомони шумо ба ҳадди тавотур намерасад ва ахбори оҳод ҳуҷҷат нест", мактаби моро зиён нарасонад ва ҳуҷҷати моро беэътибор накунад. Зеро, ахбори мо ҳамроҳ ва қарин бо "далелҳои ақлӣ" аст. Далелҳое, ки дар гузашта шарҳи онро дар воҷиб будани имомат ва сифоти имомон овардаем; далоиле, ки агар (чунон ки мухолифи мо пиндоштанд) ботил бошанд, "далоили ақлии" вуҷуби матн бар имомон низ ботил хоҳад буд..."[1]

Ва низ мегӯяд: "Ман ба хостаи Худо ва тавфиқи ӯ, дар ин китоб, тафовутҳои мактаби шиа ва мактаби мӯътазила ва мояҳои ҷудоӣ миёни адлияи шиа ва гурӯҳи адлияи мӯътазиларо исбот мекунам".[2]

Шайх Садуқ, Муҳаммад ибни Бобӯя (вафоти 381-и ҳиҷрӣ) мегӯяд: "...Худованд ба сӯи ҳеҷ сабабе фаро намехонад, магар баъд аз он, ки ҳаққонияташро дар ақлҳо тасвир карда бошад. Агар онро тасвир накарда бошад, даъват ва фарохонии нораво ва ҳуҷҷат нотамом аст. Зеро чизҳо, гирдомадаи шаклҳо ва хабардиҳандае аз зидди хешанд. Пас агар дар ақл (заминаи) инкори расулон буд, Худованд ҳаргиз ҳеҷ паёмбареро мабъус намефармуд".[3]

[1] Шайх Муфид, "Алмасоил алҷорудия", саҳ. 46, чопи Кунгураи ҷаҳонии ҳазораи Шайх Муфид, Қум, 1413 ҳ.қ., 1992 мелодӣ.

[2] Шайх Муфид, "Авоилулмақолот фӣл мазоҳиб вал мухторот".

[3] Ибни Бобуя, "Камолуддин ва тамомуннеъма", чопи сангӣ, Теҳрон, 1301 ҳ.қ., 1981 мелодӣ.

Ва низ мегӯяд: "Сухани дуруст дар ин бора он аст, ки гуфта шавад: Худоро ба ёрии Худо шинохтем, зеро агар Худоро ба василаи ақли худ шинохтем, бахшандаи ақлҳо низ ӯст, агар ба воситаи анбиё, расулон ва ҳуҷҷатҳои ӯ шинохтем, ҳамаи расулон, анбиё ва имомонро ӯ баргузидааст ва агар бо ҷону равон шинохтем, падидоварандаи он Худои зулҷалол аст. Пас, бо ӯст, ки ӯро шинохтем".[1]

Ин гуна баҳрагирӣ ва корбарии ақл, яъне ҳамроҳ кардани он бо китоб, суннат ва имомони маъсум(а)-ро дар ҳеҷ як аз равишҳои исломӣ, ҷуз равиши Аҳли Байт(а) намеёбем. Имом Содиқ(а) дар ин бора мефармояд:

> ***Лав лаллоҳу мо ъурифно ва лав ло наҳну мо ъурифаллоҳу Ê***
>
> ***Ä****Агар Худо набуд****,*** *мо шинохта намешудем ва агар мо набудем Худованд шинохта намешуд****.***[2]

Ибни Бобуя дар шарҳи ин ҳадис мегӯяд: "Яъне, агар ҳуҷҷатҳои Худо набуданд, Худованд он хеле, ки сазовор аст, шинохта намешуд ва агар Худо набуд ҳуҷҷатҳои Худо шинохта намешуданд".[3]

## Мунозираҳои каломӣ ва дидгоҳи Аҳли Байт(а)

Дар баҳсҳои гузашта бо дидгоҳи касоне, ки ҳар хел баҳс, ҷидол ва мунозира дар динро мутлақан мамнӯъ

---

[1] Тавҳиди Садуқ, саҳ. 290.

[2] Тавҳиди Садуқ, саҳ. 290.

[3] Тавҳиди Садуқ, саҳ. 290.

медонистанд, ошно шудем, инчунин бо дидгоҳи касоне, ки мӯътадил буда, миёни ақсоми мунозира қоил ба тафсил ва ҷудоӣ буданд. Равиши Аҳли Байт[(а)] дар ин бора низ, роҳи миёна аст. Онон ба пайравӣ аз китоби Худо ҷидолро ду гуна медонанд:

- **Ҷидоли ҳасан ва некӯ**.
- **Ҷидоли қабеҳ ва зишт**.

Худои мутаол мефармояд:

***Удъу ило сабили раббика билҳикмати вал мавъизатил ҳасанати ва ҷодилҳум биллатий ҳия аҳсану. Инна раббака ҳува аъламу биман залла ъан сабилиҳи ва ҳува аъламу билмуҳтадин*** Ê

Ä **(***Мардумро***)** *Бо ҳикмат ва андарзи некӯ ба роҳи Парвардигорат даъват намо ва бо онон ба равише***,** *ки некӯтар аст***,** *муҷодила ва мунозира кун***.** *Парвардигори ту ба* **(***ҳол***)-***и касе***,** *ки аз роҳи ӯ гумроҳ шуда аст донотар аст***.** *Ва ӯ ҳидоятёфтагонро беҳтар мешиносад***.**[1]

Шайх Муфид дар ин бора мегӯяд:

"Пешвоёни содиқи мо[(а)] ба гурӯҳе аз шиаёнашон дастур мефармуданд, то аз изҳори ҳақ худдорӣ намоянд, хештандорӣ намоянд ва ҳақро дар дохили худ аз душманони дин пинҳон дошта ва дар бархӯрд бо

---

[1] Сураи Наҳл, ояи 125.

ادْعُ إِلِى سَبِيلِ رَبِّكَ بِالْحِكْمَةِ وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ وَجَادِلْهُم بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ إِنَّ رَبَّكَ هُوَ أَعْلَمُ بِمَن ضَلَّ عَن سَبِيلِهِ وَهُوَ أَعْلَمُ بِالْمُهْتَدِينَ {125}

онон ба гунае рафтор кунанд, ки шубҳаи мухолиф буданро аз зеҳнашон бибаранд. Ин равиш ба ҳоли он гурӯҳ муфидтар буд ва дар ҳамон ҳол, ба гурӯҳи дигаре аз шиаён фармон медоданд то бо мухолифин ба ҷидол ва мунозира пардохта ва ононро ба сӯи ҳақ фаро хонанд, зеро имомони мо[(a)] медонистанд, ки аз ин роҳ зиёне ба онон нахоҳад расид".[1]

Мақсуди Шайх Муфид аз "содиқон" дар сухани худ, "имомони мансус" аз итрати Расулуллоҳ[(c)] ҳастанд, ки Худованд дар китоби худ ба таҳораташон гувоҳӣ дода, ононро аз гуноҳу маъсият пок диниста ва мавриди хитоб қарор дода ва фармудааст:

***Иннамо юрӣдуллоҳу лиюзҳиба ъанкумур риҷса аҳлал байти ва ютаҳҳиракум татҳӣро*** **Ê**

**Ä** *Худованд танҳо мехоҳад палидӣ ва гуноҳро аз шумо Аҳли Байт дур кунад ва шуморо пок ва покиза гардонад.*[2]

Худованд уммати исломиро низ ба тақвои илоҳӣ ва ҳамроҳӣ бо онон дар ақидаю амал фаро хонда ва фармудааст:

***Ё айуҳал лазӣна оманӯ, иттақуллоҳа ва кӯнӯ маъас содиқӣн*** **Ê**

**Ä** *Эй аҳли имон, тақвои илоҳӣ пеша кунед ва бо содиқон бошед.*[1]

---

[1] Шайх Муфид, “Тасҳиҳул Эътиқод”, саҳ. 66.

[2] Сураи Аҳзоб, ояи 33.

... إِنَّمَا يُرِيدُ اللَّهُ لِيُذْهِبَ عَنكُمُ الرِّجْسَ أَهْلَ الْبَيْتِ وَيُطَهِّرَكُمْ تَطْهِيراً {33}

Оре, онон имомоне ҳастанд, ки Расули Худо(с) номашонро ба тариқи равшану возеҳ баён фармуда аст. Ҳар як аз имомон низ, имоми баъдиро (то дувоздаҳ имом) сареҳу равшан муаррифӣ кардаанд. Матн ва ишора бар ном, адад ва номи аввалини (ва охирин) онон дар суннати поки муҳаммадӣ(с) мавҷуд аст, ки хоҳишмандон метавонанд руҷӯъ намоянд.[2]

## Ақл ниёзманди ваҳӣ аст

Аз ҷумла суханоне, ки ба ҳамроҳӣ ва мулозимати ақл ва шаръ дар мактаби Аҳли Байт(а) таъкид дорад, сухани Садуқ (раҳ.) аст. Ӯ мегӯяд: (ақл ниёзманди ваҳӣ аст), "Аммо истидлоли Иброҳими Халил(а), ки бо назар ба Зуҳра, баъд аз он ба моҳ, сипас ба офтоб ва ғуруби онон гуфт:

***"Ё қавми иннӣ бариун миммо тушрикӯн" Ê***

***Ä****Эй қавм!* *Ман аз шарикҳое*, *ки* (*барои Худо*) *месозед безорам*[3]**,**

аз он рӯ буд, ки ӯ набии илҳомбахш ва паёмбари мабъус ба илҳоми худоӣ буд. Зеро, Худои мутаол худ фармудааст:

---

1 Сураи Тавба, ояи 119.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ اتَّقُواْ اللّهَ وَكُونُواْ مَعَ الصَّادِقِينَ {119}

2 Ибни Аббоси Ҷавҳарӣ "Муқтазабил асар фин насс ъало ъададил аимматил иснай ъашар"; Шайх Муфид, алмасоилил ҷорудия", саҳ. 45-46, чопи Кунгураи ҳазораи Шайх Муфид" ва...

3 Сураи Анъом, ояи 78.

... يَا قَوْمِ إِنِّي بَرِيءٌ مِّمَّا تُشْرِكُونَ {78}

***"Ва тилка ҳуҷҷатуно отайноҳо Иброҳима ъало қавмиҳи" Ê***

**Ä** *Инҳо далелҳои мо буд, ки ба Иброҳим дар баробари қавмаш додем!"*[1]

Ҳамаи мардум ба монанди Иброҳим (аз илҳоми ғайбӣ бархурдор) нестанд. Агар мо дар шинохти тавҳид аз мусоидат ва шиносондани Худо бениёз будем ва шинохти ақлӣ моро бас буд, Худои субҳон ба паёмбари Акрам(с) намефармуд:

***"Фаълам аннаҳу ло илоҳа иллаллоҳ" Ê***

**Ä** *Пас бидон, ки маъбуде ҷуз Аллоҳ нест".*[2]

Мақсуди Ибни Бобуя ин аст, ки: ақл беёрӣ ва кӯмаки ваҳй наметавонад Худоро он гуна, ки лозим аст, шиносад, на он ки натоиҷи ақлӣ беэътибор аст.

Ҳамчунин аст сухани Шайх Муфид, ки мегӯяд: "Ақл дар муқаддамот ва натоиҷ ниёзманди ваҳй аст".[3] Вале дар ҳамон ҳол, худи ӯ корбарии ақлро дар фаҳми ақоиди исломӣ тақвият мекунад ва мегӯяд: "Аммо наҳй аз калому сухан дар бораи Худованд, танҳо барои он аст, ки аз ташбеҳи Худо ба халқ ва додани нисбати ситамкорӣ ба Холиқ худдорӣ намоянд."[4]

---

[1] Сураи Анъом, ояи 83.

وَتِلْكَ حُجَّتُنَا آتَيْنَاهَا إِبْرَاهِيمَ عَلَى قَوْمِهِ ... {83}

[2] Сураи Муҳаммад, ояи 19.

فَاعْلَمْ أَنَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ ... {19}

[3] "Авоилулмақолот", саҳ. 11-12.

[4] Тасҳиҳулэътиқод бисавобил интиқод, саҳ. 26-27.

Ӯ дар китоби “Эҳтиҷоҷ” бо мухолифин барои корбурди ақл ва назар далел оварда аст ва дар ҳоле, ки ононро ба нотавонӣ дар раъй васф мекунад, мегӯяд: “Рӯйгардонӣ аз корбурди ақл ва назар, чархиш ба сӯи тақлид аст, ки ба иттифоқи уммат, мазмум ва нописанд мебошад”.[1]

## Ҷойгоҳи нақл

Дар гузашта ёдовар шудем, ки ақл дар мактаби Аҳли Байт[(а)] бо ҳама арзише, ки дар маърифати динӣ дорад, аз нури ваҳй бениёз нест. Ин амрро ҳеҷ як аз мактабҳои фикрии каломии исломӣ инкор намекунад. Он чи ки ҳаст ҳудуд ва марзи эътимод бар нақл аст. Зеро нақл (дар ин ҷо мақсуд ҳадис аст, Қуръони карим нақли мутавотир ва қатъӣ аст) гоҳе ба сурати мутавотир ба мо мерасад, яъне ба далели зиёдии ровиён ва ноқилон ҳар гуна шак ва шубҳаро аз байн мебарад. Ин ба гунае аст, ки инсон ба судури ҳадис аз Расулуллоҳ[(с)], ё Итрати тоҳира[(а)], ё саҳобаи гиромии он ҳазрат этминон пайдо мекунад. Аммо гоҳе ба ин ҳад намерасад, балки танҳо занн ва гумони қавӣ ё заифро ба даст мегирад ва гоҳе низ, ба ҳадде мерасад, ки онро хабари воҳид гӯянд, яъне хабаре, ки як нафар ривоят карда ва як нафар муддаии содир шудани он аз маъсум аст, ки дар ин ҳолат низ, бисёре аз мавридҳо сабаби занн ва гумони мутамоил ба шак ва ҷаҳл аст.

---

[1] Тасҳиҳулэътиқод бисавобил интиқод, саҳ. 28.

Равиши мактаби Аҳли Байт[а] дар ҳолат охир он аст, ки: "Ин хел ривоятҳо то ҳангоме ки қаринаи сидқ ва дурустӣ ҳамроҳ надорад, қобили эътимод ва истинод нестанд".

## Беэътибории хабари воҳид дар ақоид

Беэътимодӣ ба хабари воҳид дар мактаби Аҳли Байт[а] ҳангоме ки ба масоили ақидатӣ мерасад, аз он чи гуфтем сахттар мешавад. Зеро, ақоид ба хотири аҳмияте, ки доранд бо далелҳои заиф ва бурҳонҳои беасос исбот нагарданд, ба хусус замони мо аз замони Расулуллоҳ[с] ва салафи солеҳ (олимони гузашта) бисёр фосила гирифта аст ва бар мост, ки бо талошу кӯшиши бисёр, аз гуфтори машкук ва гумонзанӣ дурӣ намуда ва ба яқиниёт ва боваркарданиҳо, ё он чи наздик ба онҳост, рӯй оварем, то аз фурӯ рафтан дар фитнаҳо ва ихтилофот ҷадале ва ҷанҷоле, ки бузургтарин хатарро барои дин ва ваҳдати уммат дар пай меоварад, дар амон бимонем.

Шайх Муфид дар ин бора мегӯяд:

"Мегӯям: ҳақ он аст, ки огоҳӣ ва амал ба чизе аз ахбори оҳод воҷиб нест ва барои ҳеҷ кас раво нест то дар дини худ аз роҳи хабари воҳид ба қатъ ва яқин бирасад, магар он ки ҳамроҳи хабар қаринае бошад, ки бар сидқи гуфтори ровии он далолат кунад. Ин мазҳаби ҳамаи шиаён ва бисёре аз мӯътазила ва

муҳаккама ва гурӯҳе аз мурҷиа аст, ки бо он чи фақеҳи намоёни омма ва асҳоби раъй бар онанд мухолиф аст".[1]

Оре, пайравони мактаби Аҳли Байт[(а)] дар масоили ақидатӣ боэҳтиётанд. Зеро Аҳли Байт[(а)] пайравонашонро ба эҳтиёт дастур дода ва фармудаанд: "Парҳезкортарини мардумон касе аст, ки назди шубҳаҳо биистанд."

## Поёни сайр ва баррасӣ

Бо он чи овардем ба поёни сайри худ дар равиши мактаби Аҳли Байт[(а)] дар бораи ақоиди исломӣ расидем. Роҳи Аҳли Байт[(а)] чунон ки дар саҳифаҳои гузашта баён шуд, роҳи мутакомил аст, ки аз ҳамаи воситаҳои шинохт дар ҷои худ, баҳра мегирад. Масалан, масоили илоҳиёт ва сифоти Худои таолоро аз роҳи таҷриба намековад. Зеро, ин масоил аз дастрасии чунин абзоре дур аст. Ҳамчунин якравӣ ва пофишурдан бар як абзори воҳид, монанди: ишроқи ботинӣ, ишқ ва завқи суфиро низ, раво намедорад. Ҳамон гуна, ки дар бораи ақл низ, ғулув ва зиёдаравӣ накарда, онро мустақил ва дарккунандаи ҳамаи умур, (аз ҷумла ғайбу ниҳон ва ҷузъиёти маод) намедонад. Дар бораи ваҳй мегӯяд: ***дарки ваҳй бидуни баҳрагирӣ аз нури ақл ношунидани аст.***

Мактаби Аҳли Байт[(а)] ҳар чиро ба сурати ривоят, суннат ва нақл бошад, то ҳангоме ки дурустии нисбати он ба Паёмбар[(с)], саҳоба ва Имомон[(а)] собит набошад, ва

---

[1] "Авоилулмақолот", саҳ. 100, чопи Табрез, 1370 ҳ.ш., 1992 мелодӣ.

то ҳангоме ки онро бо соири матнҳо ва баёноти китобуллоҳ муқоиса нанамояд ва ому хос, носиху мансух, муҳкаму муташобеҳ ва ҳақиқату маҷози онро нашносад, мубодират ба қабули он нахоҳад кард. Ва дар як калом, ин мактаб мутамаркиз бар "иҷтиҳод" ба маънои базли ҷуҳд ва тавон аст ва талош дар ба коргирии ҳамаи тавон барои фаҳми мақсуди шаръӣ аз матнро, ваҷҳи ҳиммати худ намудааст. Дар айни ҳол, аз нақд, баррасӣ, мунозира ва муноқишаи илмӣ то ҳангоме ки аз барангехтани авотиф ё эҷоди душманӣ дур бошад, на танҳо сарпечӣ намекунад, балки онро фарохонӣ, даъват ба роҳи Парвардигор, ҷидоли аҳсан, ҳикмат ва мавъизаи ҳасана медонад. Ҳамон тавр, ки Худои мутаол фармудааст:

***Вал лазӣна оману ва ъамилус солиҳоти ло нукаллифу нафсан илло вусъаҳо улоика асҳобул ҷаннати ҳум фӣҳо холидун. Ва назаъно мо фӣ судуриҳим мин ғиллин таҷрӣ мин таҳтиҳимул анҳору ва қолу алҳамду лиллоҳил лазӣ ҳадоно лиҳозо ва мо кунно линаҳтадия лав ло ан ҳадоналлоҳу лақад ҷоат русулу раббино билҳаққи ва нӯдӯ ан тилкумул ҷаннату ӯристумӯҳо бимо кунтум таъмалун.* Ê**

*ÄОнон, ки имон оварда ва корҳои шоиста кардаанд, мо ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тавонаш таклиф намекунем, онҳо аҳли биҳиштанд ва дар он ҷовидон. Он чи дар дилҳо аз кина доранд, бармеканем, аз зери онон наҳрҳо ҷорӣ аст. Мегӯянд: "сипос ва ситоиш Худоеро ст, ки моро ба ин масир раҳнамун шуд;*

**(***ростиро***,** *ки***)** *агар Худо моро ҳидоят накарда буд***,** *роҳ намеёфтем***!** *Мусалламан фиристодагони Парвардигори мо ҳақро овардаанд***!" (***Дар ин ҳангом***)** *Ба онон гуфта мешавад***:** *ин биҳиштро дар баробари корҳое***,** *ки анҷом медодед ба ирс бурдед***!**[1]

[1] Сураи Аъроф, ояи 42-43.

وَالَّذِينَ آمَنُواْ وَعَمِلُواْ الصَّالِحَاتِ لاَ نُكَلِّفُ نَفْساً إِلاَّ وُسْعَهَا أُوْلَـئِكَ أَصْحَابُ الْجَنَّةِ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ {42} وَنَزَعْنَا مَا فِي صُدُورِهِم مِّنْ غِلٍّ تَجْرِي مِن تَحْتِهِمُ الأَنْهَارُ وَقَالُواْ الْحَمْدُ لِلّهِ الَّذِي هَدَانَا لِهَـذَا وَمَا كُنَّا لِنَهْتَدِيَ لَوْلا أَنْ هَدَانَا اللّهُ لَقَدْ جَاءتْ رُسُلُ رَبِّنَا بِالْحَقِّ وَنُودُواْ أَن تِلْكُمُ الْجَنَّةُ أُورِثْتُمُوهَا بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ {43}

## *Пайвасти шумораи 2*

## Ибтидои офариниш ва бархе аз сифоти офаридагон дар ривоёт

### *1-Ибтидои офариниш ба ривояти Масъудӣ:*

Масъудӣ бо санади худ аз имом Алӣ[а] ривоят мекунад, ки он ҳазрат ибтидои офариниширо дар сухани фишурдае чунин баён фармудааст:

> ...*Заминро бар пушти об густаронид ва аз об дуд берун кашид ва онро само ва осмон гадонид. Сипас онро ба итоат фаро хонд. Онҳо низ фурӯтанона посух доданд ва қабул карданд. Пас аз он фариштаро аз нуре, ки худ офарида ва рӯҳе, ки худ ихтироъ намуда буд, падид овард. Бо тавҳид ва ягонагии хеш нубуввати Муҳаммад[с]-ро қарин ва ҳамроҳӣ фармуд. Аз ин рӯ Паёмбари Акрам[с] пеш аз беъсат дар Замин, дар осмонҳо машҳур ва баландовоза буд. Ҳангоме ки Худованд Одамро офарид, бартариаширо барои фариштагон ошкор сохт ва хусусияташиро бар илм ва дониш, ки аз пеш ба ӯ дода буд, (аз роҳи хабар додан аз ҳақиқати чизҳо) ба фариштагон нишон дод. Оре, Худованд Одамро меҳроб, Каъба, боб ва қиблае қарор дод, то аброри рӯҳонӣ ва рӯҳониёни нуронӣ ба сӯи ӯ саҷда оранд. Сипас ӯро (пас аз он ки назди фариштагон имомаш номид) бар амонатдор*

*буданаш огоҳ кард ва хатарот ва лағзишгоҳҳои онро пеши рӯяш намоён сохт.*[1]

### *2-Ибтидои офариниш дар хутбаи аввали Наҳҷулбалоға:*

*Махлуқотро дур аз ҳар гуна андешаи қаблӣ ва таҷрибаи пешин ва ҷудоӣ аз ҳар гуна таъсирпазирию инфиол ва изтироби дарунӣ падид овард ва мавҷудотро дар зарфи замониашон эҷод ва мустақар кард. Ва мавҷудоти гуногунро ҳамоҳанг кард ва дар ҳар кадом ғаризаи хоси худашро қарор дод ва ғаризаҳоро ҳамроҳи онон гардонид, дар ҳоле ки қабл аз пайдоиш, чигунагиашонро медонист, ба ибтидо, интиҳо, ҳудуд, моҳият ва маънои онҳо иҳота дошт. Сиришт ва фитрати ҳар якро мулозим ва ҳамроҳи он қарор дод. Сипас фазоро густаронид ва атроф ва болои онро вусъат бахшид. Оби мавҷофарин, саркаш ва анбоштаю нооромро бар паҳнаи он равон кард. Ва онро дар ҳавзаи иқтидори бод, дамандаи кӯбандаи пурсалобат қарор дод ва фармонаш дод то аз фурӯрехтан ва гусастан бозаш дошта ва мубҳаму фишурда дар маҳдудаи хеш нигаҳдораш бошад. Дар ҳоле, ки ҳавои зеринаш густурдаю боз ва оби руинаш ҷаҳанда ва дар парвоз буд.*

*Он гоҳ боди дигаре ақим ваноборвар офарид, то ҳамроҳи мулозим ва ҳамроҳи об бошад. Фармонаш дод то бар он битозад ва об ва оби анбошта ва*

---

[1] "Муруҷуззаҳаб", ҷ. 1, саҳ.43.

*анбӯҳро ба ҷунбиш оварад ва он дарёи мутарокимро ба мавҷофаринӣ водор кунад. Он бод низ, он баҳри анбоштаро ҳамчун машки об ба ҷунбиш овард ва чунон дар он вазид, ки аввал, охир, сокин ва мутаҳаррикашро ба ҳам омехта кард, то анбӯҳ-анбӯҳ бар фароз омад ва кафкҳо падид овард. Пас, кафҳоро дар фазои кушод ва ҳавои густурда боло бурд ва ҳафт осмони устувор аз он падидор сохт. Осмонҳое, ки (табақаи) зеринашонро мавҷи собит ва бекор ва рӯинашонро сақфи баланд, маҳфуз, бесутун ва бидуни мех қарор дод. Сипас онҳоро бо ситорагон ва шаҳобҳои нуронӣ ороcт ва офтоби нурафшон ва моҳи тобандаро дар онҳо ва дар гардунаи чархон, сақфи гардон ва сафҳаи тобон ба ҷараён водор кард.*[1]

[1] Наҳҷулбалоға, хутбаи аввал, бахши "*Худошиносӣ*", қисмати "*Офариниши ҷаҳон*".

**أَنْشَأَ الْخَلْقَ إِنْشَاءً وَ ابْتَدَأَهُ ابْتِدَاءً بِلَا رَوِيَّةٍ أَجَالَهَا وَ لَا تَجْرِبَةٍ اسْتَفَادَهَا وَ لَا حَرَكَةٍ أَحْدَثَهَا وَ لَا هَمَامَةِ نَفْسٍ اضْطَرَبَ فِيهَا أَحَالَ الْأَشْيَاءَ لِأَوْقَاتِهَا وَ لَأَمَ بَيْنَ مُخْتَلِفَاتِهَا وَ غَرَّزَ غَرَائِزَهَا وَ أَلْزَمَهَا أَشْبَاحَهَا عَالِماً بِهَا قَبْلَ ابْتِدَائِهَا مُحِيطاً بِحُدُودِهَا وَ انْتِهَائِهَا عَارِفاً بِقَرَائِنِهَا وَ أَحْنَائِهَا ثُمَّ أَنْشَأَ سُبْحَانَهُ فَتْقَ الْأَجْوَاءِ وَ شَقَّ الْأَرْجَاءِ وَ سَكَائِكَ الْهَوَاءِ فَأَجْرَى فِيهَا مَاءً مُتَلَاطِماً تَيَّارُهُ مُتَرَاكِماً زَخَّارُهُ حَمَلَهُ عَلَى مَتْنِ الرِّيحِ الْعَاصِفَةِ وَ الزَّعْزَعِ الْقَاصِفَةِ فَأَمَرَهَا بِرَدِّهِ وَ سَلَّطَهَا عَلَى شَدِّهِ وَ قَرَنَهَا إِلَى حَدِّهِ الْهَوَاءُ مِنْ تَحْتِهَا فَتِيقٌ وَ الْمَاءُ مِنْ فَوْقِهَا دَفِيقٌ ثُمَّ**

## Шарҳи вожаҳо

**Арравия:** тафаккур ва андеша.

**Ҳамоматун нафс:** инфиол ва таъсирпазирии ҷон.

**Аҳолал ашё'а лиавқотиҳо:** мавҷудотро дар зарфи замонашон аз нестӣ ба ҳастӣ овард.

**Ла'ам:** *дармон бахшид*: ноҳамгуниашонро муназзам ва мавзун кард, чунон ки аз пайванди ҷисму рӯҳ таркиби дилорои инсонро падид овард: *фатаборакаллоҳу аҳсанул холиқин*.

**Ғарразал ғароиза:** "*гароиз*" ҷамъи "*гариза*", ба маънои сиришт ва табиат аст, яъне: дар ҳар мавҷуде сириштихосе қарор дод.

**Алзамаҳо ашбоҳаҳо:** шабаҳ, соя ва тасвири ваҳмии ашё аст ва дар ин ҷо мақсуд он аст, ки соҳиби ҳар хӯ ва табиатеро бо ҳамон сиришти ҷудоношуданӣ аз ӯ мулозим ва ҳамроҳ қарор дод. Масалан, шахси шуҷоъ ва далер бимнок нест ва ...

**Ъорифан биқароиниҳо ва аҳноиҳо:** "*қароин*" ҷамъи "*қарин*" ба маънои мусоҳиб ва ҳамроҳ аст. Ва "*аҳно*" ҷамъи "*ҳанв*" ба маънои паҳлӯ ва ҳар чизи каҷ ва мунҳанӣ аст, ҷусса

---

أَنْشَأَ سُبْحَانَهُ رِيحاً اعْتَقَمَ مَهَبَّهَا وَ أَدَامَ مُرَبَّهَا وَ أَعْصَفَ مَجْرَاهَا وَ أَبْعَدَ مَنْشَأَهَا فَأَمَرَهَا بِتَصْفِيقِ الْمَاءِ الزَّخَّارِ وَ إِثَارَةِ مَوْجِ الْبِحَارِ فَمَخَضَتْهُ مَخْضَ السِّقَاءِ وَ عَصَفَتْ بِهِ عَصْفَهَا بِالْفَضَاءِ تَرُدُّ أَوَّلَهُ إِلَى آخِرِهِ وَ سَاجِيَهُ إِلَى مَائِرِهِ حَتَّى عَبَّ عُبَابُهُ وَ رَمَى بِالزَّبَدِ رُكَامُهُ فَرَفَعَهُ فِي هَوَاءٍ مُنْفَتِقٍ وَ جَوٍّ مُنْفَهِقٍ فَسَوَّى مِنْهُ سَبْعَ سَمَوَاتٍ جَعَلَ سُفْلَاهُنَّ مَوْجاً مَكْفُوفاً وَ عُلْيَاهُنَّ سَقْفاً مَحْفُوظاً وَ سَمْكاً مَرْفُوعاً بِغَيْرِ عَمَدٍ يَدْعَمُهَا وَ لَا دِسَارٍ يَنْظِمُهَا ثُمَّ زَيَّنَهَا بِزِينَةِ الْكَوَاكِبِ وَ ضِيَاءِ الثَّوَاقِبِ وَ أَجْرَى فِيهَا سِرَاجاً مُسْتَطِيراً وَ قَمَراً مُنِيراً فِي فَلَكٍ دَائِرٍ وَ سَقْفٍ سَائِرٍ وَ رَقِيمٍ مَائِرٍ.

бошад ё ғайри ҷусса ва дар ин ҷо киноя аз корҳои пинҳони ашё аст, яъне: Худованд ва ҳамаи табоеъ, хислатҳо ва сифоти мавҷудот ориф ва огоҳ аст.

**Анша'а субҳонаҳу фатқал аҷво'и ва шаққал арҷо'и ва сакоикал ҳаво':**

**Фатқал аҷво':** шикофи ҷавҳо ва фазоҳо.

**Шаққул арҷо':** кушодани атроф

**Сакоикул ҳаво':** балоҳои ҳаво ва фазо.

Яъне: Худованд фазои паҳновар ва ҳавои мофавқи онро дар ҳамаи атрофи ҳастӣ офарид ва густариш дод.

**Муталотим:** нооором, маввоҷ, хурӯшон.

**Тайёр:** мавҷ, ҷунбиш ва чинхӯрдагӣ.

**Мутароким:** анбошта ва анбӯҳ

**Заххор:** савор бар ҳам, лабрез.

**Арриҳул ъосифа:** боди тунд, шадид ва тӯфонзо.

**Аззаъзаъул қосифа:** боди тунд, ғуррон ва раъдосо.

**Дафиқ:** ҷаҳанда ва дар парвоз.

**Иътақам маҳаббаҳо:** ҷиҳати вазиданашро ақим ваноборвар намуд, яъне ин бод танҳо хосияташ таҳрик ва ҷунбиши об буд.

**Адома мураббаҳо:** мулозим ва ҳамроҳи он шуд.

**Амараҳо битасфиқил мо'из заххор ва исорати мавҷил биҳор:** фармонаш дод то бар оби анбӯҳ ва лабрез битозад ва он баҳри анбоштаро ба ҷунбиш ва ҳаяҷон овард.

**Маҳзассиқо':** машке, ки бо ҷунбондани он аз ҷурғот ва чаккаи дар дарунаш буда рӯған мегиранд. Яъне: бо бод ин обро ҳамчун машке, ки дуғ ва рӯған аз он мегиранд меҷунбонид.

**Ъасафат биҳи ъасфан билфазо’:** онро бо шиддати ҳарчи тамомтар ба ин тараф ва он тараф меронд.

**Ҳатто ъабба ъубобуҳу ва рамо биззабади рукомуҳу:** то он ҷо, ки рӯи ҳам анбошта шуд ва аз ҷунбиш ва анбӯҳиаш кафҳо падид омад.

**Мунфатиқ:** боз ва кушода.

**Мунфаҳиқ:** васеъ ва густурда.

**Суфло:** поин ва зерин

**Ъулё:** боло ва рӯин.

**Макфуф:** боздошта ва бекор

**Самк:** сақфи баланд.

**Дисор:** мисмор, мех ё ресмон.

**Савоқиб:** ҷамъи соқиб, ба маънои нурафкан ё шаҳоби нуронӣ

**Фалак:** гардун, чарханда.

**Рақим:** лавҳ ва сафҳаи мутаҳаррик.

## *Пайвасти шумораи 3*

### Кавну ҳастӣ ё олами табиат дар Қуръони карим[1]

Вожаи *“**кавн**”* ва *“**ҳастӣ**”* баёнгари мавҷудоти хориҷӣ ва завоҳири табиӣ аст. Яъне: ҳамаи офаридагон новобаста аз инсон, ҳайвон, ситорагон, сайёрот, каҳкашонҳо ва дигар мавҷудотро дар бар мегирад.

"***Кавн***" ва "***ҳастӣ***" Бино бар он чи дар энсклопедияи "Макмилон"[2] омада аст, таълифе аст аз маҷмӯаи аҷсоме, ки қобили шинохтан аст, монанди: Замин, Моҳ, Хуршед ва ҷирмҳои манзумаи шамсӣ, каҳкашонҳо ва дигар чизҳои мобайни онҳо. Ҳамчуноне ки тахтасангҳо, маъданҳо, хокҳо, газҳо, ҳайвонот, инсонҳо ва дигар ҷисмҳои собит ва мутаҳаррикро низ шомил аст. Мунаҷҷимон ва ситорашиносон аз рӯи ночорӣ вожаи "кавн"-ро барои ишора ба фазо ва ҷисмҳои осмонӣ ба кор мегиранд, дар ҳоле ки вусъат ва густурдагии маҷмӯаи ҳастӣ чунон аст, ки Замин, Моҳ, Хуршед ва дигар сайёрот нуқтаҳои ниҳоят хурди ин паҳндашти бекаронанд ва Офтоб танҳо як ситора аз каҳкашоне аст, ки наздик ба сад миллиён ситора дорад! Ва ҳамин Замини мо ва дигар сайёроте, ки даври Офтоб мегарданд ва назми ин ҷаҳонро падид меоваранд дар диди мо инсонҳо бисёр азим ва густурда менамоянд.

---

[1] Баргирифта аз мақолаи оқои Ҳофиз Муҳаммад Салим дар нашрияи фарҳангии сафорати Покистон дар Димишқ, шумораи 26, Феврал – марти соли 1991.

[2] Macmillan Enciclopedia.

Фосилаи замини мо бо офтоб наздик ба 93 миллиён мил[1] аст ва ин ба назари инсон масофаи бисёр дур аст, вале ҳамин масофаро агар бо масофае, ки офтоб бо дуртарин сайёраи манзумаи шамсӣ дорад, муқоиса кунем, бисёр андак ва кӯтоҳ менамояд. Барои мисол, масофаи сайёраи "Плутон" бо Замин тақрибан чиҳил баробар масофаи Замин ва Офтоб, яъне се миллиарду шашсаду бист миллиён (3, 620,000, 000) мил аст.

Дар бораи асли "кавн ва ҳастӣ" дидгоҳҳои бисёре аст; тозатарини онҳо назарияи "Биг- Бонг"[2] аст, ки дар соли 1920-и мелодӣ тавассути Ҷорҷ Ломитр пешниҳод шуд, ки ба тариқи равшану возеҳ мегӯяд: "Ҳамаи мавод ва партавҳо дар ҳастӣ аз як таркиши азиме ба вуҷуд омада аст ва ин шакли густурдаи табиат натиҷаи он аст ва ҳамчунон низ, вусъат ва густариш меёбад".

Ин назария мегӯяд: инфиҷори мазкур дар ҳудуди 10 то 20 миллиард сол пеш ба вуқӯъ пайвастааст ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ки дараҷаи ҳарорати ибтидоӣ ва бисёр болои "гидроген" ва "гелий" барои чунин густариши ногаҳонӣ ва ташкили якбораи ҳастӣ аз гази гелий кофӣ буд, ин назария бо додаҳои илмӣ низ, ба хубӣ дамсоз аст.

Дар ин бора, кашфи шигифтовар ва қобили таваҷҷӯҳи дигаре аст, ки ба қонуни "Ҳобел"[3] дар бораи густариши ҳастӣ маъруф аст. Бар асоси ин назария,

---

[1] Мил: ченаки масофа. Мили баҳрӣ (1852 м), мили русӣ (7467м) мебошад; Луғати русӣ-тоҷикӣ, Москва, "Русский язык", 1985, саҳ. 483.

[2] Bigbang theory.

[3] Одвин Повел Ҳобил, донишманди ситорашиноси Амеркоӣ (1889-1953).

густариши "кавн ва ҳастӣ" амри ҳамешагӣ аст ва ин густурда шудан дар ҳамаи ҷаҳони ҳастӣ яксон ва якнавохт аст. Ин назария мегӯяд: ранги нури бароянда аз ахтарони мавҷуд дар каҳкашонҳои дур, ба сӯи интиҳои сурхтиф ҳаракат мекунад, (ҷобаҷоии сурх). Яъне: хатҳои тифии онҳо ба самти тӯли мавҷҳои баландтар, тағйири макон меёбанд ва ин яъне: дур шудани каҳкашонҳо аз мо ва каҳкашонҳои мо (роҳи ширӣ) ва афзуда шудан бар фосилаҳои миёни каҳкашонҳо дар олами вуҷуд.

Ахиран донишмандони кайҳоншинос аз каҳкашонҳои азиме хабар медиҳанд, ки чандин баробари каҳкашони роҳи ширӣ[1] ҳастанд ва фосилаи онҳо бо Замин ба даҳ миллиён соли нурӣ мерасад.

Шинохти ин каҳкашонҳо дар марҳалаи аввал поён ёфта, бисёре аз донишмандонро ба ин натиҷа расонда аст, ки "*кавн* ва *ҳастӣ*" ё ба сӯи вусъат ва густариши бениҳоят пар мекушояд ва ё ночор бояд ба сӯи дарун (ва фишурдагӣ) кашида шавад.

## Кавн ва ҳастӣ дар Қуръони карим

Қуръони карим, ки охирин китоби осмонӣ аст, бо равшании ҳарчи тамомтар, аз ҳақоиқи асосии олами ҳастӣ ва офариниши он парда бармедорад ва тавзеҳ медиҳад, ки: ҳарчи дар "*кавн* ва *ҳастӣ*" аст, нишони офариниши "Худои холиқ ва Раббулоламин" аст. Худованд моҳу хуршед, осмонҳою замин ва мобайни онҳоро дар андозаи мутаносиб офаридааст.

---

[1] Milkyway.

Қуръони карим дар ин бора мефармояд:

***Бадӣъус самовоти вал арзи ва изо қазо амран фаиннамо яқӯлу лаҳу кун фаякӯн*** **Ê**

**Ä** *Ҳастибахши осмонҳо ва Замин ӯст.* *Ва ҳар гоҳ фармони шудани чизеро содир кунад, танҳо мегӯяд: мавҷуд бош! Ва он чиз фаврӣ мавҷуд мешавад.*[1]

Вожаи "*бадиъ*" дар оят далели он аст, ки Худованд чизҳоро аз нестӣ ба ҳастӣ овардааст. Аллома Роғиби Исфаҳонӣ дар китоби "Муфрадот" мегӯяд: "*Вожаи бадаъа*" ба маънои он аст, ки чизе бидуни ниёз ба "модда", намуна ва "улгу" падид оварда шавад. Ин вожа ҳар гоҳ дар бораи Худованд ва дар қатори яке аз сифот ва асмои ҳусноии илоҳӣ ба кор равад, маънояш он аст, ки Худои азза ва ҷалла ашёро аз нестӣ офарида аст". Қуръони карим дар ҷои дигаре мефармояд:

***Ҳувал лазӣ халақас самовоти вал арза бил ҳаққи ва йавма йақулу кун файакун*** **Ê**

**Ä** *Ӯст Худое, ки осмонҳо ва Заминро ба ҳақ офарид ва рӯзе, ки (ба ҳар чиз) мегӯяд: мавҷуд бош! Фаврӣ мавҷуд мешавад.*[2]

Роғиб мегӯяд: "Ба кор рафтани вожаи "ҳақ" барои ишора ба чизи нав бемонанд аст, ки ҳар гоҳ бо сифати

---

[1] Сураи Бақара, ояи 117.

بَدِيعُ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضِ وَإِذَا قَضَى أَمْراً فَإِنَّمَا يَقُولُ لَهُ كُن فَيَكُونُ {117}

[2] Сураи Анъом, ояи 73.

... هُوَ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالأَرْضَ بِالْحَقِّ وَيَوْمَ يَقُولُ كُن فَيَكُونُ ... {73}

Офаридагор муртабит гардад, мақсуд он аст, ки чизи наверо аз нестӣ ба ҳастӣ овардааст. Яъне: ӯст Худое, ки осмонҳо ва Заминро аз нестӣ ба ҳастӣ овард".

Ва дар ҷои дигар дар бораи нишонаҳои табиӣ ва физикии олами хилқат мефармояд:

> ***Ҳувал лазӣ ҷаъалаш шамса зиё'ан вал қамара нуран ва қаддараҳу манозила литаъламу ъададас синина вал ҳисоба мо халақаллоҳу золика илло билҳаққи йуфассилул оёти лиқавмин яъламӯн Ê***
>
> *Ä Ӯст Худое, ки хуршедро нуронӣ ва моҳро тобанда қарор дод ва барои он (моҳ) истгоҳҳое тақдир намуд, то шумори солҳо ва ҳисоб (корҳо)-ро бидонед. Худованд инро ҷуз ба ҳақ наофарида аст. Ӯ оёти (худ)-ро барои касоне, ки мефаҳманд, шарҳ медиҳад.*[1]

Худованд дар ҷои дигаре аз Қуръони карим ба азамати офариниш ишора карда ва мефармояд:

> ***Авалам ярав анналлоҳал лазӣ халақас самовоти вал арза ва лам яъйа бихалқиҳинна биқодирин ъало ан юҳйиял мавто бало иннаҳу ъало кулли шай'ин қадӣр Ê***
>
> *Ä Оё намедонанд Худованде, ки осмонҳо ва заминро офарид, аз офариниши онҳо оҷиз ва нотавон*

[1] Сураи Юнус, ояи 5.
هُوَ الَّـذِي جَعَلَ الشَّـمْسَ ضِـيَاء وَالْقَمَـرَ نُـوراً وَقَـدَّرَهُ مَنَـازِلَ لِتَعْلَمُـواْ عَـدَدَ السِّـنِينَ وَالْحِسَابَ مَا خَلَقَ اللّهُ ذَلِكَ إِلاَّ بِالْحَقِّ يُفَصِّلُ الآيَاتِ لِقَوْمٍ يَعْلَمُونَ {5}

*нашудааст метавонад мурдагонро зинда намояд***?** *Оре***,** *ӯ бар ҳар чизе тавоно аст***.**[1]

Оёте, ки гузашт ба равшанӣ мегӯянд: танҳо Худои азза ва ҷалла аст, ки ин ҷаҳони маҳсусро дар андозаҳои дақиқ ва мавзун офарида аст, тавони дубора офаридан ва бозгардонидани мавҷудоти онро дорад. Асли асил дар офариниши модда, нерӯ, ҳамаи қонунҳои физикии олами ҳастӣ ва нерӯҳои ҷунбонандаи он, фармони худовандӣ аст.

***Чигунагии офариниш:***

Қуръони карим чӣ гуна офаридани "ҳастӣ"-ро борҳо ва борҳо баён фармуда аст. Оёти зер фишурдае аз шеваи бунёдини офаринишро ба ин гуна пеши рӯи мо қарор медиҳад:

***А) Авалам ярал лазӣна кафарӯ аннас самовоти вал арза конато ратқан фафатақноҳумо ва ҷаъално минал мо'и кулла шай'ин ҳаййин* Ê**

**Ä** *Оё касоне***,** *ки кофир шуданд***,** *надиданд***,** *ки осмонҳо ва замин бастаю пайваста буданд ва мо онҳоро кушода ва густурда кардем ва ҳар чизеро аз об***,** *ҳаёт бахшидем***? !**[2]

---

[1] Сураи Аҳқоф, ояи 33.

**أَوَلَمْ يَرَوْا أَنَّ اللَّـهَ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْـأَرْضَ وَلَـمْ يَعْيَ بِخَلْقِهِنَّ بِقَـادِرٍ عَلَـى أَنْ يُحْيِيَ الْمَوْتَى بَلَى إِنَّهُ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ** {33}

[2] Сураи Анбиё, ояи 30.

**أَوَلَمْ يَرَ الَّذِينَ كَفَرُوا أَنَّ السَّمَاوَاتِ وَالْـأَرْضَ كَانَتَـا رَتْقـاً فَفَتَقْنَـاهُمَـا وَجَعَلْنَـا مِـنَ الْمَـاءِ كُلَّ شَيْءٍ حَيٍّ ...** {30}

Дар ояти дигар ба шеваи шаклгирии осмонҳо пас аз офаридани замин ва таъсири дутарафа ва пай дар пай будани кори хилқат ишора карда ва мефармояд:

***Суммаставо илас само'и ва ҳия духонун фақола лаҳо ва лил арзи и'тиё тавъан ав карҳан қолато атайно то'иъйн Ê***

**Ä***Сипас, ба осмон пардохт, дар ҳоле ки дуд буд. Пас ба он ва ба Замин гуфт: хоста ва сархуш ё нохоста ва нохуш пеш оед! Гуфтанд: мо хоста ва сарсупурда меоем.*[1]

Ояи аввал аз ҳақоиқи зер парда бардошта аст:

1- Моддаи "муассир" дар пайдоиши "ҳастӣ" моҳияти ягонае дорад.

2- Ҳамаи "ҳастӣ" ба монанди қитъаи ягона ба ҳам пайвастааст.

3- Густариш ва аз ҳам ҷудо кардани аҷзои ҳастӣ, низомёфта ва мубтанӣ бар қавонини физикӣ ва сайри таҳаввули модда аст. Ин низом танҳо ба манзумаи шамсӣ ва сайёроти вобастаи он дар каҳкашони мо хулоса намешавад, балки худи каҳкашонҳо низ, ҷузъе аз низоми бартар ва густурдатаре ҳастанд, ки дар шакли дигаре, ба монанди манзумаи шамсӣ гирдогирди ҳастаи марказии худ дар гардишанд.

---

[1] Сураи Фуссилат, ояи 11.

**ثُمَّ اسْتَوَى إِلَى السَّمَاء وَهِيَ دُخَانٌ فَقَالَ لَهَا وَلِلْأَرْضِ اِئْتِيَا طَوْعاً أَوْ كَرْهاً قَالَتَا أَتَيْنَا طَائِعِينَ** {11}

Доктор "Морис Бокил" дар давраҳои охир дидгоҳеро бунёд ниҳод, ки бо дидгоҳи бархе аз олимони мусулмон дар бораи шаклгирии ҳастӣ, бар асоси оёти Қуръони карим ҳамсӯӣ ва наздикӣ дорад. Ӯ бо ишора ба "Андешаи ҷудо намудани кулл ва ҷузъҳои пуршумор" мегӯяд: "Ҷудоӣ ва тафкик ҳамеша аз ҳастаи марказии воҳиде аст, ки унсурҳои он дар ибтидо ба ҳам пайваста ҳастанд". Яъне ҳамон, ки дар ояи шарифа бо вожаи: "ратқ", яъне баста ва пайваста ва “фатқ”, яъне боз ва ҷудо омадааст.

Баробари назарияи илмии муосир, он чи ба унвони "инфиҷори ҳастӣ"[1] шинохта мешавад, натиҷаи ҳодисаи воҳид, дар замони воҳид ва бо дараҷаи ҳарорати боло ба шакли истисноӣ буда аст. Фарз он аст, ки дар ҳангоми ин таркиш тамоми ҳастӣ иборат аз ҷузъи воҳид дар нуқтаи воҳид буда, ин ҷудоӣ дар он падид омадааст, ҷуз он ки қонунҳои физикӣ натиҷаи ин инфиҷор нест. Ин назария аз ҳайси додаҳо ва маълумот, мушобеҳи маълумоте аст, ки дар Қуръони карим омадааст.

Он чи шигифтиро афзун мекунад ин аст, ки Қуръони карим бештар аз 1400 сол пеш парда аз ин роз бардошта аст; дар ҳангоме ки ҳеҷ гуна баҳси илмие ин тавр матраҳ набудааст! Ҳамон гуна, ки Қуръони карим аз ҳақоиқи омада дар назарияи "Ҳобил" перомуни густариши ҳастӣ низ, парда бардошта ва дар ояи каримаи 47 сураи Зориот мефармояд:

---

[1] Bigbang

***Вас само'а банайноҳо биайдин ва инно ламӯсиъӯн*** **Ê**

**Ä***Осмонро бо қудрат бунёд ниҳодем ва ҳамвора онро вусъат мебахшем!*

Мо ҳангоме, ки дар пайи фаҳм ва дарки вусъатёбӣ ва густариши ҳастӣ бар асоси назарияи ҷадид бароем, дармеёбем, ки "гидроген"-и мавҷуд дар хуршед ҳамеша дар ҳоли табдил шудан ба унсури "гелий" бо амали об шудани ҳастае аст ва ғубори нуронӣ,[1] яъне он чи, ки пуштае аз ситорагони хеле хурд ба монанди зарраҳои ғубор менамояд, чизе ҷуз шӯълаҳои ҳастаи ҳарорат нестанд.

Ба ин гуна, ҳамаи ҳастӣ гирдомада ё биношуда бар қудрат ва тавони борварӣ аст ва ҳамеша дар ҳоли вусъатёбӣ ва густариш мебошад. Ин натоиҷ рӯи фарзияе устувор аст, ки мегӯянд: интиқол ё таҳаввули сурх[2] натиҷаи таъсири мутақобили ҷисмҳо бар нур, бо имкони санҷиши суръат, мебошад.

Мо замоне ки дар ин бора, яъне дар бораи густариши ҳастӣ, ба Қуръони маҷид муроҷиат мекунем, вожаи бисёр муҳимро ба унвони "оламин" (ҷаҳонҳо)-ро меёбем, ки даҳҳо бор дар Қуръони карим такрор шудааст, монанди:

***1- Ва локинналлоҳа зӯ фазлин ъалал ъоламӣн*** **Ê**

**Ä***Вале Худованд нисбат ба "оламин" лутф ва эҳсон дорад.*[3]

***2-Қул инна салотӣ ва нусукӣ ва маҳёя ва мамотӣ, лиллоҳи раббил ъоламӣн*** **Ê**

---

[1] Stardust

[2] Redshift

[3] Сураи Бақара, ояи 251.

**...** وَلَـكِنَّ اللّهَ ذُو فَضْلٍ عَلَى الْعَالَمِينَ {251}

*Ä Бигӯ: намоз, ибодат, зиндагӣ ва марги ман ҳама аз они Парвардигори "оламин" аст.*[1]

***3-Ало лаҳул халқу вал амру таборакаллоҳу раббул ъоламӣн Ê***

*Ä Огоҳ бошед! Офариниш ва тадбир аз они ӯст. Баландмартаба аст Худованд, Парвардигори "оламин".*[2]

***4-Ва мо арсалнока илло раҳматан лилъоламӣн Ê***

*Ä Туро ҷуз раҳмате барои "оламин" нафиристодем.*[3]

***5-Иннӣ аналлоҳу раббул ъоламӣн Ê***

*Ä Манам Худованд, Парвардигори "оламин".*

Оёте, ки овардем ишора ба он дорад, ки сарвар, холиқ, ҳофиз ва назмофарини олам ба маънои васеи он Худованди субҳон аст ва вожаи "*оламин*" ба маънои бешумор будан дар ҳастӣ ё ҷаҳонҳо ишора дорад.

Дар ин оламҳо миллионҳо каҳкашон вуҷуд дорад, ки дар ҳар як аз манзумаҳои пуршумори як каҳкашон, миллионҳо ситораи собит ва сайёр бо якдигар пайвастагӣ ва иртибот доранд. Агар яке аз ситораҳои мавҷуд дар миёни миллиард ситораи каҳкашони "Роҳи ширӣ" бо яке аз сайёраҳо, мисли сайёраи худамон (Замин) пайваста ва муртабит бошад, маънояш он аст,

---

[1] Сураи Анъом, ояи 162.

قُلْ إِنَّ صَلاَتِي وَنُسُكِي وَمَحْيَايَ وَمَمَاتِي لِلّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ {162}

[2] Сураи Аъроф, ояи, ояи 54.

... أَلاَ لَهُ الْخَلْقُ وَالأَمْرُ تَبَارَكَ اللّهُ رَبُّ الْعَالَمِينَ {54}

[3] Сураи Анбиё, ояи 107.

وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلَّا رَحْمَةً لِّلْعَالَمِينَ {107}

ки миллионҳо сайёра имкони пайвастан ба заминро доранд. Бар асоси дониши ҷадиди "ҳастишиносӣ" имкони иртибот ва пайванди ногаҳонӣ бо сайёроти дигар дар ояндаи мавриди назар аз эҳтимол дур нест.

Доктор "Морис Бокил" маълумоти илмии тозае дар бораи ғафсӣ ва густурдагии ҳастӣ, пеши рӯи мо қарор дода аст. Масалан: шуоъҳо ва нури хуршед барои расидан ба "Плутон", ки яке аз сайёраҳои манзумаи шамсӣ аст, (бо суръати сайри нур дар ҳар сония сесад ҳазор километр) наздик ба шаш соат замон мехоҳад. Бино бар ин нури ситорагони дурдасти осмонҳо то расидан ба мо, бояд миллионҳо соли нуриро сипарӣ карда бошанд!

Ин баррасии фишурда аз олами табиат, то ҳадде моро ба фаҳми ин ояи шарифа наздик мекунад:

***Вас само'а банайноҳо биайдин ва инно ламӯсиъӯн Ê***

***Ä****Осмонро бо қудрат бунёд ниҳодем ва ҳамвора онро вусъат мебахшем.*[1]

Ва чун сухан аз "хокистар ва дуд" дар оғози таърихи табиат ва ҳастӣ бошад, Қуръони карим парда аз рози он низ кушода ва мефармояд:

***"Суммаставо илас самои ва ҳия духон" Ê***

***Ä*** *Сипас ба офариниши осмон пардохт, дар ҳоле ки дуд буд.*[2]

Вуҷуди "духон" дар ибтидои пайдоиши "табиат ва ҳастӣ" ишора ба он аст, ки моддаи мавҷуд дар ҳастӣ дар он вақт, ҳолати газӣ доштааст. Пажуҳишгарон дар

---

[1] Сураи Зориёт, ояи 47.

وَالسَّمَاء بَنَيْنَاهَا بِأَيْدٍ وَإِنَّا لَمُوسِعُونَ {47}

[2] Сураи Фуссилат, ояи 11.

ثُمَّ اسْتَوَى إِلَى السَّمَاء وَهِيَ دُخَانٌ ... {11}

дониши ҷадид, назарияи "абри судюмӣ"[1]-ро матраҳ мекунанд ва мегӯянд: табиат ва ҳастӣ дар марҳалаи аввалиаш чунин будааст:

Қуръони карим мефармояд:

> ***Қул аиннакум латакфурӯна биллазӣ халақал арза фӣ явмайни ва таҷъалӯна лаҳу андодан золика раббул ъоламӣн. Ва ҷаъала фӣҳо равосия мин фавқиҳо... Суммаставо илас само'и ва ҳия духон Ê***
>
> *Ä Бигӯ: оё шумо ба он касе, ки Заминро дар ду рӯз офарид кофир мешавед ва барои ӯ ҳамонандҳое қарор медиҳед?! Ӯ Парвардигори "оламҳо" аст! Ӯ дар замин кӯҳҳои устуворе қарор дод... Сипас ба офариниши осмон пардохт, дар ҳоле ки ба сурати дуд буд.*[2]

Мо ҳангоме ки ин оятҳоро тиловат кунем, дармеёбем, ки амали шаклгирии "табиат ва ҳастӣ" натиҷаи анбӯҳӣ ва анбоштагии абрҳои "судюмӣ"-и[3] аввалия ва сипас ҷудоии он аз ҳам будааст. Ин чизе аст, ки Қуръони карим бо равшанӣ аз он парда мебардорад ва бо ишора ба амалиёте, ки пайвастагӣ ва сипас ҷудоиро дар "дуд ва духон"-и осмонӣ падид меоварад, хилқатро ба рӯи мо мекушояд; ва ин ҳамон аст, ки дониши нави имрӯза ба шарҳ ва басти он дар бораи асли "табиат ва ҳастӣ" мекӯшад.

---

[1] Nebula.

[2] Сураи Фуссилат, ояи 9-11.

قُلْ أَئِنَّكُمْ لَتَكْفُرُونَ بِالَّذِي خَلَقَ الْأَرْضَ فِي يَوْمَيْنِ وَتَجْعَلُونَ لَهُ أَندَاداً ذَلِكَ رَبُّ الْعَالَمِينَ {9} وَجَعَلَ فِيهَا رَوَاسِيَ مِن فَوْقِهَا ... {10} ثُمَّ اسْتَوَى إِلَى السَّمَاء وَهِيَ دُخَانٌ ... {11}

[3] Судюм: натрий.

# ФЕҲРАСТИ МАТОЛИБ

§ Сарсухани маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт[а] ..............................9

§ Тақдим.........................................................................12

§ Пешгуфтори муаллиф......................................................13

§ Сухане аз мутарҷим.........................................................16

## Насх дар давраи паёмбарони соҳибшариат

§ Ваҳдати шариатҳои Одам, Нӯҳ, Иброҳим ва Муҳаммад ........ 23
- Нахуст: Одам[а] падари абнои башар ............................... 23
- Дуввум: Нӯҳ падари анбиё алайҳимуссалом ................. 25
- Шарҳи вожаҳо......................................................................26

§ Тафсири фишурдаи оёт ......................................................... 27
- Саввум: Иброҳим Халилуллоҳ алайҳиссалом................. 29
- Шарҳи вожаҳо......................................................................33
- Тафсири хулосаи оёт ....................................................... 34
- Натиҷаи баҳс ................................................................... 36

§ Истилоҳи насх, оят ва маънои онҳо ......................................... 42
- Нахуст: насх.................................................................... 42
- Дуввум: оят...................................................................... 42
- Тафсири ояти насх ........................................................... 44

- Тафсири ояти табдил ........................................................ 51
- Шарҳи вожаҳо................................................................54
- Натиҷаи баҳс дар тафсири "Мусаддиқан лимо маъакум" ................................................................. 56
- Тафсири оёт ................................................................... 59

§ Шариати Мӯсо[(a)] махсуси Бани Исроил. ................................. 65
- Ҳақиқати насх дар шариати Мӯсо[(a)] ................................ 66
- Шарҳи вожаҳо................................................................76
- Тафсири оёт ................................................................... 77
- Натиҷаи баҳс ................................................................. 81

§ Маънои насх дар шариати як паёмбар.................................... 85
- Фишурдаи баҳси насх ва натиҷаи он ................................ 86
- Шаъни нузули Ояти табдил ............................................. 93


## Раббулъоламин ва подоши аъмоли инсон


§ Инсон ва подоши кор дар дунё............................................. 107
- Шарҳи вожаҳо...............................................................111
- Подоши дунё ва охират .................................................. 112
- Инсон ва подоши ӯ дар охират ...................................... 114
- Шарҳи вожаҳо..............................................................119
- Бозгашт ба оғоз ............................................................. 119
- Инсон ва подоши ӯ дар ҳангоми марг............................. 123
- Шарҳи вожаҳо...............................................................127
- Инсон ва подоши ӯ дар қабр .......................................... 129
- Инсон ва подоши ӯ дар Маҳшар..................................... 130
- Шарҳи вожаҳо...............................................................134
- Шарҳи вожаҳо...............................................................139
- Инсон ва подоши ӯ дар биҳишт ва ҷаҳаннам................. 141
- Шарҳи вожаҳо...............................................................147
- Тафсири оёт дар ривоёт................................................. 147

§ Подоши сабр ва шикебоӣ...................................................... 151
- Шарҳи вожаҳо...............................................................157

§ Подоши собирон дар ривоят.................................................. 158

§ Подоши амал, мероси наслҳо ............................................... 159

- Шарҳи вожаҳо.................................................................161
- Осори амал баъд аз марг. ............................................... 161
- Шоистагии шафоат, подоши бархе аъмол.................... 163
- Тафсири оёт ................................................................... 165
- В) шафоат дар ривоят. .................................................. 166
- Натиҷаи баҳс ................................................................. 169

§ Табоҳии подош, кайфари бархе аъмол ................................ 170
- А) Таърифи ҳабт ва табоҳии аъмол.............................. 170
- Б) Нобудии амал дар Қуръони карим ........................... 170
- В) Аз байн рафтани амал дар ривоёт ............................ 174
- Хулосаи баҳс ................................................................. 176

§ Ҷинниён дар подош ва кайфар ҳамонанди инсонанд. .......... 176
- Хулосаи баҳси подош ва кайфар .................................. 180


## Бархе аз сифатҳои Раббулъоламин


§ Маънои исм ........................................................................ 185

§ Маънои Раҳмон ва Раҳим....................................................... 185

§ 4-Зулъарш ва Раббулъарш..................................................... 189
- Шарҳи вожаҳо.................................................................192
- Тафсири оёт ................................................................... 193
- Натиҷаи баҳс ................................................................. 214


## Асмои ҳусноӣ илоҳӣ


§ 1-Аллоҳ ............................................................................... 219

§ 2-Курсӣ................................................................................ 224

§ Абд ва ибодат ...................................................................... 227
- А) Убудият.................................................................... 227
- Б) Абд ........................................................................... 229

## Машияти Раббулъоламин

§ Нахуст: Маънои машият дар луғат ва Қуръон ...................... 235
- А) Машият дар луғат. .................................................. 235
- Б) Машият дар истилоҳи қуръонӣ ............................... 237

§ Дуввум: Машияти Худо дар ризқу рӯзӣ .............................. 238
- Машияти Худо чӣ гуна аст? ........................................ 242
- Саввум-Машияти Худо дар ҳидоят ва роҳнамоӣ.......... 243
- А) Ҳидояти омӯзишӣ.................................................... 244
- Б) Инсон ва интихоби ҳидоят ё гумроҳӣ...................... 246
- Инсони ҳидоятҷӯ ва имдоди илоҳӣ .............................. 248
- В) Ҳидоят ба маънои тавфиқи имон ва амал бо машияти Худовандӣ...................................................... 250
- Шарҳи вожаҳо...............................................................252

§ Чаҳорум: Машияти илоҳӣ дар азоб ва раҳмат ...................... 254

## Бадо ё маҳву исбот

§ Нахуст: Маънои луғавии бадо ............................................... 261
§ Дуввум: Маънои “бадо” дар истилоҳи уламои ақоиди исломӣ....................................................................................... 261
- Саввум-Бадо дар Қуръони карим ................................. 262
- Шарҳи вожаҳо...............................................................263
- Тафсири оёт ................................................................. 265
- Шарҳи вожаҳо...............................................................272
- Тафсири оят ................................................................. 272

§ Чаҳорум: Бадо дар ривоёти мактаби хулафо......................... 274
§ Панҷум: Бадо дар ривоёти имомони Аҳли Байт[а] ................ 275
- Асари эътиқод ба бадо.................................................. 279

## Ҷабр, тафвиз ва ихтиёр


§ Ҷабр, тафвиз ва ихтиёр ........................................................ 283
- А) Маънои луғавии ҷабр ............................................... 283
- Б) Ҷабр дар истилоҳи уламои ақоиди исломӣ............. 283
- В) Маънои луғавии тафвиз.............................................. 284
- Г) "Тафвиз" дар истилоҳи уламои ақоиди исломӣ....... 284
- Д) Маънои луғавии ихтиёр ............................................ 284
- Е) Ихтиёр дар истилоҳи уламои ақоиди исломӣ......... 284


## Қазо ва қадар


§ Маънои қазо ва қадар ........................................................... 287
- А) Бархе маънои вожаи қазо .......................................... 287
- Б) Бархе маънои вожаи қадар ........................................ 289
- В) Маънои қаддара........................................................... 290
- Г) Маънои қадар............................................................... 291

§ Ривоёте аз имомони Аҳли Байт(а) дар қазо ва қадар............. 293
- Шарҳи ривоёт ................................................................. 300
- Чанд пурсиш ва посух .................................................. 302


## Пайвастҳо


§ Пайвасти шумораи 1 ............................................................. 309
- Роҳҳои баҳс ва баррасӣ дар ақоиди исломӣ ва бартарии роҳи Аҳли Байт алайҳимуссалом .................................. 309
- Мактаби Ашъарӣ- Мотуридӣ ё роҳи миёна дар аҳли тасаннун ..................................................................... 322
- Усул ва мабонии мактаби Аҳли Байт(а) дар барраси ақоиди исломӣ............................................................... 330
- Роҳи Аҳли Байт(а) - роҳи Қуръон................................... 335
- Ҷойгоҳи "ақл" дар мактаби Аҳли Байт(а)...................... 339
- Мунозираҳои каломӣ ва дидгоҳи Аҳли Байт(а)............ 341

- Ақл ниёзманди ваҳй аст ................................................ 344
- Ҷойгоҳи нақл.............................................................. 346
- Беэътибории хабари воҳид дар ақоид........................... 347
- Поёни сайр ва баррасӣ .................................................. 348

§ Пайвасти шумораи 2........................................................... 351
- Ибтидои офариниш ва бархе аз сифоти офаридагон дар ривоёт ......................................................................... 351
- Шарҳи вожаҳо...............................................................354

§ Пайвасти шумораи 3........................................................... 357
- Кавну ҳастӣ ё олами табиат дар Қуръони карим.......... 357
- Кавну ҳастӣ дар Қуръони карим.................................. 359

## Феҳрастҳо

§ Феҳрасти вожаҳо.......................................................... 371

§ Феҳрасти матолиб...........................................................381

# Феҳрасти вожаҳо

| Рақами тартиб | Навишти калима бо хати тоҷикӣ | Асли арабии калима | Саҳифа |
|---|---|---|---|
| 1. | Вадд | وَدّ | 26 |
| 2. | Сувоъ | سُواع | 26 |
| 3. | Яғӯс | يَغُوثْ | 26 |
| 4. | Наср | نَسْر | 26 |
| 5. | Васийят | وَصِيَّت | 26 |
| 6. | Бавва’но | بَوَّأْنا | 33 |
| 7. | Аззин | اَذِّنْ | 33 |
| 8. | Риҷолан | رِجَالاً | 33 |
| 9. | Албаҳӣма | الْبَهِيمَة | 33 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 10. | Зомир | ضَامِر | 33 |
| 11. | Фаҷҷ | فجّ | 33 |
| 12. | Масобатун | مَثَابَةً | 33 |
| 13. | Маносикуно – ъибодотино - нусук | مَنَاسِكُنَا - عِبَادَاتِنَا – نُسُك | 34 |
| 14. | Мақоми Иброҳим | مَقَام اِبْرَاهِيم | 34 |
| 15. | Ҳанӣф | حَنِيف | 34 |
| 16. | Қияман – қиям - қаййим | قِيَماً – قِيَم – قيِّم | 34 |
| 17. | Миллат | مِلَّة | 34 |
| 18. | Мусаддиқан лимо маъакум | مُصَدِّقاً لِمَا مَعَكُم | 54 |
| 19. | Ло талбисул ҳаққа билботил | لا تَلْبسُوا الْحَقَّ بِالْبَاطِلِ | 57 |
| 20. | Ъадл | عَدْل | 57 |
| 21. | Қаффайно | قفَّيْنَا | 57 |
| 22. | Ғулф | غُلْف | 57 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 23. | Нунсиҳо - нуаххируҳо | نُنْسِهَا – نُؤَخِّرُهَا | 58 |
| 24. | Ҳодӯ ва ҳӯдан | هَادُوا - هُوداً | 58 |
| 25. | Фаззалакум ъалал ъоламӣн | فَضَّلَكُم عَلَى الْعَالَمِين | 58 |
| 26. | Шатр | شَطْر | 58 |
| 27. | Мо коналлоҳа лиюзиъа имонакум | مَا كَانَ اللهُ لِيُضِيعَ اِيمَانَكُم | 59 |
| 28. | Изо баддално | إذا بَدَّلْنَا | 59 |
| 29. | Рӯҳулқудс | رُوحُ الْقُدُس | 59 |
| 30. | Зӣ зуфур | ذِى ظُفُر | 59 |
| 31. | Алҳавоё | أَلْحَوَايَا | 59 |
| 32. | Мо ихталата биъазмин | مَا اِخْتَلَطَ بِعَظْمٍ | 59 |
| 33. | Исроил | اِسْرَائِيل | 76 |
| 34. | Ясӯмӯнакум | يَسُومُونَكُم | 76 |
| 35. | Ястаҳюна | يَسْتَحْيُون | 76 |
| 36. | Яъкуфӯн | يَعْكُفُون | 76 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 37. | Хувор | خُوَار | 76 |
| 38. | Лан набраҳа | لَنْ نَبْرَح | 76 |
| 39. | Футинтум | فُتِنْتُم | 76 |
| 40. | Бори’ | بَارِئ | 77 |
| 41. | Асботан | اَسْبَاطاً | 77 |
| 42. | Фанбаҷасат | فَانْبَجَسَت | 77 |
| 43. | Алманну вас салво | اَلْمَنُّ وَالسَّلْوَى | 77 |
| 44. | Ҳиттатун | حِطَّة | 77 |
| 45. | Рафаъно | رَفَعْنَا | 77 |
| 46. | Мисоқакум | مِيثَاقَكُم | 77 |
| 47. | Арриҷз | اَلرِّجْز | 77 |
| 48. | Ятӣҳӯн | يَتِيهُون | 77 |
| 49. | Ло та’са | لا تَأسَ | 77 |
| 50. | Ло таъдӯ | لا تَعْدُوا | 77 |
| 51. | Мӣсоқан ғалӣзан | مِيثَاقاًغَلِيظاً | 77 |
| 52. | Алҳавоё | اَلْحَوَايَا | 77 |
| 53. | Шурраъан | شُرَّعاً | 77 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 54. | Ҷаъала лаҳум | جَعَلَ لَهُم | 77 |
| 55. | Нуваффи илайҳим | نُوَفِّ اِلَيْهِم | 111 |
| 56. | Ло юбхасӯн, ло юнқасӯн | لا يُبْخَسُون – لا يُنْقصُون | 112 |
| 57. | Маҳзӯран | مَحْضُوراً – مَمْنُوعاً - حَظْر | 112 |
| 58. | Доибайн | دَائِبين | 119 |
| 59. | Фарс | فَرْث | 119 |
| 60. | Миммо яъришӯн | مِمّا يَعْرِشُون | 119 |
| 61. | Ятаваффо | يَتَوَفَّى | 127 |
| 62. | Ҳамӣм | حَمِيم | 128 |
| 63. | Таслияту ҷаҳӣм | تَصْلِيَةُ جَحيم | 128 |
| 64. | Барзах | بَرْزَخ | 128 |
| 65. | Дохирӣн | دَاخِرِين | 134 |
| 66. | Аҷдос | اَجْدَاث | 134 |
| 67. | Янсилӯн | يَنْسِلُون | 134 |
| 68. | Зурқан - зурқ | زُرْقاً – زُرْق | 134 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 69. | Вафдан - вафд | وَفْداً – وَفْد | 134 |
| 70. | Тоируҳу | طَائِرُهُ | 139 |
| 71. | Субӯр | ثُبُور | 139 |
| 72. | Саютаввақӯн | سَيُطَوَّقُون | 140 |
| 73. | Аш шаҳӣду вал ашҳод | الشَّهِيدُ وَ الْاَشْهَاد | 140 |
| 74. | Нақӣран | نَقِيراً | 147 |
| 75. | Масво | مَثْوَى | 147 |
| 76. | Зумаран | زُمَراً | 147 |
| 77. | Маоб | مَآب | 147 |
| 78. | Ҷанноти ъадн | جَنَّاتِ عَدْن | 147 |
| 79. | Яъришӯн | يَعْرِشُون | 157 |
| 80. | Алба'су вал ба'со' | اَلْبَأسُ و اَلْبَأسَاء | 157 |
| 81. | Ядра'ӯн - ядфаъӯн | يَدْرَؤن – يَدْفَعُون | 157 |
| 82. | Садӣд | سَدِيد | 161 |
| 83. | Саъӣр | سَعِير | 161 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 84. | Янқазза | يَنْقضُّ | 161 |
| 85. | Ашуддаҳумо | اَشُدَّهُمَا | 161 |
| 86. | Алъарш | الْعَرْش | 192 |
| 87. | Истиво | اِسْتِوَى | 192 |
| 88. | Сиротун мустақим | صِرَاطٌ مُسْتَقِيم | 252 |
| 89. | Мағзӯбун ъалайҳим | مَغْضُوب عَلَيْهِم | 253 |
| 90. | Валаззоллӣн | وَ لاَالضَّالِّين | 254 |
| 91. | Яҳдӣ | يَهْدِى | 254 |
| 92. | Оят | آيَة | 263 |
| 93. | Аҷал | اَجَل | 264 |
| 94. | Китоб | كِتَاب | 264 |
| 95. | Ямҳӯ | يَمْحُو | 265 |
| 96. | Кашафно | كَشَفْنَا | 272 |
| 97. | Хизй | خِزْى | 272 |
| 98. | Ҳӣн | حِين | 272 |
| 99. | Арравия | الرَّوِيَة | 354 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 100. | Ҳамоматун нафс | هَمَامَةُ النَّفْس | 354 |
| 101. | Аҳолал ашё’а лиавқотиҳо | اَحَالَ الْأشْيَاء لِاوْقاتِهَا | 354 |
| 102. | Ла’ам | لَأمَ | 354 |
| 103. | Ғарразал ғароиза | غَرَّزَ الْغَرَائِز | 354 |
| 104. | Алзамаҳо ашбоҳаҳо | اَلْزَمَهَا اَشْبَاحَهَا | 354 |
| 105. | Ъорифан бицароиниҳо ва аҳноиҳо | عَارِفاً بِقرَائِنِهَا و اَحنائها | 354 |
| 106. | Фатқал аҷво’ | فَتْقَ الْأجْوَاء | 355 |
| 107. | Шаққал арҷо’ | شَقُّ الْأرْجَاء | 355 |
| 108. | Сакоикал ҳаво’ | سَكَائِكُ الْهوَاء | 355 |
| 109. | Муталотим | مُتَلاطِم | 355 |
| 110. | Тайёр | تَيَّار | 355 |
| 111. | Мутароким | مُتَرَاكِم | 355 |
| 112. | Заххор | زَخَّار | 355 |
| 113. | Аррӣҳул ъосифа | الرِّيحُ الْعَاصِفَة | 355 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 114. | Аз-заъзаъул қосифа | الزَّعْزَعُ الْقاصِفَة | 355 |
| 115. | Дафӣқ | دَفِيقْ | 355 |
| 116. | Иътақам маҳаббаҳо | اِعْتَقمَ مَهَبَّهَا | 355 |
| 117. | Адома мураббаҳо | اَدَامَ مُرَبَّهَا | 355 |
| 118. | Амараҳо битасфиқил мо'из захор ва исорати мавҷил биҳор | اَمَرَهَا بِتَصْفيق الْمَاءِ الزَّخَار وَ اِثَارَةِ مَوْج الْبِجَار | 355 |
| 119. | Махзуссиқо' | مَخْضُ السِّقَاء | 355 |
| 120. | Ъасафат биҳи ъасфан билфазо' | عَصَفَتْ بِهِ عَصْفاً بِالْفَضَاءِ | 356 |
| 121. | Ҳатто ъабба ъубобуҳу ва рамо биззабади рукомуҳу | حَتَّى عَبَّ عُبَابُهُ وَ رَمَى بازَبَدِ رُكَامُهُ | 356 |
| 122. | Мунфатиқ | مُنْفَتِق | 356 |
| 123. | Мунфаҳиқ | مُنْفَهِق | 356 |
| 124. | Суфло | سُفْلَى | 356 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 125. | Ъулё | عُلْيا | 356 |
| 126. | Макфӯф | مَكْفُوف | 356 |
| 127. | Самак | سَمَک | 356 |
| 128. | Дисор | دِسَار | 356 |
| 129. | Савоқиб | ثَوَاقِب | 356 |
| 130. | Фалак | فَلَک | 356 |
| 131. | Рақӣм | رَقِيم | 356 |